1. Гришнова Е.Е., Политология, 2020, 264 с.

2. Карташов В.Н. Теория правовой системы общества: В 2 т. Ярославль, 2005-2006. том. 1-2, 200 стр.)

3. Послание Президента Республики Таджикистан Республике Таджикистан, 2023 г.

4. Семитко А.П. Развитие правовой культуры как правовой прогресс / Урал. Гос. Закон. Акад. , гуманист. Ун-т. Екатеринбург, 1996. 313 с.

5. Соколов Н.Я. Правовая правозащитная организация:. М.: Юридический. напечатано в 1974 году.

6. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года с изменениями и дополнениями от 22 мая 2016 года / Душанбе «Ирфон». 2023

List of literatures:

1. Grishnova E.E., Political Science, 2020, 264 p.

2. Kartashov V.N. Theory of the legal system of society: In 2 volumes. Yaroslavl, 2005-2006. Vol. 1-2, 200 p.)

3. Message of the President of the Republic of Tajikistan to the Republic of Tajikistan, 2023

4. Semitko A.P. Development of legal culture as legal progress / Ural. State Law. Acad., humanist. University. Yekaterinburg, 1996. 313 p.

5. Sokolov N.Ya. Legal human rights organization:. M.: Legal. published in 1974.

6. Constitution of the Republic of Tajikistan of November 6, 1994 with amendments and additions of May 22, 2016 / Dushanbe «Irfon». 2023.

ТДУ: 340
Азизов Саҷҷод Амиршоевич,
унвонҷӯйи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
E-mail: azizovsajjod@gmail.com
Тел.: (+992) 907-55-55-37.

БАЪЗЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚӢ ОИД БА ФАҲМИШИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

Калидвожаҳо: амнияти озуқаворӣ; истиқлолияти озуқаворӣ; муҳофизат; объект; амнияти миллӣ; қонунгузорӣ; соҳаи кишоварзӣ; буҳрон; Қонун; аҳолӣ.

Аннотатсия: Таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир ба ҳисоб меравад, ки нисбат ба он тадбирҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва ташкилӣ роҳандозӣ гардидааст. Қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавии давлатӣ ба танзими самараноки таъмини амнияти озуқаворӣ ва амалишавии ин ҳадафи стратегии кишвар равона мегардад. Бинобар ҳамин, масъалаи амнияти озуқаворӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар шароити муосир ба ҳисоб рафта, баррасӣ ва таҳлили он аҳаммиятнок аст.

Дар мақолаи мазкур баъзе аз масъалаҳои ҳуқуқии фаҳмиши амнияти озуқаворӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф андешаҳои худро баён намуда, амнияти озуқавориро ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ тавсиф додааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти он, ки таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар маҳсуб меёбад, мафҳуми мазкур ба таври васеъ мавриди истифода қарор мегирад. Мафҳуми амнияти озуқаворӣ дар сатҳи қонунгузории миллӣ ва санадаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мустаҳкам гардида, кайҳо боз ба сифати мавзуи таҳқиқоти илмҳои гуногун қарор гирифтааст. Дар алоқамандӣ бо муҳим будани масъалаи мазкур дар доираи ҳуҷҷатҳои расмии кишвар ба таври хос таъмини амнияти озуқаворӣ ҳамчун самти муҳимми давлат муайян гардидааст. Чунончи, «таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои асосии бехатарии иқтисодӣ, омили бақои давлатдорӣ ва истиқлолият, низоми муҳимми таъминоти аҳолӣ бо озуқа ва сиёсати демографӣ, тандурустӣ, таъмини фаъолнокии ҷисмонӣ, дарозумрӣ ва зиндагии арзандаи аҳолӣ мебошад. Дар ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоии давлат таъмини амнияти озуқаворӣ нақши муҳим мебозад ва баррасии ин масъала на танҳо дар сатҳи байналмилалӣ, балки дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ, хонаводагӣ ва шахсӣ бояд қарор гирад» [4].

Мафҳуми амнияти озуқаворӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардидааст. Мафҳуми мазкур дар ду Қонуни кишвар – «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» ва «Дар бораи амният» мустаҳкам гардидааст. Аз инҳо пештар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 декабри соли 1993, №918 [1] амал мекард, ки дар он чунин мафҳум пешбинӣ нагардида буд. Мафҳуми амнияти озуқаворӣ, ки дар қонунҳои болозикр муқаррар гардидааст, ки аз лиҳози мазмун бо ҳамдигар ҳамшабеҳ мебошанд. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» таҳти мафҳуми амнияти озуқаворӣ - «вазъи иқтисодии давлат мебошад, ки аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ бехатарии озуқавории кишвар таъмин гардида, дастёбии воқеӣ, ки барои ҳаёти солиму фаъол ва рушди демографии ҳамаи аҳолӣ зарур аст, кафолат дода мешавад» [2] муқаррар гардидааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» муайян мекунад, ки «амнияти озуқаворӣ – ҳолати муҳофизатии иқтисодиёти давлат мебошад, ки аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ бехатарии озуқавории кишвар таъмин гардида, дастёбии воқеӣ, ки барои ҳаёти солиму фаъол ва рушди демографии ҳамаи аҳолӣ зарур аст, кафолат дода мешавад» [3]. Тавре дар боло зикр гардид мафҳумҳои дар қонунҳои мазкур пешбинигардидаи амнияти озуқаворӣ мазмунан монанд мебошанд, аммо фарқияти мафҳумҳои мазкур дар як ҳолати мафҳумҳои муқарраргардида ба назар мерасад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» дар мафҳуми амнияти озуқаворӣ вазъи иқтисодии давлат муайян гардидааст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» дар мафҳуми мазкур ҳолати муҳофизатии иқтисодиёти давлат пешбинӣ шудааст. Ба назари мо, ҳолати муҳофизатии иқтисодиёти давлат арзёбӣ гардидани амнияти озуқаворӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният»

муқаррар гардидааст, бештар дуруст аст. Зеро, мафҳуми амният худ ифодагари ҳолати муҳофизатии объекти муайян аст, ки нисбат ба соҳаи озуқаворӣ низ чунин мазмунро ифода менамояд. Вазъи иқтисодии давлат, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» пешбинӣ гардидааст, моҳиятан мазмуни васеъ дошта, аз доираи мафҳуми амнияти озуқаворӣ фарохтар мебошад. Ҳар кучое, ки сухан дар бораи ин ё он намуди амният меравад, бояд дар он ҳолати муҳофизатӣ ҳамчун шарти асосӣ муайян карда шавад. Бинобар ҳамин, амнияти озуқаворӣ пеш аз ҳама ҳолати муҳофизатии соҳаи озуқаворӣ дар кишвар мебошад.

Бояд зикр кард, ки дар доираи илми муосир ва қонунгузории кишвар амнияти озуқаворӣ аз лиҳози асосҳо ва маҳакҳои гуногун муайян гардидааст. Чунончи, амнияти озуқаворӣ ҳамчун ҳолати иқтисодиёт, қисми таркибии амнияти иқтисодӣ, таъминоти аҳолӣ бо озуқа, ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, ҷомеа ва давлат ва ғ. тавзеҳ гардидааст. Дар радифи ин гуфтаҳо, дар ҳолати дигар бошад, амнияти озуқавориро бо нигаҳдории солимии аҳолӣ тавассути таъмини ғизои солим арзёбӣ намудаанд [8]. Чунин асосҳо ва маҳакҳои муайян намудани амнияти озуқаворӣ дар умум дуруст мебошанд ва таъиноти мафҳуми мазкурро ифода мекунанд. Лекин, мафҳуми амнияти озуқаворӣ, ки дар бештар маврид бо соҳаи кишоварзӣ (аграрӣ) рабт дода шудааст, нигоҳи маҳдуд буда, мазмуни пурраи онро таҷассум намекунанд. Махсусан, дар сарчашмаҳои ватанӣ мафҳуми мазкур асосан бо соҳаи кишоварзӣ алоқаманд гардидааст, ки рушди соҳаи мазкурро ҳамчун асоси таъмини амнияти озуқаворӣ муайян намудаанд. Тавре дар адабиёти ватанӣ иброз гардидааст, «Ҳукумати мамлакат барои пешгирӣ намудани гуруснагӣ ва таъмини аҳолӣ бо ғизо дар андозаи 75 ҳазор гектар заминро ҳамчун заминҳои президентӣ тақсим намуд» [6, с. 133; 9, с. 105; 15], ки мазмуни он ифодагари истифодаи самараноки замин мебошад ва дар ин замина дастрасӣ ба маҳсулоти озуқаро ифода менамояд. Ба ин мавқеъ монанд, дар сарчашмаҳои ватании дигар афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ маҳаки муҳимми таъмини амнияти озуқаворӣ муайян гардидааст [13]. Инчунин, андешаи дигар ҷой дорад, ки дар таъмини амнияти озуқаворӣ масъалаҳои истифодаи оқилонаи замин, баланд бардоштани ҳолати мелиоративӣ ва ҳосилнокии он, содироти меваю сабзавот, аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷа ҳисоб шудаанд [16].

Дар воқеъ, соҳаи кишварзӣ яке аз соҳаҳои асосӣ ва афзалиятнок дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ маҳсуб меёбад. Аммо, таъмини амнияти озуқаворӣ танҳо бо соҳаи кишварзӣ маҳдуд намегардад. Ворид намудани маҳсулоти ғизоӣ аз хориҷи кишвар, ҳамзамон истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ ва бо ин васила нигаҳдории солимии аҳолӣ (бо ғизои солим таъмин намудан) низ метавонанд ба сатҳи таъмини амнияти озуқавории кишвар таъсиргузор бошанд. Тавре дар яке аз сарчашмаҳои иттилоотии кишвар таҳти унвонии «Таъмини амнияти озуқаворӣ омили беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ» оварда шудааст, ки «соҳаи саноати хӯрокворӣ яке аз бахшҳои асосии пешбарандаи иқтисодиёти кишвар ба шумор рафта, рушди он барои таъмини аҳолӣ бо молу маҳсулоти истеъмолӣ, баланд гардидани сатҳи зиндагӣ ва бо ҷойҳои корӣ таъмин намудани аҳолӣ мусоидат менамояд» [5]. Ин нуқтаи назар ифодагари заминаи таъмини амнияти озуқаворӣ будани саноати хӯрокворӣ ва ё соҳаи хӯрокворӣ мебошад, ки тавассути ташкил ва фаъолияти самараноки корхонаҳои саноати хӯрокворӣ аён мегардад.

Ҳамзамон, дар адабиёти илмии дигар мафҳуми васеъ доштани амнияти озуқаворӣ тасдиқ гардидааст, ки дар шароити муосир бо соҳаи кишварзӣ истисно намегардад. Тавре зикр гардидааст, «дар ибтидо дар назди давлат вазифаи таъмини истеҳсоли маҳсулоти кишварзӣ қарор дошт. Танҳо дар марҳилаи баъдинаи инкишофи таърихӣ масоили таъмини амнияти озуқаворӣ вобаста афзоиши таҳдидҳо (буҳрони озуқаворӣ, норасоии маводи ғизоӣ, гуруснагӣ ва ғ.) дарк гардид. Дар баробари ин имкониятҳои давлат (афзоиши меҳнати истеҳсолӣ, рушди комплекси агросанотӣ, истифодаи технологияҳои истеҳсолӣ, истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва ғ.) оид ба муқовимат ба таҳдидҳои амнияти озуқаворӣ то рафт афзун гардид» [11, с. 7].

Дигар ҳолати мафҳуми васеъ доштани амнияти озуқаворӣ ин алоқамандии он бо нигаҳдорӣ ва ҳифзи саломатии аҳолии кишвар мебошад. Чунин нигоҳ дар доираи васеи адабиёти илмӣ инъикос гардидаанд. Тавре дар яке аз сарчашмаҳои илмӣ баён гардидааст «... амнияти озуқаворӣ талаботи аҳолиро ба озуқа мутобиқ ба меъёрҳои дахлдори хӯроки солим, кофӣ барои ҳаёти фаъолона ва солим таъмин менамояд» [12, с. 3]. Дар ҳолати дигар баён гардидааст, ки «инсон аз озуқа бояд тамоми моддаҳои барои инкишофи муътадили организм заруриро гирад ва ҳамзамон, дар бехатарии он итминон дошта бошад, яъне

моддаҳои барои саломатӣ ва муҳити зист зараррасон ҷой надошта бошанд. Афзоиши таваҷҷуҳ ба маҳсулоти хуроквории бехатар дар ҷаҳон бо зиёдгардии шумораи бемориҳо тавсиф мегардад. Афзоиши бемориҳо аз озӯқаи бесифат, ки ба ҳаёти инсонҳо таъсири манфӣ мерасонад, вобастагӣ дорад» [7, с. 52]. Ин андешаҳо гувоҳи он аст, ки амнияти озуқаворӣ аз ҷиҳати дигар ифодагари ҳифзи саломатии аҳолӣ дар робита бо таъмини дастрасӣ ба ғизои солим мебошад.

Тавре аз андешаҳои болозикр бармеояд, амнияти озуқаворӣ ҳамчун вазъ ва ё ҳолати муҳофизатии иқтисодиёт арзёбӣ гардидааст, ки мушаххасан бошад, ҷузъи таркибии амнияти иқтисодӣ муайян шудааст. Дарвоқеъ, амнияти озуқаворӣ бо соҳаи иқтисодиёти кишвар алоқаманд аст, аммо ба назари мо он намуди алоҳидаи амният дар низоми амнияти миллӣ буда, бо хусусиятҳои ба худ аз амнияти иқтисодӣ фарқ менамояд. Махсусан, амнияти озуқаворӣ дорои объекти хоси муҳофизатии худ мебошад, ки он имкон медиҳад, ки дигар намудҳои амният, махсусан аз амнияти иқтисодӣ фарқ карда шавад [10, с. 42]. Объекти амнияти озуқавориро манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат дар иртибот бо соҳаи озуқаворӣ ташкил медиҳад. Ҳамзамон, амнияти озуқаворӣ дар баробари соҳаи иқтисодӣ ва амнияти иқтисодӣ алоқаманд будан, инчунин бо соҳаи иҷтимоии кишвар низ дар иртибот қарор дорад. Яъне, таъмини амнияти озуқаворӣ дар баробари ҳадафҳои дигар, ҳамчунин ба ҳифзи саломатии аҳолии кишвар, баланд бардоштани некуаҳволии онҳо низ равона мегардад. Бинобар ҳамин, амнияти озуқаворӣ дар таносуб бо амнияти иқтисодӣ мазмуни хос дошта, дар умум ҷузъи таркибии амнияти миллиро ташкил медиҳад.

Дар сарчашмаҳои имлӣ ва қонунгузории давлатҳо, аз ҷумла дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи мафҳуми амнияти озуқаворӣ, ҳамзамон мафҳумҳое чун «амнияти хурокворӣ», «истиқлолияти озуқаворӣ», «худтаъминкунии озуқаворӣ», «сифати маводди ғизоӣ» ва дигарҳо ба таври васеъ истифода мегарданд, ки тафовут намудани онҳоро аз мафҳуми амнияти озуқаворӣ ба мақсад мувофиқ мешуморем.

Мафҳуми «амнияти хурокворӣ» аз ҷумлаи мафҳумҳоест, ки истифодаи он ҷомеа ба назар мерасад. Мафҳуми мазкур дар таносуб аз мафҳуми амнияти озуқаворӣ то андозаи муайян мазмуни маҳдуд дошта, бо таъмини ғизои солим ва безарар алоқаманд аст. Дар робита бо ин маълумоте ҷой дорад, ки дар асоси он «амнияти хӯрокворӣ ҳамон вақт таъмин ҳисобида мешавад, ки агар хӯрокворияи мувофиқ (аз нуқтаи назари миқдор, сифат, бехатар будан) мавҷуд ва дастрас бошад, чунин хӯрокворияро ҳамаи табақаҳои ҷомеа барои таъмини ҳаёти фаъол ва солим доимо истеъмол намоянд, Инчунин, амнияти хӯрокворӣ ҳамчун қобилияти кафолат додани давлат дар бобати қонеъ намудани талабот ба хӯрокворӣ дар сатҳе, ки фаъолияти мӯътадили ҳаётгузаронии аҳолиро таъмин менамояд, дониста мешавад. Дар мавриди таъмин намудани талаботи физиологии организми инсон бо моддаҳои ғизоӣ ва энергияҳо, дар як маврид вазифаҳои пешгирикунанда ва табобатӣ иҷро карда мешаванд. Мояи ғамхорӣ бояд ташкили ғизои солим барои тамоми табақаҳои аҳолӣ бошад» [17]. Бинобар ҳамин, амнияти хурокворӣ ифодагари таъмини сифати маҳсулоти ғизоӣ ва дар алоқамандӣ бо ин, кафолати давлатии таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоие, ки ба саломатии инсон мутобиқ буда, пешгирии дастрасӣ ва истеъмоли маҳсулоте, ки ба саломатии инсон зарар мерасонанд, мутобиқ бошад.

Дар баробари мафҳуми «амнияти озуқаворӣ», ҳамзамон мафҳуми «истиқлолияти озуқаворӣ» истифода гардидааст. Қонунгузории ҶТ мафҳумҳои мазкурро муқаррар намудааст. Дар сарчашмаҳои илмӣ низ миёни онҳо тафовутгузорӣ гардидааст. Масалан дар яке аз адабиёти илмӣ зикр гардидааст, ки «амнияти озуқаворияи давлатӣ ҳамчун ҳолати иқтисодӣ муайян мегардад, ки дар доираи он истиқлолияти озуқаворияи кишвар таъмин гардида, ҳамчунин дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодии озӯқаро барои тамоми аҳолӣ дар ҳаҷме, ки барои ҳаёти фаъол ва солим заруранд, ифода менамояд. Истиқлолияти озуқаворияи давлат бошад, ҳамчун ҳолати иқтисодие фаҳмида мешавад, ки дар сурати қатъ гардидани ворид гардидани маҳсулоти ғизоӣ аз кишварҳои хориҷӣ, буҳрони озӯқаворӣ ба миён намеояд» [7, с. 51].

Муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иртибот бо мафҳуми истиқлолияти озуқаворӣ бо андешаи илмии зикргардида ҳамшабеҳ аст. Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» истиқлолияти озуқаворӣ – шароити таъмини амнияти озуқаворияи давлат, ки дар сурати қатъ гардидани интиқоли озуқа аз беруни давлат буҳрони озуқа ба амал намеояд [2].

Аз мазмуни истиқлолияти озуқаворӣ бармеояд, ки он нисбат ба мафҳуми амнияти озуқаворӣ маҳдудтар мебошад, ки танҳо яке масъалаҳои марбут ба амнияти озӯқаворӣ, яъне аз ҳисоби маҳсулоти худӣ (миллӣ) новобаста аз ворид гардидани маҳсулоти озуқа аз хориҷ кишвар

таъмин намудани аҳолии кишварро ифода менамояд.

Дар сатҳи илми муосир мафҳуми «худтаъминкунии озуқаворӣ», ки бо мафҳуми «истиқлолияти озӯқаворӣ» мазмунан шабоҳат дорад, истифода гардидааст. Таҳти он нигоҳ доштани сатҳи таъмини аҳолӣ бо озӯқа фаҳмида мешавад, ки рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеаро кафолат медиҳад [14, с. 34]. Дар таносуб бо мафҳуми худтаъминкунии озӯқаворӣ низ мафҳуми амнияти озуқаворӣ нисбатан васеъ мебошад. Чунки, худтаъминкунии озӯқаворӣ ба монанди истиқлолияти озуқаворӣ таъминоти аҳолиро бо маводди озӯқаи худӣ инъикос намуда, яке аз масъалаҳои таркибӣ дар доираи мафҳуми амнияти иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Мафҳуми амнияти озӯқаворӣ дар баробари таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озӯқаи худӣ, ҳамзамон масъалаҳои вобаста ба сифати маҳсулоти озӯқа, нигаҳдории саломатии аҳолӣ дар заминаи таъмини маҳсулоти озӯқаи безарар ва ғайраро фаро мегирад. Инчунин, бо назардошти тасдиқи мафҳуми васеъ доштани амнияти озӯқаворӣ тибқи арзёбии илмии ҷойдошта, амнияти иқтисодӣ категорияи муайянкунандаи асосҳои сиёсати давлатӣ дар комплекси агросаноатӣ ва соҳаи иҷтимоӣ мебошад [7, с. 53].

Ҳамин тариқ, амнияти озуқаворӣ мазмуни ҳуқуқии ба худ хос дошта, аз мафҳумҳои болозикр тафовут дорад ва дар мафҳуми он ба таври зайл муайян мегардад: амнияти озуқаворӣ – вазъи муҳофизатии манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ менаманд, ки бо рушди истеҳсоли маҳсулоти ғизоии дохилӣ, таъмини дастрасии пурраи маҳсулоти ғизоии босифат ва дар ин замина ҳифзи саломатии аҳолӣ алоқаманд аст.

Муқарриз: д. и. ҳ, профессор Соибов З.М.

НЕКОТОРЫЕ ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ О ПОНИМАНИИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

Ключевые слова: продовольственная безопасность; продовольственная независимость; защита; объект; национальная безопасность; законодательство; сельскохозяйственная сфера; кризис; Закон; население.

Аннотация: Обеспечение продовольственной безопасности считается одним из стратегических целей Республики Таджикистан в современном периоде, в отношении которого приняты различные правовые и организационные меры. Принятые нормативные правовые акты и государственные программные документы направлены на эффективное регулирование обеспечения продовольственной безопасности и реализацию этой стратегической цели страны. Поэтому, вопрос продовольственной безопасности считается одной из важнейших в современных условиях, рассмотрение и анализ которого имеет важное значение.

В данной статье рассматриваются некоторые правовые вопросы, продовольственной безопасности. Автор высказал свою точку зрения и охарактеризовал продовольственную безопасность, как правовую категорию.

Азизов Саджджод Амиршоевич - соискатель Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: azizovsajjod@gmail.com. Тел.: (+992)907555537.

SOME LEGAL ISSUES ABOUT UNDERSTANDING FOOD SECURITY

Key words: food security; food independence; protection; object; national security; legislation; agricultural sector; crisis; law; population.

Annotation: Ensuring food security is considered one of the strategic goals of the Republic of Tajikistan in the modern period, in relation to which various legal and organizational measures have been taken. The adopted regulatory legal acts and state program documents are aimed at effective regulation of food security and the implementation of this strategic goal of the country. Therefore, the issue of food security is considered one of the most important in modern conditions, the consideration and analysis of which is of great importance.

Azizov Sajjod Amirshoevich **-** Applicant of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: azizovsajjod@gmail.com. Phone: (+992)907555537.

Рӯйхати адабиёт:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 декабри соли 1993, №918. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия» (санаи мурочиат: 23.06.2024 с.).
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» аз 29 декабри соли 2010, №671. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия» (санаи мурочиат: 23.06.2024 с.).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, №721. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия» (санаи мурочиат: 23.06.2024 с.).
4. Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 июни соли 2020, №386 тасдиқ гардидааст. Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шакли электронии «Адлия» (санаи мурочиат: 27.12.2024 с.).
5. Иброҳимзода И.Ш. Таъмини амнияти озуқаворӣ омили беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ. Реҷаи дастрас: https://mts.tj/ (санаи мурочиат: 22.11.2024 с.).
6. Қодири Қ. Пешвои сангаршикани миллатсоз. – Душанбе: «ЭР-граф», 2024. – 416 с.
7. Левин С.Л. Современные особенности государственного управления системой обеспечения продовольственной безопасности государства в условиях глобализации // Журнал правовых и экономических исследований. – 2011. - №1. – С. 51-54.
8. Миров Ф.С. Амнияти озуқаворӣ ҳамчун омили рушди устувории Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводи натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ). Реҷаи дастрас: https://philosophical.tnu.tj/ (санаи мурочиат: 22.11.2024 с.).
9. Пирназарзода И. Шоҳкориҳои Пешвои миллат: – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – 216 с.
10. Санникова С.С. Административно-правовое обеспечение продовольственной безопасности в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2019. – 227 с.
11. Сатывалдиев Р.Ш. Обеспечение продовольственной безопасности – стратегическая цель Республики Таджикистан // Правовая жизнь. – 2017. - №4 (20). – С. 5- 23.
12. Скрынник Е. Продовольственная безопасность – важная составляющая системы национальной безопасности России // АПК: экономика, управление. – 2010. - №1. – С. 3-14.
13. Турсунова З. Ҳифзи амнияти озуқаворӣ – яке аз ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон. Реҷаи дастрас: https://www.tajmedun.tj/ (санаи мурочиат: 22.11.2024 с.).
14. Федосеева Г.А. Глобализация мировой экономики и основы глобальной безопасности в XXI веке / // Вестник Финансовой академии. - 2007. - № 2. – С. 32–46.
15. Ҷӯрахонзода С.Ҷ., Содиқова А., Салихов Ҷ. Таъмини амнияти озуқаворӣ ва нақши давлат дар шароити иқтисоди бозоргонӣ. Реҷаи дастрас: https://mts.tj/ (санаи мурочиат: 22.11.2024 с.).
16. Реҷаи дастрас: https://web.ttu.tj/tj/pages/105 (санаи мурочиат: 22.11.2024 с.).
17. Реҷаи дастрас: https://tg.wikipedia.org/ (санаи мурочиат: 22.11.2024 с.).

Список литературы:

1. Закон Республики Таджикистан «О безопасности» от 28 декабря 1993 года, №918. Централизованный банк правовой информации. Электронная форма «Адлия» (дата обращения: 23.06.2024 г.).
2. Закон Республики Таджикистан «О продовольственной безопасности» от 29 декабря 2010 года, №671. Централизованный банк правовой информации. Электронная форма «Адлия» (дата обращения: 23.06.2024 г.).
3. Закон Республики Таджикистан «О безопасности» от 28 июня 2011 года, №721. Централизованный банк правовой информации. Электронная форма «Адлия» (дата обращения: 23.06.2024 г.).
4. Программа продовольственной безопасности Республики Таджикистан на 2020-2024 годы. Утвержден постановлением Правительства Республики Таджикистан от 25 июня 2020 года, №386. Централизованный банк правовой информации. Электронная форма «Адлия» (дата обращения: 27.12.2024 г.).
5. Ибрагимзаде И.Ш. Обеспечение продовольственной безопасности - фактор повышения уровня и качества жизни населения. Режим доступа: https://mts.tj/ (дата обращения: 22.11.2024 г.).

6. Кодири К. Целеустремленный Лидер нации. – Душанбе: «ЭР-граф», 2024. – 416 с.
7. Левин С.Л. Современные особенности государственного управления системой обеспечения продовольственной безопасности государства в условиях глобализации // Журнал правовых и экономических исследований. – 2011. - №1. – С. 51-54.
8. Миров Ф.С. Продовольственная безопасность как фактор устойчивого развития Республики Таджикистан (по результатам социологического исследования). Режим доступа: https://philosophical.tnu.tj/ (дата обращения: 22.11.2024 г.).
9. Пирназарзода И. Подвиги Лидера нации: – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – 216 с.
10. Санникова С.С. Административно-правовое обеспечение продовольственной безопасности в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2019. – 227 с.
11. Сатывалдиев Р.Ш. Обеспечение продовольственной безопасности – стратегическая цель Республики Таджикистан // Правовая жизнь. – 2017. - №4 (20). – С. 5- 23.
12. Скрынник Е. Продовольственная безопасность – важная составляющая системы национальной безопасности России // АПК: экономика, управление. – 2010. - №1. – С. 3-14.
13. Турсунова З. Обеспечение продовольственной безопасности - одной из стратегических целей Таджикистана. Режим доступа: https://www.tajmedun.tj/ (дата обращения: 22.11.2024 г.).
14. Федосеева Г.А. Глобализация мировой экономики и основы глобальной безопасности в XXI веке / // Вестник Финансовой академии. - 2007. - № 2. – С. 32–46.
15. Джурахонзода С.Д., Содикова А., Салихов Д. Обеспечение продовольственной безопасности и роль государства в условиях рыночной экономике. Режим доступа: https://mts.tj/ (дата обращения: 22.11.2024 г.).
16. Режим доступа: https://web.ttu.tj/tj/pages/105 (дата обращения: 22.11.2024 г.).
17. Режим доступа: https://tg.wikipedia.org/ (дата обращения: 22.11.2024 г.).

List of literature:

1. Law of the Republic of Tajikistan «On Security» dated December 28, 1993, No. 918. Centralized Bank of Legal Information. Electronic form «Adliya» (date of access: 23.06.2024).
2. Law of the Republic of Tajikistan «On Food Security» dated December 29, 2010, No. 671. Centralized Bank of Legal Information. Electronic form «Adliya» (date of access: 23.06.2024).
3. Law of the Republic of Tajikistan «On Security» dated June 28, 2011, No. 721. Centralized Bank of Legal Information. Electronic form «Adliya» (date of access: 23.06.2024).
4. Food Security Program of the Republic of Tajikistan for 2020-2024. Approved by the Decree of the Government of the Republic of Tajikistan dated June 25, 2020, No. 386. Centralized Bank of Legal Information. Electronic form «Adliya» (date of access: 12/27/2024).
5. Ibrahimzade I.Sh. Ensuring food security is a factor in improving the standard and quality of life of the population. Access mode: https://mts.tj/ (date of access: 22.11.2024).
6. Kodiri K. Purposeful Leader of the Nation. – Dushanbe: "ER-Graf", 2024. – 416 p.
7. Levin S.L. Modern features of public administration of the system of ensuring food security of the state in the context of globalization // Journal of legal and economic research. - 2011. - No. 1. - P. 51-54.
8. Mirov F.S. Food security as a factor in sustainable development of the Republic of Tajikistan (based on the results of a sociological study). Access mode: https://philosophical.tnu.tj/ (date of access: 22.11.2024).
9. Pirnazarzoda I. Feats of the Leader of the Nation: - Dushanbe: «ER-graf», 2021. - 216 p.
10. Sannikova S.S. Administrative and legal support for food security in the Russian Federation: dis. ... Cand. of Law. Sciences. - Saratov, 2019. - 227 p.
11. Satyvaldiev R.Sh. Ensuring food security is a strategic goal of the Republic of Tajikistan // Legal Life. ¬– 2017. - No. 4 (20). – P. 5-23.
12. Skrynnik E. Food security is an important component of the national security system of Russia // APK: economics, management. ¬– 2010. - No. 1. – P. 3-14.
13. Tursunova Z. Ensuring food security - one of the strategic goals of Tajikistan. Access mode: https://www.tajmedun.tj/ (date of access: 22.11.2024).
14. Fedoseeva G.A. Globalization of the world economy and the foundations of global security in the 21st century / // Bulletin of the Financial Academy. - 2007. - No. 2. - P. 32–46.
15. Jurakhonzoda S.D., Sodikova A., Salikhov D. Ensuring food security and the role of the state in a market economy. Access mode: https://mts.tj/ (date of access: 22.11.2024).

16. Access mode: https://web.ttu.tj/tj/pages/105 (accessed: 22.11.2024).
17. Access mode: https://tg.wikipedia.org/ (date of access: 22.11.2024).

ТДУ: 340.13

Саъдизода Ҷаҳонгир,
номзади илмҳои ҳуқуқшинос, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
E-mail: jahon_1967@mail.ru,
Тел.: (+992) 985-38-38-67.

Муҳуддинзода Давлатҷон,
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 939-63-93-93.

САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР БУНЁД ВА ТАШАККУЛИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ ВА НИЗОМИ ҲУҚУҚИЮ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: ташаккули давлатдории миллӣ; низоми қонунгузорӣ; низоми ҳуқуқӣ; қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҳуқуқи инсон; таърихи ҳуқуқи инсон.

Аннотатсия: Дар мақола мазкур нақш ва саҳми Пешвои миллат дар бунёд ва ташаккули давлатдории миллӣ ва низоми ҳуқуқию қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ҳар як давраи таърихӣ барои инсоният баҳри берун кашидани ҷомеа аз мушкилоти сиёсӣ ва умуман буҳрони маънавӣ, шахсиятҳое ба арсаи сиёсат падид меоянд, ки бо амалу рафтори худ дар сарнавишти халқу миллатҳо нақши муассир мегузоранд. Дар ин мавриди миллати тоҷик бо ифтихор гуфта метавонанд, ки Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсияте мебошанд, ки бақои миллати тоҷикро дар мушкилтарин лаҳзаҳо таъмин намуда, дар ташаккули давлатдорӣ, таҳкими соҳибистиқлолӣ, таъмини сулҳу субот ва низоми ҳуқуқии кишвар нақши тақдирсоз бозидаанд.

Дар ҳар як давраи таърихӣ барои инсоният баҳри берун кашидани ҷомеа аз мушкилоти сиёсӣ ва умуман буҳрони маънавӣ, шахсиятҳое ба арсаи сиёсат падид меоянд, ки бо амалу рафтори худ дар сарнавишти халқу миллатҳо нақши муассир мегузоранд.

Дар ин мавриди миллати тоҷик бо ифтихор гуфта метавонанд, ки Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсияте мебошанд, ки бақои миллати тоҷикро дар мушкилтарин лаҳзаҳо таъмин намуда, дар ташаккули давлатдорӣ, таҳкими соҳибистиқлолӣ, таъмини сулҳу субот ва низоми ҳуқуқии кишвар нақши тақдирсоз бозидаанд.

Тоҷикон аз қадимтарин миллатҳое маҳсуб меёбанд, ки дар масири таърих миёни мардумони Осиёи Марказӣ аввалин шуда давлати миллии худро ташкил намуданд, ки намоёнтарини он бо номи давлати Сомониён машҳур аст. Ин давлат дар самти давлатдорӣ, татбиқи адолату ҷавонмардӣ, механизмҳои комили идории як кишвари мутамаддини асримиёнагӣ, асоси пешрафти сиёсиву идории кулли кишварҳои минбаъдаи Осиёи Марказиро таъмин намудааст.

Миллати тоҷик бо ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ соҳиби давлати миллии хеш гардид, вале дар ин марҳила бо омилҳои субъективӣ ва объективӣ ба мушкилоти амиқи сиёсӣ рӯ ба рӯ шуд. Мушкилоти ба вуҷудомада, хатари заволи давлат ва парокандагии миллатро пеш оварда буд.

Қабл аз истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси ҷумҳурии иттифоқӣ ба ҳайати давлати Шуравӣ дохил буд. Аммо охири солҳои 80 ва ибтидои солҳо 90-уми асри XX давлати Шуравӣ, бо сабабҳои гуногун ба буҳрони амиқи сиёсиву иҷтимоӣ дучор гардида, дар натиҷа ҳамчун давлат аз байн рафт.

Бо аз байн рафтани давлати Шуравӣ дар таърихи миллати тоҷик саҳифаи нав боз гардид, чунки дар моҳи сентябри соли 1991 Иҷлосияи ғайринавбатии Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват гардида, рӯзи 9 сентябр Эъломияи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон расман эълон гардид. Ва ин сана расман рӯзи ташкилёбии Ҷумҳурии Соҳибистиқлоли Тоҷикистон шуд, ки нодиртарин дастоварди ин миллати куҳанбунёд дар таърихи навини давлатдории тоҷикон мебошад.

Маҳз тавассути соҳиб шудан ба ин неъмат, дар ҳаёти сиёсию ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангии миллати куҳанбунёди тоҷик тағйирот

ба вуқуъ пайваста, ки барои фардои дурахшони Тоҷикистони тозаистиқлол пайроҳаи нав кушода шуд.

Истиқлоли давлатӣ ҳамчун як неъмати бемисл дар назди миллати куҳанбунёду бофарҳанги тоҷик масъулияти бениҳоят бузург ва дар айни замон пуршарафро ба монанди ҳифз ва гиромидошти Истиқлоли давлатию манфиатҳои миллӣ, ҳимояи арзишҳо ва суннатҳои таърихию фарҳангӣ, инчунин талаби бунёди ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёдро гузошта, бегазанд ба насли оянда расонидани ин рисолати таърихиро талаб намуд.

Вобаста ба ин Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар суханронии худ чунин зикр намудаанд, ки «Ормони истиқлол фарзандони мубориз, ватандӯст ва донишманди миллатро ҳамвора ба нигоҳ доштани ҳувияти миллӣ, худогоҳи ва хештаншиносӣ, талқину таҳкими оини давлатдорӣ, таъмини пайванди ногусастании наслҳо ва ниҳоят ҳифзи истиқлолияти Ватани азизамон ва устувории тамаддуни аҷдодӣ раҳнамоӣ карда, дар даврањои мушкили зиндагӣ ба онҳо неруву тавон бахшидааст»[21. 38].

Воқеаҳои баъдии ин даврараро ходими сиёсӣ Р.Ҳ. Раҳимзода таҳлил намуда, чунин хулосагирӣ менамояд. “Мутаассифона, талошҳои сиёсии як зумра шахсони бадхоҳи миллату давлат, ғаразҳои неруҳои дохиливу хориҷӣ боиси майдонншиниҳои ғайриқонунии мардум гардид, ки дар натиҷа ҷомеаи Тоҷикистонро ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашид.

Дар ин замина, дар пойтахти ҷумҳурӣ бетартибиҳои оммавӣ, гирифтани гаравгонҳо, одамрабоӣ, кушторҳо ва дигар амалҳои номатлуб ба амал омаданд, ки ин ҳолат ба бесарусомонӣ ва фалаҷгардии ҳокимият оварда расонид. Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон боиси талафоти зиёди моливу ҷонӣ гардид. Алангаи ин ҷанги бемаънӣ тамоми гӯшаву канори Тоҷикистонро фаро гирифт”[18. 59].

Зимоми давлатдорӣ гуфтан мумкин аст, ки аз даст рафта, тайи солҳои 1990-1992 пайи ҳам чор нафар роҳбарии давлати Тоҷикистонро ба уҳда доштанд.

Чуноне, ки таърих гувоҳ аст, ин чор нафар аз уҳдаи муттаҳиду сарҷамъ сохтани мардум, таъмин намудани сулҳу амонӣ ва ҳифзи соҳибистиқлолии давлати тоҷикон набаромаданд. Рукнҳои давлатдорӣ ва институтҳои давлатдориро ба роҳ монда натавонистанд.

Ҳар яки онҳо ба хатогиҳои бузургу ҷиддии таърихӣ, ба монанди такя ба диндорон ва хориҷиёни ифротӣ, бартарии як минтақа аз дигар минтақа, маҳалгароӣ, гурӯҳбозӣ, хешутаборбозӣ, сидқан ичро накардани уҳдадориҳову вазифаҳои давлатӣ ва хизматӣ, набурдани мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии силоҳу аслиҳа ва маводи мухаддир ва ғайра роҳ доданд.

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қудратӣ, дигар мақомоти давлатӣ ва умуман механизми давлатдорӣ ба ҳоли худ гузошта шуда, аз мадди назари роҳбарони давлату Ҳукумат дур монда шуданд. Дар натиҷа, дар ин мақомотҳо низ ҳиссиёти маҳалчигӣ боло рафта, дар ҳайати онҳо бартарии намояндагони як минтақа аз дигар минтақа, як маҳалла аз дигар маҳалла баръало ба мушоҳида мерасид. Ва ин омилҳое буданд, ки ҷомеаи Тоҷикистонро ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонид.

Ин бесарусомониҳо ба он оварда расонид, ки ҳатто баъзе афроди масъул масъалаи ба қисмҳо ҷудо намудани ҳудуди маъмурии кишвар ва таҳмили идеологияи бегонаро дар ҳаёти иҷтимоии кишвар дар сар мепарвариданд. Вобаста ба ин рафти умури давлатдорӣ Пешвои миллат чунин тазаккур медиҳанд: “Аснод ва маводи дастрас баёнгари онанд, ки доираҳои муайяни манфиатдор андешаи ба сари миллати мо таҳмил кардани идеологияи бегонаро доштанд. Баъзе дигарашон нақшаҳои тақсим ва тачзия намудани кишвари азизи моро кашида, ба ҳамдастии баъзе афроди қудратхоҳу хиёнатпеша, ҳатто ба татбиқи амалии он кӯшишҳо ба харҷ медоданд”[25. 34].

Марҳиллаи фоҷеабори ибтидои соҳибистиқлолии кишварро ходими давлатӣ Раҳимзода Р.Ҳ. таҳлил намуда, чунин андешаро баён медоранд: “Барои миллати тоҷик дар охири даҳҳаи қарни бистум, ки он вақт Тоҷикистон қадамҳои нахустинашро дар ҷодаи соҳибистиқлолӣ мегузошт ва ба хатари нобудшавии давлат ва миллат рӯ ба рӯ омад, ниёз ба шахсияти наҷотбахш ва тавоно ба миён омад.

Дар ин маврид бояд қайд намуд, ки мардуми Тоҷикистон шахсияти ормониеро роҳбари давлати худ дидан мехостанд, ки аз ранҷу мушкилот ва уммеду орзуи мардумро донад, розу ниёзҳои имрӯзаву таърихии миллатро дар ниҳоди худ дарк намояд, бо садоқати фарзандӣ халқу миллат ва Ватанро ҳимоят ва ба зиндагии шоиста ҳидоят намояд.

Миллати тоҷик хостори шахсияте буданд, ки бар иловаи истеъдоди роҳбариву давлатдорӣ бо ростиву покӣ, бо доштани ҳикмати зиндагии мардумони одӣ, бо донишу хирад ва матонати азалӣ ороста бошад. Вакилони мардуми бо такя ба ин ҳусни нияти мардуми азияткашида ҷавонмардеро ба сарварии миллат баргузиданд, ки

бо ҷасорату тавонмандӣ, фазилати давлатдорӣ ва мардумсолорӣ, бо неруи заковати фитрӣ, бо садоқат, муҳаббат самимияти бекарон нисбати халқу Ватани куҳанбунёдаш ба захмҳои хуншори миллат дармон бахшиданро бар дӯш гирифт.

Хушбахтона, дар лаҳзаи ҳассосу тақдирсоз Иҷлосияи XVI– уми таърихии Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 1992 баргузор гардида, асоси давлатдории навинро гузошт, ки идораи он ба души фарзанди фарзонаи миллат, роҳбари дурандешу сарсупурдаи кишвар Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузошта шуд" [18. 59].

Интихоби вакилони халқ интихоби дуруст ва мувофиқ ба ормонҳову хостаҳои ҷомеаи таърихии тоҷикон буд. Дар аввалин баромадҳои худ ба ҳайси Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо эътимод ба дилу ният ва такя ба он боварие, ки намояндагони халқ ба ӯ иброз намуданд, бар мабнои хираду мардуми куҳансолор савганд ёд кард, савганди садоқат ба Ватану миллат, ба дирӯзу имрӯзу фардои тоҷикон, ки чароғашро абадӣ афрӯхта хоҳад дошт, бо ҷаҳондории муносиб ба ҷадди аълои миллати хеш ба сарманзили мақсуд ҳидоят роҳнамо хоҳад кард, заврақи умеди миллати тоҷикро ба соҳили мурод хоҳад расонид [22. 18].

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешаҳои созгори худро доир ба сохти давлатдории навини Тоҷикон аввалин бор дар Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ чунин баён дошта, изҳор карда буданд, ки «ман ҷонибдори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ҳастам. Ин мақсаду мароми аксарияти аҳолии ҷумҳурӣ мебошад. Ин роҳи ягонаи мост ва мо ҳеҷ вақт аз ин роҳ барнамегардем». Воқеан таърих исбот намуд, ки Пешво ва роҳнамои миллат ба ин принсипҳои бунёдӣ, ки аз асолати азалии ӯ шаҳодат медод, ҳамеша содиқ монданд. «Он замони мураккаб - ёдовар мешавад, Пешвои миллат,- Тоҷикистон бо таъсири ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва дасисаи душманони хориҷӣ метавонист аз харитаи ҷаҳон нест шавад, миллатро парешонӣ ва парокандагӣ интизор буд»[8. 2].

Эмомалӣ Раҳмон аз оғози фаъолияти давлатдорӣ такя ба мардум, хусусан ба ҷавонон карда, аз ин пас ба ҳайати роҳбарикунанда бештар ҷавонон таъин гардиданд. Дар ҳар лаҳза бо мардум вохӯрӣ карда, пирону калонсолонро бодиққат гӯш мекард, ятимонро парасторӣ ва падарвор насиҳату роҳнамоӣ карда, кӯмак мерасонд. Ҷиҳати бохабар гаштан аз вазъи зисти мардум мунтазам ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ташриф оварда, бодиққат пешниҳоду таклифҳои онҳоро гӯш ва ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта дастуру супоришҳо медиҳанд.

Аз рӯзҳои аввали роҳбарӣ тамоми ҳастии худро ба мардум бахшида, Пешвои муаззами миллат аз нахустин рӯзи Сарвари давлат интихоб гардидан якумин суханонеро, ки бо қатъияти ҷиддӣ ва ҳамчун сарсупурдаи Ватан ба забон оварда, маҳз баҳри сулҳу оромӣ, баргардонидани гурезаҳо ва тинҷию осудагии мардум гуфта шуда буданд: «Баҳри истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон ва бозгашти ҳамаи гурезаҳо ман тайёрам ҷони худро нисор кунам» ва «то даме, ки охирин гурезаро аз хоки Афғонистон ба Ватан бознагардонам, ман осуда буда наметавонам»[23. 3].

Аз ин хотир, яке аз талошҳои Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чунин давраи ҳассоси таърихи давлатдории миллӣ, ҳифзи институти Президентӣ ва аз лиҳози ҳуқуқӣ бо қабули Конститутсия мустаҳкам намудани он мебошад.

Хушбахтона бо заҳмат ва талошҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, вазифаи таърихӣ иҷро гашта, давлатдории миллии тоҷикон аз вартаи нобудӣ наҷот ёфт. Маҳз яке аз масъалаи асосие, ки барои мондагории чеҳраи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи халқи тоҷик мусоидат намудааст, ҳамин омил мебошад. Зеро баъди ҳазор сол имконияти таърихӣ ба вуҷуд омад, ки тоҷикон бо номи миллати хеш давлати миллиро бунёд намоянд.

Дар мавриди Р.Ҳ. Раҳимзода чунин ибрози андеша менамоянд: "Бо шарофати иҷлосияи XVI-ум ва кӯшишҳои пайвастаи Сарвари давлат ҷиҳати ба эътидол овардани вазъияти сиёсӣ ва криминогенӣ дар Тоҷикистони ҷавони соҳибистиқлол якчанд фармону қонунҳои умедбахш ва саривақтӣ қабул карда шуданд [18. 59].

Дар ҳақиқат пас аз баргузории Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нави ташаккули ва инкишофи давлатдорӣ дар таҳкими қонуният ва низоми ҳуқуқию қонунгузории мамлакат оғоз гардид. Заминаи асосиро дар ин маврид раванди қабули Конститутсияи навин дар низоми ҳуқуқӣ ташкил медод. Вобасата ба қабули саривақтии Конститутсияи нави Тоҷикистони соҳибистиқлол Раиси Шурои Олии ба ҳайси Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид медоранд.

«Муҳимтарин ҷиҳати ин вазифа то сатҳи ҳуқуқӣ ва маънавии ҳуқуқи байналмилалӣ ва тадбирҳои универсалии онҳо баланд бардоштани қонунгузории давлатист. Аз ин ҷиҳат мо ба хулоса

омадем, ки системаи ҷории қонунҳоямонро ба экспертизаи байналмилалӣ фиристем ва ҳам дар баррасии Қонуни Асосиамон аз кӯмаки машваратии ташкилотҳои дахлдори байналхалқӣ истифода барем» «[15. 113].

Бо дарназардошти зарурати таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нав Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи кориро оид ба таҳияи лоиҳаи Конститутсия таъсис дод, ки дар тӯли шаш моҳ бо назардошти тамоми дастовардҳои илми ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ ва анъанаҳои миллӣ ду лоиҳаи Конститутсияро таҳия намуд, ки яке аз онҳо хусусиятҳои Ҷумҳурии президентӣ ва дигар хусусиятҳои Ҷумҳурии парламентиро инъикос мекард. Дар як вақт таҳия намудани ду лоиҳа сабабҳои худро дошт [4. 38].

Бо дарки масъулияти таърихии хеш, таҳлили аслии воқеият ва бо дарназардошти мавҷуд набудани омилҳои асосии шакли идоракунии Ҷумҳурии парламентӣ, аз ҷумла, набудани ҳизбу созмонҳои ботаҷриба ва амсоли онҳо Комиссияи конститутсионӣ ба хулосаи ягона расид, ки тибқи он танҳо лоиҳае, ки шакли Ҷумҳурии президентиро пешбинӣ менамуд, ба муҳокимаи умумихалқӣ тавсия шавад.

Бо пешниҳоди Комиссияи Конститутсионӣ рӯзи 6-уми ноябри соли 1994 лоиҳаи Конститутсия, ки барои раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳод шуда буд, қабул гардид. Натиҷаи раъйпурсии умумихалқӣ хеле муассир буд ва зиёда аз 87% иштироккунандагон лоиҳаро дастгирӣ намуда, аз ин роҳ сарнавишташонро худашон муайян намуданд.

Конститутсияи даврони соҳибистиқлолӣ самтҳои нави рушди ҷомеаро муайян кард. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсия давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ эълон карда шуд. Арзиши олӣ эътироф намудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ, ҷонибдорӣ аз принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, инчунин эътирофи гуногуншаклии моликият, махсусан, моликияти хусусӣ аз ҷумлаи пешравиҳо мебошанд, ки заминаи рушди сифатан нави давлат ва ҷомеа гардиданд [4. 85].

Эътирофи халқ ба сифати манбаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ дорои аҳамияти усулӣ буда, зоҳир шудани иродаи он, қабл аз ҳама, бо натиҷаю оқибатҳои тасмими интихобкунандагон вобаста аст. Дар асоси ин ҳидояти Конститутсия тамоми шаҳрвандони кишвар дар умури сиёсӣ бидуни ҳеҷ гуна монеа метавонанд ширкат варзанд ва озодона изҳори ақида намоянд. Маҳз дар ҳамин нукта тафовути Конститутсияи нави ҷумҳурӣ аз ҳама Қонунҳои Асосии замони Шуравӣ, ки рӯйи арзишҳои табақотӣ такя мекарданд, ифода меёбад[2. 72-74].

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали низоми давлатдориро ба даст гирифтан хуб дарк намуданд, ки то он даме дар дасти мардум силоҳу аслиҳа нигоҳ дошта мешавад, барқарор намудани сулҳу субот ва оромӣ дар кишвар мушкил мегардад.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади ба танзим даровардани ҳаёти осоишта, аз байн бурдани муноқишаҳои силоҳнок, роҳзанӣ, ғоратгарӣ, зӯроварӣ, шиканҷа ва тамаъҷӯӣ соли 1994 фармон "Дар бораи ихтиёран супоридан ва мусодира кардани силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ ва техникаи ҳарбӣ аз аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул карда шуд. Чунки, наандешидани чораҳои бетаъхир ҷиҳати ҷамъ намудан ва гирифтани силоҳ сохтани давлат ва ҷомеаи солим имконнопазир ва номумкин аст" [18. 61].

Мувофиқи нуқтаи назари олими тоҷик Азиззода У.А. бо қабули Конститутсияи соли 1994 марҳилаи муҳими фаъолияти қонунгузории давлати ҷавони Тоҷикистон оғоз гардид. Фаъолияти қонунгузорӣ дар асоси Констсиутсияи нав тартиби нави ҳуқуқии худро пайдо намуд. Маҳз бо фаъолияти қонунгузории самаранок ташаккули низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуд, ки барои ташкили давлати ҳуқуқӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат хоҳад намуд[1. 76].

А. Шарифзода марҳилаҳои давлатсозии Пешвои миллатро таҳлил намуда чунин ибрози андеша менамояд."Хидмати бузургу таърихии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар дуюмин марҳалаи таърихи давлатсозӣ дар солҳои 1994-1999 аз он иборат аст, ки маҳз ба шарофати истеъдод ва фазилатҳои давлатдорӣ ӯ хатари нобудшавии давлату миллатро пешгирӣ намуд, оташи ҷанги шаҳрвандиро хомӯш кард, сохторҳои фалаҷгардидаи ҳокимият, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барқарор сохт, артиши миллӣ ва неруҳои посбони сарҳадро таъсис дод, барои таҳкими ҳокимият ва давлат шароит фароҳам овард, сулҳу ризоияти миллиро бунёд ниҳод, гурезаҳо ва муҳоҷирони ичбориро ба Ватан бозгардонид, заминаи устувори эъмори ҷомеаи навини Тоҷикистонро гузошт, ислоҳоти конститутсиониро дар мамлакат амалӣ кард, Конститутсияи нави Тоҷикистонро таҳия намуд, Парчам ва Нишону Суруди миллиро қабул кард, имзои Созишномаи

умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллиро дар Тоҷикистон таъмин ва заминаҳои эҳёи миллиро фароҳам сохт, ба корҳои азими созандагӣ ифтитоҳ бахшид, аҳволи иҷтимоӣ ва иқтисодии мардумро ба куллӣ беҳтар гардонид, эътибори сиёсии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардошт" [22. 19].

Дар воқеъ андешаҳои баён доштаи А. Шарифзода ҳақиқат дорад, зеро дар солҳои 1994-1999 Роҳбари давлати тоҷикон тамоми сайъу талоши худро ба харҷ дода, кӯшиш намуд, ки ҳарчи зудтар кишвари аз таъсири ҷанги шаҳрвандӣ зарардидаро ба ислоҳ биёрад ва раванди ташаккули давлатдории миллиро ба маҷрои дуруст ба роҳ бимонад. Бинобар ин мо низ ба андешаҳои А. Шарифзода розӣ буда, доир ба оғози марҳилаи нави давлатсозӣ шуруъ гардиданро аз солҳои 1994-1999 саҳеҳ мешуморем.

Дар баробари қабули Конститутсия, ҳокимияти қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ тағйиротҳои муҳимеро ба миён овард, ба мисли санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, мафҳумҳои ҳуқуқӣ, дастовардҳои иҷтимоӣ, ҷамъиятӣ ва инсонӣ, эҷодкунии қонунҳои нав боиси таҳия ва коркарди механизмҳои нави зарурии танзими ҳуқуқӣ ва таъмин намудани идоракунии давлатӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии иҷтимоию иқтисодӣ дар давлати соҳибихтиёр гардид.

Дар ин марҳила омили асосии қабл аз инкишофи қонунгузорӣ ҷойдошта вазъияти мураккаби сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ буд, вале дигар ҳолатҳое низ ҷой доштанд, ки ҳамчунин ба инкишофи қонунгузорӣ монеъ мешуданд, мисли мушкилоти интихоби доираи муносибатҳои танзимшаванда, муайян намудани ҳадафҳо ва дастовардҳои иҷтимоии он, ба назар нагирифтани принсипи муносибати системавӣ, интихоби воситаву усулҳои мувофиқи танзими ҳуқуқӣ, риоя намудани қоида ва меъёрҳои танзими қонунгузории ҳуқуқӣ, асоснокунии илмии фаъолияти қонунэҷодкунӣ ва ғ. Аз ин сабаб раванди инкишофи қонунгузории конститутсионӣ якхела набуд, вале бо вуҷуди ин мушкилоти фаъолияти қонунэҷодкунӣ марҳила ба марҳила дар ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ҳал карда шуда, ислоҳоти конститутсионӣ мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ гузаронида шуда, рушду нумуъ ва такомул ёфт[16. 102– 109].

Мувофиқи андешаи олимони маъруфи ҳуқуқшинос дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон шаклҳои нави амалӣ гаштани ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ташаккул ёфтаанд. Дар ин давра асосан ду шакли амалишавии ташаббуси қонунгузории Сарвари давлати Тоҷикистон васеъ истифода шуд: 1) дар шакли пешниҳоди лоиҳаи қонун бевосита аз ҷониби сарвари давлат; 2) дар шакли пешниҳодҳои қонунгузорӣ, яъне пешниҳодҳо дар хусуси зарурати таҳия ва қабули қонунҳо[11. 21– 22].

Ҳамзамон, онҳо бар он назаранд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба мисли давлатҳои ҷаҳони мутамаддин ташаббусҳои қонунгузории Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар такмилу инкишофи қонунгузорӣ, идоракунии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, роҳандозии ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳким ва ҳимояи дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ, расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат дар бахши таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ, рушди соҳибкории хурду миёна ва фаъолияти озоди иқгисодӣ, танзими фаъолияти низоми бонкӣ, амалӣ гаштани сиёсати андозу молия бағоят калон аст [12. 215– 228].

Ф.С. Сайнозимзода доир ба нақши Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми қонунгузорӣ чунин андеша доранд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як Паёми хеш ба Маҷлиси Олии кишвар ҷиҳати такмил ва рушду нумӯи қонунгузории мамлакат таклифу пешниҳодҳои қонунгузорӣ манзур менамоянд. Маҳз таклифу пешниҳодҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон боис мегарданд, ки аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқӣ ташаббуси қонунгузорӣ ва ҳуқуқэҷодкунанда, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, стратегияҳо ва барномаҳо таҳия ва тасдиқу қабул карда мешаванд. Ба қонунгузории амалкунандаи кишвар тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд ва дар ин замина низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ устувору мукаммал ва рушд менамояд[19. 90– 91].

Бояд тазакур дод, ки дар ҳоли ҳозир инкишоф ва такмили минбаъдаи қонунгузории кишвар ҷузъи сиёсати ҳуқуқии давлат гардида, Президенти Тоҷикистон дар самти таъмини сифати баланди қонунҳо, риояи қоидаҳо ва усулҳои техникаи қонунгузорӣ, ба меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқ гардонидани санадҳои қонунгузорӣ, таъмини волоияти қонун дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд.

Ҳуқуқшиноси тоҷик А.Р. Нематов дар асараш «Ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин менависад: «Паёми ҳарсолаи Президент ба парламенти кишвар метавонад сарчашмаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии ҳам мақомоти қонунгузор ва ҳам иҷроия гардад[14. 145].

Олимони соҳаи ҳуқуқи ватанӣ дар тадқиқотҳои илмиашон Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро сарчашмаи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ номидаанд. Аз ҷумла, Э.С. Насриддинзода дар асараш «Фарҳанги ҳуқуқӣ» як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишварро, ки дар заминаи паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ гардидаанд, таҳлил намуда, таъкид меварзад, ки Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми январи соли 2015 дар бораи «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми октябри соли 2010 дар бораи «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ барои солҳои 2011-2016», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2011 дар бораи «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2012-2020», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2012 дар бораи «Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми августи соли 2012 дар бораи «Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017» ва дигарҳо дар заминаи дастуру супоришҳо ва талаботи паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар таҳия ва тасдиқ гардидаанд.

12. Холиков А.Ғ. Андешаи давлати милли. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – С. 574.
13.Холикзода А.Г. Критерии качества закон: общетеоретические исследования, автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Холикзода А.Г. – Душанбе, 2018. – 210 с.
14.Чухвичев Д.В. Законодательная техника: учебник. - 2 изд., стер. – М., 2014. – С. 156.
15.Чигидин Б.В. Юридическая техника российского законодательства: дис… канд. юрид. наук. – М., 2002. – С. 78.

Рӯйхати адабиёт:

1. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1998, № 9, мод. 68. мод. 69, № 22, мод. 306.
2. Власенко Н.А. Законодательная технология: Теория. Опыт. Правила. - Иркутск, 2001. - С. 9.
3. Иеринг Р. Юридическая техника / сост. А.В. Поляков. – М., 2008. – С. 32.
4. Калина В.Ф. Юридическая техника. – М., 2008. – С. 16.
5. Калина В.Ф. Обзор науч.-практ. конференции на тему: «Качество закона и проблемы юридической техники» // Журнал российского права. - 2008. - № 2. - С. 150 - 151.
6. Кашанина Т.В. Юридическая техника. – М., 2008. – С. 80.
7. Пиголкина А.С. Теория государства и права: учебник / под ред. А.С. Пиголкина и Ю.А. Дмитриева. - С. 435 - 436.
8. Поленина С.В. Качество закона и эффективность законодательства. – М., 1993. – С. 8.
9. Перевалов В.Д. Теория государства и права: учебник. – М.: Высшее образование, 2005. – С. 186.
10. Раҳимзода М.З., Нематов А.Р. Техникаи қонунгузорӣ – Душанбе, 2016. – С. 10.
11.Тихомиров Ю.А. Теория закона. – М., 1982. – С. 213.
12. Холиқов А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – С. 574.
13. Холикзода А.Г. Меъёрҳои сифати қонун: таҳқиқоти умуминазариявӣ, автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Холикзода А.Г. – Душанбе, 2018. – 210 с.
14.Чухвичев Д.В. Законодательная техника: учебник. - 2 изд., стер. – М., 2014. – С. 156.
15.Чигидин Б.В. Юридическая техника российского законодательства: дис… канд. юрид. наук. – М., 2002. – С. 78.

Bibliography:

1. News of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, salts 1998, No. 9, mod. 68. mod. 69, No. 22, mod. 306.
2. Vlasenko N.A. Legislative technology: Theory. Experience. Rules. - Irkutsk, 2001. - P. 9.
3. Iering R. Legal technique / compiled by A.V. Polyakov. - M., 2008. - P. 32.
4. Kalina V.F. Legal technique. - M., 2008. - P. 16.
5. Kalina V.F. Review of the scientific and practical conference on the topic: «Quality of law and problems of legal technique» // Journal of Russian law. - 2008. - No. 2. - P. 150-151.
6. Kashanina T.V. Legal technique. - M., 2008. - P. 80.
7. Pigolkina A.S. Theory of state and law: textbook / edited by A.S. Pigolkina and Yu.A. Dmitriev. - P. 435 - 436.
8. Polenina S.V. Quality of law and effectiveness of legislation. - M., 1993. - P. 8.
9. Perevalov V.D. Theory of state and law: textbook. - M.: Higher education, 2005. - P. 186.
10.Rakhimzoda M.Z., Nematov A.R. Techniques of Law - Dushanbe, 2016. - Page 10.
11.Tikhomirov Yu.A. Theory of Law. - M., 1982. - Page 213.
12.Kholikov A.G. Andeshai davlati milli. - Dushanbe: Er-graf, 2013. - Page 574.
13.Kholikzoda A.G. Quality Criteria of Law: General Theoretical Research, Abstract of Cand. of Law: 12.00.01 / Kholikzoda A.G. - Dushanbe, 2018. - 210 p.
14.Chukhvichev D.V. Legislative Technique: Textbook. - 2nd ed., reprinted - M., 2014. - Page 156.
15.Chigidin B.V. Legal technique of Russian legislation: diss… Cand. of Law. – M., 2002. – P. 78.

ТДУ: 340.13
Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин
дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия
Тел: 908-11-55-98,
E-mail: Sufi-1986@mail.ru

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ОИД БА ТАРБИЯ ВА ТАКМИЛИ ТАРБИЯИ ҲУҚУҚИИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ПАРТАВИ ИСЛОҲОТИ МИЛИТСИЯ

Калидвожаҳо: тарбия; тарбияи ҳуқуқӣ; мақомоти корҳои дохилӣ; корманди милитсия; шаҳрванд; аъзои коллективи корӣ; субъекти татбиқкунандаи қонун; такмили тарбияи ҳуқуқӣ; ислоҳоти милитсия; сиёсати кадрӣ; таъмини захираҳои фаъолияти илмӣ.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур муаллиф тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилиро мавриди таҳлил қарор дода, кӯшишро ба харҷ додааст, ки оид ба хусусиятҳои умумии тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва фарқияти тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз дигар субъектон ҳам фикри олимону мутахассисон ва ҳам муқаррароти қонунгузории амалкунандаро баррасӣ намояд. Муаллиф тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилиро бо назардошти вазъи ҳуқуқии онҳо ба зинаҳои (даврaҳои) муайян ҷудо намудааст, ки ин даврабандӣ метавонад дар тақвияти тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти зикршуда таъсири мусбӣ расонад.

Дар таълифи мақола аҳаммияти тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар давраи ислоҳоти милитсияи давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар партави ислоҳот муваффақиятҳои баластомадаи соҳавӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Хусусан, қабули Барномаи ислоҳоти милитсия дар ду давра ва вобаста ба онҳо қабули нақша-чорабиниҳои иҷрои барномаҳо роҳ ва усули асосии баланд бардоштани тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ эътироф гардидааст.

Дар мақола такмили тарбияи ҳуқуқии кормандони милитсия ба таъмини захираҳои фаъолияти илмии мақомоти корҳои дохилӣ алоқаманд гардида, дар самти мазкур баъзан аз мушкилотҳои соҳавӣ муайян карда шуда, дар як вақт оид ба бартараф намудани онҳо пешниҳодҳо манзур шудааст.

Дар замони ҷаҳонишавии давлатҳо, бархурди манфиатҳои миллию байналмилалӣ, задухурди мусаллаҳонаи байни қавму мазҳабҳои гуногун, тарғиби ақидаҳои экстремистӣ ва хусусияти ҷаҳонӣ касб намудани нақшаҳои тарҳрезишудаи гурӯҳҳои террористӣ, аҳаммияти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар дохили ҳар як давлат бараъло меафзояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз таҳдиди хатарҳои болозикр истисно нест, бар замми оне, ки аз ҷиҳати ҷойгиршавии ҷуғрофӣ айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистонро санҷишу имтиҳонҳои бузурги ҳимоят аз марзу буми хеш интизор аст.

Ҷойдошти воқеии хатарҳои болозикр ва пайомадҳои эҳтимолии хатарафзо давлатро водор менамояд, ки сиёсати хешро дар самти ҳифзи ҳуқуқ ва муқовимат ба ҷиноятқорӣ беш аз пеш тақвият бахшад. Сиёсати давлатии имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи ҳуқуқ ва муқовимат бо ҷиноятқорӣ тақозо менамояд, ки субъектони таъмини бехатарӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ аз лиҳози тамоми паҳлуҳои фаъолият омодаи иҷрои дуруст ва беолоиши вазифаҳои хизматии хеш бошанд.

Яке аз ҷанбаҳои амиқ ва ҳатмии имконияти иҷроиши дурусти вазифаҳои хизматии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ин дар сатҳи ба талабот ҷавобгӯй ҷой доштани донишҳои ҳуқуқии кормандони мақомот ба ҳисоб меравад. Сатҳи донишҳои ҳуқуқӣ албатта, ки аз тарбияи ҳуқуқии кормандон вобастагӣ дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбияи ҳуқуқӣ аҳаммият ва вазифаи умумидавлатиро касб намудааст, ки ин хусусият аз моҳияти давлати демократию ҳуқуқбунёд ва мавҷудияти низоми ҳуқуқие бар меояд, ки дар он Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун сарчашмаи асосии танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад менамоянд.

Калимаи «тарбия» (“тарбият” تربیت) аз забони арабӣ гирифта шуда, ба як маъно ҳамчун малакаҳо оид ба рафтор ва кирдор, ки ба воситаи

мактаб, оила ва муҳит ба кас талқин мешаванд, шарҳ дода шудааст [1, с. 313].

Мувофиқи Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, тавассути фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, шаҳрвандон ва ҷалби воситаҳои ахбори омма амалӣ мегардад [2]. Вобаста ба ин, тарбияи ҳуқуқӣ ин фаъолияти мақсадноки мунтазами давлат, мақомоти давлатӣ ва хизматчиёни он, ташкилотҳо, воситаҳои ахбори омма, шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, барои ташаккул додан ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Инчунин, дар маҷмӯъ, таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ як қисмати раванди умумии ташаккули маънавии шахсият ба шумор меравад, ки бидуни он сохтмони ҷомеаи ҳуқуқбунёд бо эълони арзиши олӣ будани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ номумкин мегардад [3, с.121].

Бояд қайд намуд, ки зарурияти мустаҳкам намудани пояҳои тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи сиёсати олии давлатӣ ба миён гузошта шудааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ба муносибати 30 – солагии қабули Конститутсияи Тоҷикистон дар ин маврид чунин ибрози назар намуданд: «Мо соли 2024-ро ба муносибати 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудем, зеро ҷавҳари маърифати ҳуқуқиро риояи меъёрҳои Конститутсия ҳамчун қонуни асосӣ ташкил медиҳад» [4, с. 313].

Яке аз омилҳои асосии ташаккулёбии фарҳанги миллӣ дар ҷомеа тарбия мебошад, ки ҳамчун «фаъолияти мақсадноки мазмундори касбии муаллим, ки ба инкишофи ҳадди аксари шахсияти кӯдак, ба ворид шудани ӯ ба чаҳорчӯбаи (контексти) фарҳанги муосир, ташаккулёбиаш ҳамчун субъект ва стратеги ҳаёти худ, ки ба инсони сазовор тааллуқ дорад, мусоидат менамояд» [5, с. 123].

Дар ҷомеаи имрӯза ба масъалаи тарбияи насли созандаю бунёдкор таваҷҷӯҳи махсус дода мешавад. Чунин ҳолат бесабаб нест, зеро маҳз насли имрӯза дар тараққиёти ояндаи давлат, рушди босуботи ҷомеа, амалӣ гардидани нуқтаҳои алоҳида ва бандҳои ҷудогонаи суханрониҳову паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва умуман сиёсати сулҳҷӯёна ва созандаи Ҳукумати кишвар ҷидду ҷаҳд хоҳанд намуд. Аз ин рӯ, яке аз самтҳои тарбияи насли созандаву бунёдкор ин тарбияи мутахассисони соҳибкасби соҳаи ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин ҳолат зарур аст, ки масъалаи ташаккули фаҳмиши ҳуқуқии мутахассисони ҷавони фаъолияти касбӣ дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ оғозкардаро мавриди таҳқиқ ва таҳлили илмӣ қарор диҳем.

Қайд намудан ба маврид аст, ки ташаккули тарбияи ҳуқуқии мутахассисон бо тахассуси ҳуқуқшинос ва тақвияти донишҳои онҳо дар як вақт ба тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва тамоми ҷомеа мусоидат менамояд.

Дар вақти истифода намудани истилоҳи «касбияти мансабӣ» он бисёр вақт бо истилоҳи «мансабпарастӣ- карьерист» омехта карда мешавад. Дар асл бошад, қонунгузорӣ ва амалия дар истифодаи ин истилоҳ ниёз доранд. Истилоҳи касбияти мансабӣ мансубият ба фаъолияти кории мунтазам, ташкили муташаккили низоми вазифаҳо, ки ба собиқаи корӣ, имтиёзҳо, шартҳои пешравӣ аз рӯи ихтисос, пешниҳод гардидани талаботи ягона вобаста ба хусусияти фаъолияти ҳуқуқшиносӣ алоқаманданд, фаҳмида мешавад [6, с. 80-84].

Масъалаи фаҳмиши ҳуқуқӣ вобастагии бевосита ба касбияти мансабии ҳуқуқшинос алоқаманд мебошад, зеро касбияти фаъолияти ҳуқуқшиносӣ дар самтҳои гуногун рушд намуда, он сатҳи фаъолияти судӣ, прокурорӣ, адвокатӣ, кор дар мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳуқуқшинос дар корхонаҳо ё худ ҳуқуқшинос - мушовири ширкату корхонаҳо новобаста аз шакли моликият ва ғайраро фаро мегирад. Дар иртибот ба ин масъала, олими тоҷик, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Р.М. Раҷабзода қайд менамояд, ки фарҳанги ҳуқуқии касбӣ фарҳанги доираи муайяни шахсонест, ки дорои донишҳои ҳуқуқии касбӣ буда, фаъолияти ҳуқуқии касбиро пеш мебаранд [7, с. 44].

Дар байни касбҳои ҳуқуқшиносӣ ба фикри мо касби фаъолият дар воҳидҳои кории мақомоти корҳои дохилӣ бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ҳамун фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ аҳаммияти басо калондошта, арзёбӣ карда мешавад. Мувофиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», милитсия мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ, таҳқиқу тафтишот буда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ, манфиатҳои ҷамъияту давлатро аз кирдорҳои ҷиноятқорона ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо

муҳофизат намуда, ҳуқуқ дорад чораҳои маҷбурии дар доираи қонунгузорӣ пешбинигардидаро ба кор барад [8]. Хусусияти муҳимтарини касбияти ҳуқуқшиносӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ дар он зоҳир мешавад, ки агар корманди милитсия дар доираи талаботи қонун мустақилият, фаъолнокӣ ва масъулиятнокиро доро бошад. Фикр менамоем, ки барои баланд бардоштани шуур ва маърифати ҳуқуқии кормандони милитсия бояд тарбияи ҳуқуқӣ дар сатҳи умумии аҳолӣ бо роҳу усулҳои самаранок ба роҳ монда шавад, чунки дар мадди аввал корманди милитсия низ яке аз афроди ҷомеа мебошад. Вобаста ба ин ақида, В.А. Щегорцов қайд мекунад, ки «Дараҷаи маданияти умумии ҷамъиятии шахс ё гуруҳи иҷтимоӣ ҳар қадар баланд бошад, дараҷаи шуури ҳуқуқии ӯ ҳамон қадар баландтар мешавад» [9, с. 98].

Бо дарназардошти ҳамфикрӣ бо ақидаи В.А. Щегорцов ва дар алоқамандӣ ба мавзӯи таҳқиқшаванда муайян кардан мумкин аст, ки баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии инсон, гурӯҳи одамон ва ҷомеа афзалият дошта, ба болоравии фарҳанги ҳуқуқии корманди мақомоти корҳои дохилӣ мусоидат менамояд. Чунки кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар як вақт худ инсон, аъзои коллективи корӣ (гурӯҳ) ва узви ҷомеа мебошанд. Аз ин лиҳоз, тамоми фаъолияти хусусияти ташкилӣ ва ҳуқуқидоштае, ки бо мақсади баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон амалӣ карда мешаванд, алалхусус ба кормандони мақомоти корҳои дохилӣ низ алоқаманд мебошад.

Аз сабабе оне, ки кормандони мақомоти корҳои дохилӣ яке аз субъектони татбиқкунандаи қонун дар самти тарбияи ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд, пас тарбияи ҳуқуқии онҳо аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. П.П. Баранов унсурҳои фарҳангро, ки дар адабиёти бадеӣ, филмҳо, телевизион ва расонаҳо ташаккул ёфтааст, омили муҳимми ташаккули шуури ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ медонад [10, с. 389-390].

Тарбияи ҳуқуқии кормандони милитсия дар фарқият аз дигар субъектони ҷомеа хусусияти фарқкунандаи худро доро мебошад, ки аз унсурҳои вазъи ҳуқуқии субъективии онҳо бар меояд.

Аз ин нуқтаи назар, вазъи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ маҷмӯи ҳуқуқ (ваколат ва салоҳият), уҳдадоиҳои хизматӣ ва масъулияти онҳоро дар иҷрои вазифаҳо ташкил менамояд ва аз қобилияти ҳуқуқдорӣ, амалкунӣ ва субъективии онҳо вобастагӣ дорад.

Тарбияи ҳуқуқии кормандони милитсияро дар алоқамандӣ ба вазъи ҳуқуқии фарқкунандаи онҳо таҳлил намуда, онро ба намудҳои зерин (ё зинаҳои зерини тарбияи онҳо) ҷудо менамоем:

1.Тарбияи ҳуқуқии корманди милитсия ҳамчун шаҳрванд. Заминаи ҳуқуқии тарбияи ҳуқуқии корманди милитсияро дар ин зинаи омӯзиш Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Барномаи давлатии муқовимат бо ҷиноятқорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 [11], Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 [12] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ташкил менамоянд.

2. Тарбияи ҳуқуқии корманди милитсия ҳамчун аъзои коллективи корӣ. Корманди милитсия худ аъзои коллективи корӣ ин ё он ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ мебошад. Ташкили фаъолияти дохилиидоравии мақомоти корҳои дохилӣ тақозо менамояд, ки бо мақсади ҳалли босамари вазифаҳои дар назди он гузошташуда тарбияи ҳуқуқии кормандонро бо шаклу усулҳои муқарраршуда ва иҷозатдодашуда ба роҳ монад. Мисол, бозомӯзии кормандон, ҷалби онҳо дар курсҳои такмили ихтисос, ташкили семинар-машваратҳо ва ғайра. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ, аз қабили Қонуни Ҷумҳурии тоҷикистон «Дар бораи милитсия», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июни соли 2021, №211 «Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025», Низомномаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, № 592, Оинномаи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2019, №271 б/з, Низомномаи шуъбаи адъюнктураи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми майи соли 2019 ва ғайра, ба ҳайси асосҳои ҳуқуқии тарбияи ҳуқуқии корманди милитсия дар муносибатҳои дохилиидоравӣ баромад менамоянд.

3. Тарбияи ҳуқуқии корманди милитсия ҳамчун субъекти татбиқкунандаи қонун. Зинаи мазкури тарбияи ҳуқуқии корманди милитсия бештар тавассути чорабиниҳои ташкилӣ ба роҳ монда мешавад. Яъне, иштироки корманди милитсия дар чорабиниҳои илмии аҳаммияти ҳуқуқидошта, ки аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ё дигар мақомоти давлатӣ амалӣ карда мешаванд, гирифтани маълумот ва ахбороти ҳуқуқӣ аз васоити ахбори омма, иштирок дар нишастҳои матбуотӣ ва телевизионӣ оид ба тарғиби муқаррароти қонунгузорӣ (Пресс-конференсия, Брифинг, Пресс-релиз) [13, с. 289-

290], вохурӣ бо аҳолӣ ва ҳисоботдиҳӣ [14, с. 68] ҷиҳати ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ғайра, ки тарбияи ҳуқуқии корманди милитсияро дар ин зина санадҳои қонунгузории дахлдор муайян менамоянд.

Мақсад аз гурӯҳбандии мазкур дар тақвиятбахшии фаъолият оид ба тарбияи ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кормандони милитсия зоҳир мешавад. Ба андешаи мо дар зинаи аввали тарбияи ҳуқуқӣ баъд аз ба итмом расонидани таҳсилоти умумии асосӣ хонандагон дар асоси хоҳиши онҳо ба равияҳои муайян ҷудо карда шуда, нафароне, ки дар оянда хоҳиши корманди милитсия шуданро доранд, бояд бештар ба омӯзиши фанни асосҳои давлат ва ҳуқуқ ҷалб карда шаванд. Вобаста ба марҳилаи дуюми тарбияи ҳуқуқӣ тамоми кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бояд барои гирифтани маълумоти ҳуқуқӣ кӯшиш намоянд ва роҳбарияти мақомот оиди амалишавии он бояд чораҳои дахлдор андешад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар замони имрӯза тамоми кормандони милитсия новобаста аз мансаби ишғолнамуда ба фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (иштирок дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҳангоми чорабиниҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, динӣ ва ғайра) ҷалб мешаванд. Яъне, чунин раванди коргузорӣ заруриятро ба пеш овардааст, ки новобаста аз оне, ки шахс дар кадом вазифаи хизматии мақомоти корҳои дохилӣ кор ва фаъолият менамояд, бояд маълумоти ҳуқуқшиносиро дошта бошад.

Вобаста ба марҳилаи охирини пешниҳодшуда аз ҳама роҳи муҳимми такмили тарбияи ҳуқуқии кормандони милитсияро дар ҳамкории онҳо бо васоити ахбори омма, вохӯрӣ бо аҳолӣ ва ҳисоботдиҳии онҳо дар назди аҳолӣ эътироф намудан мумкин аст. Чунки айни замон дар доираи Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 ҳамкории милитсия бо ҷомеа яке аз самтҳои афзалиятноки ислоҳоти милитсияро ташкил менамояд. Ҳамчунин, тибқи меъёри лоиҳавии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи политсия» дар оянда афкори умум яке аз меъёрҳои асосии баҳогузории фаъолияти политсия муқаррар шуда, натиҷаи он ба самъи ҷомеа тавассути шаклҳои гуногун (хаттӣ, васоити ахбори омма, Интернет) расонида мешавад.

Агар тарбияи ҳуқуқии корманди милитсияро вобаста ба зинаҳои болозикр мавриди таҳлил қарор диҳем дар дурустии мантиқӣ ва мазмунии истилоҳи «тарбияи ҳуқуқии корманди милитсия» шубҳа пайдо намудан мумкин аст. Зеро дар зинаи аввали таҳлилшуда корманди милитсия ҳамчун шаҳрванд ба омӯзиш аз лиҳози донишҳои ҳуқуқӣ фаро гирифта шуда, аллакай дар кадом сатҳе, ки набошад аз фарҳанги ҳуқуқӣ бархурдор аст. Ҳамчунин, аксарияти вазифаҳои мансабие, ки дар мақомоти корҳои дохилӣ фаъолият менамоянд, тахассуси ҳуқуқиро тақозо доранд, аз ин лиҳоз қисмати зиёди кормандони милитсия худ ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дошта, аллакай ба омӯзиши тамоми соҳаҳои ҳуқуқӣ фаро гирифта шудаанд. Аз инҷо, ба фикри мо истифодаи истилоҳи «такмили тарбияи ҳуқуқии корманди милитсия» ҳангоми ташкили чорабиниҳои омӯзишии кормандони милитсия ва табодули таҷрибаи кории онҳо ба мақсад мувофиқ ва аз лиҳози воқеият дурусттар аст.

Такмили тарбияи ҳуқуқии кормандони милитсияро ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ислоҳоти милитсия ва сиёсати кадрӣ пайгирӣ намуда, фаъолияти мазкурро ҳамчун унсури асосии ҳалли вазифаҳои афзалиятноки ислоҳот дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон ҷонибдорӣ мекунем. Дар ин радиф, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар маросими ифтитоҳи Муассисаи давлатии омодасозии кадрҳои баландихтисос, ки 29 октябри соли 2024 баргузор гардид, таъкид намуданд: «... раванди ҷаҳонишавӣ инсониятро ба ҳаводису воқеаҳое рӯбарӯ карда истодааст, ки барои пешгирӣ кардани онҳо истифодаву татбиқи таҷрибаву усулҳои нави муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон лозим аст. Яке аз роҳҳои расидан ба ин ҳадаф такмили низоми омодасозии кадрҳои баландихтисос ва ба талаботи замона мутобиқ гардонидани барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мебошад» [15].

Ҷавҳари марказии суханони Президенти мамлакатро такмили низоми омодасозии кадрҳои баландихтисоси мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ташкил менамоянд, ки маҳз дар заминаи такмили тарбияи ҳуқуқии кормандони ин мақомот инкишоф дода шуда, ба мукаммалгардонии шуур ва маърифати ҳуқуқии касбӣ, аз ҷумла ба мукаммалгардонии шуур ва маърифати ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мусоидат менамояд.

Дар бораи такмили тарбияи ҳуқуқии кормандони милитсия муҳокимаронӣ намуда, қайд намудан зарур аст, ки сатҳи амалигардонии он аз муҳити воқеӣ вобаста аст. Яке аз омилҳои асосии ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони милитсия, бахусус шуури ҳуқуқии касбии онҳо муҳити иҷтимоӣ дониста мешавад, чунки дар зери таъсири он муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ташаккул

меёбанд [16, с. 81-88]. П.П. Баранов маҷмӯи томи омилҳои таъсиррасон ба ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилиро ба омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-равонӣ, фарҳангӣ-ахлоқӣ, ташкилӣ ва идоракунӣ вобаста менамояд [17, с. 111]. Бо ҳамин мазмун, дар Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 [18] такмил додани тамоми ҷанбаҳои фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба монанди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, равонӣ ва ахлоқӣ пешбинӣ гардидааст, ки дар асл мавҷудияти онҳо ба раванди такмили тарбияи ҳуқуқии кормандон таъсири мақсаднок мерасонанд.

Дар давраи амалисозии Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014–2020 ва Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 бинои нави Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта ба истифода дода шуд. Ҳамчунин, Маркази илмӣ-тадқиқотӣ, муассисаҳои давлатии Коллеҷи милитсия ва Коллеҷи оташнишонӣ-техникии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва биноҳои хизматии онҳо сохта ба истифода дода шуданд, ки дар тарбия ва такмили тарбияи ҳуқуқии кормандони милитсия нақши созгор доранд.

Тибқи талаботи Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 як қатор чорабиниҳои аҳаммияти ташкилӣ ва ҳуқуқидоштае пешбинӣ гардидаанд, ки дар самти баланд бардоштани тарбияи ҳуқуқии кормандони милитсия ва дар умум ба иқтидори захираҳои фаъолияти илмии мақомоти корҳои дохилӣ мусоидат менамоянд, аз қабили: Таҳияи лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи политсия», «Дар бораи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи рушди иттилоотонӣ ва низоми ягонаи иттилоотию коммуникатсионии мақомоти корҳои дохилӣ», «Оид ба ташкили кори дастёрони ихтиёрӣ», «Дар бораи Консепсияҳои рушди муассисаҳои таълимӣ ва илмии Вазорати корҳои дохилӣ», «Дар бораи Консепсияи сиёсати кадрии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», таҳияи «Талаботи тахассусӣ барои ҳар як мансаб дар мақомоти корҳои дохилӣ», такмил додани сохтори муассисаҳои таълимӣ ва илмию тадқиқотии Вазорати корҳои дохилӣ, гузаронидани тренингу семинарҳо ба кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва аҳолӣ ҷиҳати баланд бардоштани дониши ҳуқуқии онҳо дар масъалаҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, гузаронидани конференсияҳои байналмиллалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохилиидоравӣ оид ба ислоҳоти милитсия ва дар заминаи таҷрибаи пешқадам муқовимат бо ҷинояткорӣ ва ғайра.

Ба андешаи мо такмили тарбияи ҳуқуқии кормандони милитсия ба таъмини захираҳои фаъолияти илмии мақомоти корҳои дохилӣ алоқамандии зич дорад. Камбудӣ дар фаъолият ва воқеияти ҷойдошта оид ба таъмини захираҳои фаъолияти илмии мақомоти корҳои дохилӣ таъсири манфӣ ба такмили тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомот эътироф мегардад. Аз ин рӯ, дар самти таъмини захираҳои фаъолияти илмии мақомоти корҳои дохилӣ баъзе аз мушкилотҳои соҳавиро муайян намуда, дар як вақт оид ба бартараф намудани онҳо пешниҳодҳо манзур менамоем:

1. Ташкили фаъолият дар самти таъмини иқтидори илмии мақомоти корҳои дохилӣ, махсусан, таъмини мақомот бо кадрҳои илмӣ то андозае ба талабот ҷавобгӯй нест. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмии муассисаҳои илмии мақомот ва кормандони он на ҳама вақт ба тағйироти муҳити берунӣ ва дохилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ вокуниши фавриро таъмин мекунанд. Сабаби асосии онро мо дар ҳоло ҳам то андозае ба хатогӣ роҳ додан дар ҷобаҷогузории кадрҳо, интихоби мавзуъҳои илмие, ки на онқадар аҳаммияти актуалӣ ва рӯзмарра доранд ва пешниҳодҳои илмие, ки барои такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ замина гузошта наметавонанд, дида метавонем.

Аз ин рӯ, бисёр мувофиқ аст, ки таҳияи лоиҳаҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияҳои рушди муассисаҳои таълимӣ ва илмии Вазорати корҳои дохилӣ» ва «Дар бораи Консепсияи сиёсати кадрии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба нақша гирифта шудааст.

2. Вазифаи асосии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқовимат бо ҷиноятқорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ эътироф мешавад. Дар ҳамин ҷода қайд намудан ба маврид аст, ки тавассути тамоми шаклҳои фаъолияти илмӣ бояд кори мақомот дар самтҳои зикршуда тақвият дода шавад. Аммо, ба чашм мерасад, ки аксарияти мавзуъҳое, ки барои тадқиқоти диссетатсионӣ интихоб мешаванд, аҳаммияти беҳад умумӣ доранд. Дар ҳамин асос мавзуъҳое, ки барои анҷом додани тадқиқотҳои диссертатсионӣ аз муассисаҳои илмии мақомоти корҳои дохилӣ интихоб мешаванд бояд дар ҳолате барои таҳқиқот иҷозат дода шаванд, ки агар ба самтҳои асосии фаъолияти мақомот нигаронида шуда бошанд.

3. Дар фаъолияти муассисаҳои таълимии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омӯзиши фанҳои таълимии дахлдор аксаран истифодаи адабиёти таълимӣ бо забони ғайридавлатӣ ба чашм мерасад. Аз ин рӯ, бо мақсади дарки амиқи мазмуну моҳияти фанҳои таълимӣ китобҳои дарсӣ ва васитаҳои таълимию методӣ ҳарчӣ бештар бояд ба забони давлатӣ ба нашр расонида шаванд.

4.Норасоии усулҳои муқовимат ба ҷиноятҳои бо истифода аз компютер ва дигар воситаҳои технологӣ содиршаванда ба сатҳи пасти донишҳои замонавӣ ва техникии кормандон алоқамандии зич дорад. Аз ин рӯ, тадқиқотҳои илмӣ дар самти мубориза бо ҷиноятҳое, ки тариқи компютер ва дигар воситаҳои технологӣ содир мешаванд, айни замон бояд самти афзалиятноки фаъолияти илмии муассисаҳои илмии мақомоти корҳои дохилӣ эътироф гардида, кор дар ин самт ҷоннок карда шавад.

5.Ба таври пурра таъмин набудани тамоми ҷузъу томҳои мақомоти корҳои дохилӣ бо Интернет ба тақвияти донишҳои замонавӣ ва усулҳои нави илмии муқовимат бо ҷиноятқорӣ таъсири манфӣ ворид менамояд. Аз ин рӯ, аз байн бурдани чунин мушкилот кормандонро ба таври мунтазам метавонад, ки аз тағйироти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, нашри маводҳои илмӣ ва усулҳои корбарии соҳавӣ бохабар намояд.

Ҳамин тавр, бо дарназардошти таҳқиқи илмии мавзуъ ва воқеияти иҷроиши уҳдадориҳои хизматии кормандони милитсия натиҷаи ниҳоии тарбия ва такмили тарбияи ҳуқуқии кормандони милитсия ин эҳё гардидани шуури ҳуқуқии касбии кормандони милитсия ба ҳисоб рафта, аз он тамоми кормандони милитсия бояд бархурдор бошанд.

Муқарриз: н.и.ҳ. Каримзода У.К.

НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ПО ВОСПИТАНИЮ И СОВЕРШЕНСТВОВАНИЮ ПРАВОВОГО ВОСПИТАНИЯ СОТРУДНИКОВ ОРГАНОВ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В КОНТЕКСТЕ РЕФОРМЫ ПОЛИЦИИ

Ключевые слова: воспитание; правовое воспитание; органы внутренних дел; сотрудник милиции; гражданин; член трудового коллектива; правоприменительный субъект закона; совершенствование правового воспитания; реформа милиции; кадровая политика; обеспечение ресурсами научную деятельность.

Аннотация: В данной статье автор, анализируя правовое воспитание сотрудников органов внутренних дел, попытался рассмотреть мнения ученых и специалистов, а также положения действующего законодательства относительно общей характеристики правового воспитания граждан и отличий правового воспитания сотрудников органов внутренних дел от других субъектов. Автор разделил правовое воспитание сотрудников органов внутренних дел на определенные этапы (периоды) с учетом их правового статуса, что может оказать положительное влияние на усиление правового воспитания сотрудников указанных органов.

В статье анализируется значение правового воспитания сотрудников органов внутренних дел в период реформирования милиции в годы независимости Республики Таджикистан и достижения отрасли в свете реформ. В частности, основным путем и методом совершенствования правового воспитания сотрудников органов внутренних дел признано принятие Программы реформы милиции в два этапа и связанное с ней принятие планов-мероприятий по реализации программ.

В статье подчеркивается взаимосвязь совершенствования правового воспитания сотрудников милиции с ресурсным обеспечением научной деятельности органов внутренних дел, выявляются некоторые отраслевые проблемы в этой сфере и одновременно вносятся предложения по их устранению.

Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин - доцент кафедры административного права и административной деятельности факультета №2 Академии МВД Республики Таджикистан, подполковник милиции, E-mail: Sufi-1986@mail.ru, Тел: 908-11-55-98.

SOME ISSUES ON EDUCATION AND IMPROVEMENT OF LEGAL TRAINING OF EMPLOYEES OF THE INTERNAL AFFAIRS BODIES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN IN ACCORDANCE WITH THE POLICE REFORM

Keywords: education; legal education; law enforcement agency; police officer; citizen; member of the working collective; subject of law implementation; improvement of legal education; police reform; personnel policy; provision of resources for scientific activities.

Annotation: In this article, the author analyzed the legal education of employees of internal affairs bodies and made an attempt to consider the general features of the legal education of citizens and the differences between the legal education of employees of internal affairs bodies from other subjects, both the opinions of scientists and specialists, and the provisions of current legislation. The author has allocated the legal training of employees of internal affairs bodies to certain stages (periods), taking into account their legal status, this periodization can have a positive impact on strengthening the legal training of employees of these bodies.

The article analyzes the importance of legal education of law enforcement officers during the police reform in the period of Independence of the Republic of Tajikistan and in accordance to the sectoral successes of the reform. In particular, the adoption of a two-stage police reform program and, in connection with them, the adoption of an action plan for the implementation of programs is recognized as the main way and method of improving the legal training of law enforcement officers.

In the article, the improvement of the legal training of police officers was associated with the provision of resources for the scientific activities of the internal affairs bodies, in this area sometimes industrial problems were identified and at the same time proposals were made to overcome them.

Nuriddinzoda Sufi Nuriddin - associate professor of the Department of administrative law and administrative activity of the faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of internal Affairs of the Republic of Tajikistan, lieutenant colonelmilitia, E-mail: Sufi-1986@mail.ru, Tel: 908-11-55-98.

Рӯйхати адабиёт:

1. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. Зери таҳрири С.Назарзода (раис), А.Сангинов, С.Каримов, Мирзо Ҳ.С. –Душанбе, 2008. – 944 с.
2. Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019 таҳти №599 тасдиқ гардидааст. [Манбаи электронӣ]. https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=135297 (санаи мурочиат: 12.12.2024 с.).
3. Нуриддинзода С.Н., Акрамзода Ш.М. Баъзе масъалаҳо оид ба баланд бардоштани фарҳанги касбию ахлоқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ / С.Н. Нуриддинзода., Ш.М. Акрамзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. – №3 (63). – 157 с.
4. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷамъомади тантанавӣ ба ифтихори 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 06.11.2024. [Манбаи электронӣ]. https://prezident.tj/event/news/48649. (санаи мурочиат: 28.12.2024 с.).
5. С.А. Смирнов, И.Б. Котова, Е.Н. Шиянов, Т.И. Бабаева и др. Педагогика: педагогические теории, системы, технологии: Уч. пособие для студентов пед. учеб. Заведений. – М.: Издат. Центр «Академик», 1998. – 512 с.
6. Кузнецов Н.В. А судьи кто? (К вопросу о профессиональном отборе на судейскую работу) // Государство и право. М.: 1994. № 8-9. – С.80 – 84.
7. Раҷабзода Р.М. Фарҳанги ҳуқуқии касбӣ: монография / Зери таҳрири профессор Шарофзода Р.Ш. – Душанбе, «Полиграф групп», 2020. – 224 с.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17-уми майи соли 2004, № 41 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2004, №5, мод. 352).
9. Щегорцев В.А. Социология правосознания. – М.: Мысль, 1981. – 174 с.
10. Баранов П.П. Проблемы теории правосознания и правового воспитания. – Т. 1. – Ростов/Д.: РЮИ МВД России, 2005, - 460 с.
11. Барномаи давлатии муқовимат бо ҷиноятқорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №265 қабул гардидааст. [Манбаи электронӣ]. https://prezident.tj/event/news/48649. (санаи мурочиат: 11.01.2025 с.).
12. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶумҳурииТоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018 таҳти №1005 тасдиқ шудааст. [Манбаи электронӣ]. https://prezident.tj/event/news/48649. (санаи мурочиат: 11.01.2025 с.).
13. Насуриён П.А., Нуралиев С.Ш., Нуриддинзода С.Н. Фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои

дохилӣ. Душанбе «ЭР-граф» 2017. – 376 с.

14. Солиев К.Ҳ., Мансурзода А.М., Абдулаҳадзода А.А., Нуриддинзода С.Н., Мирзорустамов М.М. Роҳнамо оид ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа. – Душанбе: «Эр-Граф», 2020. – 84 с.

15. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Муассисаи давлатии омодасозии кадрҳои баландихтисос. 29.10.2024. [Манбаи электронӣ]. https://www.president.tj/event/speeches/48486 (санаи мурочиат: 26.02.2025 с.).

16. Фролов А.Н. Общие принципы влияния трансформированного правосознания сотрудников полиции на их правореализационную деятельность / А.Н. Фролов // «Наука. Мысль: электронный периодический журнал». Научный журнал. – 2017. – №3-2. – С. 81-88. [Манбаи электронӣ]. https://papers.ssrn.com/sol3/papers.cfm?abstract_id=4709176. (санаи мурочиат: 10.02.2025 с.).

17. Баранов П. П. Проблемы теории правосознания и правового воспитания. – Т. 1. – Ростов - н/Д.: РЮИ МВД России, 2005. – 460 с.

18. Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №211 тасдиқ шудааст: [манбаи электронӣ]. http://www.vkd.tj/base/ (санаи мурочиат: 17.02.2025 с.).

Список литературы:

1. Толковый словарь таджикского языка. Том 2. Под ред. С. Назарзода (председатель), А.Сангинов, С.Каримов, М.Х.Султон. –Душанбе, 2008. – 944 с.

2. Программа правового воспитания и обучения граждан Республики Таджикистан на 2020-2030 годы, утвержденная постановлением Правительства Республики Таджикистан от 27 ноября 2019 года, №599. [Электронный ресурс]. https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=135297 (дата обращения: 12.12.2024 г.).

3. Нуриддинзода С.Н., Акрамзода Ш.М. Некоторые вопросы повышения профессиональной и нравственной культуры сотрудников органов внутренних дел / С.Н. Нуриддинзода., Ш.М. Акрамзода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2024. – №3 (63). – 157 с.

4. Выступление Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона на торжественном собрании в честь 30-летия принятия Конституции Республики Таджикистан. 06.11.2024. [Электронный ресурс]. https://prezident.tj/event/news/48649. (дата обращения: 28.12.2012 г.).

5. С.А. Смирнов, И.Б. Котова, Е.Н. Шиянов, Т.И. Бабаева и др. Педагогика: педагогические теории, системы, технологии: Уч. пособие для студентов пед. учеб. Заведений. – М.: Издат. Центр «Академик», 1998. – 512 с.

6. Кузнецов Н.В. А судьи кто? (К вопросу о профессиональном отборе на судейскую работу) // Государство и право. М.: 1994. № 8-9. – С.80 – 84.

7. Раджабзода Р.М. Профессионально-правовая культура: монография / Под ред. профессора Шарофзода Р.Ш. – Душанбе, «Полиграф Групп», 2020. – 224 с.

8. Закон Республики Таджикистан «О милиции» от 17 мая 2004 г., № 41. (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2004, №5, ст. 352).

9. Щегорцев В.А. Социология правосознания. – М.: Мысль, 1981. – 174 с.

10. Баранов П.П. Проблемы теории правосознания и правового воспитания. – Т. 1. – Ростовн/Д.: РЮИ МВД России, 2005, - 460 с.

11. Государственная программа противодействия преступности в Республике Таджикистан на 2021-2030 годы, утвержденная постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 года, №265. [Электронный ресурс]. https://prezident.tj/event/news/48649. (дата обращения: 11.01.2025 г.).

12. Концепция правовой политики Республики Таджикистан на 2018-2028 годы, утвержденная Указом Президента Республики Таджикистан от 6 февраля 2018 года, №1005. [Электронный ресурс]. https://prezident.tj/event/news/48649. (дата обращения: 11.01.2025 г.).

13. Насуриён П.А., Нуралиев С.Ш., Нуриддинзода С.Н. Административная деятельность органов внутренних дел. Душанбе «ЭР-граф» 2017. – 376 с.

14. Солиев К.Х., Мансурзода А.М., Абдулахадзода А.А., Нуриддинзода С.Н., Мирзорустамов М.М. Руководство по взаимодействию милиции с общественностью. – Душанбе: «Эр-Граф», 2020. – 84

с.

15. Выступление Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона на церемонии открытия Государственного учреждения по подготовке кадров высшей квалификации. 29.10.2024. [Электронный ресурс]. https://www.president.tj/event/speeches/48486 (дата обращения: 26.02.2025).

16. Фролов А.Н. Общие принципы влияния трансформированного правосознания сотрудников полиции на их правореализационную деятельность / А.Н. Фролов // «Наука. Мысль: электронный периодический журнал». Научный журнал. – 2017. – №3-2. – С. 81-88. [Электронный ресурс]. https://papers.ssrn.com/sol3/papers.cfm?abstract_id=4709176. (дата обращения: 10.02.2025 г.).

17. Баранов П. П. Проблемы теории правосознания и правового воспитания. – Т. 1. – Ростов - н/Д.: РЮИ МВД России, 2005. – 460 с.

18. Программа реформы милиции на 2021-2025 годы. Утверждено постановлением Правительства Республики Таджикистан от 1 июня 2021 года, №211. [Электронный ресурс]. vkd.tj›index.php/tj/sanad-o/barnomai-islo-oti-. (дата обращения: 17.02.2025 г.).

List of literature:

1. Explanatory dictionary of the Tajik language. Part 2. Edited by S. Nazarzoda (Chairman), A.Sanginov, S.Karimov, M.H.Sulton. – Dushanbe, 2008. – 944 p.

2. The Program of legal education and training of citizens of the Republic of Tajikistan for 2020-2030, approved by the Decree of the Government of the Republic of Tajikistan dated November 27, 2019, No. 599. [electronic resource]. https://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=135297 (date of application: 12.12.2024).

3. Nuriddinzoda S.N., Akramzoda Sh.M. Some issues of improving the professional and moral culture of law enforcement officers / S.N. Nuriddinzoda, Sh.M. Akramzoda // Proceedings of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan. – 2024. – №3 (63). – 157 p.

4. Speech by the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, dear Emomali Rahmon, at a solemn meeting in honor of the 30th anniversary of the adoption of the Constitution of the Republic of Tajikistan. 11/06/2024. [Electronic resource]. https://prezident.tj/event/news/48649. (date of application: 12/28/2012).

5. S.A. Smirnov, I.B. Kotova, E.N. Shiyanov, T.I. Babayeva and others. Pedagogy: pedagogical theories, systems, technologies: A textbook for students of pedagogical studies. Institutions. – M.: Izdat. Akademik Center, 1998. 512 p.

6. Kuznetsov N.V. And who are the judges? (On the issue of professional selection for judicial work) // State and law. Moscow, 1994, No. 8-9, pp. 80-84.

7. Radjabzoda R.M. Professional and legal culture: a monograph / Edited by Professor Sharofzoda R.S. – Dushanbe, Polygraph Group, 2020, 224 p.

8. The Law of the Republic of Tajikistan «On Militia» dated May 17, 2004, No. 41. (Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 2004, No. 5, article 352).

9. Shchegortsev V.A. Sociology of legal awareness, Moscow: Mysl, 1981– 174 p.

10. Baranov P.P. Problems of the theory of legal awareness and legal education. – Vol. 1. – Rostov/D.: RUI of the Ministry of Internal Affairs of Russia, 2005, - 460 p.

11. The State Program for Combating Crime in the Republic of Tajikistan for 2021-2030, approved by Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated June 30, 2021, No. 265. [electronic resource]. https://prezident.tj/event/news/48649. (date of application: 11.01.2025).

12. The Concept of Legal Policy of the Republic of Tajikistan for 2018-2028, approved by Decree of the President of the Republic of Tajikistan dated February 6, 2018, No. 1005. [electronic resource]. https://prezident.tj/event/news/48649. (date of application: 11.01.2025).

13. Nasurien P.A., Nuraliev S.Sh., Nuriddinzoda S.N. Administrative activity of internal affairs bodies. Dushanbe «ER-graf» 2017. – 376 p.

14. Soliev K.Kh., Mansurzoda A.M., Abdulakhadzoda A.A., Nuriddinzoda S.N., Mirzorustamov M.M. Guidelines for police interaction with the public. – Dushanbe: «Er-Graf», 2020. – 84 p.

15. Speech by the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, the honorable Emomali Rahmon, at the opening ceremony of the State Institution for the Training of Highly Qualified Personnel. 10/29/2024. [Electronic resource]. https://www.president.tj/event/speeches/48486 (date of application: 02/26/2025).

16. Frolov A.N. General principles of the influence of transformed legal awareness of police officers on their legal realization activities / A.N. Frolov // «Science. Mysl: an electronic periodical». Scientific Journal, 2017, No. 3-2, pp. 81-88. [electronic resource]. https://papers.ssrn.com/sol3/papers.cfm?abstract_id=4709176. (date of application: 02/10/2025).

17. Baranov P. P. Problems of the theory of legal awareness and legal education. – Vol. 1. – Rostov - n/D.: RUI of the Ministry of Internal Affairs of Russia, 2005. – 460 p.

18. The police reform program for 2021-2025. Approved by Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated June 1, 2021, No. 211. [Electronic resource]. vkd.tj›index.php/tj/sanad-o/barnomai-islo-oti-. (date of application: 02/17/2025).

ТДУ: 343.35
Ҷовиди Зайнудин,
унвонҷӯйи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 407-87-77-77.

МАЗМУНИ ҲУҚУҚИИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ

Калидвожаҳо: амнияти иқтисодӣ; иқтисоди миллӣ; кафолат; субъект; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; танзими ҳуқуқӣ; объект; таҳдид; василаҳои ҳуқуқӣ.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур мазмун ва табиати ҳуқуқии амнияти иқтисодӣ таҳлил гардидааст. Амнияти иқтисодӣ ба сифати объекти таҳқиқи илмҳои гуногун баромад мекунад, ки онҳо илми ҳуқуқшиносӣ мебошад. Вобаста ба масъалаи мазкур андешаи ягонаи илмӣ ҷой надошта, мавқеъҳои зиёди илмӣ мавҷуд аст.. Муаллиф бо назардошти сарчашмаҳои илмӣ мазмуни амнияти иқтисодиро аз нигоҳи ҳуқуқӣ равшан намудааст.

Амнияти иқтисодӣ яке аз масъалаҳое мебошад, ки дар айни замон таваҷҷуҳи ҷомеаи башарӣ ва давлатҳои алоҳидаро ба худ ҷалб намудааст. Зеро, бо пешрафти ҷомеаи инсонӣ, ҳамзамон таҳдидҳои нав ба нав ба иқтисодиёт рӯи кор омадаанд, ки рушду устувории онро халалдор менамоянд. Бинобар ҳамин, ба роҳ мондани тадбриҳои муассир ҷиҳати пешгирӣ ва бартарафкунии таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим дар назди ҷомеаи башарӣ ва кишварҳои алоҳида ба ҳисоб меравад.

Амнияти иқтисодӣ мазмуни ба худ хос дошта, нисбат ба он осори илмии зиёд таҳия ва пешниҳод гардидааст. Амнияти иқтисодӣ дар бештар маврид дар илми иқтисод таҳлил гардидааст ва он ҳамчун тадбири муҳимми рушду устувории соҳаи иқтисодӣ ва соҳаҳои дигар муайян гардидааст. Дар баробари аз нигоҳи иқтисодӣ баррасӣ ва таҳлил намудани амнияти иқтисодӣ, ҳамзамон масъалаи мазкур кайҳо боз дар доираи илми ҳуқуқшиносӣ мавриди баррасӣ ва арзёбии ҳуқуқӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқони илми ҳуқуқӣ масъалаҳои мухталифи амнияти иқтисодиро мавриди баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор дода, дар натиҷаи рисолаҳои илмӣ ва маводди илмии дигарро таҳия намуданд. Ҷанбаи ҳуқуқӣ доштани амнияти иқтисодӣ дар он ифода мегардад, ки он ба сифати объекти танзими ҳуқуқӣ маҳсуб ёфта, таъмини босубот ва самараноки он аз меъёрҳои қонунгузорӣ сарчашма мегирад. Дигар ин, ки таъмини амнияти иқтисодӣ тавассути василаҳои (механизмҳои) ҳуқуқӣ, аз ҷумла василаҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, маъмурӣ-ҳуқуқӣ, ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра амалӣ мегардад.

Таҳлили сарчашмаҳои илмии ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки мафҳум ва фаҳмиши амнияти иқтисодӣ аз нигоҳӣ ба таври мухталиф муайян гардидааст. Хусусан, мафҳумҳои аз нигоҳи ҳуқуқӣ пешниҳодгардидаи амнияти иқтисодӣ то андозаи муайян бо мафҳумҳои дар илми иқтисодӣ ҷой дошта шабоҳат доранд. Дар доираи фаҳмиши ҳуқуқии он муайян намудани масъалаҳое чун ҳолати муҳофизатии иқтисодиёт аз таҳдидҳои дахлдор, таъмини рушди иқтисоди миллӣ ва дигар гувоҳӣ аз шабоҳат доштани фаҳмиши ҳуқуқии категорияи мазкур бо фаҳмиши иқтисодии он аст.

Бо вуҷуди ин, амнияти иқтисодӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ мазмуни ба худ хос дошта, дар низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ ва босуботии онҳо аҳаммияти махсусро доро мебошад. Дар асоси таҳлили осори илмӣ-ҳуқуқӣ амнияти иқтисодӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба мазмунҳои зерин арзёбӣ гардидааст, ки ба назари мо дар фаҳмиши ҳуқуқии масъалаи мазкур муҳим мебошанд:

1. Амнияти иқтисодӣ ба сифати объекти танзими ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад. Барои таъмини пурра ва сифатноки амнияти иқтисодӣ талаб карда мешавад, ки заминаҳои ҳуқуқии дахлдор фароҳам оварда шавад. Амнияти иқтисодӣ худ аз худ таъмин нагардида, асоси аввалиндаранда вобаста ба он фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқии дахлдор мебошад. Вобаста ба ин, яке аз функсияҳои давлат дар робита бо таъмини амнияти иқтисодӣ ин ташкили заминаи ҳуқуқии (меъёрӣ) дахлдор мебошад [10, с. 262]. Тавре маълум аст, таъмини амнияти иқтисодӣ тавассути тадбирҳои гуногун, аз қабили иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра амалӣ мегардад, ки ба ҳимояи манфиатҳои миллӣ (пеш аз ҳама манфиатҳои иқтисодӣ), ҳамчунин муқовимат ба таҳдидҳои дахлдор равона мегардад [13]. Инчунин, мақсади асосии таъмини амнияти иқтисодӣ таъмини чунин ҳолате мебошад, ки тамоми талаботи иқтисодии аҳолӣ қонеъ гардида,

истиқлолият ва рушди босуботи иқтисодӣ кафолат дода мешавад ва вазъи устувори иқтисодӣ дар низоми иқтисоди ҷаҳонӣ, инчунин ҳимояи муносиб аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ таъмин мегардад [15, с. 276]. Бо ҳамин мазмун, масъалаҳои зикршуда танҳо дар шароити фароҳам овардани асосҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат, яъне қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмии дигари давлатӣ (аз ҷумла ҳуҷҷатҳои стратегӣ) ба таври пурра амалӣ гардиданашон имконпазир аст. Давлат низ маҳз тавассути қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқ, аз ҷумла қонунҳо таваҷҷуҳи худро барои расидан ба ҳадафҳои асосӣ, махсусан таъмини амнияти иқтисодӣ устувор менамояд [10, с. 257].

Шуруъ аз Конститутсия то санадҳои меъёрии ҳуқуқии зериқонунӣ аз масъалаҳои умумии соҳаи иқтисодӣ то самтҳои мухталифи он, аз ҷумлаи таъмини амнияти соҳаи мазкурро муқаррар менамояд. Ба мисли, низоми иқтисодии кишвар, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ, расмиётҳои алоҳида дар соҳаи иқтисодӣ, мамнуият ва маҳдудиятҳои амалу рафтор дар соҳаи иқтисодӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иқтисодии шахсон, фаъолияти субъектони таъминкунандаи амнияти иқтисодӣ, шаклу усулҳои таъмини амнияти иқтисодӣ ва масъалаҳои дигар. Ин ҳама муқаррароти қонунгузорӣ дар робита бо объекти муайян, яъне соҳаи иқтисодиёт ва амнияти иқтисодӣ муайян гардиданд. Бо ҳамин мазмун, амнияти иқтисодӣ дар шароити муосир ба сифати объекти танзими ҳуқуқӣ баромад мекунад ва нисбат ба самаранокии таъмини он рӯйи кор меоянд.

2. Василаи кафолати фаъолияти субъектон дар соҳаи иқтисодиёт мебошад [2, с. 26; 9, с. 175]. Дар воқеъ, чунин мазмуни ҳуқуқии амнияти иқтисодӣ заминаҳои конститутсионӣ дорад. Тавре зикр гардид, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти озоди иқтисодиро кафолат медиҳад. Кафолати давлат дар ин самт дар он зоҳир мегардад, ки онҳоро дар меъёрҳои ҳуқуқ танзим менамояд ва ҳифзи ҳуқуқии онҳоро аз ҳар гуна ҳуқуқвайронкуниҳо ва монеаҳо таъмин мекунад [1, с. 64]. Бинобар ҳамин, амнияти иқтисодӣ бо кафолати давлатӣ алоқаманд буда, дар фаҳмиши ҳуқуқии он ҷойгоҳи муҳим дорад. Воқеан, фаъолияти субъектони соҳаи иқтисодӣ амнияти пурра ва ҳамаҷонибаро талаб мекунад ва дар чунин шароит метавонад, ки таҳким ва рушд гардад. Дар ин раванд танҳо давлат метавонад, ки амнияти иқтисодиро таъмин намояд. Яъне, дар заминаи кафолати таъмини амнияти иқтисодӣ шароитҳои дахлдор ҷиҳати фаъолияти озоди субъектон фароҳам оварда шуда, баробарии фаъолияти онҳо таъмин гардида, ҳама гуна монеагузориҳо ва поймолшавии ҳуқуқу манфиатҳои шахсони мазкур бартараф мегарданд. Ҳамин тариқ, кафолати давлатии фаъолияти субъектон дар соҳаи иқтисодиёт заминаи муҳимтарини таъмини амнияти иқтисодии кишвар ба ҳисоб рафта, асос барои амалишавии масъалаҳои дигар, ба мисли рушду устувории иқтисоди миллӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ, боло бурдани сатҳи рақобатпазирии мамлакат [5, с. 60] ва ғайра маҳсуб меёбад;

3. Реҷаи фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ (қонунгузор, иҷроия ва судӣ) вобаста ба таъмини истиқлолияти манфиатҳои иқтисодии нисбат ба таъсиррасонии таҳдидҳои эҳтимолии дохилӣ ва берунӣ маҳсуб меёбад [12, с. 78]. Таъмини амнияти иқтисодӣ тавассути фаъолияти субъектони муайян сурат мегирад, ки дар ин раванд доираи васеи онҳо ширкат меварзанд. Ин ҳолат низ ифодагари ҷанбаи ҳуқуқӣ доштани амнияти иқтисодӣ мебошад, ки фаъолияти субъектон дар шакл ва усулҳои ҳуқуқии муайян ҷиҳати таъмини он равона мегардад. Дар умум, таъмини амнияти иқтисодӣ дар ҳамбастагӣ бо доираи зиёд мақомоти ҳокимияти давлатӣ – мақомоти ҳокимияти қонунгузор [14], иҷроия ва судӣ самаранок мегардад. Мақомоти ҳокимияти қонунгузор дар раванди таъмини амнияти иқтисодии кишвар тавассути фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии худ ширкат меварзад. Мақомоти мазкур бо қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ заминаҳои меъёрии ҳуқуқиро ҷиҳати танзими масъалаҳои марбут ба таъмини амнияти иқтисодӣ фароҳам меоварад [3, с. 16], ки дигар василаҳои таъмини амнияти иқтисодии кишвар маҳз аз онҳо ибтидо мегирад.

Амнияти иқтисодӣ ба тариқӣ амалӣ асосан аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия таъмин карда мешавад. Тибқи андешаҳои илмии ҷойдошта субъектони мазкурро ҳамчун субъектони идоракунии давлатии таъминкунандаи амнияти иқтисодӣ муайян намудаанд [8, с. 133], ки фарогири доираи васеи мақомоти ҳокимияти иҷроия буда, аз рӯйи самтҳои фаъолияти барои онҳо дар соҳаи таъмини амнияти иқтисодӣ муайянгардида амал мекунанд.

Мақомоти ҳокимияти судӣ дар самти таъмини амнияти иқтисодӣ асосан фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро амалӣ мекунад, ки бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иқтисодии шахс, ҷомеа ва давлат равона мегардад. Санадҳои қабулнамудаи суд ба монанди институтҳои давлатии дигар таъсиррасонии муҳимро ба

иқтисодиёт ва амнияти давлат мерасонад [7, с. 113]. Зимни ба миён омадани поймолшавии ҳуқуқу манфиатҳои субъектон, гуногунфаҳмии онҳо вобаста ба масъалаҳои иқтисодӣ, содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳои дахлдор ва ҳолатҳои дигар мақомоти ҳокимияти судӣ ҳамчун мақомоти мустақили ҳокимияти давлатӣ адолати судиро ба амал бароварда, дар маҷмуъ ба таъмини амнияти иқтисодии кишвар муоидат менамояд.

4. Тадбири расидан ба ҳадафҳо ва иҷрои вазифаҳои давлатӣ мебошад [6, с. 256]. Ҳар як давлати муосир дар назди худ ҳадафҳо ва вазифаҳоро муайян мегузорад, ки барои расидан ба онҳо тамоми самтҳои фаъолияти худро ба роҳ мемонад. Дар асоси назарияи давлатшиносӣ низ ҳадафҳо ва вазифаҳо барои давлат муҳим буда, мақсад будани тамоми фаъолияти онро ифода мекунад. Бинобар ҳамин, дар айни замон дар назди ҳадафҳои мушаххас гузошта шудааст, ки онҳо «стратегӣ» унвон гирифта, асосан ҷанбаи иқтисодӣ ва ё марбут ба соҳаи мазкур мебошанд [8, с. 4]. Дар алоқамандӣ бо ин, амалишавии вазифа (вазифаҳои дохилии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки аз манфиатҳои миллӣ бармеоянд) [11, с. 40-41] ва ҳадафҳои барои давлат муайянгардида танҳо дар шароити таъмини пурраи амнияти иқтисодӣ метавонад сурат гирад.

5. Ҷанбаи ҳуқуқии дигари амнияти иқтисодӣ дар мазмуни таҳдидҳо ифода мегардад, ки моҳиятан вайрон намудани меъёрҳои ҳуқуқиро таҷассум менамоянд [4, с. 19]. Албатта, таҳдидҳо метавонанд, ки дохилӣ ва берунӣ бошад, аммо дар маҷмӯъ таҳдид ба амнияти иқтисодӣ дар натиҷаи вайрон намудани муқаррарот ва талаботи санадҳои ҳуқуқии дахлдор (миллӣ ва ё байналмилалӣ) ба миён меояд. Ба таври хос бошад, содири амалҳои манъшудаи қонунгузорӣ боиси ба миён омадани таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии кишвар мегардад. Махсусан, содири ҷиноятҳои дахлдор, аз ҷумлаи коррусия, ҷиноятҳои иқтисодӣ ва дигар кирдорҳои манъшуда дар шароити муосир ҳамчун таҳдид ба амнияти иқтисодӣ боқӣ мондаанд. Бинобар ҳамин, амнияти иқтисодӣ дар алоқамандӣ бо амали санадҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ қарор дошта, сатҳи таъмини он аз сатҳи амали санадҳои мазкур вобастагии зич дорад. Баромадан аз доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ боиси ба миён омадани таҳдидҳои ба амнияти иқтисодӣ мегардад.

Бо ҳамин мазмун, амнияти иқтисодӣ дар шароити муосир ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ эътироф мегардад ва дар низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ ҷойгоҳи хосро доро буда, дар рушду устуворӣ ва босуботии муносибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ нақши муҳимро иҷро мекунад.

Муқарриз: д. и. ҳ., профессор Соибов З.М.

ПРАВОВОЕ СОДЕРЖАНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

Ключевые слова: экономическая безопасность; национальная экономика; гарантия; субъект; нормативные правовые акты; правовое регулирование; объект; угроза; правовые механизмы**.**

Аннотация: В данной статье проанализированы правовые содержание и природы экономической безопасности. Экономическая безопасность выступает в качестве объекта различных наук, одним из которх является юридическая наука. По данному вопросу отсутствует единое научное мнение и существуют многие научные позиции. С учетом научных источников автор раскрывает содержание экономической безопасности с правовой точки зрения.

Джовиди Зайнудин - соискатель Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Тел.: (+992) 407877777

LEGAL CONTENT OF ECONOMIC SECURITY

Key words: food economic security; national economy; guarantee; subject; normative legal acts; legal regulation; object; threat; legal mechanisms.

Annotation. This article analyzes the legal content and nature of economic security. Economic security is an object of various sciences, one of which is legal science. There is no single scientific opinion on this issue and there are many scientific positions. Taking into account scientific sources, the author reveals the content of economic security from a legal point of view.

Jovidi Zainudin - Applicant of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.. Tel: (+992) 407877777

Рӯйхати адабиёт:

1. Ализода З. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994. Шарҳи мухтасар. – Душанбе: 2024. – 400 с.

2. Баранов В.М. Законодательное определение понятия «экономическая безопасность» и современные проблемы ее правового обеспечения // Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2011. – №1. – С. 14-28.

3. Гайфутдинова, О.С., Абляшев, А.Р. Система государственных органов обеспечения экономической безопасности страны // Проблемы современный экономики (Новосибирск). – 2010. – №2 (1). – С. 13-17.

4. Герасимов А.П., Максимов Е.В. К вопросу о правовой категории «экономическая безопасность» // Правовое государство: теория и практика. – 2012. – №3 (29). – С. 15-21.

5. Қурбонова А.А. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2024. – 191 с.

6. Нематов А.Р., Носиров А.С. Оид ба мафҳуми «амнияти иқтисодӣ» ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №4/2 (49). – С. 253-259.

7. Никонов В.А. Роль суда в обеспечении экономической безопасности Российской Федерации и перспективы развития судебной системы // Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2008. – №1 (8). – С. 112-115.

8. Носиров А.С. Танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2025. – 217 с.

9. Петрянин А.В., Петрянина А.В. Понятие безопасности: законодательно-доктринальные подходы // Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2013. – №21. – С. 173-176.

10. Самадов Б.О. Правовые аспекты обеспечения экономической безопасности Республики Таджикистан // Ученые записки Худжандского государственного университета им. Академика Б. Гафурова. Гуманитарные науки. – 2014. – №3 (40). – С. 255-264.

11. Санникова С.С. Административно-правовое обеспечение продовольственной безопасности в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2019. – 227 с.

12. Степашин С.В. Теоретико-правовые аспекты обеспечения безопасности Российской Федерации: дис. … д-ра юрид. наук. – Санкт-Петербург, 1994. – 246 с.

13. Шепелёв М.И., Горичев А.Л. Экономическая безопасность как объект правового обеспечения: управленческие аспекты. Рӣаи дастарас: https://naukaru.ru (санаи муроҷиат: 08.05.2025 с.).

14. Шумилов П.Е., Шабельников Е.В. Роль государственных органов в обеспечении экономической безопасности. Рӣаи дастарас: https://w-science.com/ru (санаи муроҷиат: 07.05.2025 с.).

15. Экономическая и национальная безопасность / Под ред. Е. Олейникова. – Москва, 2004. – 768 с.

Список литературы:

1. Ализода З. Конституция Республики Таджикистан 1994 года. Краткое разъяснение. – Душанбе: 2024. – 400 с.

2. Баранов В.М. Законодательное определение понятия «экономическая безопасность» и современные проблемы ее правового обеспечения // Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2011. – №1. – С. 14-28.

3. Гайфутдинова, О.С., Абляшев, А.Р. Система государственных органов обеспечения экономической безопасности страны // Проблемы современный экономики (Новосибирск). – 2010. – №2 (1). – С. 13-17.

4. Герасимов А.П., Максимов Е.В. К вопросу о правовой категории «экономическая безопасность» // Правовое государство: теория и практика. – 2012. – №3 (29). – С. 15-21.

5. Курбонова А.А. Уголовная ответственность за диверсия по уголовному закону Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2024. – 191 с.

6. Нематов А.Р., Носиров А.С. О понятии «экономическая безопасность» как объект государственного управления // Государственное управление. 2022. – №4/2 (49). – С. 253-259.

7. Петрянин А.В., Петрянина А.В. Понятие безопасности: законодательно-доктринальные подходы // Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2013. – №21. – С. 173-176.

8. Носиров А.С. Административно-правовое регулирование в сфере экономической безопасности Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2025. – 217 с.

9. Петрянин А.В., Петрянина А.В. Понятие безопасности: законодательно-доктринальные подходы // Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2013. – №21. – С. 173-176.

10. Самадов Б.О. Правовые аспекты обеспечения экономической безопасности Республики Таджикистан // Ученые записки Худжандского государственного университета им. Академика Б. Гафурова. Гуманитарные науки. – 2014. – №3 (40). – С. 255-264.

11. Санникова С.С. Административно-правовое обеспечение продовольственной безопасности в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2019. – 227 с.

12. Степашин С.В. Теоретико-правовые аспекты обеспечения безопасности Российской Федерации: дис. … д-ра юрид. наук. – Санкт-Петербург, 1994. – 246 с.

13. Шепелёв М.И., Горичев А.Л. Экономическая безопасность как объект правового обеспечения: управленческие аспекты. Реҷаи дастарас: https://naukaru.ru (дата обращения: 08.05.2025 г.).

14. Шумилов П.Е., Шабельников Е.В. Роль государственных органов в обеспечении экономической безопасности. Реҷаи дастарас: https://w-science.com/ru (дата обращения: 07.05.2025 г.).

15. Экономическая и национальная безопасность / Под ред. Е. Олейникова. – Москва, 2004. – 768 с.

List of literature:

1. Alizoda Z. Constitution of the Republic of Tajikistan of 1994. Brief explanation. - Dushanbe: 2024. - 400 p.

2. Baranov V.M. Legislative definition of the concept of “economic security” and modern problems of its legal support // Bulletin of the Nizhny Novgorod Academy of the Ministry of Internal Affairs of Russia. - 2011. - No. 1. – P. 14-28.

3. Gaifutdinova, O.S., Ablyashev, A.R. The system of state bodies ensuring the economic security of the country // Problems of modern economics (Novosibirsk). - 2010. - No. 2 (1). - P. 13-17.

4. Gerasimov A.P., Maksimov E.V. On the issue of the legal category “economic security” // The rule of law: theory and practice. – 2012. – No. 3 (29). – P. 15-21.

5. Kurbonova A.A. Criminal liability for sabotage under the criminal law of the Republic of Tajikistan: dis. ... candidate of legal sciences. - Dushanbe, 2024. - 191 p.

6. Nematov A.R., Nosirov A.S. On the concept of «economic security» as an object of public administration // Public administration. 2022. - No. 4/2 (49). - P. 253-259.

7. Petryanin A.V., Petryanina A.V. The concept of security: legislative and doctrinal approaches // Bulletin of the Nizhny Novgorod Academy of the Ministry of Internal Affairs of Russia. – 2013. – No. 21. – P. 173-176.

8. Nosirov A.S. Administrative and legal regulation in the sphere of economic security of the Republic of Tajikistan: dis. ... candidate of legal sciences. - Dushanbe, 2025. - 217 p.

9. Petryanin A.V., Petryanina A.V. The concept of security: legislative and doctrinal approaches // Bulletin of the Nizhny Novgorod Academy of the Ministry of Internal Affairs of Russia. – 2013. – No. 21. – P. 173-176.

10. Samadov B.O. Legal aspects of ensuring economic security of the Republic of Tajikistan // Scientific notes of the Khujand State University named after Academician B. Gafurov. Humanities. - 2014. - No. 3 (40). - P. 255-264.

11. Sannikova S.S. Administrative and legal support for food security in the Russian Federation: dis. ... Cand. of Law. Sciences. - Saratov, 2019. - 227 p.

12. Stepashin S.V. Theoretical and legal aspects of ensuring the security of the Russian Federation: dis. … Doctor of Law. – St. Petersburg, 1994. – 246 p.

13. Shepelev M.I., Gorichev A.L. Economic security as an object of legal support: management aspects. Available at: https://naukaru.ru (date of access: 08.05.2025).

14. Shumilov P.E., Shabelnikov E.V. The role of government agencies in ensuring economic security. Available at: https://w-science.com/ru (accessed: 07.05.2025).

15. Economic and National Security / Edited by E. Oleynikov. – Moscow, 2004. – 768 p.

ТДУ: 34
Азиззода Убайдулло Абдулло,
доктор юридических наук, профессор, заведующий кафедрой теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета.
E-mail: ubaydullo_azizov@inbox.ru
Тел.: (+992) 907-81-12-85.

Нуриддинзода Мехрангези Амриддин,
докторант доктор PhD кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета.
E-mail: m.nuriddinzoda@mail.ru
Тел.: (+992) 918-98-00-90.

ПРАВОСОЗНАНИЕ. ПРОФЕССИОНАЛЬНОЕ ПРАВОСОЗНАНИЕ В ФИНАНСОВОЙ СФЕРЕ: НЕКОТОРЫЕ ЕГО ОСОБЕННОСТИ

Ключевые слова: правосознание, профессиональное правосознание, стрруктура правосознания, финансовые структуры, правовая культура, правовая ответственность.

Аннотация. В статье рассматривается понятие, содержание, структура и особенности правосознания, профессионального правосознания и профессионального правосознания работников финансовых структур. Особое внимание уделено его значению для эффективной реализации норм финансового права, предупреждения правонарушений в финансовой сфере, а также формирования правовой культуры. Проведён анализ факторов, влияющих на формирование профессионального правосознания.

Правосознание как форма общественного сознания играет важную роль в регулировании поведения человека в правовом поле. В условиях роста значимости финансовых институтов и усложнения финансово-правовых отношений особенно важным становится формирование у работников финансовых структур устойчивого профессионального правосознания. Профессиональное правосознание определяет отношение специалиста к праву, его готовность действовать в рамках правового поля, понимать правовые нормы и осознавать правовые последствия своих действий.

Правосознание представляет собой совокупность знаний, оценок, установок и эмоций, отражающих отношение личности, социальной группы или общества в целом к праву и правовой действительности, его пониманию, оценке и применению. В научной литературе правосознание трактуется как совокупность правовых знаний, представлений, убеждений, оценок, установок и эмоциональных переживаний, связанных с правом и юридической действительностью. Как упоминает Насриддинзода Э.С. “Правосознание - это совокупность представлений, эмоций, убеждений и чувств, оценок и правил, которые выражают желательное отношение людей к действующему праву” [7, с.96]. Правосознание, помимо этого, выступает основой результативного действия не только правовой системы, но и политической, формируя и укрепляя позиции правового государства, законности и правового общества в целом [12].

Как отмечает Шарофзода Р.Ш. “В то же время правовое сознание является формой общественного сознания, которое

формируется в процессе восприятия права и правовых явлений, таких как закон, законность, права и обязанности и т. д. Правовое сознание -это форма восприятия правовой реальности". [6, с.709]

В структуре правосознания выделяют правовые знания, правовые установки и правовые чувства. Следует отметить, что структура правосознания с позиций социологического подхода в юридической науке представлена довольно упрощенно. Выделяются в ней- правовая идеология и правовая психология (Е.А. Лукашова, Б.В. Никитин, Н.Н. Вопленко и др.)

Структура правосознания включает три взаимосвязанных элемента:

- когнитивный (познавательный) – включает правовые знания, представления о сущности права, юридических нормах, институтах, источниках права.

- эмоциональный (оценочный) – выражает отношение субъекта к праву, правомерным и неправомерным поступкам, справедливости закона.

- волевой (поведенческий) – проявляется в установке на соблюдение или нарушение права, в мотивации правомерного поведения.

Согласно С.С. Алексееву [2, с. 225-227], различают несколько видов правосознания:

- индивидуальное – присуще конкретной личности;

- групповое – формируется в рамках социальных или профессиональных общностей (например, правосознание работников банковской сферы);

- общественное (массовое) – отражает преобладающие в обществе взгляды на право;

- профессиональное – характеризует отношение к праву в контексте профессиональной деятельности.

Говоря о правосознании, его понятие, вид, и структуру в целом стоит рассматривать в этом контексте и профессиональное правосознании. Ведь каждая профессия, в зависимости от сферы при выполнении профессиональной деятельности сильно влияет сознание, и в особенности правовое сознание участников в рамках профессиональной деятельности. Что касается такой дефиниции как «Профессиональное правосознание», то оно в свою очередь, формируется в контексте профессиональной деятельности и предполагает наличие глубокого понимания специфики правовых норм, регулирующих данную сферу. Понятие «профессиональное правосознание» давно и прочно укрепилось в научном терминологическом аппарате для характеристики одного из уровней правового сознания, «сформированного конкретной юридической практикой, характеризующегося доскональным знанием правовых норм, регулирующих тот или иной вид юридической деятельности и определенных юридических процедур» [9, с.240].

В профессиональности правосознания особую роль играет профессиональное правосознание, которое формируется под влиянием профессионального образования, опыта работы, корпоративной культуры, а также правового регулирования, связанного с профессией. Правосознание в профессиональном аспекте может быть представлено в отношении разных профессиональных групп. В данном случае это не только указание на профессию, но и характеристика, сформулированная в толковом словаре следующим образом: «занимающийся чем-нибудь как профессией», важным фактором при этом является профессиональный характер выполняемой деятельности [8].

Таким образом, теоретическое понимание правосознания, особенно в его профессиональном аспекте, служит основой для анализа особенностей правового мышления работников финансовых структур и оценки их поведения в условиях правового регулирования.

Особенности правосознания в финансовой сфере. Финансовая сфера – это область, характеризующаяся высокой степенью нормативной регламентации, строгими требованиями к профессиональной этике и высоким уровнем ответственности за нарушения законодательства. В этом контексте профессиональное правосознание работников финансовых структур приобретает

особую значимость как фактор, напрямую влияющий на правомерность и эффективность их деятельности.

Работники финансовых структур, таких как банки, страховые компании, налоговые и аудиторские органы, инвестиционные фонды, ежедневно взаимодействуют с нормами финансового, гражданского, административного и уголовного права. От качества их правосознания зависит не только соблюдение законодательства, но и устойчивость всей финансовой системы. Ведь как отмечал Ильин И.А. «правосознание тот орган, без которого нельзя жить правом, вступать в правоотношения с другими людьми, поддержать правопорядок...» [4, с.128].

Профессиональное правосознание в финансовой сфере в свою очередь имеет свои особенности. В результате проводимых исследований, среди ключевых особенностей профессионального правосознания в данной сфере было выделено следующие:

1. Высокий уровень юридической информированности. Финансовые специалисты обязаны обладать не только общими правовыми знаниями, но и глубоким пониманием узкоспециализированных норм: налогового кодекса, валютного законодательства, нормативных актов Национального банка Таджикистана, международных стандартов (например, FATF, Basel III). Незнание или неверное толкование норм может повлечь за собой серьёзные правовые и финансовые последствия. Как упомянули В.С. Красник и Е.А. Евстафеева «Люди с развитым правосознанием в этой сфере ориентированы на объективные, единые для всех участников нормы трудового процесса, которые дают гарантию отсутствия обмана произвола. При несформированности правосознания в деловой сфере доминирует ориентация на личные взаимоотношения, присутствует склонность действовать в обход предписанных правил законодательства» [11, с.20-25].

2. Правовая ответственность и потенциальная уязвимость. Финансовая деятельность сопряжена с повышенными рисками, включая ответственность за недостоверную отчётность, недобросовестное исполнение должностных обязанностей, отмывание доходов, внутренние махинации, злоупотребления доверием клиентов. Это требует от работника устойчивого правового мировоззрения и понимания важности соблюдения норм как профессиональной, так и юридической этики.

3. Влияние корпоративной и правовой культуры. Уровень правосознания зависит от среды, в которой функционирует субъект. Компании, внедряющие кодексы корпоративного поведения, систему внутреннего контроля и комплаенс, способствуют формированию правомерной модели поведения. Напротив, толерантность к нарушениям внутри организации формирует правовой нигилизм и правовую деформацию у сотрудников.

4. Этическое измерение правосознания. Профессиональное правосознание включает не только знание и соблюдение закона, но и понимание духа закона, а также соблюдение этических норм. Особенно это актуально при работе с конфиденциальной информацией, клиентскими активами и внутренними источниками инсайда.

5. Мотивированное соблюдение правовых норм. Наличие правовой мотивации у финансовых работников означает стремление не только избегать ответственности, но и сознательно действовать в рамках правового поля, быть инициаторами правовых улучшений, выявлять и устранять правовые риски, добросовестно исполнять регуляторные требования. Ведь «реализация правовых поощрений и стимулов невозможна без использования такой функции, как мотивация, которая побуждает человека к исполнению обязанностей и социально полезных творческих действий, превосходящих обычные требования, развивает трудовую и общественно политическую активность» [12].

Исходя из этого, можно сказать, профессиональное правосознание в финансовой сфере должно быть интегративным: включать правовую грамотность, моральную зрелость, навыки правоприменения и устойчивую установку на

соблюдение правопорядка. Его формирование и развитие являются неотъемлемой частью эффективного функционирования финансовой системы и укрепления правового государства.

Работники финансовых структур (банки, страховые компании, налоговые органы, контрольно-ревизионные службы и др.) находятся в постоянном взаимодействии с нормами финансового права. Их деятельность требует не только соблюдения правовых норм, но и активного участия в их реализации, толковании и применении. Недостаточный уровень правосознания может привести к правонарушениям, коррупции, финансовым махинациям и снижению доверия к финансовой системе в целом.

Правосознание и профессиональное правосознание имеют очень тесную связь. Когда одно является инструментом понимании закона, законности, правовых норм, тогда другое конкретизирует эти понимания в рамках профессиональной деятельности. Можно сказать, что надстройкой правосознания выступает профессиональное правосознание и чем выше уровень правосознания, тем устойчивее становится позиция специалиста, действуя в рамках закона и профессиональной этики.

Профессиональное правосознание работников финансовых структур играет ключевую роль в обеспечении законности и правопорядка в финансовой сфере. Высокий уровень правовой культуры способствует не только точному соблюдению правовых норм, но и формированию устойчивой антикоррупционной среды, повышению прозрачности финансовой деятельности и укреплению доверия со стороны общества и государства.

Современные вызовы, включая цифровизацию финансов, рост трансграничных операций и усложнение регуляторной среды, требуют постоянного обновления правовых знаний, развития этических стандартов и формирования устойчивых правовых установок. Только при наличии высокого уровня профессионального правосознания возможно эффективное функционирование финансовых институтов в условиях правового государства.

Таким образом, стратегически важной задачей как для самих организаций, так и для государства является создание условий для формирования и поддержания высокого уровня правосознания среди специалистов финансового сектора.

ШУУРИ ҲУҚУҚӢ. ШУУРИ КАСБИИ ҲУҚУҚӢ ДАР СОҲАИ МОЛИЯ: БАЪЗЕ АЗ ХУСУСИЯТҲОИ ОН

Калидвожаҳо: шуури ҳуқуӣ; шуури ҳуқуқии касбӣ; фарҳанги ҳуқуқӣ; сохтори шуури ҳуқуқӣ; сохторҳои молиявӣ; масъулияти ҳуқуқӣ.

Аннотатсия. Дар мақола мафҳум, мундариҷа, сохтор ва хусусиятҳои шуури ҳуқуқӣ, шуури касбии ҳуқуқӣ ва шуури касбии кормандони сохторҳои молиявӣ баррасӣ карда мешавад. Ҳамчунин диққати махсус ба аҳаммияти он барои татбиқи самараноки меъерҳои ҳуқуқи молиявӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи молиявӣ, инчунин ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ махсус дода мешавад. Таҳлили омилҳое, ки ба ташаккули шуури ҳуқуқии касбӣ таъсир мерасонанд, гузаронида мешавад

Азиззода Убайдулло Абдулло **–** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. E-mail: ubaydullo_azizov@inbox.ru, тел.: (+992) 907-81-12-85.

Нуриддинзода Меҳрангези Амриддин **–** докторанти доктор PhD кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. E-mail: m.nuriddinzoda@mail.ru, тел.: (+992) 918-98-00-90.

LEGAL CONSCIENCE. PROFESSIONAL LEGAL CONSCIENCE IN FINANCIAL SPHERE: SOME OF ITS FEATURES

Keywords: legal consciousness; professional legal consciousness; structure of legal consciousness; financial structures; legal culture; legal responsibility.

Annotation. The article deals with the concept, content, structure and peculiarities of legal consciousness, professional legal consciousness and professional legal consciousness of employees of financial structures. Special attention is paid to its importance for effective realization of norms of financial law, prevention of offenses in the financial sphere, as well as formation of legal culture. The factors influencing the formation of professional legal consciousness are analyzed.

Azizzoda Ubaidullo Abdullo – Doctor of Law, Professor, Head of the Department of Theory and History of State and Law at the Faculty of Law of the Tajik National University. E-mail: ubaydullo_azizov@inbox.ru, тел.: (+992) 907-81-12-85.

Nuriddinzoda Mehrangezi Amriddin – Doctor of PhD from the Department of Theory and History of State and Law at the Faculty of Law of the Tajik National University. E-mail: m.nuriddinzoda@mail.ru, тел.: (+992) 918-98-00-90.

Рӯйхати адабиёт:

1. Қонуни ҶТ аз 25 мартисоли 2011, №684 “Дар бораи муқовимат бо қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” // [Захираи электронӣ].. Манбаи дастрасӣ: http://nbt.tj/tj/laws/ (санаи мурочиат: 25.05.2025)
2. Алексеев С.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. 496саҳ
3. Алексеева Л.А. Шуури ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи фарҳанги ҳуқуқӣ
4. Бахрах Д.Н. Ҳуқуқи молиявии Руссия. – М.: Норма, 2022.
5. Лапаева, В. В. Фарҳанги ҳуқуқии касбӣ: ҷанбаҳои назариявӣ- методологӣ. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2021.
6. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ// Р.Ш.Сотиволдиев. - Душанбе, 2018-720с.
7. Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ) / Э.С.Насриддинзода.- Нашри 2-юм.- Душанбе: “Адиб” 2022.
8. Махрова Елена Игоревна. Табиати ҳуқуқии шуури ҳуқуқии касбӣ: мафҳум, сотор ва функсияҳо. К.п.н. мақолаи илмӣ. ПРАВОВАЯ ПРИРОДА ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ПРАВОСОЗНАНИЯ: ПОНЯТИЕ, СТРУКТУРА И ФУНКЦИИ – тема научной статьи по праву текст научно-исследовательской работы в электронной библиотеке КиберЛенинка
9. Лазарев В.В., Липень С.В. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоб барои донишгоҳҳо. Москва-1998с.// 448 саҳ.
10. И.А. Ильин. Роҳ ба суи айёният, Китоб- 1993 сол, 315 стр.
11. Равиши психологӣ-ҳуқуқӣ ба омӯзиши сохтори шуури ҳуқуқӣ. В.С.Красник, Е.А.Евстафеева// вестник Челябинского государственного университет.2013. №5 (296). Право.Вып.35. С.20-25.
12. Малько А.В. Назарияи давлт ва ҳуқуқ дар саволҳову ҷавобҳо:дастурҳои таълимӣ-методологӣ. Дар нашри тағй. иловаҳо //М.2007. с.232
13. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафавутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ, ва амалӣ-ҳуқуқӣ.Дис. докт.илм.ҳуқ. аз руи 12.00.01/ Раҳмон Дилшод Сафарбек-Душанбе 2017. 479с
14. Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунед. Дисс. Кодирзода Голиб Нурулло// 281саҳ
15. Азизқулова, Г.С., Камолов, И.И. Назарияи давлат ва ҳуқуқ [Текст] / Г.С. Азизқулова, И.И. Камолов. – Душанбе, 2013. – 135 с.

16. Буриев, И.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон [Текст] / И.Б. Буриев. – Душанбе: Ирфон, 2007. – Т.2. ч.1-2. – 244 с.

Список литературы:

1. Закон РТ от 25 марта 2011 года №684 «О противодействии легализации (отмыванию) доходов, полученных преступным путем, финансированию терроризма и финансированию распространения оружия массового поражения». [Электронный ресурс]. Источник доступа: http://nbt.tj/tj/laws/ (дата обраҳения: 25.05.25)

2. Алексеев С.С. Теория государства и права. Учебник.2005. стр.496

3. Алексеева, Л.А. Правосознание как феномен правовой культуры. – М.: ЮНИТИ, 2019.

4. Бахрах, Д. Н. Финансовое право России. – М.: Норма, 2022.

5. Лапаева, В. В. Профессиональная правовая культура: теоретико-методологические аспекты. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2021.

6. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ// Р.Ш.Сотиволдиев. - Душанбе, 2018-720с.

7. Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ) / Э.С.Насриддинзода.- Нашри 2-юм.- Душанбе: “Адиб” 2022.

8. Махрова Елена Игоревна. Правовая природа профессионалӣного правосознания:понятие, структура и функҡии. К.п.н. научная ст. ПРАВОВАЯ ПРИРОДА ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ПРАВОСОЗНАНИЯ: ПОНЯТИЕ, СТРУКТУРА И ФУНКЦИИ – тема научной статьи по праву текст научно-исследовательской работы в электронной библиотеке КиберЛенинка

9. Лазарев В.В., Липень С.В. теория государства и права: учебник для вузов. Москва-1998г.// 448 стр.

10. И.А. Ильин. Путь к очевидности, книга 1993 года, в общем 315 стр.

11. Психолого-правовой подход к изучению структуры правосознания. В.С.Красник, Е.А.Евстафеева// вестник Челябинского государственного университет.2013. №5 (296). Право.Вып.35. С.20-25.

12. Малько А.В. Теория государства и права в вопросах и ответах: Учебно-методолигеское пособие. В изд. переработ. и доп. //М.2007. с.232

13. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафавутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ, ва амалӣ-ҳуқуқӣ.Дис. докт.илм.ҳуқ. аз руи 12.00.01/ Раҳмон Дилшод Сафарбек-Душанбе 2017. 479с

14. Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунед. Дисс. Кодирзода Голиб Нурулло// 281саҳ

15. Азизқулова, Г.С., Камолов, И.И. Теория государсва и права [Текст] / Г.С. Азизқулова, И.И. Камолов. – Душанбе, 2013. – 135 с.

16. Буриев, И.Б. История государства и права Таджикистана [Текст] / И.Б. Буриев. – Душанбе: Ирфон, 2007. – Т.2. ч.1-2. – 244 с.

List of literature:

1. RT Law No. 684 dated March 25, 2011 "On Countering the Legalization (Laundering) of Proceeds from Crime, the financing of terrorism and the financing of the proliferation of weapons of mass Destruction." [electronic resource]. Access source: http://nbt.tj/tj/laws / (date of notification: 05/25/25)

2. Alekseev S.S. Theory of the state and law. Textbook.2005. p.496

3. Alekseeva, L.A. Legal awareness as a phenomenon of legal culture. Moscow: UNITY, 2019.

4. Bakhakh, D. N. Financial law of Russia. Moscow: Norm, 2022.

5. Lapaeva, V. V. Professional legal culture: theoretical and methodological aspects. St. Petersburg: Law Center Press, 2021.

6. Sotivoldiev R.S. Theory of the State and law: Textbook/ / R.S.Sotivoldiev. - Dushanbe, 2018-720c.

7. Nasriddinzoda E.S. Nazariyai davlat vahukuk (vositai Talim) / E.S.Nasriddinzoda.- We found the 2nd one.- Dushanbe: “Adib" 2022.

8. Makhrova Elena Igorevna. The legal nature of professional legal awareness:the concept, structure and functions.k.p.n. scientific article. THE LEGAL NATURE OF PROFESSIONAL LEGAL AWARENESS: THE CONCEPT, STRUCTURE AND FUNCTIONS are the topic of a scientific article on law text of a research paper in the CyberLeninka electronic library. ПРАВОВАЯ ПРИРОДА ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ПРАВОСОЗНАНИЯ: ПОНЯТИЕ, СТРУКТУРА И ФУНКЦИИ – тема научной статьи по праву текст научно-исследовательской работы в электронной библиотеке КиберЛенинка

9. Lazarev V.V., Lipen S.V. theory of the state and law: textbook for universities. Moscow, 1998.// 448 pages.

10. I.A. Ilyin. The Path to Clarity, a 1993 book, 315 pages in total.

11. Psychological and legal approach to the study of the structure of legal consciousness. V.S.Krasnik, E.A.Evstafeeva// Bulletin of the Chelyabinsk State University.2013. №5 (296). Right.Issue 35. pp.20-25.

12. Malko A.V. Theory of the state and law in questions and answers: An educational and methodological guide In the publishing house. perabot. and add. //M.2007. p.232

13. Human rights in the context of globalization and the strengthening of cultural and civilizational differences: theoretical, methodological, and practical legal issues.Surprise. doct.science.right. dated 12.00.01/ Rahmon Dilshod Safarbek-Dushanbe 2017. 479p

14. The legal consciousness of employees of the internal affairs bodies of the Republic of Tajikistan in the context of the formation of the rule of law. Diss. Codirzoda Golib Nurullo// 281.

15. Azizkulova, G.S., Kamolov, I.I. Theory of the state and law [Text] / G.S. Azizkulova.I. Kamolov. - Dushanbe, 2013. - 135 P.

16. Buriev.B. The history of the state and law of Tajikistan [Text] / I. Buriev. - Dushanbe: Irfan, 2007. – Vol. 2. part 1-2. – 244 p.

12.00.03 – ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ
12.00.03 – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО
12.00.03 – CIVIL LAW; BUSINESS LAW; FAMILY LAW; INTERNATIONAL PRIVATE LAW

УДК: 347.4.
Дустов Сулаймоншо Абдуллоевич,
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, унвонҷӯи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
E-mail slaimon.86@bk.ru
Тел: (+992) 918282148

ОИД БА ТАРТИБИ БАСТАНИ ШАРТНОМАИ САРМОЯГУЗОРИИ ШАРИКӢ ВА МУҲЛАТИ АМАЛИ ОН

Калидвожаҳо: Конститутсия; Кодекси маданӣ; шартномаи сармоягузории шарикӣ; нотариалӣ; шарикон; шарикони идоракунанда; сармоягузорон; муҳлат; феҳрист.

Аннотатсия: Мақолаи мазкур ба масъалаҳои ҳуқуқии тартиби бастани шартномаи сармоягузории шарикӣ ва муҳлати амали он бахшида шудааст. Муаллиф дар мақола, тартиби бастани шартномаи сармоягузории шарикӣ ва шартҳои онро таҳлил намуда, қайд менамояд, ки ҳангоми истифода аз шартномаи мазкур баэътибор гирифтани шартҳои муҳимми шартнома, ба монанди шартҳо вобаста ба ҳайати иштирокчиён; шартҳо вобаста ба гузоштани сармоя; шартҳо оид ба тақсими даромад ва зарар; шартҳо оид ба идоракунии ширкат; шартҳо вобаста ба масъулияти шарикон; шартҳо ҷиҳати дохил гардидан ва баромадани шарикони нав ба ҳайати шартнома; шартҳо оид ба фош накардани сири ширкат ва шартҳо оид ба қатъ намудани фаъолияти зарурбуда, барои фаъолияти минбаъдаи шарикон аҳамияти муҳимми ҳуқуқӣ дорад. Дар мақола ҳамзамон вобаста ба муҳлати амали шартномаи сармоягузории шарикӣ сухан рафта, қайд мегардад, ки шартномаи мазкур ба муҳлати муайян ва ё бо ҳалли мақсади муайян ҳамчун шарти асосӣ баста мешавад.

Маълум аст, ки барои бастани дилхоҳ шартномаи соҳаи ҳуқуқи маданӣ, бахусус шартномаи сармоягузории шарикӣ, ки яке аз намудҳои муосири шартномаи ширкати одӣ мебошад, яке аз тарафҳо барои бастани шартнома таклиф пешниҳод намуда, тарафи дигар метавонад ин таклифро маъқул намуда, ба он ҳамроҳ гардад.

Аз ҳамин ҷиҳат бастани шартномаи мазкур ду давраи асосиро аз сар мегузаронад. Давраи якум ин фиристодани оферта ва давраи дуюм ин қабул намудани аксепт ба шумор меравад[9, с. 341].

Шартномаи сармоягузории шарикӣ бояд дар шакли хаттӣ баста шуда ҳатман ба таври нотариалӣ тасдиқ карда шавад[5, с. 27]. Дар баробари ин ҳама гуна созишномаҳо ва замимаҳои иловагӣ, инчунин созишномаҳо дар бораи ҳамроҳшавии иштирокчиёни нав ба он бояд ба таври нотариалӣ тасдиқ карда шаванд[7, с. 26–33]. Барои аз ҷониби натариусҳои гуногун тасдиқ намудани қисмҳои зикршудаи шартномаи сармоягузории шарикӣ роҳ дода намешавад. Шартномаи сармоягузории шарикӣ аз лаҳзаи ба таври нотариалӣ тасдиқ гардидани он басташуда ҳисоб мегардад. Вобаста ба ин амалҳои нотариалӣ танҳо дар маҳалли ҷойгиршавии шарики идоракунанда анҷом дода мешаванд.

Дар шартномаи сармоягузории шарикӣ, бояд ибораи «шарикии сармоягузорӣ», рақами бақайдгирии шартнома, ки дар он Феҳристи ягонаи амалҳои нотариалӣ дарҷ гардидааст инчунин насаб, ном ва номи падари нотариусе, ки чунин шартномаро тасдиқ кардааст, зикр гардад.

Барои бастани шартномаи мазкур меъёри моддаи 500, банди дуюми Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шакли шартномаро бо роҳи тартиб додани як санади имзокардаи тарафҳо, инчунин бо роҳи мубодилаи мактуб, барқия ва дигар ҳуҷҷатҳо, ба хусус ҳуҷҷатҳои электронӣ, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқии электронӣ

фиристода шудаанд ва боэътимодии онҳо тасдиқ мегардад, асос шуда метавонад.

Ба сифати шартҳои асосии бастани шартномаи сармоягузории шарикӣ муҳаққиқон якчанд шарти асосиро дохил намудаанд, ки баэътиборгирии онҳо ҳангоми тартиб додани матни шартнома зарур ва саривақтӣ мебошад. Масалан аз нигоҳи Н.А. Шебанова барои муттаҳид гардидан дар асоси ин гуна шартномаҳо риояи шартҳои зерин зарур мебошад: якум бастани шартномае, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳоро дар назди якдигар муқаррар менамояд; дуюм амали шарикон барои ба даст овардани фоида ё ноил шудан ба ҳадафи дигаре, ки хилофи қонунгузорӣ намебошанд[8, с. 611].

Аз рӯи таҳлилҳои анҷомёфта, мо чунин мешуморем, ки шумораи шартҳои шартномаи сармоягузории шарикӣ хеле зиёд буда, ба эътибор гирифтани онҳо дар матни шартнома барои фаъолияти минбаъдаи шарикон хеле муҳим ва созгор мебошад, зеро ин шартҳо заминаи асосии пешбурди минбаъдаи фаъолияти сармоягузорон буда, мавқеъ, ҳолати ҳуқуқӣ ва масъулияту ҷавобгарии шариконро дар шартнома муқаррар менамоянд. Шартҳои асосии шартномаи сармоягузории шарикӣ бояд масъалаҳоро оид ба мақсади шарикон, ба кадом сифат иштирок кардан дар шартнома, аз ҷумла шакли шартнома (ба монанди, шакли сармоягузории шарикии пӯшида ё сармоягузории шарикии шакли кушода ё шартномаи сармоягузории шарикии оддӣ ва ё мураккаб ва ғайра) дар бар гиранд.

Дар умум шартҳои шартномаи сармоягузории шарикиро ба якчанд гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст, ки дар навбати худ ин гуррӯҳои шартҳо боз шартҳои хоси худро дар бар мегиранд: Масалан 1)шартҳо оид ба ҳайати иштирокчиён); 2)шартҳо вобаста ба гузоштани сармоя; 3)шартҳо оид ба тақсими даромад ва зарар; 4)шартҳо оид ба идоракунии ширкат; 5)шартҳо вобаста ба масъулияти шарикон; 6)шартҳо ҷиҳати дохил гардидан ва баромадани шарикони нав; 7шартҳо оид ба фош накардани сири ширкат; 8)шартҳо оид ба қатъ намудани фаъолияти ширкат; 9)шартҳо оид ба тартиби ҳалли баҳсҳое, ки аз фаъолияти якҷояи шарикон бар меоянд; 10)шартҳо оид ба андозбандӣ; 11) шартҳо оид ба тағйир ва бекор кардани шартнома.

Ба гурӯҳи аввали шартҳои шартномаи сармоягузории шарикӣ, ки масъалаи ҳайати субъективии шартномаро фаро мегиранд, шартҳои зерин. аз қабили; маҳдуд ё кушода будани иштироки шарики нав дар давраи амали шартнома; навъи субъектоне ки дар шартнома иштирок менамоянд (масалан ташкилоти тиҷоратӣ ё ғайри тиҷоратӣ ва ё ташкилоти хориҷӣ); шартҳо оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шарикон; шартҳо вобаста ба ваколатҳои шарикон, аз ҷумла ҳуқуқи идоракунӣ ва танҳо сармоягузорӣ кардан дар шартнома ва ғайраро дохил кардан мумкин аст.

Ба гурӯҳи дуюми шартҳои шартномаи сармоягузории шарикӣ шартҳо вобаста ба гузоштани саҳм ба кори умумӣ, аз ҷумла ҳаҷми пардохти аввалияи сармоягузорон дар аввали татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ, тартиби пасандози сармоя: масалан, якдафъаина ё давра ба давра ва ё саҳмгузорӣ дар марҳилаи баъдӣ ҳангоми зарурат, дохил мешаванд.

Ба гурӯҳи сеюми шартҳо, ки оид ба тақсими даромад ва зарар ба миён меоянд, шартҳои зерин аз қабили: тақсими фоида байни шарикон вобаста аз ҳиссаи сармоя дар муносибатҳои якҷоя, оид ба тарзи ҳисоб кардани фоида: (масалан, аз рӯи сипарӣ шудани вақти иштироки шарикон дар шартнома, аз ҷумла ба кадом сифат инштирок кардан ва аз рӯи шакли лоиҳаи сармоягузорӣ ва ғайра) ва шартҳо вобаста ба масъулияти зарар ва тақсими он аз рӯи ҳиссаи шарикон дар кори умумӣ шомил мебошанд.

Гурӯҳи чоруми шартҳои шартномаи сармоягузории шарикӣ ба масъалаи идоракунии ширкат вобаста мебошанд, ба монанди мақоми идоракунӣ, аз ҷумла шурои директорон ё маҷлиси якҷояи шарикон, вазъи ҳуқуқии мудир, ки ширкатро идора менамояд, шартҳои тарзи қабули қарор (масалан ба воситаи овоздиҳии шарикон ё шаклҳои дигар)-ро дар бар мегиранд.

Ба гурӯҳи панҷуми шартҳои шартнома, ки масъалаи масъулияти шариконро дар бар мегирад чунин шартҳоро, ба мисли масъулият барои зарари расонидашуд, ки аз ҷониби шарикони идоракунанда ё дигар шарикон расонида шудааст, аз ҷумла вайрон кардани шартҳои шартнома ва масъулияти ҷавобгарӣ барои ҷуброни зарарро, дохил кардан мумкин аст.

Гурӯҳи шашуми шартҳои шартномаи сармоягузории шарикиро шартҳо оид ба масъалаи аъзогӣ ҳангоми аъзогӣ дар шартнома, ба монанди: ҳуқуқи шарик ҷиҳати мустақилият ё маҳдудияти баромадан аз шартнома дар давраи амали шартнома ё пас аз ба анҷом расидани муҳлати амали шартнома, чӣ гуна аъзо шудани шарикони нав, аз ҷумла бо салоҳдиди ҳамаи шарикон ё дигар ҳолатҳоро дар бар мегиранд.

Ба гурӯҳи ҳафтуми шартҳои шартномаи мазкур шартҳо оид ба фош накардани сири ширкат, ба монанди масъулият оид ба ҳифзи иттилоот ва ҷавобагарии шарикон барои ошкор

кардан он дар шакли ҷарима дохил мешаванд. Гурӯҳи ҳаштуми шартҳоро масъалаи қатъ гардидани ширкат ё барҳамдиҳии он, ба мисли роҳҳо ё сабабҳои қатъ намудани фаъолият, аз ҷумла тариқи розигии шарикон ҳангоми анҷом ёфтани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ё муфлисшавӣ ва шаклҳои тақсими молу мулки боқимондаи шарикон дар ин ҳолат ташкил медиҳанд. Ба гурӯҳи нуҳум шартҳо оид ба тартиби ҳалли баҳсҳое, ки аз фаъолияти якҷояи шарикон бар меоянд ба монанди: чи гуна ҳал намудани баҳсҳо, масалан тариқи мурофиаи судӣ ё ҳакамӣ ва маҳаки ҳалли баҳсҳо тибқи қонунгузории миллӣ, байналмилалӣ ё минтақавӣ шомил мешаванд.

Гурӯҳи даҳуми шартҳои шартномаро масъалаҳои андозбандӣ, аз қабилӣ андоз аз даромад, андоз аз амвол ва тартиби андозбандии онҳо ташкил медиҳанд.

Ҳамин тариқ гурӯҳи ёздаҳуми шартҳои шартномаи сармоягузории шарикиро масоили тағйир додан ва бекор кардани шартнома мисли: чӣ гуна ва дар кадом маврид даровардани тағйирот ва қатъ намудани амали шартнома, аз ҷумла бо розигии шарикон ё ҳолатҳои дигаре, ки зарурати тағйир ё қатъи шартномаро ба миён меорад (мисол паҳн гардидани бемориҳои сироятӣ, ё камарзиш гардидани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва дигар ҳолатҳои ғайричашмдошт ташкил медиҳанд.

Ин шартҳо барои дуруст ва ҳамаҷониба омода намудани матни шартнома зарур буда, бояд бо салоҳдиди сармоягузорон амалӣ гарданд, зеро барои фаъолияти дастаҷамъӣ ба эътибор гирифтани манфиати ҳамаи ҷонибҳои шартнома шарти ҳатмӣ мебошад.

Муносибати шарикон ҳангоми бастани шартномаи сармоягузории шарикӣ ҳамзамон бояд масоили ҳуқуқиро вобаста ба амволи шарикӣ, саҳми гузоштаи онҳо, натиҷаҳои аз фаъолияти муштараки шарикон бадастомада, моликияти умумии ҳиссавии шарикон, пешбурди баҳисобгирии муҳосибавии амволи умумӣ, талаботи умумии рафиқон ва ҳуқуқи мустасноии умумии онҳоро дар худ худ таҷассум намояд.

Дар ин самт ҷонибҳо бояд вобаста бар ҳар як масъалаи муҳими фаъолияти муштарак мувофиқасозӣ намуда, кӯшиш намоянд, ки матни шартнома ҳатман тамоми паҳлуҳои фаъолияти онҳоро дар ҷараёни фаъолияти сармоягузории шарикӣ инъикос намояд, зеро мақсад аз ҳар як фаъолияте, ки тақозои бастани шарнтномаро дорад, ин муайян намудани ҳуқуқу уҳдадориҳо ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ҷонибҳои он мебошад.

Дигар масъалаи муҳим роҷеъ ба бастани шартномаи сармоягузории шарикӣ ин муқаррар кардани муҳлат ва масъалаҳои ҳуқуқии марбут ба он мебошад.

Аз рӯи талаботи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон[2, м. 210] ҷараёни амали муҳлатҳо дар ҳуқуқи маданӣ бо гузашти солҳо, моҳҳо, ҳафта, рӯз ё соатҳо ҳисоб карда мешавад, ки ин муқаррароти умумӣ муҳлати амали ҳамагуна шартномаҳоро фаро мегирад. Муҳлати амали шартномаи сармоягузории шарикӣ аз рӯи тафрибаи қонунгузорӣ солҳоро дар бар мегирад. Аз ин рӯ барои ба эътибор гирифтани мӯҳлати амали шартнома мақсаде, ки дар маркази диққати шарикон қарор дорад, шарти ҳатмӣ мебошад.

Пайдоиш, амалӣ намудан, иҷроиш, таъғйир ёфтан, қатъ шудан ва ҳатто ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ бо вақт ё замони муайян (яъне муҳлати муайян) алоқамандии ногусастанӣ дорад. Барои ҳамин ҳам қонунгузории маданӣ пайдоиш, тағйир ёфтан ва қатъшавии муносибатҳои маданиро байни субъектон дар ҳама гуна шартномаҳо бо замон, муддат ё давраи муайяни вақт алоқаманд менамояд[3,4, с.144-207].

Аз таҳлили тафрибаи қонунгузории Федератсияи Россия дар бораи сармоягузории шарикӣ ба мо маълум гашт, ки шартномаи сармоягузории шарикӣ бояд бо зикри муҳлат ё бо зикри мақсад ҳамчун шарти ҳалкунанда баста шавад. Муҳлати амали шартномаи сармоягузории шарикие, ки бо зикри мақсад ҳамчун шарти ҳалкунанда баста мешавад набояд аз понздаҳ сол зиёд бошад. Агар дар шартномаи сармоягузории шарикӣ муҳлати амали шартнома муқаррар нагардида бошад, чунин шартнома барои понздаҳ сол эътибор дорад.

Тавре дар робита ба намудҳои мӯҳлати шартномаи ширкати одӣ, Ш.М. Исмоилов., Г.Е Авилов зикр менамоянд дар амалияи шартномаи мазкур бо се нишондоди муҳлат баста мешавад: а)шартномае, ки бо зикри муҳлат баста мешавад; б)шартномае, ки бе зикри муҳлат баста мешавад; в) шартномае, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои муайян баста мешаванд (масалан, агар фаъолияти шарикон барои сохтмони муштараки иншооти саноатӣ ташкил шуда бошад, ин метавонад оғози иншоот бошад). Дар чунин ҳолатҳо мақсад дар шартнома ҳамчун шарти ҳатмӣ буда метавонад[6,1, с. 101-158]. Баъди таҳлили тафриба қонунгузории хориҷӣ оид ба шартномаи сармоягузорӣ мо ба он назарем, ки дар шартномаи мазкур ду нишондоди муҳлати амали он муқаррар гардидааст: а) бо зикри муҳлат бастани шартнома

б) бо ишора ба ҳалли мақсади пешбинигардидаи шарикон.

Шартномаи муҳлатноки сармоягузории шарикӣ барои давраи муайяни вақт (15 сол) баста мешавад ва шарикон метавонанд барои гуфтушунид вақти муайянеро таъин кунанд, ки барои ба мувофиқа омадан ҷиҳати давомнокии корҳо аз рӯи шартномаи мазкур заминаи лозимаро бунёд гузорад.

Давомнокии муҳлати амали шартномаи сармоягузории шарикӣ бо зикри мақсад ҳамчун шарти ҳалкунанда бошад, бо ишора ба мақсади анҷоми фаъолияти мушаххас пешбинишуда, баъди анҷом ёфтани чунин мақсад муҳлати амали шартнома ба итмом мерасад.

Дар шартномаи сармоягузории шарикӣ барои рад кардани шарики идоракунанда аз иштирок дар шартнома дар давраи амали он ё то расидан ба мақсади дар шартнома пешбинигардида иҷозат дода мешавад, агар ҳамаи иштирокчиёни шартномаи сармоягузории шарикӣ ба таври хаттӣ ба чунин рад розигӣ диҳанд. Аммо рад кардани дигар шарикони саҳмгузор аз иштирок дар муҳлати амали он ё то расидан ба мақсади дар шартнома пешбинишуда иҷозат дода намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар шартномаи сармоягузории шарикӣ чунин ҳолат пешбинӣ гардида бошад.

Хулоса муҳлат дар шартномаи сармоягузории шарикӣ ин фосилаи вақти муқарраргардидаи қонунгузорӣ ва матни шартномаи мазкур мебошад, ки бо санаи тақвимӣ ё гузаштани давраи вақт муайян гардида, барои фаъолияти шарикон аҳамияти махсус дорад ва бо гузашти солҳо ва ё ноил гаштан ба мақсади дарназардоштаи шарикон эътибор дорад. Дар амалӣ гардидани мақсадҳои муштараки тарафҳои шартномаи сармоягузории шарикӣ аҳамияти бастани шартнома, аз ҷумла шартҳои он ва баэътибор гирифтани муҳлати он хеле калон аст, зеро дар ин фосилаи вақт ҳуқуқи субъективии шарикон амалӣ гардида, онҳо аз натиҷаи бастани шарнома манфиатҳои зиёдро интизоранд. Ҳадафи асосии шарикон аз рӯи шартномаи сармоягузории шарикӣ ин дар баробари анҷоми ягон кори мушаххас боз гирифтани фоида мебошад. Аз ҳамин нуқтаи назар муҳлат дар шартномаи мазкур нақши ҳалкунанда дорад. Зеро тибқи ҳадафҳои шартномавӣ ҳар як амали шарикон бояд бо муҳлати муайян вобаста бошад, чунки муайян кардани давраи вақти муайян метавонад шариконро зудтар ба мақсадҳои дар пеш гузошташуда дастёб гардонад.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Бобозода Ҷ.Қ

О ПОРЯДКЕ ЗАКЛЮЧЕНИЯ ДОГОВОР ИНВЕСТИЦИОННОГО ТОВАРИЩЕСТВО И СРОКАХ ЕГО ДЕЙСТВИЯ

Ключевые слова: Конституция; Гражданский кодекс; договор инвестиционного товарищество; нотариус; партнеры; управляющие партнеры; инвесторы; срок; реестр.

Аннотация: Данная статья посвящена правовым вопросам порядка заключения договор инвестиционного товарищество и сроку его действия. В статье автор анализирует порядок заключения договор инвестиционного товарищество и его условия и отмечает, что при использовании настоящего договора вступают в силу существенные условия договора, такие как условия, касающиеся состава участников; условия, касающиеся размещения капитала; условия распределения доходов и убытков; условия управления компанией; условия, касающиеся ответственности партнеров; условия вступления и выхода новых партнеров из состава договора; условия не разглашения секрета компании и условия прекращения деятельности компании являются обязательными условиями. В статье одновременно говорится о сроке действия договор инвестиционного товарищество и отмечается, что данный договор заключен на определенный срок или с указанием цели определения и решения такой цели, в общей сложности сроком на пятнадцать лет.

Дустов Сулаймоншо Абдуллоевич-старший преподаватель кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного университета финансов и экономики, соискатель Национального центра законодательства при Президенте Республика Таджикистан. E-mail slaimon.86@bk.ru, Тел: (+992) 918282148.

ON THE PROCEDURE FOR ENTERING INTO AN INVESTMENT PARTNERSHIP AGREEMENT AND TERMS OF ITS DURATION

Keywords: Constitution; civil code; investment partnership agreement; notary; partners; management partners; investors; dates; register.

Annotation: this article is dedicated to legal aspects of the process of entering into an agreement on investment partnership and its duration. The author analyzes this process and notes that, when using such an agreement, essential terms of a contract such as conditions regarding the number of participants, conditions regarding capital investment, conditions for profit and loss distribution, company management, conditions of partner liability, conditions for entry and exit from the agreement, and conditions for confidentiality and termination of company activities are all mandatory. The article also refers to the duration of the agreement and notes that it can be concluded for a specific period or for a purpose, with a maximum duration of fifteen years being specified.

Dustov Sulaimonsho Abdulloevich- senior Lecturer of the department of economic, financial and anticorruption lav of the Tajik State University of Finance and Economics, applicant for the National center for legislation under the President of the Republic of Tajicistan. E-mail slaimon.86@bk.ru, Тел: (+992) 918282148.

Рӯйхати адабиёт:

1. Авилов., Г. Е. А.Л. Маковского, С.А. Хохлова и др. /Комментарии к Гражданскому кодексу Российской Федерации. Часть вторая под редакцией О.М. Козырь, - Москва, С. 158.
2. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе., 2022, М.210.
3. Носиров Н.Б. Ҳуқуқи граждани. /Маҷмӯаи таълимӣ-методӣ барои низоми кредитии таҳсилот. - Душанбе., 2014, С.144.
4. Ҳимматов Ҳ.Н. Ҳуқуқи граждани. /Китоби дарсӣ, қисми 1, - Душанбе., 2007, С. 207.
5. Отнюкова Г.Д. Совместная инвестиционная деятельность // Предпринимательское право. Приложение «Бизнес и право в России и за рубежом»., 2012. № 2. – С. 27.
6. Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. /Васоити таълимӣ (зери таҳрири умумии доктори илми ҳуқуқ, профессор Исмоилов Ш.М.- Душанбе, 2007, С.101.
7. Чернухин А. А. Правовая природа инвестиционного товарищества (понятие и особенности) // Юрист. 2020. № 11. С. 26–33.
8. Шебанова Н.А. /Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации. части второй.- Москва.,1996, С. 611.
9. Шомаҳмадов Б.А. Ҳуқуқуи граждани қисми 1. /Китоби дарсӣ.- Душанбе., 2007, С. 341.

Список литературы:

1. Авилов., Г. Е. А.Л. Маковского, С.А. Хохлова и др. /Комментарии к Гражданскому кодексу Российской Федерации. Часть вторая под редакцией О.М. Козырь, - Москва, С. 158.
2. Гражданский кодекс Республики Таджикистан // Новости Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан. — Душанбе, 2022, с. 210.
3. Носиров Н. Б. Гражданское право. / Учебно-методический комплекс для кредитной системы образования. — Душанбе, 2014, с. 144.
4. Отнюкова Г.Д. Совместная инвестиционная деятельность // Предпринимательское право. Приложение «Бизнес и право в России и за рубежом»., 2012. № 2. – С. 27.
5. Правовое регулирование предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан. /Учебные пособия (под общей редакцией доктора юридических наук, профессора Исмоилова Ш.М.).- Душанбе, 2007, С.101.
6. Химматов Н. Гражданское право. / Учебник, часть 1. — Душанбе, 2007, с. 207.
7. Чернухин А. А. Правовая природа инвестиционного товарищества (понятие и особенности) // Юрист. 2020. № 11. С. 26–33.
8. Шебанова Н.А. /Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации. части второй.- Москва.,1996, С. 611.
9. Шомахмадов Б.А. Гражданское право. Часть 1. Учебник. Душанбе, 2007, с. 341.

Bibliography:

1. Akhmetov, G.E., Makovsky, A.L., Khokhlov, S. A., et al. Comments on the Civil Code of the Russian Federation, Part Two, edited by Trump, O. M., Moscow, p. 158.

2. The Civil Code of Tajikistan, News of Majlisi namodangon madzhlisi olya, Dushanbe 2022 p.210.

3. Nosirow, N.B. Civil Law, Educational Complex for the Credit System of Education, Dushanbe. 2014 p.144.

4. Northyukova, G. D. Joint Investment Activity, Entrepreneurial Law, Appendix «Business and Law In Russia and Abroad», 2012 No.2, P.27.

5. Ismoilov, Sh. M. (Ed.), Legal Regulation of Entrepreneurial Activity in the Republic Of Tajikistan (Textbook), Dushanbe: 2007 p.101.

6. Himmatov, N., Civil Law (Textbook, Part 1), Monday, 2007 P.207.

7. Chornukhin, A.A., The Legal Nature of Investment Partnership (Concept and Features), Lawyer, 2020 No.11, pp.26-33.

8. Shabanova, N. A., Commentary on the Russian Civil Code, Part II, Moscow, 1996 p.611.

9. Shamadov, B. A., Civil Law Part I, Textbook Dushanba, 2008 p.341.

ТДУ: 343.35
Каримов Абдулҳанон Қадимович,
н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Тел.: (+992) 556-00-05-11,
E-mail: karimov-ak@mail.ru

МАФҲУМ ВА ВАЗИФАҲОИ ҲУҚУҚИ РАҚОБАТ ҲАМЧУН СОҲАИ МУСТАҚИЛИ ҲУҚУҚ

Калидвожаҳо: ҳуқуқи рақобат, соҳаи мустақили ҳуқуқ, рақобат, танзими ҳуқуқӣ, бозор, рақобати бевиҷдонона, иқтисоди бозорӣ.

Фишурда: Мақолаи мазкур ба таҳлили мафҳум ва вазифаҳои ҳуқуқи рақобат ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ бахшида шудааст. Муаллиф ба таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии ташаккул ва рушди ҳуқуқи рақобат мепардозад, заминаҳои фарқкунанда ва хусусиятҳои хоси онро нисбат ба дигар соҳаҳои ҳуқуқ муайян месозад. Дар мақола таърифи ҳуқуқи рақобат, усулҳо, вазифаҳо ва нақши он дар танзими муносибатҳои иқтисодии бозорӣ баррасӣ мегардад. Ҳамчунин, муҳим будани ҳифзи рақобат дар бозор ва нақши ҳуқуқ дар пешгирии рақобати бевиҷдонона ва манъи фаъолияти инҳисорӣ таъкид мешавад.

Дар замони истиқлолият низоми нави қонунгузории Тоҷикистони соҳибистиқлол ташаккул ёфт. Ҳамзамон, вобаста ба дигаргуниҳои сиёсию иқтисодии ҷомеа соҳаҳои нави қонунгузорӣ ба вуҷуд омаданд, ки яке аз он қонунгузории соҳаи рақобат мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории рақобат соҳаи нав буда, лекин рақобат, танзими ҳуқуқии он ва манъу пешгирии фаъолияти инҳисорӣ қадим мебошад.

Ҳатто дар гузашта дар Рими қадим меъёрҳои танзими муносибатҳои тиҷоратӣ мавҷуд буданд, ки тибқи онҳо «ягон касро барои манфиати шахси дигар дар ҳолати ногувор нагузоред»[7, с.401].

Аввалин қонунҳо дар самти рақобат ва пешгирӣ намудани фаъолияти зиддиинҳисорӣ дар Рим қонунҳо оиди мубориза бар зидди амалҳои инҳисории миёнравҳо (соли 473) ва қонун оид ба манъи ҳамагуна фаъолияти инҳисорӣ (соли 483) буданд[13, с.3].

Маротибаи аввал қонуни мукаммал оиди ҳифзи рақобати дар охири асри XIX дар ИМА бо номи Қонуни Шерман соли 1890 ва дар Олмон соли 1896 қонун дар самти рақобати бевиҷдонона қабул шудаанд[8, с.6]. Аз ин рӯ, ватани ҳуқуқи рақобат ИМА ҳисобида мешавад, ки онро ҳуқуқи зиддитрестӣ (Antitrust Law) ном мебурданд. Ин ном ба он вобастаги дошт, ки аввалан меъёрҳои ҳуқуқи зиддитрестӣ бар зиддӣ фаъолияти инҳисор равона гардида буданд. Ҳуқуқи зиддитрестии ИМА танзимкунандаи на танҳо муносибатҳои бо инҳисор вобаста, инчунин воситаи пешгирӣ намудани рақобати бевиҷдонона, низ мебошад.

Баъди қабули ин қонунҳо таваҷҷуҳ ба омӯзиши паҳлӯҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии рақобат, инчунин танзими ҳуқуқи он зиёд мешавад, ки барои пайдоиши соҳаи мустақили ҳуқуқ - ҳуқуқи рақобат замина гузоштанд. Бояд қайд намуд, ки то ба имрӯз қариб дар тамоми мамлакатҳои дунё қонуни алоҳида оид ба рақобат қабул гардидааст. Инчунин, дар самти таъмину дастгирии рақобат ва пешгирӣ намудани фаъолияти инҳисорӣ дар ҳар як давлат мақомоти ваколатдор ва дар сатҳи байналмилалӣ ташкилотҳои махсус фаъолият менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки нуқтаи назари асосгузорони ҷомеаи сотсиалистӣ нисбати рақобат манфӣ буд, онро ҳамчун фишанги пешрафти иқтисодиёт қабул надоштанд ва ба он ҳамучун зуҳуроти ҷомеаи сармоядорӣ баҳо дода мешуд. Дар даврони шуравӣ рақобатро ба «мусобиқаи сотсиалистӣ» иваз намуда буданд, ки он моҳиятан ба тараққӣ ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот таъсире надошт.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва гузаштан ба иқтисоди бозорӣ, зарурати қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба инкишофи рақобатӣ ва танзими ҳуқуқии он ба вуҷуд омад.

Танзими ҳуқуқии рақобат пеш аз ҳама аз Конститутсияи кишвар сарчашма мегирад. Тибқи моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи муҳими ташаккули сохтори конститутсионӣ ин арзиши олӣ доштани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд, ки аз тарафи давлат эътироф, риоя ва ҳифз карда

мешаванд. Яке аз ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ин фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ мебошад, ки дар моддаи 12 Конститутсия ифодаи худро ёфтааст[1].

Ҳифзи рақобат ҳамчун фаъолияти махсуси давлат чунин кафолатҳоро ба иштирокчиёни бозор медиҳад:

- таъмини рақобати бовиҷдонона;

- манъи фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона.

Дар Конститутсия мафҳуми «рақобати бовиҷдонона» оварда нашудааст, лекин чуноне, ки аз моддаи 12 Конститутсия бармеояд, дастгирии рақобати бовиҷдонона дар назар дошта мешавад[1].

Қонунгузории рақобат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи нав буда ва дар ин самт аввалин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» 27 декабри соли 1993 қабул шуд. Маротибаи дуюм қонуни мазкур дар таҳрири нав 29 ноябри соли 2000[5] ва маротибаи сеюм бошад, 28 июли соли 2006 қабул гардид. Охирон маротиба дар таҳрири нав қонуне, ки айни ҳол амал менамояд бо номи **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон** «**Дар бораи ҳимояи рақобат**» 18 майи соли 2017қабул гардид[6]. Бояд қайд намуд, ки қонуни имрӯз амалкунанда аз се қонуни пештар қабул гардида ба кулли фарқ менамояд, зеро қонуни соли 1993 вақте қабул гардида буд, ки дар он замон муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ва рақобат нав пайдо шуда буданд. Қонуни ҳоло амалкунанда нисбат ба се қонуни пеш қабулгардида мукаммал буда, танзимкунандаи муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ва таъминкунандаи рақобат мебошад.

Мувофиқи муқаррароти қонунгузорӣ фаъолияти бовиҷдононаи соҳибкорӣ дар доираи қонунҳои амалкунанда, ҳамчун рақобати бовиҷдонона дониста шуда, фаъолияти иқтисодие, ки ба рақобати бевиҷдонона равон гардидааст, зиддиқонунӣ эътироф карда мешавад. Дастгирии рақобат ҳамчун кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дониста мешавад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ таҳти мафҳуми «кафолат» низоми воситаҳои ҳуқуқӣ, барқарор намудани ҳуқуқ, иҷроиши вазифаҳо ва таъмини фаъолияти муайян фаҳмида мешавад. Дар низоми танзими ҳуқуқӣ кафолат вазифаи таъмини амалишавии ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро мефаҳмонад, барои таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои соҳибкорон ва инчунин иҷроиши уҳдадориҳои давлат дар ҳимояи рақобат кафолат дода мешавад. Аз ин рӯ, вазифаи асосии қонунгузории рақобат на танҳо ҳифзи манфиатҳои субъектҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ иборат мебошад, балки таъмин ва дастгирии пурраи рақобат мебошад[10, с.94].

Танзими зиддиинҳисорӣ аз принсипҳои ягонагӣ, ҳамчун қоидаҳои бунёдии дастгирии рақобат ва пешгирӣ намудани рафторҳои зиддиқонунӣ иборат мебошад. Муносибатҳои рақобати дар бозори мол ва бозори коғазҳои қиматнок ва хизматрасонии молиявӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» танзим карда мешаванд. Ҳоло он, ки бозори коғазҳои қимматнок ва бозори молиявӣ бо хусусиятҳои худ аз бозори молӣ ба куллӣ фарқ менамояд.

Мақсади қонунгузорӣ оид ба рақобат ин таъмини босамари иқтисодиёти бозорӣ ва соҳибкорӣ мебошад.

Ба қонунгузории рақобат ва инҳисорӣ санадҳои қонунгузории рақобат ва санадҳои қонунгузории монополияи табиӣ низ дохил мешаванд.

Қонунгузории рақобат дар навбати худ санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро дар бар мегирад, ки аз ду гурӯҳи асосии санадҳои меъёрии зерин: 1) меъёрҳои қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва 2) меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба рақобати бевиҷдонона иборат мебошанд.

Дар шароити инкишоф ёфтани муносибатҳои рақобати гурӯҳи сеюми меъёрҳоеро чудо намудан лозим аст, ки ба қонунгузории рақобат дохил мешаванд, ки ин меъёрҳо низ ба инкишофи муносибатҳои рақобати равона гардидаанд.

Танзими ҳуқуқии зиддиинҳисорӣ ва ҳифзи ҳуқуқ аз рақобати бевиҷдонона на ҳама вақт байни худ фарқ карда мешаванд. Қонунгузории ҶТ дар бораи рақобат, меъёрҳо дар бораи рақобати бевиҷдонона ва меъёрҳои зидди фаъолияти инҳисорӣ дар доираи як қонун мебошанд. Чунин нуқтаи назар баҳснок аст, чунки соҳаи танзими ҳуқуқии рақобат аз рӯи вазифа, субъектҳои танзимнамоӣ ва дигар асосҳояш аз якдигар фарқ менамоянд.

Вазифаи қонунгузории зиддиинҳисорӣ ин маҳдуд намудани раванди инҳисоркунонӣ ҳамчун доираи муайяни фаъолияти соҳибкорӣ дониста мешавад.

Барои амалӣ намудани ин мақсад қонунгузорӣ воситаҳои зерини танзими ҳуқуқии зиддиинҳисориро муқаррар намудааст: манъ ва таъқиби фаъолияти инҳисорӣ, азнавташкилшавӣ, барҳамдиҳии ташкилотҳои тиҷоратӣ ва иттиҳодияҳои онҳо, ба даст овардани ҳисса аз фонди оиномавии ташкилоти тиҷоратӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Субъектҳои танзими меъёрҳои зиддиинҳисорӣ шахсоне мебошанд, ки дар раванди инҳисоркунонӣ дар бозор ё таъсири бевосита ба инҳисоркунонӣ мерасонанд.

Мақсади меъёрҳо дар бораи рақобати бевиҷдонона бошад, ин бартараф намудани ҳолатҳои ногувори худи рақобат, ки дар шакли махсуси ҳуқуқвайронкунии рақобати бевиҷдонона ба вуҷуд меояд, дониста мешавад. Ба воситаҳои асосии танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи қонунгузории мазкур манъ ва бартараф намудани рақобати бевиҷдонона бо воситаи муайян намудани мафҳуми умумии чунин ҳуқуқвайронкунӣ ва овардани намунаи номгӯи чунин амалҳои зиддиҳуқуқӣ дониста мешавад.

Субъектҳои меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба рақобати бевиҷдоднона ин субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва истеъмолкунанда буда, ба доираи ин субъектон мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ ва шахсони мансабдори ҳокимияти давлатӣ дохил намешаванд.

Дигар хусуси фарқияти байни меъёрҳои қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва қонунгузорӣ оид ба рақобати бевиҷдонона ин амали мақомоте, ки чораҳои ҷавобгариро барои вайрон намудани қонунгузорӣ татбиқ менамоянд, дониста мешавад. Ҳамин тавр вазифаи назорат оид ба риояи қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва манъи фаъолияти инҳисорӣ ба зиммаи мақомоти зиддииҳисорӣ гузошта шудааст.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳуқуқи рақобатро ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ ҷудо намудан зарурат пеш омадааст. Ҳамзамон, муайян намудани мафҳуми ҳуқуқи рақобат ҳамчун соҳаи ҳуқуқ мариди таҳлил қарор додани паҳлуҳои онро талаб менамояд.

Якум, ҳуқуқи рақобат ҳамчун фанни байнисоҳавӣ муносибатҳои хусусуяти ба худ хосдоштаро танзим мекунад.

Дуюм ҳуқуқи рақобат дар доираи муносибатҳои танзимкунандаи худ ҳамчун фанни комплексӣ дорои муносибатҳои моддӣ ва мурофиавӣ, низ мебошад. Аз ин рӯ, ҳуқуқи рақобат бо ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ ва ғайра алоқамандии зич дорад.

Таъмин ва ҳифзи рақобат яке аз унсурҳои асосии мавҷудияти иқтисоди бозорӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки бе таъмини рақобат рушди иқтисодро таъмин кардан ғайриимкон мебошад.

Дар ҳамин асос, ба андешаи мо, дар зери ҳуқуқи рақобат ҳамчун соҳаи ҳуқуқ, маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиеро бояд фаҳмид, ки он муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳангоми таъмин ва ҳифзи рақобат, пешгирӣ намудани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона ба вуҷуд меоянд, танзим менамояд.

Чунин фикр дорем, ки омӯзиши ҳуқуқи рақобат ҳамчун соҳаи ҳуқуқ ҷиҳатҳои ба худ хос дошта ва мақсади омӯзиши фанни мазкур, ин аз худ намудани маҷмӯи донишҳои илмӣ ва назариявӣ оид ба танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар самти рақобат, пешгирӣ намудани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона мебошанд.

Оид ба таҷрибаи зарурати ҳуқуқи рақобатро ҳамчун фанни таълимӣ донистан ва омӯзиши онро ба роҳ мондан дар бисёр давлатҳои дунё амалӣ карда шудааст.

Аз ин рӯ, зарур мешуморем, омӯзиши фанни ҳуқуқи рақобат дар факултетҳои ҳуқуқшиносӣ ва иқтисодии муассисаҳои олии кишвар ба роҳ монда шавад.

Бо мақсади пешгирии инҳисорӣ бозорҳои мол қонунгузории рақобат аз лаҳзаи пайдоишаш маҷмӯи меъёрҳоеро дар бар мегирад, ки ба назорати мутамарказияти иқтисодӣ нигаронида шудаанд. Ҳамин тариқ, дар он назорати мақомоти зиддиинҳисорӣ аз болои аҳдҳо ва дигар амалҳо, аз ҷумла таъсис ва азнавташкилдиҳии (якҷояшавӣ, муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавии) субъектҳои хоҷагидор, аҳдҳо вобаста ба саҳмияҳо, ҳиссаҳо ва моликияти субъектҳои хоҷагидор, ки ҳуқуқи амали онҳо ба вазъи рақобат таъсир мерасонад, пешбинӣ шудаанд [6].

Ҷузъи муҳими низоми қонунгузории рақобат бешубҳа ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон кардани қонунгузории самти мазкур мебошад.

Бояд қайд кард, ки барои ҳифзи рақобат механизмҳои ҷавобгарии маданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ истифода мешаванд.

Ҳамин тариқ, шахсоне, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо дар натиҷаи вайрон кардани қонунгузории рақобат поймол шудаанд, ҳуқуқ доранд бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ шикоят кунанд.

Дар суд, суди иқтисодӣ бо мақсади барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда, ҷуброни зарар, аз ҷумла фоидаи аз даст рафта, ҷуброни зарари ба молу мулк расонидашударо талаб намояд. Ҳамин тавр, тибқи муқарроти моддаҳои 14, 15 ва 16 Кодекси мадании ҶТ талаби ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ пешниҳод кунанд[4].

Мутобиқи боби 3 моддаҳои 542-55 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои вайрон кардани қонунгузории рақобат бо роҳи сӯистифода аз мақоми бартарӣ, иштирок дар созишномаҳои зиддирақобат ва

рақобати бевиҷдонона барои субъектҳои хоҷагидор дар шакли ҷаримаи маъмурӣ ба ҷавобгарӣ муқаррар карда шудааст[3].

Ҳамзамон, тибқи моддаи 273 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад барои кирдори инҳисорӣ (монополистӣ), ки бо роҳи муқаррар намудани нархҳои баланди инҳисорӣ ё нархҳои пасти инҳисорӣ содир шудаанд, ҳамчунин маҳдуд кардани рақобат бо роҳи тақсим кардани бозор, маҳдуд кардани дохилшавӣ ба бозор, аз он танг карда баровардани дигар субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ, муқаррар намудан ё нигоҳ доштани нархи ягона, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудааст[2].

Ҳамин тариқ, дар мамлакати мо низоми мукаммали қонунгузорӣ ташаккул ёфтааст, ки рушд ва ҳифзи рақобатро дар бозорҳои молӣ ва молиявӣ таъмин менамояд.

Қонунгузории рақобат яке аз муҳимтарин танзимкунандагони фаъолияти иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад.

Имрӯз дар илми ҳуқуқ оид ба мустақилияти соҳаи ҳуқуқи рақобат ақидаи аниқ таҳия нашудааст.

Равшан аст, ки дар доираи фикрҳои зикршуда ҳуқуқи рақобат мақоми соҳаи асосии ҳуқуқро талаб карда наметавонад, вале ба назар гирифтани масъалаи муайян намудани ҳуқуқи рақобат ҳамчун як соҳаи мукаммали ҳуқуқ дар асоси низоми мустақили қонунгузорӣ, муносибатҳои умумии танзимшаванда ва хусусияти усули танзими инмуносибатҳо комилан асоснок ба назар мерасад[12, С.105].

Қобили зикр аст, ки дар айни замон илми ҳуқуқ таърифи дақиқи предмети ҳуқуқи рақобатро таҳия накардааст, ҳарчанд шабоҳати бархӯрдҳоро ба таърифи он, ки олимон пешниҳод кардаанд, мушоҳида кардан мумкин аст[9, с. 14].

Ба андешаи мо, мавҷудияти доираи муносибатҳои ҷамъиятии ба танзими ҳуқуқӣ вобаста, таъмин, ҳимоя ва рушди рақобатро инкор кардан мумкин нест.

Барои дуруст муайян кардани предмети ҳуқуқи рақобат таҳлили муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат», ки аз ҷумла предмети танзими қонунгузории рақобатро муайян мекунад, аҳамияти калон дорад.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» асосҳои ташкилию ҳуқуқии таъмин ва ҳифзи рақобат, аз ҷумла пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои зеринро муайян мекунад:

- фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона;

- пешгирӣ, маҳдудкунӣ, рафъи рақобат аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, шахсони хориҷӣ, соҳибкорони инфиродӣ, мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва дигар ташкилотҳои давлатиро дар бар мегиранд.

Муқаррароти моддаи 12 Конститутсия ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» бораи барои муайян кардани предмети ҳуқуқи рақобат асос мебошанд.

Бо дарназардошти таҳлили гузаронидашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки субъекти ҳуқуқи рақобат иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба таъмин, ҳимоя ва рушди рақобат мебошанд.

Ҳамзамон, метавон гуфт, ки предмети ҳуқуқи рақобат муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ҳимоя ва рушди рақобат, аз ҷумла муносибатҳо оид ба пешгирӣ кардани амалҳо ва созишномаҳое мебошанд, ки боиси вайроншавӣ, маҳдудкунӣ, роҳ надодан ё барҳам додани рақобат мегарданд.

Ҳуқуқи рақобат бояд ҳамчун як қисми низоми соҳаи ҳуқуқ дониста шавад. Барои ин бояд усули танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии ба предмети ҳуқуқи рақобат дохилшавандаро муайян намояд.

Аз назарияи умумии ҳуқуқ маълум аст, ки усули ҳуқуқ маҷмӯи усулҳое мебошад, ки ба воситаи онҳо танзими муносибатхои ҷамъиятӣ ба амал бароварда мешаванд.

Дар илми ҳуқуқӣ ду усули асосии танзими ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд: усули танзими марказонидашуда (императивӣ) ва усули танзими ғайримарказонидашуда (диспозитивӣ).

Усули императивӣ мавҷудияти дастурҳои ҳатмиро барои субъектҳо бидуни таъмини озодии интихоби рафтор дар назар дорад

Усули диспозитивии танзим муқаррар намудани манъи рафтори муайян ҳангоми таъмини озодиро дар бар мегирад[11,с.322-323].

Усули ҳуқуқи рақобатро метавон ҳамчун маҷмӯи усулҳое муайян кард, ки тавассути онҳо танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ дар самти рақобат амалӣ карда мешаванд.

Таҳлили хусусиятҳои механизмҳои танзими муносибатҳо оид ба ҳифз ва рушди рақобат нишон медиҳад, ки усули ҳуқуқи рақобат дорои унсурҳои танзими императивӣ ва факултативӣ мебошад. Дар баробари ин, масъалаи муносибати байни усулҳои зикршудаи танзими ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи рақобат ҳамчунон мавзӯи баҳси илмӣ мебошад.

Тамоми низоми қонунгузории рақобат ба таъмин ва ҳимояи рақобат нигаронида шудааст.

Дар баробари ин, вобаста ба танзими фаъолияти самараноки бозор, дар ин самт ҳуқуқи рақобат аз ҳуқуқи маданӣ ва маъмурӣ ба куллӣ фарқ мекунад.

Таҳлили дар доираи мақолаи мазкур гузаронидашуда нишон медиҳад, ки дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи нав — ҳуқуқи рақобат ба вуҷуд омадааст ва дар танзими муносибатҳои иқтисодии кишвар нақши муҳим дорад.

Муқарриз: д.и.ҳ., дотсент Бобоев Ҷ.Қ.

ПОНЯТИЕ И ФУНКЦИИ КОНКУРЕНТНОГО ПРАВА КАК САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ ОТРАСЛИ ПРАВА

Ключевые слова: конкурентное право, самостоятельная отрасль права, конкуренция, правовое регулирование, рынок, недобросовестная конкуренция, рыночная экономика.

Аннотация: Статья посвящена анализу понятия и функций конкурентного права как самостоятельной отрасли правовой системы. Автор рассматривает теоретико-правовые основы становления и развития конкурентного права, определяет его отличительные черты и специфику по сравнению с другими отраслями права. В работе анализируются определение конкурентного права, его методы, функции и роль в правовом регулировании рыночных экономических отношений. Особое внимание уделяется значимости охраны конкуренции на рынке, а также правовому обеспечению предотвращения недобросовестной конкуренции и запрету монопольной деятельности.

Каримов Абдулханон Кадимович - доцент кафедры административного и финансового права Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, к. ю. н., доцент, Тел.: (+992) 556-00-05-11, E-mail: karimov-ak@mail.ru

CONCEPT AND FUNCTIONS OF COMPETITION LAW AS AN INDEPENDENT BRANCH OF LAW

Keywords: competition law, independent branch of law, competition, legal regulation, market, unfair competition, market economy

Annotation: The article is devoted to the analysis of the concept and functions of competition law as an independent branch of the legal system. The author considers the theoretical and legal foundations of the formation and development of competition law, determines its distinctive features and specificity in comparison with other branches of law. The paper analyzes the definition of competition law, its methods, functions and role in the legal regulation of market economic relations. Special attention is paid to the importance of protection of competition in the market, as well as legal provision of prevention of unfair competition and prohibition of monopolistic activity.

Karimov Abdulhanon Kadimovich - ssociate Professor of the Department of Administrative and Financial Law of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor. Dushanbe, Said Nosir street, 33, Tel.: (+992) 556-00-05-11, E-mail: karimov-ak@mail.ru

Руйхати адабиёт:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, №9, мод.68, мод.69, №22, мод.306.
3. Кодекси ҳуқуқвайронкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №12, қ. 1, мод. 989, мод. 990; с. 2009, №5, мод. 321, №9-10.
4. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022,№ 1918
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол»// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2000. - № 11. - Ст. 588.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат»// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 274
7. Бартошек М. Римское право: Понятия, термины, определения: Пер. с чеш. - М.: Юрид. лит., 1989. - 401 с.

8. Недобросовестная конкуренция. Обзорная информация / / Институт законодательства и сравнительного правоведения при Верховном Совете РФ. Сост. Г.Е. Авилов, Е.И.Каминская. М., 1992. Вып. 11. - С.6.

9. Паращук С.А. Конкурентное право (правовое регулирование конкуренции и монополии). - М.: Городец-издат, 2002. - 416с

10.Рахимов М.З. Правовые проблемы достижения конечного результата предпринимательской деятельности.- Душанбе: Сино, 1998. - 176 с.

11.Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Душанбе, 2003. – 552с.

12.Тотьев К.Ю. Конкурентное право (правовое регулирование деятельности субъектов конкуренции и монополий): Учебник для вузов. - Изд. 2-е, перераб. и доп. – М.: Изд. - во РДЛ, 2003. - 480 с.

13.Roybould D.M., Firth A. Comparative law of monopolies.-L., 1993. - P.3.

Список литература:

1. Конституция Республики Таджикистан. Душанбе, 2016.

2. Уголовный кодекс Республики Таджикистан // «Вестник Маджлиси Олии Республики Таджикистан», 1998, № 9, ст. 68, 69; № 22, ст. 306.

3. Кодекс об административных правонарушениях Республики Таджикистан // «Ахбори Мақлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 2008, № 12, ч. 1, ст. 989, 990; 2009, № 5, ст. 321; № 9–10.

4. Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 г., № 1918.

5. Закон Республики Таджикистан «О конкуренции и ограничении монопольной деятельности на товарных рынках» // «Вестник Маджлиси Олии Республики Таджикистан», 2000, № 11, ст. 588.

6. Закон Республики Таджикистан «О защите конкуренции» // «Ахбори Мақлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 2017, № 5, ч. 1, ст. 274.

7. Бартошек М. Римское право: понятия, термины, определения. Пер. с чеш. — М.: Юридическая литература, 1989. — 401 с.

8. Недобросовестная конкуренция: обзорная информация / Институт законодательства и сравнительного правоведения при Верховном Совете РФ; сост. Г. Е. Авилов, Е. И. Каминская. — М., 1992. — Вып. 11. — С. 6.

9. Паращук С. А. Конкурентное право (правовое регулирование конкуренции и монополий). — М.: Городец-издат, 2002. — 416 с.

10.Рахимов М. З. Правовые проблемы достижения конечного результата предпринимательской деятельности. — Душанбе: Сино, 1998. — 176 с.

11.Сотиволдиев Р. Ш. Общая теория права и государства. — Душанбе, 2003. — 552 с.

12.Тотьев К. Ю. Конкурентное право (правовое регулирование деятельности субъектов конкуренции и монополий): учебник для вузов. 2-е изд., перераб. и доп. — М.: РДЛ, 2003. — 480 с.

13.Ройбоулд Д. М., Ферт А. Сравнительное право монополий. - London, 1993. - P.

Literature:

1. Constitution of the Republic of Tajikistan. Dushanbe, 2016.

2. Criminal Code of the Republic of Tajikistan // “Akhbori Maqlisi Oliya Ҷumҳurii Toҷikiston”, 1998, No. 9, Art. 68, 69; No. 22, Art. 306.

3. Code of Administrative Offenses of the Republic of Tajikistan // “Akhbori Maqlisi Oliya Ҷumҳurii Toҷikiston”, 2008, No. 12, part. 1, Art. 989, 990; 2009, No. 5, Art. 321; No. 9-10.

4. Civil Code of the Republic of Tajikistan of December 24, 2022, No. 1918.

5. The Law of the Republic of Tajikistan “On Competition and Restriction of Monopolistic Activity in Commodity Markets” // “Akhbori Maqlisi Olii Ҷumҳurii Toҷikiston”, 2000, No. 11, Art. 588.

6. The Law of the Republic of Tajikistan “On Protection of Competition” // “Akhbori Maqlisi Oliya Ҷumҳurii Toҷikiston”, 2017, No. 5, part 1, article 274.

7. Bartoszek M. Roman law: concepts, terms, definitions. Per. from Czech. - M.: Yuridicheskaya Literatura, 1989. - 401 c.

8. Unfair competition: review information / Institute of Legislation and Comparative Law under the Supreme Council of the Russian Federation; compiled by G. E. Avilov, E. I. Avilov. G. E. Avilov, E. I. Kaminskaya. - M., 1992. - Vol. 11. - C. 6.

9. Parashchuk S. A. Competitive Law (Legal Regulation of Competition and Monopolies). - Moscow: Gorodets-izdat, 2002. - 416 с.

10. Rakhimov M. Z. Legal problems of achieving the final result of entrepreneurial activity. - Dushanbe: Sino, 1998. - 176 с.

11. Sotivoldiev R. Sh. General Theory of Law and State. - Dushanbe, 2003. - 552 с.

12. Totiev K. Yu. Competitive law (legal regulation of the activities of subjects of competition).

13. Roybould D. M., Firth A. Comparative Law of Monopolies. — London, 1993. — P. 3.

ТДУ: 347.634/.637(575.3)
Ҳукматуллоев Муҳаммад Абдуҳалимович,
ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
E-mail: hikmatullozodamuhammad1101@gmail.com
Тел.: (+992) 804-30-30-44.

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАК

Калидвожаҳо: масъулият; кӯдак; таълим ва тарбия; падару модар; ҳуқуқҳои кӯдак; рушди иҷтимоӣ; сиёсати давлатӣ; принсипҳои ахлоқӣ

Аннотатсия: Дар мақолаи илмии мазкур мафҳум ва моҳияти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак, муҳимияти таълиму тарбия ҳамчун унсури асосии ташаккули шахс ва танзими ҳуқуқии он мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар натиҷаи таҳлили мақсад ва мазмуни мафҳуми масъулият, ки дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” мустаҳкам гардидааст, муаллиф равиши муайянкунии категорияи мазкурро нокифоя шумурда, онро пурра инъикоскунандаи муносибатҳои мураккаб ва гуногунҷанбае, ки дар ҷараёни таълиму тарбия ба вуҷуд меоянд, намеҳисобад. Инчунин, муаллиф ақида ва назарияи худро оид ба мақсад, мазмун ва моҳияти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак пешниҳод менамояд.

Ҳанӯз 2 августи соли 2011 бо ташаббуси Президенти кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” қабул гардида, бо мақсади такмили танзими муносибатҳое, ки дар раванди таълиму тарбияи кӯдак ба вуҷуд меоянд ва самаранокгардонии раванди таълиму тарбияи кӯдак ба он панҷ маротиба (15 марти соли 2016, 17 майи соли 2018, 4 апрели соли 2019, 8 июни соли 2022 ва 24 декабри соли 2022 №1938) тағйиру иловаҳо ворид карда шуд.

Ниҳоят 20 июни соли 2024 он дар таҳрири нав, яъне, дар шакли Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” қабул гардид. Ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати дар таҳрири нав қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» иқдоми саривақтӣ буда, қабули он дар ҳалли мушкилоти мавҷуда мусоидат мекунад. Дар шароити Тоҷикистон таълиму тарбияи кӯдак беҳбудиро мехоҳад. Аз ин рӯ, қабули лоиҳаи қонуни мазкур дар таҳрири нав ва фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ барои низом дар ин самт ба манфиат аст. Дар лоиҳаи қонуни мазкур нисбат ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 - юми августи соли 2011, №762 «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дигаргуниҳои зиёд ба манфиати фаъолият дар ин самт дида мешаванд. Шурӯъ аз худи номгузорӣ намудани лоиҳаи қонун, яъне аз «фарзанд» ба «кӯдак» табдил додани мафҳумҳои асосии қонун ва хориҷ намудани калимаҳои «падару модар» бисёр муҳим дониста мешаванд, зеро мафҳуми «фарзанд» маҳдуд буда, масъулият танҳо ба падару модар тааллуқ дорад, ҳол он ки дар татбиқи қонуни зикршуда дигар шахсон низ масъул мебошанд (масалан, омӯзгорон). Дар баробари ин, фарзанд ҳадди синнусолӣ надорад, аммо дар татбиқи қонуни зикршуда масъулияти падару модар танҳо нисбат ба фарзандони то 18 - сола, яъне кӯдак, пешбинӣ шуда буд [10, с. 2].

Таълиму тарбияи кӯдак дар ҳамкории зичи се ниҳоди иҷтимоӣ - оила, мактаб ва ҷомеа сурат мегирад. Бинобар ин, тамоми қишрҳои ҷомеа бояд дар ин самт худро масъул ва уҳдадор ҳисобида, зиндагии кӯдакро тибқи нақшаи муайян амалӣ намоянд. Лоиҳаи қонуни мазкур аз муқаддима, 7 боб ва 25 модда иборат буда, муҳимияти он нисбат ба қонуни амалкунанда дар он аст, ки дар чордаҳ моддаи нави лоиҳаи қонуни мазкур муносибатҳоро оид ба масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак ва ҳуқуқу уҳдадориҳо аз ҷониби падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда, омӯзгор, муассисаи таълимӣ, комиссияҳои ҷамъиятӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақоми ваколатдор ва дигар вазорату идораҳо ва аҳли ҷомеа дар моддаҳои алоҳида оварда шудааст. Аз ҷониби кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ба кумитаи масъул 75 таклифу пешниҳод ворид гардида, аз онҳо 9 таклиф пурра қабул, 2 таклиф қисман қабул шуда, 64 таклиф қабул нагардид [10, с. 3].

Зери таваҷҷуҳи хоса ва танзими ҳуқуқӣ қарор гирифтани масъалаи мазкур тасодуфӣ нест. Зеро маҳз аз сифати дониш, сатҳи тарбия ва фарҳанги насли наврас рушди иқтисодӣ, устуворӣ иҷтимоӣ, рушди ҳуввияти миллӣ, сатҳи зиндагии аҳолӣ, маърифат ва фаъолнокии сиёсӣ, рушди илм ва технологияҳо, эътибор ва эътирофи байналмилалӣ ва дар маҷмӯъ иқтидори (потенсиали) ҳар як ҷомеа ва кишвар вобастагӣ доранд. Бо дарназардошти муҳимияти масъалаи мазкур Тоҷикистон яке аз аввалин ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ мебошад, ки баъди ба даст овардани истиқлолияти миллӣ ҳанӯз соли 1993 ба "Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак", ки 20 ноябри соли 1989 ба тасвиб расидааст, ҳамроҳ шуда, мақоми қонунгузор санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде қабул намудааст, ки паҳлӯҳои гуногуни таълим ва тарбияи наврасону ҷавонон ва калонсолонро танзим ва ҳифз менамоянд.

Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки зарурати таълиму тарбияи насли наврас ва аҳамияти дуруст ба роҳ мондани ин раванд, ҳангоми суханронии худ оид ба лоиҳаи Қонун "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" қайд намуданд, ки фарзанди солеҳу хушахлоқ ва боҳунару донишманд ғайр аз ин, ки сарвати азизу бебаҳои падару модар мебошад, ба арзиши маънавии давлат ва сармояи зеҳнии он дохил гардида, сатҳу сифати маърифатнокии ҷомеа ва қудрати давлатро муайян месозад. Дар ин росто, таҷдид ва такмили низоми таълиму тарбия аз ҷумлаи самтҳои афзалиятнок ва вазифаи муҳимтарини сиёсати давлатӣ эълон гардида, таваҷҷӯҳи шуморо ба ин масъала ҷалб месозам, ки тадбирҳои муҳими давлатӣ бе кӯмаку дастгирии бевоситаи аҳли ҷомеа, аз ҷумла падару модарон ва азми қавии онҳо ба ҳадди дилхоҳ ва самарабахш намерасанд [12, с. 3-4].

Қонуни аз эътибор соқит донисташуда дар маҷмӯъ ҳамагӣ чор маротиба истилоҳи "масъулият" – ро истифода намудааст, он ҳам ҳангоме, ки меъёр мақсади қонун, муносибатҳое, ки тавассути он танзим карда мешаванд, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандро муқаррар менамояд. Дар матни қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак" бошад 51 маротиба ин истилоҳ истифода бурда шуда, баръакси қонуни қаблӣ, ки мафҳуми масъулиятро муқаррар накарда буд, онро ҳамчун "уҳдадории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар раванди таълиму тарбияи кӯдак" муайян менамояд, ки ба андешаи муаллиф чандон қобили қабул набуда, зарурати бозбинии он мавҷуд аст. Зеро мақсад ва моҳияти қабул ва татбиқи Қонуни мазкур бо мазмуни "масъулият" алоқамандии зич дошта, танҳо дар натиҷаи дарки дурусти мазмуни "масъулият" қонунгузор метавонад вазифаҳо ва менахизмҳоеро муайян намояд, ки самаранок буда, ба мақсадҳое, ки ҷомеа ва давлат дар ин самт дар назди худ гузоштаанд, оварда расонанд.

Аз ҷумла, дар натиҷаи таҳлили мафҳумҳои таҳсилот, таълим ва тарбия, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" муайян гардидаанд, метавон ба хулосае омад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак" қисман қонуни номбурдаро такрор менамояд, зеро боби 5 Қонуни ҶТ "Дар бораи маориф" ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектони раванди таълиму тарбия [5] бахшида шудааст. Аммо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак" метавонад, куллан дигар ва дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон нодир бошад, агар мазмуни воқеии "масъулият" ошкор гардида, мақсад, вазифаҳо ва чорабиниҳои, ки тавассути ин қонун муқаррар мегарданд, ба он мувофиқ бошанд.

Дар матни русии Қонун дар бораи масъулият, ки барои тарҷумаи русии он Раёсати тарҷумаи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул аст, "масъулият" дар ҳамаи 51 ҳолати истифодагардида на ҳамчун "обязанность", балки "ответственность" тарҷума шудааст, ки ин гувоҳи он аст, ки қонунгузор низ "масъулият"-ро на ҳамчун "уҳдадорӣ", балки "ҷавобгарӣ" муайян менамояд. Ҳолати мазкур, метавонад ба пайдо гардидани муқаррароти ғайримантиқӣ ва ғайриилмӣ – ҳуқуқӣ дар матни русии он оварда расонад. Масалан, дар матни русии Қонун дар бораи масъулият мафҳуми масъулият чунин тавсиф гардидааст "**ответственность** за обучение и воспитание ребёнка – **обязанность** физических и юридических лиц в процессе обучения и воспитания ребёнка". Дар илми ҳуқуқшиносӣ бошад, мафҳумҳои мазкур муайянияти дақиқ дошта, функсияҳои гуногунро дар низоми ҳуқуқӣ иҷро менамоянд. Ҳамин тавр, дар илми ҳуқуқшиносӣ уҳдадорӣ рафтори муқарраргардида мебошад, дар ҳоле, ки ҷавобгарӣ оқибатҳое ҳастанд, ки дар натиҷаи вайрон кардани он ба амал меоянд.

Дар адабиёти илмӣ, аз ҷумла, луғатномаи Деҳхудо [9, с. 1426-1427], фарҳанги Умид, фарҳанги Муин ва фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ [14, с.771] масъулиятро на ҳамчун уҳдадорӣ, балки ҳамчун ҷавобгарӣ тавсиф

намудаанд. Дар фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ низ мафҳуми масъулият ҳамчун “ҷавобгарӣ. Ҷавобгарии шаҳрвандон, шахсони мансабдор барои содир намудани ягон амал ё барои содир накардани он ё ягон уҳдадорӣ, ки онро шахс бояд содир мекард” тавсиф менамояд [13, с. 279]. Аз ҷумла, профессор Р.Ш. Шарофзода (Р.Ш. Сотиволдиев) бар он назар аст, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ намуди ҷавобгарӣ ё масъулияти иҷтимоӣ буда, истилоҳи “масъулияти иҷтимоӣ” ба маънои масъулияти шахс дар назди ҷомеа, оила, иттиҳодияҳо, коллективҳо истифода мешавад. Калимаи “иҷтимоӣ” маънои ҷамъиятиро дорад [11, с. 614]. Абросимова Е.А. бошад, масъулияти иҷтимоиро ҳамчун принсипи ахлоқие медонад, ки мутобиқи он дар раванди қабули қарорҳо барои амалисозии қарзи иҷтимоӣ на танҳо манфиатҳои фардҳои алоҳида ва ташкилотҳое, ки қарорҳоро қабул мекунанд, балки манфиатҳо, арзишҳо ва мақсадҳои гурӯҳҳои васеи иҷтимоӣ ва дар маҷмӯъ ҷомеаро ба инобат гирифтан зарур аст [7, с. 48].

Пас, масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак чист? Барои эҷод намудани мафҳуми мазкур пеш аз ҳама маънии лингвистикии он, мақсад ва доираи муносибатҳо, хусусиятҳои онҳо ва субъектони дахлдорро муайян намудан зарур аст. Калимаи масъулият аз решаи арабии “саал” гирифта шуда, маънояш “пурсидан”, “пурсида шудан” мебошад. Аз решаи мазкур калимаҳое ташаккул меёбанд, ки ғояи дархост, манфиат ё талаби иттилоотро инъикос менамоянд. Калимаи масъул бошад, маънои “ҷавобгар”, “ҳисоботдиҳанда”, “роҳбарикунанда” – ро дошта, субъектеро ифода менамояд, ки функсияи муайян, назорат, идоракуниро дар доираи ташкилот, муассиса ва ё ҳолати мушаххас амалӣ месозад [8]. Аз ин бармеояд, ки калимаи “масъул” мазмуни васеъ ва амиқтаре дошта, на танҳо шахсеро ифода менамояд, ки уҳдадориеро бар дӯш дорад. Ин калима инчунин мақом, ваколат ва уҳдадории ахлоқии субъектро ифода намуда, аксаран субъекти на танҳо иҷрокунанда, балки ваколатдореро ифода менамояд, ки қарорҳоро қабул мекунад.

Дар баробари ин агар ба моддаҳои 26, 29 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар [3], моддаҳои 5, 17, 18, 27, 28, 29 Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак [1], моддаҳои 13-14 Паймони байналхалқии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ [2], ки принсипҳои бунёдӣ ҳуқуқи кӯдак ба таълиму тарбия ва хусусияти инсондӯстӣ доштани он, нақши оила, ҳуқуқ ба инкишоф ва ҳимоя аз иттилооти зараровар, уҳдадории давлат ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои амалисозии ин ҳуқуқҳо, эҳтироми ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар, таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдак, ба таври зарурӣ идора ва роҳбарӣ намудани кӯдак дар амалисозии ҳуқуқҳояш, инчунин зарурати рушди ҳамаҷонибаи кӯдакро муқаррар менамоянд, назар намоем, бо дарназардошти мазмуни масъулият метавон қайд намуд, ки субъекти аввалиндараҷаи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак давлат мебошад. Аз ҷумла, агар қисми якуми моддаи 29 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки “Ҳар як инсон дар назди ҷомеае, ки рушди озод ва камолоти шахсияти ӯ фақат дар он имконпазир аст, ӯҳдадор мебошад [3]” – ро эълом медорад, тафсир намоем, мо мушоҳида менамоем, ки меъёри мазкур аз ҷомеа тақозо менамояд, то шароитеро фароҳам оварад, ки дар он рушди озод ва камолоти шахсияти инсон имконпазир аст ва танҳо дар ин сурат инсон дар назди он ҷомеа уҳдадор хоҳад буд. Ҳар як ҷомеа бошад, худро дар шакли оила, авлод, қабила, фратрия, давлат ва дигар шаклҳои хос ташкил менамояд. Ҷомеаи Тоҷикистон бошад, тавассути Конститутсия, худро дар шакли ҷумҳурии соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ ташкил карда, ҳамчун давлати иҷтимоӣ Тоҷикистон масъулияти барои ҳар як инсон фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро ба зимма гирифтааст.

Моддаи 5 Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак бошад, давлатҳои аъзоро уҳдадор менамояд, ки масъулият, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои волидайн, шахсони онҳоро ивазкунанда ва дар ҳолатҳои дахлдор иттиҳодияҳоро эҳтиром карда, ба таври зарурӣ кӯдакро дар амалисозии ҳуқуқҳояш идора ва роҳбарӣ намояд [1].

Ҳамин тавр, давлат ҳамчун ташкилот ифодагари манфиатҳои ҳамаи субъектони дар ҷомеа амалкунанда буда, субъекти марказии муносибатҳо оид ба масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак мебошад. Албатта, ҳамчун субъекти муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла муносибатҳо оид ба масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак, давлат тавассути мақомоти ҳокимияти давлатӣ – қабули санадҳои ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ, иштирок дар шартномаҳо ва созишномаҳо, сармоягузорӣ ва танзимнамоӣ тавассути буҷет иштирок менамояд. Дар баробари давлат субъектони бевоситаи ин муносибатҳо падару модар, муассисаҳои таҳсилотӣ ва дигар шахсони воқеию ҳуқуқӣ дониста мешаванд.

Мақсади танзими муносибатҳо оид ба масъулият дар таълиму тарбияи кӯдакро қонуни аз эътибор соқитдонисташуда дар бораи масъулият

“пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд” [4] ва қонуни амалкунанда дар ин самт ҳамчун “таълиму тарбияи кӯдак дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ” [6] муқаррар менамояд. Мақсади муқарраргардида чандон бо сабаби қабул гардидани қонуни мазкур мувофиқ нест. Зеро таълиму тарбия моҳиятан мебояд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ бошанд, ки аз мазмуни меъёрҳои Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ бармеояд. Таҳлили меъёрҳои қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” имкон медиҳад, ки муносибатҳои зерин оид ба масъулият дар таълиму тарбияи кӯдакро ҷудо намоем:

- ✓ муносибатҳои байни давлат (мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ) ва шаҳрвандон, муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои таҳсилотӣ, ки ба амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи таълим ва тарбияи кӯдак равона шудаанд;
- ✓ муносибатҳои вобаста ба таълиму тарбия, ки байни падару модар ва кӯдак ба вуҷуд омада, бо маҷмӯи ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳое тавсиф гардида, барои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва инкишофи мавзуни ӯ равона гардидаанд;
- ✓ муносибатҳои байни муассисаҳои таҳсилотӣ, омӯзгорон ва падару модар, ки раванди ташкили таҳсилот, назорат аз болои сифати таълим ва риояи стандартҳои муқарраршударо дарбар мегиранд;
- ✓ муносибатҳои байни иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, комиссияҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти худидораи маҳал, ки ба иштироки ҷомеа дар ташкил, назорат ва такмили низоми таълим ва тарбияи кӯдак равона гардидаанд;
- ✓ муносибатҳое, ки дар раванди мониторинг, огоҳинамоӣ ва бартарафсозии ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи таълим ва тарбияи кӯдак ба вуҷуд омада, ҳамкории ҳамаи субъектони номбурдаро барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак талаб менамояд.

Бо дарназардошти хусусияти муносибатҳое, ки дар ин самт ба вуҷуд меоянд, мақсади масъулият барои таълиму тарбияи кӯдакро, ба андешаи муаллиф метавон ҳамчун “мусоидат ба амалисозии ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модар, шахсони ивазкунандаи онҳо дар таълиму тарбияи кӯдак, таъмини таълиму тарбияи сифатноки кӯдак бо дарназардошти талабот ва хусусиятҳои инфиродии ӯ, ташаккули муносибати боэҳтиромонаи кӯдак ба арзишҳои миллӣ, умумиинсонӣ ва фарҳангӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти таълиму тарбияи кӯдак танзим намуда, ба рушди ватандӯстӣ, ҳисси шаҳрвандӣ ва асосҳои ахлоқии кӯдак, тавассути ҳамкории мавзуни оила, муассисаҳои таҳсилотӣ ва институтҳои ҷамъиятиву давлатӣ, нигаронида шудааст” муқаррар намуд.

Дар натиҷаи таҳлили лингвистӣ-ҳуқуқии масъулият, муайян намудани доираи муносибатҳо оид ба масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак, субъектони иштироккунандаи муносибатҳои мазкур ва хусусиятҳои онҳо муаллиф мафҳуми масъулият барои таълиму тарбияи кӯдакро ба таври зайл пешниҳод менамояд: «масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак маҷмӯи муқаррароти меъёрие мебошад, ки ба уҳдадориҳои байналмилалӣ, хусусияти иҷтимоӣ доштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи замони муосир асос ёфта, дар доираи он институтҳои иҷтимою давлатӣ, шахсони воқеиву ҳуқуқӣ уҳдадории мусоидат намудан ба амалисозии ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модар ва шахсони ивазкунандаи онҳоро дар таълиму тарбияи кӯдак, бо мақсади таъмини инкишофи ҳамаҷонибаи ҷисмонӣ, зеҳнӣ, ахлоқии кӯдак ва ба вуҷуд овардани шароит барои рушди мавзуни шахсияти кӯдак, ба зимма мегиранд.»

Мафҳуми пешниҳодгардидаро таҳлил намуда, метавон гуфт, ки моҳияти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ин:

- ✓ Маҷмӯи муқаррароти меъёрие мебошад, ки дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардида, ба уҳдадориҳои байналмилалӣ, воқеияти ҷойдошта ва табиати иҷтимоӣ доштани он асос меёбад.
- ✓ Масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак чорчӯбаҳои ҳуқуқиеро муқаррар менамояд, ки уҳдадориҳо, ҳуқуқҳо ва кафолатҳои ҳуқуқии падару модар ва шахсони ивазкунандаи онҳо дар доираи ин чорчӯбаҳо муайян мегарданд.
- ✓ Он ҷавобгарии институтҳои ҷамъияю давлатӣ, шахсони воқею ҳуқуқиро барои ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои таълиму тарбияи кӯдак асоснок мекунад.
- ✓ Муқаррароти мазкур барои таъмини инкишофи ҳамаҷонибаи ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва ахлоқии кӯдак равона гардида, муқаррар менамояд, ки ҳамаи қарорҳои қабулгардида ва амалисозии онҳо, бояд ба манфиати кӯдак анҷом ёбанд.

✓ “Масъулият” барои таълиму тарбияи кӯдак на танҳо ҳамчун механизми ҳуқуқӣ, балки ҳамчун уҳдадории ахлоқии ҷомеа дар назди насли оянда баромад менамояд.

✓ Воситаи ташаккули низоми дастгирӣ мебошад, ки ҳангоми ҷой доштани чунин низом давлат, муассисаҳои таҳсилотӣ ва падару модар ба манфиати кӯдак амал мекунанд.

✓ Масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак моҳиятан иштироки фаъолонаи ҳамаи субъектони ҷомеаро дар амалисозии ҳуқуқҳои кӯдак талаб менамояд.

✓ Он ба рушди мавзуни шахсияти кӯдак мусоидат намуда, шароит барои шаклгирии комили онро ба вуҷуд меорад.

✓ Масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак на ҳамчун унсури ҷавобгариву ҷазомуқарраркунӣ, балки ҳамчун кафолати амалишавии ҳуқуқҳои кӯдак дар самти таълиму тарбия баррасӣ мегардад.

Ҳамин тавр, моҳияти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак дар кӯшишҳои муштараки ба принсипҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ асосёфтае ифода меёбад, ки ба бунёди муҳити барои кӯдак ҳифзкунанда, рушдкунанда ва дастгириёбанда равона гардидааст.

Муқарриз: н.и.ҳ. Иззатуллозода П.

ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА ОБУЧЕНИЕ И ВОСПИТАНИЕ РЕБЁНКА

Ключевые слова: ответственность; ребёнок; обучение и воспитание; родители; права ребёнка; социальное развитие; государственная политика; моральные принципы

Аннотация: В научной статье рассматриваются понятие и сущность ответственности за образование и воспитание ребёнка, значение образования и воспитания как важнейшего элемента формирования личности, а также ее правовое регулирование. В результате анализа цели и содержания понятия ответственности, закрепленного в законе Республики Таджикистан “Об ответственности за обучение и воспитание ребёнка”, автор считает подход к определению данной категории недостаточно в полной мере отражающим сложные и многогранные отношения, возникающие в процессе обучения и воспитания. Автор также излагает свои мнения и взгляды отноцительно цели, содержания и сущности ответственности за обучение и воспитание ребёнка.

Хукматуллоев Мухаммад Абдухалимович - ассистент кафедры административного и финансового права юридического факультета Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан E-mail: hikmatullozodamuhammad1101@gmail.com, Тел: (+992) 804-30-30-44.

THE CONCEPT AND ESSENCE OF RESPONSIBILITY FOR THE EDUCATION AND UPBRINGING OF A CHILD

Keywords: responsibility; child; education and upbringing; parents; children´s right; social development; public policy; moral principles.

Annotation: The scientific article considers the concept and essence of responsibility for education and upbringing of a child, the importance of education and upbringing of a child, the importance of education and upbringing as the most important element of personality formation, as well as its legal regulation. As a result of analysing the purpose and content of the concept of responsibility, enshrined in the law of the Republic of Tajikistan “On responsibility for the education and upbringing of a child”, the author considers the approach to the definition of this category does not fully reflect the complex and multifaceted relations arising in the process of education and upbringing. The author also presents his opinions and views on the purpose, content and essence of respons

Hukmatulloev Muhammad Abdukhalimovich - Assistant Professor of the Department of Administrative and Financial Law, Faculty of Law, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan E-mail: hikmatullozodamuhammad1101@gmail.com, Tel: (+992) 804-30-30-44.

Рӯйхати адабиёт:

1. Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак. Бо қатъномаи 44/25 Ассамблеяи Генералии СММ аз 20 ноябри соли 1989 қабул гардида, 2 сентябри соли 1990 ба қувваи амал даромадааст [Манбаи электронӣ]

// URL:https://knowledge.org.ua/wp-content/uploads/2016/03/ru_ru_childrights_190707.pdf (санаи мурочиат: 11.05.2025).

2. Паймони байналхалқии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. Бо қатъномаи 2200А (XXI) Ассамблеяи Генералӣ 16 декабри соли 1966 қабул шудааст [Манбаи электронӣ] // URL:http://www.vhk.tj/images/sanadho/tj (санаи мурочиат: 11.05.2025).

3. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. Бо қатъномаи 217 (III) Ассамблеяи Генералии СММ аз 10 декабри соли 1948 қабул гардидааст. [Манбаи электронӣ] // URL:http://www.vhk.tj/images/sanadho/tj (санаи мурочиат: 11.05.2025).

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” аз 2 августи соли 2011, №762 (бо тағйиру иловаҳо аз 24 декабри соли 2022, № 1938). Аз эътибор соқит шудааст.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” аз 22 июли соли 2013, №1004 (бо тағйиру иловаҳо аз 20 июни соли 2024, №2063).

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” аз 20 июни соли 2024, №2049.

7. Абрасимова Е.А., Социальное предпринимательство и социальная ответственность малого бизнеса: мифы и реальность // Журнал предпринимательского и корпоративного права. — 2016. — № 3. С. 47 – 51.

8. Википедия – донишномаи озод, [Манбаи электронӣ]// URL:https://ru.wiktionaty.org/wiki

9. Луғатномаи Деҳхудо, ҷилди 13, зери таҳрири Муҳаммад Муин ва Ҷаъфар Шаҳидӣ, - Теҳрон, 1998. – 1657 с.

10. Садои мардум (Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон), - Душанбе, 13 майи соли 2024, №59-60. [Манбаи электронӣ] // URL:https://old.sadoimardum.tj/bojgon/ (санаи мурочиат: 13.05.2025).

11. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ). – Душанбе: «Империал-Групп», 2014. – 720 с.

12. Суханронӣ оид ба лоиҳаи Қонун “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, - Душанбе, 14 декабри соли 2010. – 18 с. // [Манбаи электронӣ] // URL:www.president.tj (санаи мурочиат: 10.05.2025).

13. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ (нашри дуюм). Зери таҳрири д.и.ҳ, профессор Маҳмудов М.А., - Душанбе, ЭР-граф: 2009. – 620 с.

14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз ду ҷилд), ҷилди якум (А-Н). Зери таҳрири Сайфиддин Н., Аҳмадҷон С., Саид К., Мирзо Ҳ.С. - Душанбе, 2008. – 1091 с.

Список литературы:

1. Конвенция о правах ребенка. Принята резолюцией 44/25 Генеральной Ассамблеи ООН от 20 ноября 1989 года и вступила в силу 2 сентября 1990 года [Электронный источник] / / URL:https://knowledge. org. ua/wp-content/uploads/2016/03/ru_ru_childrights_190707. pdf (дата обращения: 11.05.2025).

2. Международный пакт об экономических, социальных и культурных правах. Принят резолюцией 2200а (XXI) Генеральной Ассамблеи от 16 декабря 1966 года [Электронный источник] // URL:http://www.vhk.tj/images/sanadho/tj (дата обращения: 11.05.2025).

3. Всеобщая декларация прав человека. Принята резолюцией 217 (III) Генеральной Ассамблеи ООН от 10 декабря 1948 года. [Электронный источник] // URL:http://www.vhk.tj/images/sanadho/tj (дата обращения: 11.05.2025).

4. Закон Республики Таджикистан” об ответственности родителей за обучение и воспитание детей « от 2 августа 2011 года №762 (с изменениями и дополнениями от 24 декабря 2022 года № 1938). Оно аннулировано.

5. Закон Республики Таджикистан” Об образовании « от 22 июля 2013 года №1004 (с изменениями и дополнениями от 20 июня 2024 года №2063).

6. Закон Республики Таджикистан” об ответственности за обучение и воспитание ребенка « от 20 июня 2024 года №2049.

7. Абрасимова Е.А., Социальное предпринимательство и социальная ответственность малого бизнеса: мифы и реальность // Журнал предпринимательского и корпоративного права. — 2016. — № 3. С. 47 – 51.

8. Википедия – бесплатная энциклопедия, [Электронный источник]/ / URL:https:/ / ru. wiktionaty. org/wiki

9. Словарь Деххуда, том 13, под редакцией Мухаммеда Муина и Джафара Шахиди, - Тегеран, 1998. – 1657 С.

10. Голос народа (издание Маджлиси Оли Республики Таджикистан), - Душанбе, 13 мая 2024 года, №59-60. [Электронный источник] // URL:https://old.sadoimardum.tj/bojgon/ (дата обращения: 13.05.2025).

11. Сотиволдиев Р.Ш. Теория государства и права (Учебник для высших учебных заведений). - Душанбе: «Империал-Групп», 2014. - 720 С.

12. Выступление по проекту закона" об ответственности родителей за воспитание детей», - Душанбе, 14 декабря 2010 года. – 18 С. // [Электронный источник] / / URL:www.president.tj (дата обращения: 10.05.2025).

13. Культура терминологии права (второе издание). Под редакцией д.ю.н., профессор Махмудов М.А.,- Душанбе, ЭР-графство: 2009. - 620 С.

14. В Коране есть два толкования, одно из которых-толкование Корана. Под редакцией Сайфиддина Н., Ахмадж С., Саид К., Мирза Х.С. - Душанбе, 2008. – 1091 С.

List of literature:

1. Convention on the Rights of the Child. Adopted by UN General Assembly Resolution 44/25 of November 20, 1989 and entered into force on September 2, 1990 [Electronic source] / / URL:https://knowledge. org. ua/wp-content/uploads/2016/03/ ru_ru_childrights_190707. pdf (accessed: 05/11/2025).

2. International Covenant on Economic, Social and Cultural Rights. Adopted by General Assembly resolution 2200a (XXI) of December 16, 1966 [Electronic source] // URL:http://www.vhk.tj/images/sanadho/tj (date of request: 05/11/2025).

3. The Universal Declaration of Human Rights. Adopted by Resolution 217 (III) of the UN General Assembly on December 10, 1948. [Electronic source] // URL:http://www.vhk.tj/images/sanadho/tj (date of application: 05/11/2025).

4. The Law of the Republic of Tajikistan "on Parental Responsibility for the education and upbringing of children» dated August 2, 2011 No. 762 (with amendments and additions dated December 24, 2022 No. 1938). It's been cancelled.

5. The Law of the Republic of Tajikistan" On Education « dated July 22, 2013, No. 1004 (with amendments and additions dated June 20, 2024, No. 2063).

6. The Law of the Republic of Tajikistan "on responsibility for the education and upbringing of a child» dated June 20, 2024 No. 2049.

7. Abrasimova E.A., Social entrepreneurship and social responsibility of small business: myths and reality // Journal of Entrepreneurial and Corporate Law. — 2016. — No. 3. pp. 47-51.

8. Wikipedia – free encyclopedia, [Electronic source]/ / URL:https:/ / ru. wiktionaty. org/wiki

9. Dehkhud Dictionary, volume 13, edited by Muhammad Muin and Jafar Shahidi, Tehran, 1998. - 1657 p.

10. The Voice of the People (edition of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan), Dushanbe, May 13, 2024, No. 59-60. [Electronic source] // URL:https://old.sadoimardum.tj/bojgon / (date of access: 05/13/2025).

11. Sotivoldiev R.S. Theory of state and law (Textbook for higher educational institutions). Dushanbe: Imperial Group, 2014, 720 P.

12. Presentation on the draft law "On parental responsibility for the upbringing of children», Dushanbe, December 14, 2010. - 18 P. // [Electronic source] / / URL:www.president.tj (date of request: 05/10/2025).

13. Culture of Legal Terminology (second edition). Edited by D.I.x, Professor Makhmudov M.A.,- Dushanbe, Tajikistan: 2009. - 620 P.

14. There are two interpretations in the Quran, one of which is the interpretation of the Quran. Edited by Sayfiddin N., Ahmadj S., Said K., Mirza H.S. - Dushanbe, 2008. – 1091 p.

ТДУ: 336.71(575.3)
Наботов Наимҷон Абдуҳолиқович,
Ассистенти кафедраи ҳуқуки маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе,
E-mail: naimjonnabotov1997@gmail.com
Тел: (+992) 901-00-70-01

ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ: ТАҲЛИЛИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚӢ

Калидвожаҳо: қонунгузорӣ, санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, Конститутсия, таърихӣ-ҳуқуқӣ, бонк, фаъолияти бонкӣ, ташкилоти қарзӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, қонун, Бонки миллии Тоҷикистон.

Фишурда. Дар мақолаи мазкур Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти бонкӣ бо истифода аз адбиётҳои илмӣ ва қонунгузорӣ бо мақсади аз худ намудани донишҳои илмӣ чиҳати таърихи конунгузории соҳаи фаъолияти бонкӣ мавриди таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ қарор гирифтааст. Бонкҳо бинобар нақши муҳим дошганашон дар рушди иқтисоди миллӣ ва таъмини суботи молиявӣ мавқеи муҳимро соҳиб гардида, тавассути маҷмӯи қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии зерқонунӣ амалӣ мегардонанд.

Бо шарофати Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд -ҶТ) дигаргуниҳои куллӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба миён омада, дар ташаккулу пешрафти соҳаи бонкдорӣ нақши муҳимеро бозид. Ҳамзамон, метавон иброз намуд, ки дар даҳсолаи охир дар кишвари мо равандҳои фаъоли бунёди низоми нави бонкӣ ва танзими ҳуқуқии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мушоҳида мешавад. Дар марҳилаи муосири давлати ҳуқуқбунёд, ки ҷомеа бо сохти нави иқтисодӣ пеш меравад, нақш ва нуфузи бонкҳо ва ташкилотҳои дигари кредитӣ инкишоф ёфта, ба соҳаи фаъолияти онҳо диққати аҳли ҷомеа равона гардидааст.

Бонкҳо тавассути иҷро намудани амалҳои муайян, ки қонун муқаррар намудааст, нақши муҳими худро дар рушди соҳаи молиявӣ ва иқтисодии кишвар мерасонанд, ки онро фаъолияти бонкӣ ном бурдан мумкин аст.

Мутобиқи қонунгузории ҶТ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ, фаъолияти бонкӣ – гуфта аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ) анҷом додани амалиёти бонкӣ ва аҳдҳое, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ гардидааст, фаҳмида мешавад.

Бонк муассисаи махсуси молиявиест, ки барои анҷоми корҳои ҷамъоварӣ ва идораи раванди ҳисобу китоби маблағҳои пулӣ, ба муомилот баровардани маблағҳои қарзӣ ва дигар амалиёти молиявӣ таъсис дода мешавад.**[9]**

Мафҳуми фаъолияти бонкӣ пеш аз ҳама бо чунин таърифҳои қонунгузорӣ, ба монанди “бонк” ва “ташкилотҳои қарзӣ” алоқаманд аст. Танҳо ба бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ дар асоси иҷозатнома иҷозат дода мешавад, ки амалиёти бонкиро анҷом диҳанд. Аз ин рӯ, фаъолияти бонкӣ фаъолияти бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ мебошад.**[5.с.67]**

Истилоҳи «бонк» аз калимаи итолёвии «banko», ки маъноаш «миз» (мизи пуливазкунӣ) аст, бармеояд. Тибқи баъзе сарчашмаҳои дигар бошад истилоҳи «бонк» аз калимаи куҳнаи франсузии «bangue» гирифта шудааст, ки маънои он низ «миз», яъне «стол» аст.[6.с.5]

Бонк ташкилоти қарзие, ки мақсади асосиаш гирифтани фоида буда, дорои сармояи оинномавии барои он муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон ва ҳуқуқи иҷрои на камтар аз се амалиёти зерин: ҷалби амонат ва пасандозҳо, додани қарз, кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ мебошад.

Ташкилотҳои қарзӣ - шахсони ҳуқуқие (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, аз ҷумла ташкилотҳои маблағгузории хурд), ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳама ё баъзе аз амалиёти бонкии дар Қонуни мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории ҶТ пешбинишударо иҷро менамоянд

Фаъолияти бонкӣ тавассути меъёрҳои ҳуқуқи бонкӣ танзим карда шуда, дар шакли иҷро намудани* амалиётҳои бонкӣ, *аз ҷумла, ҷалб намудани амонат ва пасандозҳо; додани қарзҳо (кредитҳо); кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ; хариду фурӯши асъори хориҷӣ, саҳмияҳо ва ғ; интиқоли маблағҳо бо

дархости шахсони воқеӣ; амалиёти сейфӣ, кассавӣ ва ғайра.

Қобили тазаккур аст, ки ташаккули низоми қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ дар ҶТ як ҷузъи ҷудонашавандаи низоми идоракунии давлатӣ дар сиёсати нави созандаи Ҳукумати мамлакатамон ба ҳисоб меравад. Зеро дар давоми солҳои Истиқлолияти давлатии ҶТ дар сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низоми фаъолияти бонкӣ, ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёт ва соҳаи ҳаёти хоҷагии халқ муҳим арзёби гардида, мақоми хосаро касб намудааст.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 1 Конститутсияи кишвар, ҶТ давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Назарияи давлати ҳуқуқбунёд талаб менамояд, ки ҳама намуди фаъолияти давлативу ҷамъиятӣ дар асоси қонун ба танзим дароварда мешавад. Аз ин рӯ ташкил ва фаъолияти бонкҳо ба воситаи маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие ба танзим дароварда мешаванд, ки онҳо бевосита ҳуқуқи бонкиро ташкил медиҳанд.

Дар мувофиқа бо адабиётҳои таърихӣ мебояд иброз намуд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи фаъолияти бонкӣ метавон ба ду давра ҷудо намуд:

якум, аз моҳи октябри соли 1924 бо баробари таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Узбекистон ва аз моҳи октябри соли 1929 ҳамчун Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон;

дуюм, аз 6 ноябри соли 1994 то инҷониб, (яъне давраи баъд аз пош хурдани Ҷумҳурии Шуравии Сотисалистӣ ва ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991).

Ҳарчанд низоми бонкии ҷумҳурӣ дар заминаи шабакаи бонкии замони шӯравӣ бунёд гардид, дар даврони Истиқлолият тадриҷан зинаҳои такмили заминаи қонунгузорӣ, ба муомилот ворид кардани пули миллӣ, бунёди сиёсати мукаммали пулию қарзӣ, ба роҳ мондани ҳисоббаробариҳои мунтазаму боэътимод, ташкили назорати ба пояи меъёрҳои молиявию иқтисодӣ асосноки бонкӣ ва ғайраро тай намуда, дар айни замон ба яке аз соҳаҳои ниҳоят муҳимми иқтисодиёти мамлакат табдил ёфтааст.**[8.с.5]**

Ҳанӯз дар нимаи асри XVII бонкҳо қисми ҷудонашавандаи иқтисодиёти давлатҳои тараққикарда ба шумор рафта, тамоми гардиши пулиро ба даст гирифта буданд.**[7.с.8]**

Тавре, ки дар боло ишора намудем пайдоиши бонкҳо ва қонунгузории ҶТ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ бо баробари таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Узбекистон ва аз моҳи октябри соли 1929 ҳамчун Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон.

Моҳи октябри соли 1924 дар натиҷаи тақсимоти миллӣ-марзии Осиёи Миёна дар ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Узбекистон Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ташкил ёфт. Охири моҳи октябри соли 1924 ба Бонки давлатии Осиёимиёнагӣ оид ба мавҷуд будани 9-вилоят дар асоси қарори маъмурияти марказии дар шаҳри Душанбе буда хабар расид.

Нахустин кассаи давлатии амонатгузории меҳнаткашон таҳти №1341 дар назди Комиссариати халқии молияи Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон тавонист фақат 1-уми декабри соли 1925 кушода шавад, инчунин 4 кассаи амонатгузории давлатӣ дар назди почтаи телеграфӣ ва шуъбаҳои он соли 1926 ташкил ёфт.

Нахустин кассаи давлатии амонатгузории меҳнаткашон дар бинои хазинаҳои молиявии Комиссариати халқии молия, ки дар кӯчаи Пролетари шаҳри Душанбе воқеъ буд, ҷойгир карда шуд. Дар солҳои аввали фаъолият кассаи амонатгузории давлатии шаҳрии №1341 ва шуъбаҳои он фаъолияти молиявии мураккабро мегузарониданд. Дар маҳалҳо барои инкишоф ва паҳншавии кассаҳои давлатии амонатгузории меҳнаткашон корҳои ташвиқоти-тарғиботӣ бурда мешуд. Ин амалҳо ба он оварда расонид, ки дар солҳои 1927-1928 кассаҳои амонатгузорӣ дар бештари ноҳияҳои ҷумҳурӣ пайдо гаштанд.

Кассаҳои амонатгузории Ғарм, Кӯлоб, Панҷакент ва Қӯрғонтеппа мустақилона фаъолият доштанд ва оид ба фаъолияти хеш бевосита ба Москав ва Самарқанд ҳисобот медоданд. Солҳои 1927-1928 дар Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон 7213 нафар амонатгузор буд, ки ин тақрибан 10-11%-и шумораи умумии аҳолиро ташкил медод. Дар муқоиса бо соли 1926 шумораи амонатгузорон аз 3 маротиба бештар буд.

Соли 1929 барои халқи тоҷик давраи фаромӯшнашуданист, Тоҷикистон Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ эълон гардида, дар машварати якҷояи Шӯрои Комиссариати халқии Узбекистон бо намояндагони Вазорати молияи Ҷумҳурии Автономии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон барои соли 1928-29 рақамҳои пасандозҳо ба маблағи 20 миллион кор карда баромада шуд.

Дар аввали соли 1929 бо ташаббуси Раёсати Комиссариати халқии молия Ҷумҳурии Автономии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон комиссияи муштарак оид ба қарзи давлатӣ ва амонатӣ бо номи Комсод ташкил карда шуд, ки дастурамал оид ба ин гуна комиссияҳо, ки дар тамоми гӯшаю канори Иттифоқ ташкил шуда буд, аз ҷониби Кумитаи Марказии СССР тасдиқ карда шуда буд.

Тавре, ки маълум гардид фаъолияти ниҳодҳое, ки функсияи бонкиро дар замони Шӯравӣ амалӣ мегардониданд дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ ба танзим дароварда мешуд.

Давраи дуюми рушди қонунгузории соҳаи фаъолияти бонкиро метавон иброз намуд, ки баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва соҳибихтиёр гардидани ҶТ, дурустар баъд аз қабули Конститутсияи замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба миён омад. Зеро қонунгузорие, ки аз замони Иттиҳоди Шӯравӣ ба мо мерос монда буд дар танзими минбаъдаи муносибатҳои муҳмими давлативу ҷамъиятӣ кифоягӣ намекард.

Бояд қайд намуд, ки қонунгузории ҶТ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ аз низоми санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии танзими фаъолияти бонкӣ иборат аст.

Асоси қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 14 декабри соли 1996, № 384, ва дар таҳрири нав аз 9 июни соли 2011 №174 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» аз 23 майи соли 1998 ташкил медиҳанд**[10]**. Бояд гуфт, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» аз 23 майи соли 1998 қабулгардида дар таҳрири нав, яъне Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 18 майи соли 2009 № 644 қабул гардид.

Бонки миллии Тоҷикистон яке аз субъектони асоси муносибатҳои бонкӣ ба шумор рафта бо Қарори Шӯрои Олии ҶТ аз 28 июни соли 1991 дар заминаи Идораи Бонки давлатии Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҶШС Тоҷикистон ташкил карда шудааст. Соли 1991 «Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва соли 1996 «Бонки миллии Тоҷикистон» ном гирифт.**[9]**

Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 9 июни соли 2011 №174, мақоми ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, усулҳои ташкили он, вазифаҳои асосӣ, ҳамкорӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақсад ва воситаҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ, усулу тарзҳои танзиму назорати бонкӣ, тартиби таҷдиди сохтор ва барҳам додани ташкилотҳои қарзӣ, ташкили гардиши пул ва ҳисоббарбарӣ ва дигар вазифаю ваколатҳои Бонки миллии Тоҷикистонро муайян мекунад. Мутобиқи қонуни мазкур Бонки миллии Тоҷикистон бонки марказии эмиссионӣ ва захиравии ҶТ буда, дар моликияти ҶТ қарор дорад ва дар назди Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ҳисоботдиҳанда аст.

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 18 майи соли 2009 № 644 мафҳуми бонк ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, ҳамчунин низоми бонкии ҶТ, феҳристи амалиёти бонкӣ, усулҳои муносибати мутақобилаи бонкҳо бо муштариён ва давлат, тартиби ташкили бонк, бақайдгирӣ ва иҷозатномадиҳӣ барои фаъолияти он (аз ҷумла бонкҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ), асос барои бозхонди иҷозатномаи анҷом додани амалиёти бонкӣ, мафҳуми «сирри бонкӣ», усулҳои ҳисобдорӣ ва ҳисоботдиҳӣ, тартиби тафтиши аудиторӣ муқаррар карда шудааст.

Дар ҳамин замина қайд намудан зарур аст, ки қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ танҳо бо Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 9 июни соли 2011 №174 ва Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 18 майи соли 2009 № 644 маҳдуд намегардад.

Бояд гуфт, ки Конститутсияи ҶТ низ ба ҳайси сарчашмаи асосӣ дар самти фаъолияти бонкӣ баромад намуда, қисме аз меъёрҳои ҳуқуқӣ Конститутсия ба он дахл доранд. Масалан, моддаи 12 оид ба шаклҳои гуногуни моликият, фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва кафолати ҳифзи ҳуқуқӣ ҳамаи шаклҳои моликият; б. 4 ва б. 10 моддаи 57 оиди салоҳияти Маҷлиси намояндагон дар бораи додани ризоият ба додугирифти қарзи давлатӣ, тасдиқи фармони Президент дар бораи таъин ва озод намудани раиси Бонки миллӣ ва муовинони ӯ; б. 7 моддаи 69 оиди салоҳияти Президент дар бораи таъин ва озод намудани раиси Бонки миллӣ ва муовинони ӯ.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи фаъолияти бонкӣ аз рӯи иерархия дар низоми санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ба ду гурӯҳ чудо намудан мумкин аст: якум, санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ.

Ба низоми санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти бонкӣ инҳо дохил мешаванд:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994;
- Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», 9 июни соли 2011 №174;
- Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009;

- Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» аз 4 ноябри соли 1995;

- Қонуни ҶТ «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» аз 16 апрели соли 2012;

- Қо*нуни* ҶТ *«Дар бораи* кафолати *амонати шахсони воқеӣ»* **аз I августа соли 2003;**

- Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, №1918;**[11]**

Ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии ҶТ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ инҳо дохил мешаванд:

- Фармонҳои Президенти ҶТ;

-Қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ;

- Санадҳои вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ;

- Санадҳои Бонки миллии Тоҷикистон;

Дар байни гурӯҳи дуюми сарчашмаҳои ҳуқуқи бонкӣ санадҳои Бонки миллии Тоҷикистон аҳамияти махсусро доранд. Тибқи муқаррароти моддаи 22 Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Бонки миллии Тоҷикистон санади меъёрии ҳуқуқиро дар шакли қарор қабул мекунад. Оиди танзим намудани масъалаҳои алоҳидаи фаъолияти бонкӣ дар ҶТ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон як қатор дасурамалҳо ва низомномаҳо қабул карда шуда, муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи фаъолияти бонкӣ ба танзим медароранд.**[10]**

- Дасутурамал дар бораи тартиби фурӯши амвол (кор ва хизматрасонӣ) бо асъори хориҷӣ аз ҷониби шаҳрвандон дар қаламрави ҶТ;

- Дастурамали №132 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти бонкҳо";

- Дастурамали №135"Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои амонатии кредитии хурд";

- Низомнома "Дар бораи тартиби гузаронидани амалиёти асъории марбут ба ҳаракати сармоя";

- Тартиби додани иҷозат барои аз ҷониби резидентҳо кушодани ҳисобҳо бо асъори хориҷӣ дар бонкҳо берун аз ҳудуди ҶТ";

- Низомнома "Дар бораи маъмурияти муваққатӣ оид ба идоракунии ташкилоти қарзӣ".

Дар қисмати интиҳо чунин хулоса намудан мумкин аст, ки фаъолияти бонкӣ дар низоми молиявии кишвар, рушди иқтисоди миллӣ ва дар таъмини суботи молиявӣ нақши муҳимро мебозад. Аз ин рӯ қонунгузории ҶТ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ ҷиҳати рушди устувори низоми фаъолияти бонкӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва пасандозҳо, беҳтар намудани хизматрасониҳои бонкӣ бо талаботҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ, инчунин ба даст овардани эътимоду боварии халқ ба фаъолияти бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ заминаи ҳуқуқии мустаҳкам фароҳам меорад. Бинобар ин ташакул додани қонунгузории ҶТ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ дарназардошти мушкилиҳои ҷойдошта миёни шаҳрвандон ва бонкҳо инчунин ҷорӣ намудани таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ муҳим ва зарури меҳисобем.

Дар асоси таҳлилу омӯзиши қонунгузории ҶТ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ, бо мақсади аз худ намудани донишҳои илмӣ чиҳати таърихи конунгузории соҳаи фаъолияти бонкӣ ва рушди низоми қонунгузории фаъолияти бонкӣ чанде пешниҳоди хусусияти илмӣ доштаро манзур менамоем:

1. Дар мувофиқа бо адабиётҳои таърихӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи фаъолияти бонкӣ метавон ба ду давра ҷудо намуд:

- **якум**, аз моҳи октябри соли 1924 бо баробари таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Узбекистон ва аз моҳи октябри соли 1929 ҳамчун Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон;

- **дуюм**, аз 6 ноябри соли 1994 то инҷониб, (яъне давраи баъд аз пош хурдани Ҷумҳурии Шуравии Сотисалистӣ ва ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991).

2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи фаъолияти бонкӣ аз рӯи иерархия дар низоми санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ба ду гурӯҳ ҷудо намудем:

- **якум,** санадҳои қонунгузорӣ;

- **дуюм,** санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ.

Муқарриз: н.и.ҳ., Иззатуллозода П.

ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СФЕРЕ БАНКОВСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ: ИСТОРИКО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ

Ключевые слова: законодательство, нормативные правовые акты, Конституция, историко-правовая, банк, банковская деятельность, кредитная организация, экономическая, финансовая, закон, Национальный банк Таджикистана.

Аннотация. В данной статье законодательство Республики Таджикистан в сфере банковской деятельности подвергается историко-правовому анализу с использованием научной литературы и законодательства в целях получения научных знаний относительно истории законодательства в сфере банковской деятельности. Банки играют важную роль в развитии экономики страны и обеспечении финансовой стабильности, их деятельность регулируется рядом законов, нормативных правовых актов и подзаконных нормативных актов.

Наботов Наимджон Абдухолиқович - ассистент кафедры административного и финансового права юридического факультета Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. г. Душанбе, E-mail: **naimjonnabotov1997@gmail.com, Тел:** (+992) 901-00-70-01

LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE FIELD OF BANKING: HISTORICAL AND LEGAL ANALYSIS

Key words: legislation, regulatory legal acts, Constitution, historical and legal, bank, banking, credit organization, economic, financial, law, National Bank of Tajikistan.

Annotation. In this article, the legislation of the Republic of Tajikistan in the field of banking activities is subjected to historical and legal analysis using scientific literature and legislation in order to obtain scientific knowledge regarding the history of legislation in the field of banking activities. Banks play an important role in the development of the country's economy and ensuring financial stability; their activities are regulated by a number of laws, regulations and by laws.

Nabotov Naimjon Abdukholikovich - assistant of the department of administrative and financial law of faculty of law at the Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan. Republic of Tajikistan, Dushanbe, E-mail: naimjonnabotov1997@gmail.com, **Tel:** (+992) 901-00-70-01

Рӯйхати адабиёт:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994;
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», 9 июни соли 2011 №174 қабул шудааст;
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» 18 майи соли 2009 № 644;
4. Гафуров А.Д. Правовое регулирование банковской деятельности в Республике Таджикистан: Учебное пособие /Подред. А.Н. Козырина.-М.: ЦППИ, 2010-211 с.211.
5. Давлатов И.Х. Становление и развитие банковской системы Таджикистана. Душанбе, «Ирфон» -2005. С. 5.
6. Эриашвили Н.Д. Банковское право.М: Закон и право, 2003. саҳ.8.
7. Рушди низоми бонкӣ дар 25 соли Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2016. С. 272
8. Сомонаи интернетӣ, манбаи электронӣ: https://tg.wikipedia.org (санаи муроҷиат 20.05.2025)
9. Сомонаи интернетӣ, манбаи электронӣ: https://www.nbt.tj (санаи муроҷиат 20.05.2025)
10. Сомонаи интернетӣ, манбаи электронӣ: https://mmk.tj (санаи муроҷиат 20.05.2025)

Список литературы:

1. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года;
2. Закон Республики Таджикистан «О Национальном банке Таджикистана», принятый 9 июня 2011 года № 174;
3. Закон Республики Таджикистан «О банковской деятельности» от 18 мая 2009 года № 644;
4. Гафуров А.Д. Правовое регулирование банковской деятельности в Республике Таджикистан: Учебное пособие /Подред. А.Н. Козырина.-М.: ЦППИ, 2010-211 с.211.
5. Давлатов И.Х. Становление и развитие банковской системы Таджикистана. Душанбе, «Ирфон» -2005. С.250.

6. Эриашвили Н.Д. Банковское право.М: Закон и право, 2003. с.235.
7. Развитие банковской системы за 25 лет Независимости Республики Таджикистан. - Душанбе: Эр-граф, 2016. С. 272
8. Интернет сайт, электронньи ресурс: https://www.nbt.tj (дата обращения 20.05.2025)
9. Интернет сайт, электронньи ресурс: https://www.nbt.tj (дата обращения 20.05.2025)
10. Интернет сайт, электронньи ресурс: https://mmk.tj (дата обращения 20.05.2025)

List of literature:

1. Constitution of the Republic of Tajikistan of november 6, 1994;
2. The Law of the Republic of Tajikistan «On the National Bank of Tajikistan», adopted on June 9, 2011 No. 174;
3. The Law of the Republic of Tajikistan «On Banking Activities» dated May 18, 2009 No. 644;
4. Gafurov A.D. Legal regulation of banking activities in the Republic of Tajikistan: Textbook / Ed. A.N. Kozyrin. - M .: CPPI, 2010-211 p.211.
5. Davlatov I.Kh. Formation and development of the banking system of Tajikistan. Dushanbe, «Irfon» - 2005. P.250.
6. Eriashvili N.D. Banking law.Moscow: Zakon i pravo, 2003. p.235.
7. The development of the banking system over 25 years of absence in the Republic of Tajikistan - Dushanbe: Early, 2016. p. 272
8. Internet site, electronic resource: https://www.nbt.tj (accessed date 05/20/2025)
9. Internet site, electronic resource: https://www.nbt.tj (accessed date 05/20/2025)
10. Internet site, electronic resource: https://mmk.tj (accessed date 05/20/2025)

ТДУ: 341.24(575.3)
Тоирзода Малика Тоир,
сардори шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
E-mail: toirzoda2001@mail.ru
Тел.: (+992) 880-80-61-02.

ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; шартномаҳои байналмилалӣ; танзими ҳуқуқӣ; санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ; мониторинги иҷрои шартномаҳои байналмилалӣ.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур танзими ҳуқуқии шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти қонунгузории миллӣ ва адабиётҳои илмӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст.

Дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ нақш ва ҷойгоҳи махсус доранд. Зеро, онҳо ҳамоҳангсозии қонунгузории дохилиро бо стандартҳои байналмилалӣ таъмин менамоянд ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамгироӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, риояи уҳдадориҳои байналмилалӣ ва таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон тибқи меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ мусоидат менамоянд.

Бо ин назардошт, дар сатҳи конститутсионӣ танзим гардидани мавқеи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ тасдиққунандаи гуфтаҳост. Дар асоси муқаррароти қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд».

Ба ақидаи Ш.М. Менглиев, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ пеш аз ҳама принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшуда мебошанд, ки дар амалияи шартномавӣ, инчунин дар қатъномаҳои конференсияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ ифода ёфтаанд[6, с. 54].

Ф.С. Сулаймонов пешниҳод менамояд, ки мафҳуми «санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» дар маънои маҳдуд ва васеъ баррасӣ карда шавад. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар маънои васеъ маҷмӯи шартномаҳои байналмилалӣ, урфу одатҳои байналмилалӣ, санадҳои созмонҳо ва конференсияҳои байналмилалиро дар назар дорад ва ба маънои маҳдуд бошад шакли мушаххаси инъикоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад[7, с. 50].

Ҳамин тариқ, яке аз намудҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ шартномаи байналмилалӣ мебошад.

Барои қонунгузории танзимкунандаи соҳаи шартномаҳои сатҳи байналмилалӣ дар ҳама давлатҳо, сарчашмаҳои асосӣ инҳоянд: Конвенсияи Вена дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ аз 23 майи соли 1969; Конвенсияи Вена дар бораи ворисии ҳуқуқии давлатҳо нисбат ба шартномаҳо аз 23 августи соли 1978; Конвенсияи Вена дар бораи ҳуқуқи шартномаҳо байни давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ ё байни ташкилотҳои байналмилалӣ аз 21 марти соли 1986.

Мафҳуми расмии шартномаи байналмилалӣ дар моддаи 2 Конвенсияи Вена дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ аз 23 майи соли 1969 пешбинӣ гардидааст, ки мутобиқи он «шартнома» созишномаи байналмилалие, ки байни давлатҳо дар шакли хаттӣ, ки аз ҷониби ҳуқуқи байналмилалӣ танзим мегардад, новобаста аз он ки созишнома дар як ҳуҷҷат ё ду ва ё чанд ҳуҷҷати байни худ алоқаманд ва ҳамчунин новобаста аз номи мушаххаси он, маҳсуб меёбад.

Инчунин, олими рус Г.И. Тункин қайд менамояд, ки шартномаи байналмилалӣ ҳуқуқи байналмилалиро ба вуҷуд меорад, сарчашмаи он мебошад ва ба созишномаи мутақобилаи иродаи давлатҳо, уҳдадориҳои муқаррароти шартнома барои тарафҳои шартномавӣ асос ёфтааст[8, с. 75-76].

Дар қонунгузории миллӣ танзимкунандаи муносибатҳо дар самти шартномаҳои байналмилалӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни мазкур маротибаи аввал 11 декабри соли

1999, №908 қабул гардида, аз 6 боб ва 28 модда иборат буд.

Ҷиҳати таъмини иҷрои талаботи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар аз 23 апрели соли 2014 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», инчунин бо мақсади зарурати такмили фаъолият дар самти таҳия ва иҷрои шартномаҳои байналмилалӣ ва мутобиқсозии онҳо ба манфиатҳои миллӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав 23 июли соли 2016, №1326 қабул ва аз ҷониби Президент имзо гардид. Қонуни мазкур тартиби ба имзо расонидан, тасдиқ (ратификатсия), тасдиқ, ҳамроҳшавӣ, бақайдгирӣ, интишор, иҷро намудан, бекор кардан (денонсатсия) ва боздоштани амали шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд. Бо дарназардошти рушди муносибатҳо дар самти шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Қонуни мазкур як маротиба 24 декабри соли 2022 тағйиру иловаҳо ворид гардид.

Мувофиқи сархати 1 моддаи 2 Қонуни болозикр шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, ки бо давлати хориҷӣ (давлатҳои хориҷӣ) ё созмони байналмилалӣ (созмонҳои байналмилалӣ) дар шакли хаттӣ ба имзо расонида шуда, бо ҳуқуқи байналмилалӣ танзим карда мешавад, сарфи назар аз он ки ин шартнома дар як ё якчанд ҳуҷҷати бо ҳам алоқаманд оварда шудааст, инчунин новобаста ба номи мушаххаси он, мебошад.

Шартномаи байналмилалӣ низ қисми таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, нисбат ба қонунҳои ҷумҳурӣ бо риояи шартҳои зерин афзалият дорад:

1) эътирофи расмии шартномаи байналмилалӣ аз ҷониби Тоҷикистон;

2) нашри расмии шартномаи байналмилалии тасдиқшуда.

Бо ин назардошт, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, инчунин шартномаҳои байналмилалӣ қисми таркибии низоми ҳуқуқӣ буда, ҳангоми номутобиқатии онҳо бо қонунҳои ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Ҳамзамон, дар асоси қисми 4 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ амал мекунанд.

Мутобиқи қисми 5 моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз салоҳиятҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ тасдиқ ва бекор кардани шартномаҳои байналмилалӣ мебошад. Эътирофи шартномаҳои байналмилалӣ шарти зарури истифодаи онҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ мебошад. Инчунин, тибқи моддаи 89 Конститутсия Суди конститутсионӣ мутобиқатии шартномаҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон ба Конститутсияро муайян менамояд. Ин маънои онро дорад, ки шартномаи байналмилалии Тоҷикистон бояд ба Конститутсия мувофиқат кунад.

Муқаррароти қисми 2 моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ менамояд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, набояд хилофи Конститутсия бошанд. Дар мавриди ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат доштани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ё қисмҳои таркибии онҳо, меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд.

Ҳамин тавр, ба андешаи И.И. Камолзода шартномаи байналмилалӣ бо риояи талаботҳои зерин аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон расман эътироф мегардад; а) шартномаи байналмилалӣ бояд ба тамоми меъёрҳои Конститутсия мутобиқат дошта бошад; б) шартномаи эътирофшуда бояд ба нишонаҳои шартномаи байналмилалӣ ҷавобгӯ бошад[9, с. 221].

Шартномаи байналмилалӣ дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад;

- шартномаи байналмилалӣ метавонад номҳои гуногун дошта бошад, ба монанди шартнома, конвенсия, трактат, эъломия, созишнома;

- шартномаи байналмилалӣ метавонад дар як ё якчанд ҳуҷҷатҳо мавҷуд бошад;

- шартномаи байналмилалӣ бояд ба талаботи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҷавобгӯй бошад;

- шартномаи байналмилалӣ бояд дар шакли хаттӣ баста шавад.

Дар санадҳои байналмилалӣ хусусиятҳои дигари шартномаи байналмилалӣ низ пешбинӣ гардидааст. Ҳамин тавр, Конвенсияи Вена дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ аз 23 майи соли 1969 шартҳои зерини беэътибор

донистани шартномаи байналмилалиро муқаррар менамояд:

- хатои (саҳв) давлат;
- фиреб ҳангоми бастани шартнома;
- бо ришва ба худ моил намудани намояндаи давлат;
- маҷбурсозии намояндаи давлат[2].

Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқаррароти моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шартномаҳои байналмилалии зеринро мавриди тасдиқ (ратификатсия) қарор медиҳад:

- шартномаҳое, ки мавзуи онҳо ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд мебошад;
- шартномаҳое, ки иҷрои онҳо тағйир додани қонунҳои амалкунанда ё қабули қонунҳои навро талаб менамояд, инчунин қоидаҳои дигарро нисбат ба қоидаҳои дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда муқаррар менамоянд;
- шартномаҳо дар бораи муайян намудани сарҳади ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои дигар, аз ҷумла шартномаҳои байналмилалӣ дар бораи гузаштан аз Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- шартномаҳо дар бораи асосҳои муносибатҳои байнидавлатӣ, дар бораи масъалаҳои халъи силоҳ ё назорати байналмилалии аслиҳа, таъмини сулҳ ва амнияти байналмилалӣ, инчунин дар бораи сулҳ, дӯстӣ, ва кумаки мутақобила ва шартномаҳои байналмилалӣ дар бораи амнияти дастҷамъона;
- шартномаҳо дар бораи иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иттиҳодияҳои байнидавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, агар чунин шартномаҳои байналмилалӣ ба онҳо супоридани қисми ҳуқуқҳои соҳибихтиёрии (ё қисми ваколатҳои) Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ намоянд ё ҳатмияти ҳуқуқии қарорҳои мақомоти онҳоро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намоянд;
- шартномаҳо дар бораи пешниҳод ва гирифтани қарзҳои давлатӣ ва имтиёзҳои андозбандӣ, ба истиснои грант ва дигар кумакҳои бебозгашт;
- шартномаҳо дар бораи истифодаи захираҳои табиӣ аз ҷониби субъектони ҳуқуқи байналмилалӣ;
- шартномаҳо дар бораи масъалаҳои вобаста ба иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- шартномаҳое, ки ҳангоми ба имзо расонидани онҳо ҷонибҳои иштирокчии гуфтушунидҳо дар бораи тасдиқи (ратификатсияи) минбаъдаи онҳо қарор қабул намудаанд [3].

Қонуни болозикр санади махсуси танзимкунандаи муносибатҳо дар самти шартномаҳои байналмилалӣ ба ҳисоб рафта, дар он тартиби бастан, тасдиқи (ратификатсияи) шартномаҳои байналмилалӣ, тасдиқ ва ҳамроҳшавӣ ба онҳо, иҷрои шартномаҳои байналмилалӣ, интишор, бақайдгирӣ, баҳисобгирӣ ва нигоҳдории шартномаҳои байналмилалӣ, тағйир додан, қатъ намудан ва боздоштани амали шартномаҳои байналмилалӣ ва ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур пешбинӣ гардидааст.

Бастани шартномаҳои байналмилалӣ тавассути анҷом додани пайдарпайии марҳилаҳои (амалҳои ҳуқуқии) пешбининамудаи Қонуни мазкур оид ба ташаккулдиҳии мазмуни шартномаи байналмилалӣ, қабули матни он ва изҳори ризояти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳатмӣ будани шартномаи байналмилалӣ сурат мегирад.

Моддаи 11 Конвенсияи Вена дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ аз 23 майи соли 1969 пешбинӣ менамояд, ки изҳори ризояти давлат оид ба ҳатмӣ будани шартнома барои он тавассути ба имзо расонидани шартнома, табодули ҳуҷҷатҳое, ки шартномаро ташкил медиҳанд, тасдиқи (ратификатсияи) шартнома, қабули он, тасдиқи он, ҳамроҳшавӣ ба он ва ё ба ягон тарзи дигаре, ки ба тавофуқ расидаанд, ифода меёбад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо тасдиқ (ратификатсия), тасдиқ кардан, ҳамроҳ шудан, имзо кардан танҳо изҳори ризоят намудан ба ҳатмӣ будани иҷрои шартномаҳои байналмилалиро ифода менамояд. Аммо масъалаи додани афзалият ба шартномаҳои байналмилалӣ нисбати қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ нагардидааст.

Чи тавре, ки дар боло қайд намудем, иҷрои шартномаҳои байналмилалӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ буда, Президент ва Ҳукумати кишвар ҷиҳати таъмини бовиҷдононаи иҷрои шартномаҳои байналмилалӣ тамоми чораҳои заруриро меандешад. Бо мақсади таъмини иҷрои шартномаҳои байналмилалӣ бо тартиби муайяннамудаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мониторинг анҷом дода мешавад. Мониторинги таъмини иҷрои шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин арзёбии ҳолати иҷро ва назорати татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ аз ҷониби мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

мебошад.Тартиби гузаронидани мониторинги таъмини иҷрои шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санади махсус танзим карда мешавад. Бо фармоиши вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2021, №1171 «Тартиби мониторинги таъмини иҷрои шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардидааст, ки 22 апрели соли 2022, №1153[5] дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Санади мазкур тартиб ва раванди гузаронидани мониторинги таъмини иҷрои уҳдадориҳо ва татбиқи ҳуқуқҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки аз шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, муайян мекунад.

Ҳамин тариқ, шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи миллӣ, чи ба маънои шакли ифода, мустаҳкам намудани меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии танзимкунандаи муносибатҳои на танҳо байналмилалӣ, балки муносибатҳои дохилидавлатӣ ва чи ба маънои асос ҷиҳати такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбанд.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Соҳибзода М.М.

ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ МЕЖДУНАРОДНЫХ ДОГОВОРОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: нормативные правовые акты; международные договоры; правовое регулирование; акты международного права; мониторинг исполнения международных договоров.

Аннотация. В данной статье изучается и анализируется правовое регулирование международных договоров Республики Таджикистан с учетом национального законодательства и научной литературы.

Тоирзода Малика Тоир **–** начальник отдела международного права Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: toirzoda2001@mail.ru, Тел.: (+992) 880-80-61-02.

LEGAL REGULATION OF INTERNATIONAL TREATIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: normative legal acts; international treaties; legal regulation; acts of international law; monitoring the execution of international treaties.

Annotation. This article examines and analyzes the legal regulation of international treaties of the Republic of Tajikistan, taking into account national legislation and scientific literature.

Toirzoda Malika Toir – the Head of the International Law Department at the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: toirzoda2001@mail.ru, Phone: (+992) 880-80-61-02.

Рӯйхати адабиётҳо:

1. Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд // 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд.– Душанбе: Ирфон, 2016.– 64 с
2. Конвенсияи Вена дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ аз 23 майи соли 1969 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/ main/view/119/konvensiyai-vena-oid-ba-huquqi-shartnomahoi-bainalmilali (санаи мурочиат: 14.02.2025)
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 июли соли 2016, №1326 // Маҳзани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://mmk.tj (санаи мурочиат: 14.02.2025).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, №1414 // Маҳзани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://mmk.tj (санаи мурочиат: 14.02.2025).
5. Тартиби мониторинги таъмини иҷрои шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармоиши вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2021, №1171 тасдиқ гардидааст // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.02.2025).

6. Менглиев Ш.М. Ҳамоҳангсозӣ ва муттаҳидсозии қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлат ва ҳуқуқ. Душанбе, 2006. – № 3. Саҳ.54.

7. Сулаймонов Ф. С. Ҷойи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии ҶТ: проблемаҳои ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ. Душанбе, 2014. Саҳ.50.

8. Тункин Г. И. Назарияи ҳуқуқи байналмилалӣ / зери таҳрири умумии Л.Н. Шестакова. М., 2000. Саҳ. 75-76.

9. Камолзода И. И. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назария ва амалия: дис. ... доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. М., 2023. 360 с.

Список литературы:

1. Конституция РТ была принята 6 ноября 1994 года на всенародном референдуме // 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года путем всенародного референдума в нее были внесены изменения и дополнения.– Душанбе: Ирфан, 2016.- 64 с

2. Венская конвенция о праве международных договоров от 23 мая 1969 года [Электронный ресурс]. - Источник доступа: https://mfa.tj/tg/main/view/119 / konvensiyai-vena-oid-ba-huquqi-shartnomahoi-bainalmilali (дата обращения: 14.02.2025)

3. Закон Республики Таджикистан «О международных договорах Республики Таджикистан» от 23 июля 2016 года, №1326 // База данных законодательства Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: https://mmk.tj (дата обращения: 14.02.2025).

4. Закон Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» от 30 мая 2017 года №1414 // База данных законодательства Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: https://mmk.tj (дата обращения: 14.02.2025).

5. Порядок мониторинга обеспечения исполнения международных договоров Республики Таджикистан, утвержденный приказом министра иностранных дел Республики Таджикистан от 29 декабря 2021 года, №1171 // Централизованная информационно-правовая база данных РТ «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 15.02.2025).

6. Менглиев Ш.М. Гармонизация и унификация гражданского законодательства Республики Таджикистан // Государство и право. – Душанбе, 2006. – № 3. – С. 54.

7. Сулаймонов Ф.С. Место международно-правовых актов в правовой системе РТ: проблемы гражданского права и международного частного права. – Душанбе, 2014 – С. 50.

8. Тункин Г.И. Теория международного права / под общ. ред. Л.Н. Шестакова. – М., 2000. – С. 75-76.

9. Камолзода И.И. Нормативные правовые акты в системе источников права Республики Таджикистан: проблемы теории и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2023. – 360 с.

List of literature:

1. The Constitution of the Republic of Tajikistan was adopted on November 6, 1994 in a national referendum // on September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016, amendments and additions were made to it by a national referendum.– Dushanbe: Irfan, 2016.- 64 p.

2. The Vienna Convention on the Law of International Treaties of May 23, 1969 [Electronic resource]. - Access source: https://mfa.tj/tg/main/view/119 / konvensiyai-vena-oid-ba-huquqi-shartnomahoi-bainalmilali (accessed: 02/14/2025)

3. The Law of the Republic of Tajikistan «On International Treaties of the Republic of Tajikistan» dated July 23, 2016, No. 1326 // Database of legislation of the Republic of Tajikistan [Electronic resource]. Access source: URL: https://mmk.tj (date of reference: 02/14/2025).

4. The Law of the Republic of Tajikistan «On Regulatory Legal Acts» dated May 30, 2017 No. 1414 // Database of legislation of the Republic of Tajikistan [Electronic resource]. Access source: URL: https://mmk.tj (date of request: 02/14/2025).

5. The procedure for monitoring the enforcement of international treaties of the Republic of Tajikistan, approved by Order of the Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan dated December 29, 2021, No. 1171 // Centralized Information and Legal Database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of reference: 02/15/2025).

6. Mengliev S.M. Harmonization and unification of civil legislation of the Republic of Tajikistan // State and Law. – Dushanbe, 2006. – No. 3. – p. 54.

7. Sulaimonov F.S. The place of international legal acts in the legal system of the Republic of Tatarstan: problems of civil law and private international law. Dushanbe, 2014– p. 50.

8. Tunkin G.I. Theory of International Law / under the general editorship of L.N. Shestakov. Moscow, 2000, pp. 75-76.

9. Kamolzoda I.I. Normative legal acts in the system of sources of law of the Republic of Tajikistan: problems of theory and practice: dis. ...Dr. Jurid. Sciences. – M., 2023. – 360 p.

ТДУ: 34

Каримҷонзода Манучеҳр Каримҷон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ,
Тел.: (+992) 883212222.

ТАШАККУЛ ВА РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ МЕРОС ДАР ҲУҚУҚИ ИСЛОМӢ

Калидвожаҳо: мафҳум, моҳият, ташаккул, қонунгузории гражданӣ, қонунгузории оилавӣ, мерос, ҳуқуқи исломӣ, ҳуқуқи моликият, сарчашмаҳои таърихӣ, Қуръон, ҳадис, иҷмоъ, қиёс, ктегорияи меросхурон.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои ташаккул ва рушди муносибатҳои мерос дар ҳуқуқи исломӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муносибатҳои меросӣ дар ислом алоқаи бевоситаро бо муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ ва шаҳрвандӣ дорост. Бинобар он қисме аз олимон дар таснифи меъёрҳои ҳуқуқии оилавӣ онҳоро бар муносибатҳои меросӣ ва васияти якҷоя мавриди таҳқиқ қарор медиҳанд, аммо қисмати дигари олимон ҳангоми баррасии муносибатҳои шаҳрвандӣ муносибатҳои меросиро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Ҳарду усули баррасӣ қобили қабул буда, асосҳои худро дорад, вале ҳуқуқи муосири хонаводагии исломӣ аллакай ҳамчун соҳаи мустақил баромад мекунад. Дар ислом мерос пеш аз ҳама дар асоси муносибатҳои хунӣ ва хешутаборӣ тақсим мегардад ва ҳуқуқи исломӣ дар ҳар сурат ҳақи меросхӯрони қонуниро дар мавриди аввал муқаррар менамояд.

Ин падида бо дарназардошти назарияҳои илмӣ ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии он мавриди таҳлил қарор дода шуда, таклифҳои пешниҳод шудааст. Муаллиф ба он нуктаи назар аст, ки Низоми ҳуқуқии мерос дар Ислом намунаи равшани танзими одилона ва мутавозини моликият байни шахсони наздик аст. Ин низом на танҳо адолати иҷтимоиро таъмин мекунад, балки бо додани масъулият ба ҳар шахс дар доираи оила ва ҷомеа, заминаи суботи хонавода ва иҷтимоъро фароҳам месозад. Бо вуҷуди таҳаввулоти замона, принсипҳои исломӣ дар бораи мерос то ҳол қобили эътибор ва татбиқшаванда мебошанд.

Мерос ҳамчун яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои молии ҳуқуқи шахсӣ дар ҳама гуна низомҳои ҳуқуқӣ, хусусан дар ҳуқуқи исломӣ мавқеи марказӣ дорад. Танзими ҳуқуқии мерос дар Ислом на танҳо робитаи байни насли гузашта ва ояндаро дар сатҳи молу мулк таъмин мекунад, балки ба адолат ва суботи иҷтимоӣ низ мусоидат менамояд. Низоми мероси исломӣ бар пояи Қуръон, суннат, иҷмоъ ва қиёс бунёд ёфта, дар байни ҳамаи мазҳабҳои фиқҳии исломӣ бо риояи мантиқи шаръӣ таҳия шудааст.

Илми мерос маҷмуаи қоидаҳои ҳуқуқӣ ва риёзиест, ки тавассути онҳо саҳми ҳар як ворис аз моли тарака дониста мешавад. Соҳиби “Дурру-л-мухтор” илми меросро чунин таъриф кардаст: “Маърифати усули фиқҳ ва риёзист, ки он саҳм ва ҳуқуқӣ ҳар як меросбарро аз тарака муайян мекунад”. Баъзеҳо онро чунин тариф кардаанд: “Маърифати усули фиқҳ ва риёзиест, ки тавассути он ду чизе, ки ба соҳибони ҳақ аз тарика тааллуқ дорад, дониста мешавад”. Ин таъриф аз таърифи собиқ васеътар аст, зеро ба таракаи майит ғайр аз ҳаққи ворисон, ҳаққи васиятшудагон ва инчунин соҳибони қарз низ тааллуқ мегирад [3].

Низоми ҳуқуқии мерос дар Ислом намунаи равшани танзими одилона ва мутавозини моликият байни шахсони наздик аст. Ин низом на танҳо адолати иҷтимоиро таъмин мекунад, балки бо додани масъулият ба ҳар шахс дар доираи оила ва ҷомеа, заминаи суботи хонавода ва иҷтимоъро фароҳам месозад. Бо вуҷуди таҳаввулоти замона, принсипҳои исломӣ дар бораи мерос

то ҳол қобили эътибор ва татбиқшаванда мебошанд.

Меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои меросиро ба танзим медароранд дар ислом бо меъёрҳои ҳуқуқии оилавӣ табиатан зич алоқамандӣ доранд. Ин алоқамандӣ пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки шариат дар тақсими мерос, ҳиссаи ҳатмии меросхӯрони қонуниро муқаррар менамояд, ки он бе иҷозати онҳо ба касе дода намешавад. Ба сифати меросхӯрони қонунӣ бошанд дар шариат фарзандон, падару модар баромад мекунанд. Аз ин лиҳоз, тақсими мерос дар алоқаи устувории ҳуқуқҳои оилавӣ меистад [12, с. 245-246].

Вақте ки сухан дар бораи мерос ва ҳуқуқҳои зан ба он меравад, пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки ислом махсусан, Қуръон дар ин самт ду тағйироти куллии инқилобовареро содир кардааст, ки алоҳида шарҳ надодани онҳо аз рӯи адолат нест:

а) Замоне ки қавмҳои араб дар аҳди ҷоҳилият зиндагӣ мекарданд, урфу одатҳои нангинро доро буда, занҳоро дар ҳолатҳои сангин нигоҳ медоштанд. Дини ислом ва ҳуқуқи исломӣ ҳамчун офтоби оламоро равшангари ҳуқуқҳои зан баромад намуда, ба ҳимояи манфиатҳои чинси латифи ҷомеа даст зад. Ҳуқуқи мусулмонӣ занро аз олами нестӣ ба ҳастӣ берун бароварда, аз объекти муносибатҳои ҷамъиятӣ ба субъекти комилҳуқуқон мубаддал гардонд. Паёмбари ислом бо меъёрҳои ҳуқуқӣ, одатҳои нангини ҷоҳилияро аз қабили зинда гуронидани духтарон ва тариқи ашё ба мерос гузаштани занҳоро манъ намуда, бар зидди беҳудоён ва бисёрхудоёни ҷоҳилӣ, ки занро дар зиндони асорат ва беҳуқуқӣ нигоҳ доштан мехостанд, муборизаи отшинопазирро оғоз намуд. Сураи «Нисо», ояи 19 аз чунин меъёрҳои ҳуқуқии табаддулотовари исломӣ буд, ки ба тариқи ашё ба мерос гирифтани занро манъ намуд: «Эй касоне, ки имон овардаед, шуморо ҳалол нест, ки занонро бар хилофи майлашон ба мерос бибаред. Ва то қисмате аз он чиро, ки ба онҳо додаед, бозпас ситонед, бар онҳо сахт магиред, магар он, ки муртакиби фаҳшоӣ ба субут расидашуда бошанд. Ва бо онон ба некӯӣ рафтор кунед. Ва агар шуморо аз занон хуш наёмад, чи басо чизҳо, ки шуморо аз он хуш намеояд, дар ҳоле ки Худо хайри касере дар он ниҳода бошад».

б) Мувофиқи одати ҷоҳилия ҳар марде, ки бар китфи бевазан ҷомае партофт, зан ҳамчун ашё ба он мард дода мешуд. “Абулфатҳ ривоят мекунад, ки Авс бинни Собити Ансорӣ вафот ёфт, аз ӯ як зан, ду духтар ва ду писари амма бокӣ монд. Писарони амма тамоми амволи Собитро ба пуррагӣ гирифтанд (ба тариқи мерос) чизе ба зан ва духтарон надоданд, зеро дар ҷоҳилият одат чунин буд, ки занон ва кӯдакон аз мерос маҳрум буданд. Мол ба касе медоданд, ки ӯ ба шутур саворшуда ба корзор мерафт ва ғанимат меовард. Он зан бо ду духтар гирякунон ба назди Расули акрам рафтанд ва аз воқеият ӯро огаҳ карданд. Ва гуфтанд, ки моро чизе нест мо се нафар бе ягон ризқу рӯзӣ мондаем, ҳамаи молу ҳолро ду писари аммаи шавҳари марҳумам гирифтаанд. Пас аз нолаю зории зан ривоят мекунанд” [10, с. 146], ки Суран «Нисо» Ояи 7 нозил шуд [14].

Умуман, меъёрҳои ҳуқуқии Қуръонро, ки муносибатҳои меросиро мавриди танзим қарор медиҳанд, бо назардошти мазмуни онҳо мумкин аст, ки ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо намуд. Ва олимони ҳуқуқшиноси исломӣ М. Шаҳҳобӣ, Ш.М. Самаркандӣ. Тоҷи Шариа Марғелонӣ ва дигарон ҳамин тавр ҳам тасниф мекунанд. Ба ин ду гурӯҳ шомиланд: 1. Васият. 2. Мерос.

Қуръон ҳамчун сарчашмаи аввалини шариат дар масъалаи мерос оятҳои равшан ва дақиқро фароҳам овардааст. Оятҳои марбут ба мерос бештар дар Сураи ан-Нисо (Оятҳои 7–14 ва 176) ҷойгир шудаанд. Масалан, дар ояти 11 омадааст: «Худованд ба шумо васият мекунад дар бораи фарзандонатон: барои писар монанди ҳиссаи ду духтар аст…» (Қуръон, 4:11). Қуръон ҳиссаи ҳар як гурӯҳи ворисонро мушаххас карда, адолатро дар тақсими мерос таъмин менамояд.

“Сураи «Бақара», ояти 180. «Ҳар гоҳ яке аз шуморо марг фаро мерасад ва моле бар ҷой гузорад, муқаррар шуд, ки дар бораи падару модар ва хешовандон аз рӯи инсон васият кунед” [6]. Ва ин шоистаи перҳезгарон аст». Шарҳ. Дар ин оя ду муъёри ҳуқуқӣ маҳфуз аст: 1. Ҳар шахс ӯҳдадор аст, пеш аз марг он моле, ки дар тасарруфи хеш дорад, ба мерос ба

шахсе васият кунад. Яъне васият ҳатмӣ барои мӯъминин муқаррар мегардад. 2. Дар оят категорияи меросхӯрон, падару модар ва хешовандон муқаррар гардидаанд.

Сураи «Бақара», ояи 181. «Пас ҳар кас, ки ин васиятро шунавад, ва он гоҳ дигаргунаш созад, гуноҳаш ба он касест, ки онро дигаргун сохтааст. Худо шунаво ва доност» [6]. Шарҳ. Дар оя таъкид меравад, ки мазмуни васиятро, ки шахс пеш аз марг баён кардааст, ҳеч кас ҳуқуқи дигар карданро надорад. Мисол, мешавад ҳолате, ки аз шахс тифлони ноболиғ мемонад ва онҳо мазмуни васиятро ҳоло дарк намекунанд ва ё шахс дур аз ватан вафот мекунад ва ба ягон нафар васияти моли хешро равон мекунад, дар ҳамин ҳама ҳолатҳо, амини васият шахсе, ки васиятро бояд расонад. набояд, ки мазмуни онро ба фоидаи худ ва ё дигаре тағйир дихад. Дар акси ҳол ӯ гунаҳгор аст ва Худо ин ҳамаро мебинад. Огоҳ будани Худо ба он маънӣ аст, ки бори дигар, аз ин ҳуқуқвайронкунӣ ӯро (шахси гунаҳгорро) хабардор мекунад, ки садди роҳаш шавад, то табдили васият накунад.

Сураи «Бақара», ояти 182 «Ҳар гоҳ бими он равад, ки васияткунандае дар васияти хеш дастхуши ситам ё гуноҳе шуда бошад, агар касе ба ислоҳи миёни онон пардозад, муртакиби гуноҳе нашудааст, ки Худо омурзанда ва меҳрубон аст». Шарҳ. “Дар аввал чунин менамояд, ки мазмуни оя то дараҷае ба талаботи ояи 181-и сураи мазкур, ки аз дигар кардани мазмуни васият наҳӣ мекунад, зиддият дорад, вале дар асл сухан дар бораи он меравад, ки агар рафту васияткунанда бо сабабҳои гуногун дар тақсими мерос агар аз ҳақиқат дур шавад, пас дар ҳузури онҳо мумкин аст, ки роҳи адолатноки тақсими меросро дар васиятнома пешниход кард. Қуръон дар тақсими мерос аз рӯи адолат рафтор намуда таъкид мекунад, агар моли кофӣ дошта бошед ва дар вақти тақсими он ятимон ва мискинон ҳозир бошанд, хуб мешавад, агар ба онҳо низ ҳиссае дода, хушнуд гардонед [10, с. 217; 1, с. 451].

Сураи «Нисо», ояи 11: «Худо дар бораи фарзандонатон ба шумо супориш мекунад, ки саҳми писар баробари саҳми ду духтар аст». Шарҳ. Ояи мазкур саҳми фарзандонро дар мерос муқаррар мекунад, ки писарон нисбат ба духтарон як баробар ҳаққи зиёд ба мерос доранд. Давоми оя: «...Ва агар духтар бошад беш аз ду тан, ду севуми мерос аз онҳост». Шарҳ. Яъне агар аз шахс ду духтар монда бошад, пас онҳо хақ доранд, ки аз се ду ҳиссаи меросро бигиранд [9]. Давоми оя: «...Ва агар ду духтар бувад, нисф барад ва агар мурдаро фарзанде бошад ҳар як падару модар як шашуми меросро барад». Шарҳ. Агар ба сифати меросхӯр як духтар баромад кунад он гоҳ ба ӯ фарз аст, ки нисфи меросро васият кард. Дар он ҳолате, ки меросхӯрон вуҷуд доранд, падару модар низ ҳаққи мерос дар ҳаҷми аз шаш як ҳиссаро доранд.

Давоми оя: «...Ва агар фарзанде надошта бошад, меросбарон танҳо падару модар бошанд, модар як саввуми дороиро барад ва боқиро падар гирад». Шарҳ: Дар сурати набудани меросхӯрон, аз се як ҳиссаи меросро модар гирад ва боқиаш насиби падар аст. Давоми оя: «...Аммо, агар бародарон дошта бошад, саҳми модар пас аз анҷоми васияте, ки карда ва пардохти вом ӯ як шашум бошад» [8]. Шарҳ. Дар он сурате, ки меросгузоранда бародарон дорад, қисмати мерос мегузарад, албатта пас аз пардохти қарз (агар меросдиҳанда дошта бошад). Ва он қисмате, ки мемонад аз он модар аз шаш як ҳисса ҳаққи мерос дорад ва боқӣ ба падар мегузарад.

Давоми оя. «... Ва шумо намедонед, ки аз падарону писаронатон кадом яки шуморо судмандтар аст. Инҳо ҳукми Худост, ки Худо донову ҳаким аст» [7]. Шарҳ. Дар ин қисмати оя таъкид меравад, ки чунин тақсимоти мерос ва реҷаи муайяни васият барои шумо аз ҷониби Худо муқаррар шудааст ва иҷроиши он ҳатмӣ аст. Сабаби чунин ҳуқуқро ХУДОИ шумо бар ӯҳдаи худ гирифтанаш дар он аст, ки шумо бештар дар мавриди тақсими мерос бо бовариҳои дохилии хеш баъзан беадолатона рафтор мекунед. Бинобар он, аксари шумо суди худро аз зиёни хеш фарқ намекунед ва инак Худо медонад аз рӯи адолат ки чи ҳаққе бар моли шумо дорад.

Дар оян 12-и сураи «Нисо» низ сухан оиди тақсими мероси мард ва зан меравад, ки дар он бо тадриҷ дар қатори хиссаи меросхӯрони дигар ҳиссаи ҳамсарон муқаррар

мегардад. Сураи «Нисо», ояи 12. «Агар занонатон фарзанде надоштанд, пас аз анҷом додани васияте, ки кардаанд ва пас аз пардохти дайни онҳо нисфи меросашон аз они шумост» [4, с. 171]. Шарҳ. Дар холате, ки занонатон мерос мегузоранд, пас аз пардохти қарз, иҷроиши гӯру чӯби онҳо ва васияти кардани онҳо, он ҳиссаи амволе, ки боқӣ мемонад нисфаш ба шумо тааллуқ дорад.

“Давоми оя... Ва агар фарзанде доштанд як чаҳоруми он. Шарҳ. Дар ин сурат агар аз зани шумо фарзанде боқӣ мемонд, пас аз иҷроиши шартҳои боло ба шумо аз чаҳор як ҳиссаи он амволи боқӣ тааллуқ дорад” [13, с. 331].

“Давоми оя «Агар шуморо фарзанде набуд, пас аз анҷом додани васияте, ки кардаед ва пас аз пардохти вомҳоятон як чаҳоруми меросатон аз они занонатон аст. Ва агар дорои фарзанде будед, як ҳаштуми он” [1, с. 451]. Шарҳ. Дар ин қисмати оя сухан оиди меросгузории мард меравад. Ва чун аз мард амвол ба мерос монад, он низ неш аз ҳама, барои адои қарзи ӯ (агар қарз дошта бошад) сарф шавад, сипас васияти қонуне, ки ӯ ҳуқуқи муқаррар карданро дорад, бикунад. Танҳо пас аз ин он ҳиссае, ки боқӣ мемонад аз он агар фарзанд ӯро набошад, як чаҳоруми он аз они занаш мешавад. Ва агар мардро фарзанде бошад, он гоҳ аз як ҳаштуми онро зан бигирад.

Давоми оя. Ва агар беш аз яке буданд, ҳама дар як севуми мол пас аз анҷом додани васияте, ки кардааст, бе он ки барои ворисатов знёнманд бошад ва низ пас аз адон дайнаш-шарик ҳастанд. Шарҳ. Пас аз адои қарз ва ҳиссан зарурӣ барон гурӯ чӯб мардро ва ё занро бародарони меросхӯр агар зиёда аз як нафар бошад, он гоҳ ба онҳо як саввуми амвол насиб мегардад

Ҳамчунии фақеҳони исломӣ бо дастраси ояи 260-и суран «Бақара» роҷеъ ба тақсимнамоии ҷузъи ғаноим дар вақти мерос, даъвои исбот мекунанд, ки ба фикри мо он то дараҷае қиёси ноустувор аст.

Суннати Пайғамбар (с). Суннат, яъне гуфтаҳо, кирдор ва тасдиқҳои Пайғамбар (с), яке аз манбаъҳои асосии фаҳми шариат ва ба вижа дар таъйини баъзе масъалаҳои амалӣ, аз қабили мерос ба ҳисоб меравад. Дар ҳадис омадааст: «Худо барои ҳар соҳиби ҳаққ ҳаққи ӯро муайян кардааст, пас барои ворис васият нест.» (Саҳеҳ Бухорӣ, китобу-л-васоя, ҳадиси №6732) [11].

Иҷмоъ ва қиёс. Дар ҳолатҳое, ки насси равшани шаръӣ вуҷуд надорад, уламо тавассути иҷмоъ (розигии куллии фақеҳон) ва қиёс (тақриби масъала ба шабеҳи шаръӣ) ҳукмҳои фиқҳиро таҳия мекунанд.

“Яке аз вижагиҳои муҳим дар низоми мероси исломӣ он аст, ки ҳиссаи аксари ворисон дар Қуръон муайян шудааст. Масалан: агар шахс фарзанд дошта бошад, ҳамсари ӯ 1/8 мерос мегирад (Қуръон, 4:12), агар фарзанд надошта бошад, ҳамсар 1/4 мерос мебарад.

Принсипи “ли-з-закари мислу ҳаззиз-зунсайайн”. Ин принсип ба маънои он аст, ки писар ду ҳисса мебарад, духтар як ҳисса. Ин на аз кам будани арзиши зан, балки ба вазифаҳои иқтисодии мард (масалан, нафақаи оила) вобаста аст” [2].

Манъи ворисият. Баъзе гурӯҳҳо наметавонанд мерос баранд, аз ҷумла: қотили мӯрис (бо мақсади мерос), ғайримусулмон, агар байни ӯ ва мӯрис фарқи дин бошад (бо ихтилофи мазҳабҳо), ғулом, ки ҳуқуқи моликияти комил надорад.

“Гурӯҳбандии ворисон. Фиқҳи исломӣ ворисонро ба се гурӯҳ ҷудо мекунад: Аслҳо (асҳобу-л-фаройз) - инҳо касонеанд, ки дар Қуръон ҳиссаи муайян доранд: шавҳар, зан, падар, модар, духтар, писар, бародар; Ағабат - онҳо ворисонеанд, ки ҳиссаи мушаххас надоранд ва боқимондаи мол ба онҳо дода мешавад (агар баъд аз тақсим боқӣ монад). Масалан, писар баъд аз додани ҳиссаи модар боқимондаро мегирад; Зави арҳам - инҳо хешовандони дуртаранд, ки дар набудани аслҳо ва ағабат ба мерос ҳуқуқ пайдо мекунанд. Мисол: амма, хола, набераи духтар” [5].

Танзими васият ва таъсири он ба мерос. Ҳуқуқи исломӣ иҷозат медиҳад, ки шахс то 1/3 моли худро васият кунад, вале на ба ворисони асосӣ. Ҳадиси машҳур чунин мефармояд: «Сеяки мол кифоя аст ва он ҳам бисёр аст…» (Саҳеҳ Бухорӣ).

Бархурди муосир ба ҳуқуқи мерос дар кишварҳои исломӣ. Бисёре аз кишварҳои мусалмон ҳуқуқи исломиро ҳамчун манбаи

асосии қонуни мерос истифода мекунанд (Миср, Саудия, Эрон). Дар бархе дигар, шариат бо ҳуқуқи шаҳрвандӣ муттаҳид шудааст (Тунис, Туркия). Дар кишварҳое чун Тунис, пешниҳоди баробар кардани ҳиссаи писар ва духтар баҳси зиёд ба бор овардааст. Бархе муҷтаҳидон таъвили муосири оятҳои меросро пешниҳод кардаанд.

Таълимоти пешбининамудаи ислом барои тақсими мерос ва интиқоли моликият бо фалсафа ва эътибороте тазмин шудааст, ки ихтисоран ба чанд вижагии он ишора мекунем:

1) эътидол ва миёнаравӣ;
2) адолат;
3) ҳамсозӣ бо фитрати инсон;
4) тағйирнопазир ва илзомӣ будани қонуни мерос;
5) ҳифзи ҳамбастагӣ ва таҳкими бунёди хонавода;
6) муҳкам будани қонуни мерос;
7) низоми одилона.

Ислом дар тақсими мерос равиши миёнаеро баргузидааст, ки дар он тамоми ҳуқуқҳои моликияти шахсӣ ба эътибор гирифта шуда ва дар айни ҳол тавозуни саҳми ворисон бар асоси наздикии қаробат ва бо назардошти ниёз ба дурнамои зиндагӣ риоя шудааст.

Ислом бо муайян кардани саҳми тамоми ворисон, ки дар байни онҳо дар баробари бузургу тавоно ҳатман хурду заъиф ва нотавон ҳам вуҷуд дорад, адолати иҷтимоиро ба иҷро гузоштааст.

Ба хотири арҷ ниҳодан ба заҳматҳое, ки он шахс дар тӯли ҳаёташ барои касби мол кашида ва барои осудагии хотир ва оромиши руҳаш ҳам ҳаққи васият дар сулс1/3 си молро ба вай дода ва ҳам таъмини ҳифз ва амният сармояшро пас аз марг бо низоми интиқоли он ба ворисонаш барояш кафолат додааст, зеро инсон фитратан аз заъфу нотавонӣ ва дастнигар шудани фарзандонаш пас аз марги ӯ сахт нигарон аст ва тазмини интиқоли солими молу сармояаш ба онҳо қалбаш ором мегардад.

Низоми мерос дар ислом қонуни куллӣ, тағйирнопазир ва тамоми бандҳои он лозимулиҷрост. Касе пас аз тағйири авзоъи иҷтимоӣ ва дигаршавии мазоҳири зиндагӣ ба он тағйиру дигаргунӣ ва каму зиёдатӣ ворид карда ва ё ҳеҷ банде аз онро бекор карда наметавонад.

Ислом бо ҷой додани падару модар, зану шавҳар, фарзандон, бародарон ва амакҳо дар радифи меросбарон асбоби таҳкими бунёди хонаводаро фароҳам оварда ва дар ин кор ниёзи фитрии инсон ба хешовандон, пайвандҳои отифӣ бо онҳо ва басти муҳаббати дилҳоро таъмин намудааст [14].

Дар қонуни мероси ислом ирс ба ду мабно: фарз ва таъсиб муайян гардидааст, ки саҳми сохибони фарзхо ба ҳисаҳои дақиқе: нисф, аз се ду, се як, чор як ва ғайра муайян карда шудааст ва ин амр аз ҳаргуна духарагӣ ва ношаффофӣ дар вожаҳои қонун ва шарҳи он ҷилавгирӣ мекунад ва пеши роҳи суи истифода аз онро, чуноне, ки дар қавонини гуногуни кишварҳо вуҷуд дорад, мегирад [14].

Ислом бо назардошти фалсафаи хос ва пешбинии эътибороти дақиқе дар қонуни мерос ва таъини саҳми тамоми ворисон дар умум низоми одилонаи молӣ ва ҳамбастагии иҷтимоиро дар байни ақшори мухталифи ҷомеа ба вуҷуд овардааст. Вақте занро дар моли мерос нисфи мард ва ё як мардро баробари ду зан ҳақдодааст, ин бо назардошти масулиятҳои иҷтимоие буда, ки ду баробар бештар ба дӯши мард ҳастанд. Аз сӯи дигар, бартарии мард бар зан дар саҳми моли мерос амри нисбӣ ва борои мавридҳои муайяне пешбинӣ шудааст. Дар он мавридҳои дигаре ҳам вуҷуд доранд, ки зан боробари мард ва ё бештар аз он мерос мебарад [14].

ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ НАСЛЕДСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ В ИСЛАМСКОМ ПРАВЕ

Ключевые слова: понятие, сущность, формирование, гражданское законодательство, семейное законодательство, наследование, исламское право, вещное право, исторические источники, Коран, хадис, иджмоъ, киёс, категории наследников.

Аннотация. В данной статье анализируются вопросы формирования и развития отношений наследования в исламском праве. Наследственные отношения в исламе имеют прямую связь с брачно-семейными и гражданскими отношениями. По этой причине часть ученых в классификации норм семейного права рассматривает их на основе наследственных отношений и совместной воли, в то время как другая часть ученых рассматривает наследственные отношения при рассмотрении гражданских отношений. Оба метода рассмотрения приемлемы и имеют свои основы, но современное исламское семейное право уже выступает как самостоятельная область. В исламе наследство делится прежде всего на основе кровного родства, а исламское право в любом случае устанавливает право законных наследников в первом случае.

Данное явление анализируется с учетом научных теорий, положений законодательства страны и его сравнительно-правового анализа, а также вносятся конкретные предложения в этом направлении. Автор считает, что правовая система наследования в исламе является ярким примером справедливого и сбалансированного регулирования имущества между близкими людьми. Эта система не только обеспечивает социальную справедливость, но и, возлагая ответственность на каждого человека в семье и обществе, создает основу для стабильности семьи и общества. Несмотря на изменения времени, исламские принципы наследования по-прежнему актуальны и применимы.

Каримджонзода Манучехр Каримджон - кандидат юридических наук, доцент, декан факултета истории, права и международных отношений Кулябского государственного университета имени А.Рудаки. Тел.: (+992) 883212222

ATION AND DEVELOPMENT OF INHERITANCE RELATIONS IN ISLAMIC LAW

Key-words: concept, essence, formation, civil legislation, family legislation, inheritance, Islamic law, property law, historical sources, Quran, hadith, consensus, analogy, categories of heirs.

Annotation. This article analyzes the issues of formation and development of inheritance relations in Islamic law. Inheritance relations in Islam have a direct connection with marital and family and civil relations. For this reason, some scholars in the classification of family law norms consider them on the basis of inheritance relations and joint will, while another part of scholars considers inheritance relations when considering civil relations. Both methods of consideration are acceptable and have their own foundations, but modern Islamic family law already acts as an independent area. In Islam, inheritance is divided primarily on the basis of blood relationship, and Islamic law in any case establishes the right of legal heirs in the first case.

This phenomenon is analyzed taking into account scientific theories, the provisions of the country's legislation and its comparative legal analysis, and specific proposals are made in this direction. The author believes that the legal system of inheritance in Islam is a clear example of a fair and balanced regulation of property between close people. This system not only ensures social justice, but also, by giving responsibility to each person within the family and society, creates the basis for the stability of the family and society. Despite the changes of the times, Islamic principles of inheritance are still valid and applicable.

Karimjonzoda Manuchehr Karimjon - Candidate of Legal Sciences, Associate Professor, Dean of the Faculty of History, Law and International Relations, Kulob State University named after A. Rudaki. Teel.: (+992) 883212222.

Рӯйхати адабиёт:

1. Абулфидо Исмоил ал-Касир «а-Димишқи. «Тафсир ва-Қуръон ал Азим». – Мадина, 1993. 4.3. – С. 451.
2. Ал-Қарадовӣ, Юсуф. Фиқҳу-л-исломӣ ва далилуҳу. - Қоҳира, 2001.
3. Баъзе вижагиҳои мерос дар Ислом [Захираи электронӣ] / Манбаи дастрасӣ: https://shuroiulamo.tj/tj/articles/ids/1148 (санаи мурочиат: 05.05.2025)
4. Ислом. Луғати энсиклопедӣ. – М., 1991. – С. 171.
5. Камалӣ, Муҳаммад Ҳошим. Принсипҳои фиқҳи исломӣ, 2003.
6. Қуръони Карим. Тарҷима. М. Қумшоҳӣ. Қум. 2370.
7. Қуръони Маҷид. Бо тарҷима ва тафсир. – Душанбе, 1992.
8. Қуръони Маҷид. Тарҷиман А.Оятӣ. – Теҳрон. 1371.
9. Қуръони Карим. Сурии «Нисо», оли. 8.
10. Маҳмуди Шаҳобӣ. Адвори Фиқҳ. – Теҳрон, 1369 х. Ҷ.1. – С. 146.
11. Саҳеҳ Бухорӣ, Китобу-л-васоя ва Китобу-л-фароиз.
12. Холиқов А. Ҳуқуқи исломӣ. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2010. – С. 245-246.
13. Ҳайкал М.Х. Зиндагонии Муҳаммад. – Душанбе, 1994. Ч.-1.-331 с.
14. Холиқов А.Ғ. Ҳуқуқи исломӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – 400 с.

Список литературы:

1. Абульфидо Исмаил аль-Касир «а-дамаски. "Толкование и Коран Аль-Азим». - Медина, 1993. 4.3. – С. 451.
2. Аль-Карадави, Юсуф. Фикха-л-ислам и Далай-лама. - Каир, 2001 год.
3. Некоторые особенности наследия в Исламе [Электронный ресурс] / источник доступа: https://shuroiulamo.tj/tj/articles/ids/1148 (дата обращения: 05.05.2025)
4. Ислам. Энциклопедический словарь. – М., 1991. – С. 171.
5. Камали, Мухаммад Хашим. Принципы исламской юриспруденции, 2003.
6. Славный Коран. Перевод. М. Песчаник. Песок. 2370.
7. Славный Коран. С переводом и толкованием. - Душанбе, 1992.
8. Славный Коран. Тарджиман А.Стих. - Тегеран. 1371.
9. Славный Коран. Сури "Нисо", оли. 8.
10. Махмуд Шахаби. Адвари Юриспруденции. - Тегеран, 1369 г. Дж.1. – С. 146.
11. В Коране есть много аятов, в которых упоминаются имена и атрибуты Аллаха: шайтан, Шайтан, шайтан, шайтан, шайтан, шайтан, шайтан.
12. Холиков А. Исламское право. - Душанбе: "ЭР-граф", 2010. – С. 245-246.
13. Статуя М.Х. Жизнь Мухаммада. - Душанбе, 1994. Ч.-1.- 331 С.
14. Холиков А.Г. Исламское право. - Душанбе: Эр-граф, 2010. - 400 С.

List of literature:

1. Abulfido Ismail al-Qasir "a-Damascus. "Interpretation and the Quran by Al-Azim". - Medina, 1993. 4.3. – p. 451.
2. Al-Qaradawi, Yusuf. Fiqh-l-Islam and the Dalai Lama. - Cairo, 2001.
3. Some features of heritage in Islam [Electronic resource] / access source: https://shuroiulamo.tj/tj/articles/ids/1148 (date of request: 05.05.2025)
4. Islam. An encyclopedic dictionary. Moscow, 1991. p. 171.
5. Kamali, Muhammad Hashim. Principles of Islamic Jurisprudence, 2003.
6. The Glorious Quran. Translated by M. Sandstone. Sand. 2370.
7. The Glorious Quran. With translation and interpretation. - Dushanbe, 1992.
8. The Glorious Quran. Tarjiman A. The Verse. - Tehran. 1371.

9. The Glorious Quran. Suri "Niso", Oli. 8.
10. Mahmoud Shahabi. Advari of Jurisprudence. - Tehran, 1369, J.1. – p. 146.
11. In the Quran there are many verses in which the names and attributes of Allah are mentioned: shaitan, Shaitan, shaitan, shaitan, shaitan, shaitan.
12. Kholikov A. Islamic law. Dushanbe: ER-graf, 2010. pp. 245-246.
13. Statue of M.H. The Life of Muhammad. - Dushanbe, 1994. Ch.-1.- 331 P.
14. Kholikov A.D. Islamic law. Dushanbe: Er-graf Publ., 2010. 400 p.

ТДУ: 34

Абдураҳмонӣ Баҳром,
ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молия ва зидди коррупсияи факултети менҷмет ва ҳуқуқи иқтисодии ДДМИТ

ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ БОНК Ё ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ МОЛИЯВИИ ДИГАР ТИБҚИ ШАРТНОМАИ ПАСАНДОЗИ БОНКӢ

Калидвожаҳо: пасандозгузор; бонк; ташкилоти молиявии қарзӣ; ҳуқуқ; уҳдадорӣ; пасандози бонкӣ; мазмуни шартнома; шартномаи пасандози бонкӣ; суғуртаи ҳатмии пасандоз; сирри бокӣ.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур аз ҷониби муаллиф масъалаҳои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои бонк ё ташкилоти қарзии молиявии дигар тибқи шартномаи пасандози бонкӣ бо дарназардошти адабиётҳои илмӣ ва қонунгузории кишвар мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар асоси баррасии мавзуи мазкур ҳуқуқ ва уҳдадориҳои бонк ё ташкилоти қарзии молиявии дигар тибқи шартномаи пасандози бонкӣ муайян гардидаанд. Дар натиҷаи таҳлил муаллиф вобаста ба такмили қонунгузорӣ таклифу пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст.

Муносибатҳо оид ба пасандози бонкӣ байни субъектони муайян, яъне бонк ё ташкилоти қарзии молиявии дигар ва пасандозгузор ба вуҷуд меояд. **Низоми бонкӣ дар муомилоти маданаӣ аҳаммияти калидӣ дорад.** Бо ҷамъоварии воситаҳои муваққатан озоди пулӣ, ки аз ҷониби шаҳрвандон ва ташкилотҳо пешниҳод мегарданд, бонкҳо ба субъектҳои низоми иқтисодӣ қарз медиҳанд.

Ҳамчун миёнаравони молиявӣ, ташкилотҳои қарзӣ ҷараёни маблағгузориро миёни ҳамаи иштирокчиёни муомилоти хоҷагидорӣ, ки ҳисоббаробаркуниҳоро бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои ҳуқуқӣ-маданӣ ва инчунин иҷрои уҳдадориҳои ҳуқуқӣ-оммавӣ ба миён омада анҷом медиҳанд, ба роҳ мемонанд [23, с. 108].

Тарафҳои шартномаи пасандози бонкӣ, бонк ва пасандозгузор **мебошанд.**

Мутобиқи қ. 1, м. 928 Кодекси мадании ҶТ тибқи шартномаи пасандози бонкӣ як тараф бонк ё ташкилоти қарзии молиявии дигар, ки пасандози тарафи дигар ё маблағи пулӣ (пасандоз)-и барои он воридшударо қабул кардааст, уҳдадор мешавад ба пасандозгузор ин маблағро баргардонад ва барои он тибқи шарт ва тартиби пешбининамудаи шартнома фоиз пардохт намояд [1].

Аз муқаррароти моддаи болозикр маълум мегардад, ки ба сифати тарафҳои шартномаи пасандози бонкӣ, бонк (ё ташкилоти қарзии молиявии дигар) ва пасандозгузор баромад менамояд.

Тибқи сархати чоруми м. 2 Қонуни ҶТ “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28-уми июни соли 2011, №722 [2] бонк - ташкилоти қарзие, ки мақсади асосиаш гирифтани фоида буда, дорои сармояи оинномавии барои он муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон ва ҳуқуқи иҷрои на камтар аз се амалиёти зерин: ҷалби амонат ва пасандозҳо, додани қарз, кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ мебошад.

Дар асоси сархати сеюми м. 1 Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009, №524 ташкилотҳои қарзии молиявӣ - ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти дар қонун пешбинишударо амалӣ менамоянд [3].

Дар байни бонкҳои тиҷоратӣ ду навъи асосӣ фарқ карда мешаванд: универсалӣ ва махсусгардонидашуда. Бонки универсалӣ ҳамаи намудҳои амалиётҳои бонкӣ анҷом медиҳад: додани қарзҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат, амалиёт бо қоғазҳои қиматнок, қабули ҳама гуна намудҳои пасандозҳо, расонидани ҳар гуна хизматрасониҳо ва ғайра.

Бонки махсусгардонидашуда ба як ё чанд намуди фаъолияти бонкӣ тахассус дорад. Ба бонкҳои махсусгардонидашуда мансубанд: бонкҳои сармоягузорӣ, ипотекӣ, пасандозӣ, бонкҳои қарзи истеъмолӣ, бонкҳои соҳавӣ ва бонкҳои дохили истеҳсолӣ [23, с. 108].

Тавре ки маълум аст, мазмуни дилхоҳ шартномаро ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои он ташкил медиҳад. Ба андешаи аксари муаллифон, шартномаи пасандози бонкӣ хусусияти яктарафа дошта, ки мавҷудияти уҳдадориҳоро танҳо аз ҷониби як тараф - ташкилоти қарзиро дар назар мегирад [11, с. 478].

Мазмуни шартномаи пасандози бонкиро уҳдадории бонк оид ба баргардонидани ба пасандозгузор маблағи пасандоз (қарзи асосӣ) бо пардохти фоизҳои мувофиқашуда ташкил медиҳад [10, с. 520].

Мазмуни шартномаи пасандози бонкӣ аз уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ иборат аст: кушодан ва нигоҳ доштани суратҳисоби амонатӣ; баргардонидани пасандоз; пардохти подош ба пасандозгузор дар шакли фоизҳои муайяншудаи бонкӣ барои имконияти ба даст овардани истифодаи воситаҳои пулӣ, ки дар амонат қарор доранд, инчунин таъмин намудани кафолати баргардонидани воситаҳои пулӣ, ки ба пасандоз гузошта шудаанд [20, с. 17].

Ба андешаи В.Ф. Лазаренко шартномаи пасандози бонкӣ хусусияти яктарафа дорад, аз ин рӯ, уҳдадориҳо тибқи шартнома танҳо ба зиммаи бонк гузошта мешаванд. Ҳамзамон, ба бонк доираи муайяни ҳуқуқҳо дода мешавад, ки ба ӯ имкон медиҳанд аз истифодаи воситаҳои пулии пасандозгузор фоида ба даст орад [18, с. 110].

Ба андешаи Е.И. Данилкина пас аз бастани шартномаи пасандози бонкӣ ба зиммаи бонк уҳдадориҳои зерин гузошта мешаванд: таъмини баргардонидани пасандоз бо роҳҳои дар қонунгузорӣ пешбинишуда; баргардонидани маблағи пасандоз ба талаби пасандозгузор; пардохти ҷуброн дар шакли фоизҳо барои тамоми давраи истифодаи воситаҳои пасандоз бо андозае, ки тибқи шартнома муайян гардидааст [13, с. 92].

Дар асоси қ. 1, м. 916 Кодекси мадании ҶТ тибқи шартномаи пасандози бонкӣ як тараф бонк ё ташкилоти қарзии молиявии дигар, ки пасандози тарафи дигар ё маблағи пулӣ (пасандоз)-и барои он воридшударо қабул кардааст, уҳдадор мешавад ба пасандозгузор ин маблағро баргардонад ва барои он тибқи шарт ва тартиби пешбининамудаи шартнома фоиз пардохт намояд [1].

Аз муқаррароти болозикр уҳдадориҳои зерини бонк ё ташкилоти қарзии молиявиро ҷудо намудан мумкин аст:

1) уҳдадорӣ оид ба баргардондани маблағи пасандоз ба пасандозгузор;

2) пардохт намудани фоиз;

3) гузарондани маблағҳои пулӣ ба суратҳисоби муайяннамудаи пасандозгузор;

4) уҳдадории бонк доир ба иттилоъ додани пасандозгузор оид ба таъмини баргардондани пасандоз;

5) уҳдадорӣ оид ба фавран баргардондани маблағи пасандоз, пардохтани фоизҳои он ба пасандозгузор дар сурати иҷро нагардидани уҳдадориҳои пешбининамудаи қонун ё шартномаи пасандози бонкӣ;

6) ҷуброни зиёни расонда.

Бонке, ки маблағи пулиеро, ки аз ҷониби пасандозгузор ворид шудааст ё ба манфиати пасандогузор ворид гардидааст, қабул мекунад, уҳдадор аст онро ба талаби аввалини пасандозгузор баргардонад [18, с. 110].

Уҳдадории асосии бонк тибқи шартномаи пасандози бонкӣ - баргардонидани маблағи пулии гузошташуда мебошад. Ин уҳдадорӣ ба уҳдадории қарзгир дар шартномаи қарз барои баргардонидани маблағи қарз ба қарздиҳанда монанд аст [5, с. 227].

Дар асоси м. 922 Кодекси мадании ҶТ баргардондани пасандози шахсони воқеӣ аз ҷониби бонк ба тариқи суғуртаи ҳатмии пасандоз, дар ҳолати муқаррарнамудаи қонун бошад, бо тарзҳои дигар таъмин карда мешавад.

Тибқи сархати якуми м. 1 Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» пасандозҳои суғурташуда - маблағи суратҳисобҳои амонату пасандозҳое, ки тибқи Қонуни мазкур объекти ҳатмии суғурта мебошанд [4].

Тарзҳои таъмини баргардондани пасандози шахсони ҳуқуқӣ аз ҷониби бонк мувофиқи шартномаи пасандози бонкӣ муайян карда мешаванд.

Оид ба пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ бошад, усулҳои таъмини ин пасандозҳо аз ҷониби худи тарафҳо дар шартномаи пасандози бонкӣ муайян карда мешаванд. Аз ин рӯ, давлат ба таъмини кафолати баргардонидани чунин пасандозҳо кӯшиш намекунад ва тамоми масъалаҳои таъминиро ба ихтиёри тарафҳо мегузорад, ки метавонанд аз чораҳои асосии таъмини иҷрои уҳдадориҳо истифода баранд (ноустуворона, гарав, кафолат, кафолати бонкӣ) [18, с. 117].

Мувофиқи қ. 3, м. 922 Кодекси мадании ҶТ ҳангоми бастани шартномаи пасандози бонкӣ бонк уҳдадор аст оид ба таъмини баргардондани пасандоз ба пасандозгузор иттилоъ диҳад [1].

Тартиби расонидани ин маълумот ба мизоҷонро худи бонк муайян мекунад (масалан, бо роҳи овехтани эълонҳо дар толори бонк). Бо вуҷуди ин, дар амалия ин уҳдадории бонк на ҳамеша иҷро карда мешавад [18, с. 117].

Ҳангоми аз ҷониби бонк иҷро нагардидани уҳдадориҳои муқаррарнамудаи қонун ё шартномаи пасандози бонкӣ оид ба таъмини баргардондани маблағи пасандоз, инчунин ҳангоми аз даст додани таъминот ё бад шудани шартҳои он пасандозгузор ҳуқуқ дорад аз бонк фавран баргардондани маблағи пасандоз, пардохтани фоизҳои он мутобиқи м. 890 Кодекси мадании ҶТ ва ҷуброни зиёни расондаро талаб намояд [1].

Л.Г. Ефимова чунини иброз менамояд, ки «асоси уҳдадории шартномавии бонк дар баргардонидани пасандоз пешниҳоди муқобил мебошад, ки дар шакли маблағи пасандозе, ки қаблан аз ҷониби пасандозгузор гузошта шудааст, ифода меёбад. Ҳадафи шартномаи пасандози бонкӣ ин додани ба бонк маблағи муайяни пулӣ ба моликияти ӯ бо уҳдадории ҳатмии баргардонидани он ба ҳисоб меравад» [15, с. 178].

Чораҳои таъмини баргардонидани пасандоз вобаста ба он муайян мегарданд, ки кӣ ҳамчун пасандозгузор амал мекунад. Агар пасандозгузор шахси воқеӣ бошад, баргардонидани пасандоз чунин таъмин карда мешавад:

1. Суғуртаи ҳатмии пасандоз. Низоми кафолатдиҳӣ (суғурта) барои воситаҳо дар суратҳисобҳо ва пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ ба ҳуқуқи бонкӣ хуб маълум буда, яке аз муҳимтарин омилҳои таъмини устувории низоми бонкӣ эътироф мегардад.

Дар айни замон, низоми кафолати пасандозҳо дар кишварҳои гуногун фарқ мекунанд. Дар давлатҳои хориҷа низоми суғуртаи ҳатмӣ (масалан, ИМА, Ҷопон) ва ихтиёрӣ (масалан, Олмон, Франсия, Италия) мебошанд. Объекти ҳимоя қариб ҳамаи намудҳои пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар бар мегирад (масалан, дар Ҷопон ва Франсия ҷуброни суғуртавӣ барои сертификатҳои амонатӣ пардохт намешавад, дар Норвегия ва Нидерландия - барои амонатҳо дар асъори хориҷӣ).

Уҳдадории бонк оид ба суғуртаи пасандозҳо хусусияти ҳатмӣ (императивӣ) дорад ва наметавонад бо шартҳои шартномаи мушаххаси суғуртаи бонкӣ бекор ё тағйир дода шавад.

2. Суғуртаи ихтиёрии пасандозҳо.

3. Дигар усулҳои, ки қонунгузорӣ ё шартномаи шартномаи пасандози бонкӣ пешбинӣ намудааст [18, с. 115-116].

Уҳдадории дигари бонк тибқи шартномаи пасандози бонкӣ пардохт намудани фоизҳо мебошад.

Дар асоси м. 920 Кодекси мадании ҶТ бонк ба маблағҳои пулии пасандозгузор ба андозаи муайяннамудаи шартнома фоиз пардохт мекунад. Ҳангоми дар шартнома набудани шартҳо оид ба андозаи фоизҳои пардохткунанда бонк уҳдадор мебошад фоизи мувофиқи қарз муайяншударо тибқи қ. 1, м. 890 Кодекси мадании ҶТ пардохт намояд [1].

Мувофиқи м. 890 Кодекси мадании ҶТ агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, қарздеҳ барои истифодаи маблағи қарз аз қарзгир аз рӯйи андоза ва бо тартиби муайяннамудаи шартнома ба гирифтани фоиз ҳуқуқ дорад. Ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани шартҳо оид ба фоизи истифодаи қарз андозаи

он тибқи меъёри бозтамвили дар даврaи дахлдор амалкунандаи Бонки миллии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Андозаи фоиз барои истифодаи қарз дар шартнома бо татбиқи меъёри фоизи солона дар шакли бузургии қайдшуда, бо татбиқи меъёри фоизи солона, ки бузургии он вобаста аз шартҳои муайяннамудаи шартнома тағйирёбанда мебошанд, аз ҷумла вобаста ба бузургии тағйирёбанда, ё бо тарзи дигар, имконияти муайян намудани андозаи фоизи дахлдорро дар лаҳзаи пардохти он дорад, мумкин аст муқаррар карда шавад.

Ҳангоми набудани созишномаи дигар фоизи истифодаи қарз ҳар моҳ, то рӯзи баргардондани қарз пардохт карда мешавад [1].

Дар муқоиса бо шартномаи суратҳисоби бонкӣ, уҳдадории ташкилоти қарзӣ оид ба ҳисоб кардани фоизҳо ва пардохти онҳо ба пасандозгузор бо меъёри императивии қонун пешбинӣ шудааст ва наметавонад бо созишномаи тарафҳо истисно гардад [20, с. 7].

Тибқи қ. 2, м. 920 Кодекси мадании ҶТ агар дар шартномаи пасандози бонкӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, бонк ҳуқуқ дорад андозаи фоизи тибқи пасандоз талаб карда гирифтан пардохтшавандаро тағйир диҳад. Дар сурати аз ҷониби бонк кам кардани андозаи фоиз, андозаи нави фоизҳо нисбат ба пасандозҳое татбиқ мешавад, ки то лаҳзаи иттилоъ додани пасандозгузор дар мавриди кам кардани фоиз бо гузаштани як моҳ аз лаҳзаи додани чунин иттилоъ, гузаронда шудаанд, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

Андозаи фоизи дар шартнома муқарраршуда ба пасандозе, ки тибқи шартҳои баргардондани он бо гузаштани муҳлати муайян ё фарорасии ҳолатҳои дар шартнома пешбинигардида гузошта шудааст, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, наметавонад аз ҷониби бонк яктарафа кам карда шавад. Мувофиқи шартномаи чунин пасандози бонкӣ, ки байни бонк ва шахси ҳуқуқӣ баста шудааст, андозаи фоиз яктарафа тағйир дода намешавад, агар дар қонун ё шартнома ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад. Тибқи шартномаи пасандози бонкӣ, ки гузоштани пасандоз дар он бо сертификати бонкӣ тасдиқ карда мешавад, андозаи фоизро яктарафа тағйир додан мумкин нест.

Ба андешаи В.Ф. Лазаренко масъалаи яктарафа тағйир додани андозаи фоиз баҳснок ба ҳисоб меравад [18, с. 120].

Мутобиқи м. 921 Кодекси мадании ҶТ фоизҳо ба маблағи пасандози бонкӣ аз рӯзи баъди рӯзи ба бонк ворид шудани он фарорасанда то рӯзи ба пасандозгузор баргардондани он ва дар сурати аз ҳисоби пасандозгузор тибқи асосҳои дигар баровардани пасандоз, ҳамчунин то рӯзи аз ҳисоб баровардани он, ҳисоб карда мешавад.

Таҳлили муҳтавои қ. 1, м. 921 Кодекси маданӣ имкон медиҳад ба чунин хулоса омад, ки қонунгузор рӯзи ба бонк ворид шудани он фарорасанда то рӯзи ба пасандозгузор баргардондани он аз даврaи ҳисоб кардани фоизҳо хориҷ намудааст. Зеро мавҷудияти пешоянди «то» дар матни қ. 1, м. 921 Кодекси маданӣ гувоҳӣ медиҳад, ки рӯзи ба бонк ворид шудани он фарорасанда ва рӯзи ба пасандозгузор баргардондани он бо дигар асосҳо ба даврaи ҳисоб баровардани фоизҳо дохил намешавад. Вобаста ба номувофиқ будани чунин ифода ёфтани меъёри мазкур баъзан олимон, аз ҷумла Л.Г. Ефимова [14, с. 21] ва Л.А. Новосёлова [24, с. 156] изҳори андеша намуда буданд.

Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, фоизҳо ба маблағи пасандози бонкӣ ба пасандозгузор тибқи талаби он бо гузаштани ҳар як семоҳа, алоҳида аз маблағи пасандоз пардохт карда шуда, фоизҳои дар ин муҳлат талаб карда гирифтанашуда бошанд, маблағҳои пасандози ба он фоизҳо замшавандаро афзун менамоянд. Ҳангоми баргардондани маблағи пасандоз ҳамаи фоизҳои то ин лаҳза замгардида пардохт карда мешаванд [1].

Уҳдадории бонк оид ба пардохти фоизҳо ба пасандоз, аз як тараф музднок будани шартномаи амонати бонкиро шаҳодат медиҳад, аз тарафи дигар, нишон медиҳад, ки шарт дар бораи фоизҳо барои чунин шартнома шарти асосӣ мебошад. Дар ин замина савол ба миён меояд: агар дар шартномаи пасандози бонкӣ мустақиман пешбинӣ шуда бошад, ки бонк уҳдадор нест ба пасандозгузор фоиз пардохт намояд ва шартнома музднок

набошад, чӣ мешавад? Ба андешаи В.Ф. Лазаренко чунин шарт ба моҳият ва табиати худи шартномаи пасандози бонкӣ ва инчунин ба меъёрҳои Кодекси маданӣ мухолифат мекунад [18, с. 119].

Ба андешаи А.А. Травкина агар дар шартномаи пасандози бонкӣ пешбинӣ гардида бошад, ки бонк уҳдадор нест, ба пасандозгузор фоиз пардохт намояд, пас чунин шартнома пасандози бокӣ ба ҳисоб нарафта ва бояд ҳамчун шартномаи қарзи бефоиз баррасӣ карда шавад [6, с. 121].

Тибқи қоидаи умумӣ, андозаи фоизҳо дар шартнома муайян карда мешавад. Бо вуҷуди он ки шарт дар бораи фоизҳо шарти асосии шартнома мебошад, муайян накардани андозаи фоизҳо дар шартнома ба бастани он таъсир намерасонад, зеро Кодекси маданӣ меъёреро пешбинӣ намудааст, ки набудани чунин шартро дар шартнома ҷуброн мекунад. Аз ин рӯ, дар ҳолате, ки дар шартнома андозаи фоизҳои пардохтшаванда нишон дода нашудааст, бонк уҳдадор аст фоизҳоро бо андозае пардохт намояд, ки мувофиқи меъёри фоизии бонкӣ (меъёри рефинансонӣ), ки дар ҷойи истиқомати пасандозгузори шахси воқеӣ (ё дар ҷои ҷойгиршавии пасандозгузори шахси ҳуқуқӣ) амал мекунад, муайян мегардад [18, с. 119].

Вале, қонунгузорӣ мувақатан боз доштани уҳдадории ташкилоти қарзии молиявиро оид ба пардохти маблағҳо аз рӯйи ҳар гуна уҳдадории ташкилоти қарзии молиявӣ пешбинӣ намудааст.

Тибқи қ. 1, м. 54 Қонуни ҶТ “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади ҳифзи вазъи молиявии ташкилоти қарзии молиявӣ, ки дар он маъмурияти муваққатӣ ҷорӣ шудааст, метавонад пардохти маблағро аз рӯи ҳар гуна уҳдадории ташкилоти қарзии молиявӣ то як моҳ боздорад ва дар ҳолатҳои зарурӣ ин муҳлатро ба як моҳи дигар тамдид намояд, вале ин муҳлат набояд аз се моҳ зиёд бошад [2].

Мораторияи қонеъгардонии талаби пасандоздорон, уҳдадории ташкилоти қарзии молиявиро барои пардохти амонату пасандозҳо ба андозаи на зиёда аз маблағи ҷубронпулии бо Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” муайяншуда маҳдуд наменамояд.

Муҳимтарин уҳдадории ташкилоти қарзӣ ин пардохти маблағи пасандоз ё қисми он ба талаби аввалини пасандозгузор мебошад, новобаста аз намуди пасандоз. Шарти шартнома дар бораи даст кашидани шахси воқеӣ аз ҳуқуқи гирифтани пасандоз ба талаби аввалин беэътибор мебошад.

Ба андешаи А. Курбатов, уҳдадории зикршуда фарқияти асосии ҷалби воситаҳои пулӣ ба пасандоз аз дигар шаклҳои ҷалби воситаҳои пулӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзиро ташкил медиҳад. Дар ин замина, муаллиф ба хулосае меояд, ки шартҳои шартномаҳои пасандози бонкӣ, ки дар амалияи ҳуқуқӣ вомехӯранд ва тибқи онҳо пасандозгузор ҳангоми талаб намудани маблағи пасандоз пеш аз муҳлат уҳдадор мешавад, ки ба бонк маблағи муайян пардохт намояд, бояд беэътибор ҳисобида шаванд [11, с. 478].

Азбаски ҳар гуна воситаҳои пулӣ метавонанд аз ҷониби соҳиби онҳо бо мақсади ба даст овардани фоиз ба бонк гузошта шаванд (барои пасандоз дар суратҳисоби бонкӣ супорида шаванд, ки ин имконияти пасандозгузоронро барои анҷом додани пардохтҳо маҳдуд намекунад ва дар он давлат манфиатдории бевосита мебошад), чунин ба назар мерасад, ки пул қобилияти ба даст овардани даромадро дар шакли фоиз дорад, ки ҳадди ақал бо меъёри барои паандозҳои то талаб ҳисобшаванда муайян карда мешавад [7, с. 458-459].

Агар дар шартнома мустақиман пешбинӣ шуда бошад, ки бонк уҳдадор нест ба пасандозгузор барои истифодаи воситаҳои пулӣ подош (мукофотпулӣ) пардохт намояд, чунин аҳдро набояд ҳамчун шартномаи пасандози бонкӣ ҳисобид. Ин метавонад шартномаи дорои табиати ҳуқуқии каме дигар бошад, масалан, шартномаи қарзи бефоиз [17, с. 405-406].

Маҳз аз рӯйи моҳият, фоизҳо ҳамчун як навъ нархи қарзе мебошанд, ки аз ҷониби пасандозгузор ба бонк дода мешавад.

Ташкилоти қарзӣ уҳдадор аст, ба суратҳисоби пасандоз маблағҳои пулиеро, ки ба номи пасандозгузор аз тарафи шахсони сеюм бо нишон додани маълумоти зарурӣ дар бораи суратҳисоби пасандоз ворид мегарданд, гузаронад, агар дар шартномаи пасандози бонкӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Мавҷудият ва мазмуни уҳдадории бонк оид ба анҷом додани амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ аз намуди пасандоз вобаста аст. Шартномаи пасандози бонкӣ бо шахси воқеӣ ё шахси ҳуқуқӣ метавонад анҷом додани амалиётҳо бо истифодаи кортҳои бонкироро пешбинӣ намояд [11, с. 479].

Тибқи шартномаи пасандози бонкӣ бо иштироки шахсони воқеӣ, дар назди бонк боз як уҳдадории муҳим ба миён меояд. Пасандозгузоре, ки дар бонк суратҳисоб мекушояд, ҳуқуқ дорад ба бонк супориш диҳад, ки ба шахсони сеюм маблағҳои пулӣ аз пасандозро (асосан барои ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ) гузаронад. Ин амалиёт боиси тағйир ёфтани шартномаи пасандози бонкӣ мегардад.

Барои шахсони ҳуқуқӣ чунин амалиёт бо пасандоз имконнопазир аст. Ҳуқуқҳои онҳо ба баргардонидани пасандоз ва гирифтани фоизҳо маҳдуд мегарданд. Ҳамаи ҳисоббаробаркуниҳои шахсони ҳуқуқӣ дар асоси шартномаи суратҳисоби бонкӣ, ки онҳо бастаанд, анҷом дода мешаванд [23, с. 122].

Инчунин, бонкҳо уҳдадории дигари бонк тибқи шартномаи пасандози бонкӣ таъмини нигоҳдории пасандозҳо мебошад. Мувофиқи қ. 3, м. 922 Кодекси мадании ҶТ ҳангоми бастани шартномаи пасандози бонкӣ бонк уҳдадор аст оид ба таъмини баргардондани пасандоз ба пасандозгузор иттилоъ диҳад.

Яке аз уҳдадориҳои асосии ташкилоти қарзии молиявӣ тибқи шартномаи пасандози бонкӣ таъмин намудани сирри бонкӣ мебошад. Принсипи мазкур дар м. 49 Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” муайян гардидааст, ки тибқи он аз ҷониби кормандони роҳбарикунанда, кормандон ва намояндагони амалкунанда ё собиқи ташкилоти қарзӣ пешниҳод намудани сирри бонкӣ ба шахсони сеюм, ошкор кардан ё додани имконият барои таҳлили он манъ аст, ба истиснои ҳолатҳое, ки мувофиқи Қонуни мазкур иҷозат дода шудаанд [3].

Ҳамзамон дар м. 48 Қонуни мазкур мафҳуми сирри бонкӣ муқаррар гардидааст, ки тибқи он сирри бонкӣ – маълумот дар бораи фаъолият ва ҳолати молиявии муштарӣ, ки ба ташкилоти қарзӣ ҳангоми хизматрасонӣ ва муносибат бо муштарӣ ё бо шахси сеюм маълум шудааст ва ошкор кардани он мумкин аст ба муштарӣ зиёни моддӣ ё маънавӣ расонад, мебошад.

Сирри бонкӣ дар илми ҳуқуқи мадании шуравӣ мавриди омӯзиш қарор надода шуда ва ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ эътироф нагардида буд [9, с. 69].

Ба андешаи В.Н. Лопатин сирри бонкӣ – маълумоти махфие, ки сирри давлатӣ намебошад ва аз ҷониби бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ҳифз карда шуда, маълумот дар бораи пасандозҳо ва суратҳисобҳои мизоҷони худ, суратҳисобҳои корреспондентӣ, амалиёти бонкӣ оид ба суратҳисобҳо ба манфиати мизоҷон, инчунин маълумот дар бораи худи мизоҷон, ки фош намудани онҳо метавонад ҳуқуқи охиринҳоро ба дахлнопазири ҳаёти шахсӣ вайрон намояд [19, с. 17].

Сирри бонкӣ - институти ҳуқуқие мебошад, ки муносибатҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзиро бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, инчунин мақомоти давлатӣ оид ба ҳифз ва таъмини дастрасии маълумот ба бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ оид ба амалиётҳо, суратҳисобҳо ва пасандозҳои муштариён ва корреспондентҳои онҳо, инчунин худи мизоҷон ба танзим медарорад [16, с. 216].

Ҳуқуқи асосии бонк ҳуқуқи мустақилона соҳиб шудан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ намудани маблағҳои пулӣ мебошад, ки ҳамчун пасандоз ба он вогузор шудаанд. Ҳадафи бастани шартномаи пасандози бонкӣ барои бонк ин ба моликияти худ ба даст овардани маблағҳо мебошад. Аз ин рӯ, шартномаи пасандози бонкӣ аз лиҳози моҳияти ҳуқуқӣ ба шартномаи қарз монанд аст, ҳарчанд хусусияти мустақилона дорад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ масъалаи ҳуқуқҳои бонк нисбат ба маблағҳои пасандоз ба таври ягона ҳал нашудааст, ки сабаби асосии он нокомил

будани қонунгузорӣ дар ин самт мебошад [18, с. 139].

Ба андешаи Д.А. Медведев «барои бонк ҳадафи шартнома дар ҷалби воситаҳои озоди пулӣ аз пасандозгузор барои анҷом додани амалиётҳои тиҷоратӣ ифода меёбад, дар ҳоле ки барои пасандозгузор - дар дарёфти фоиз аз пасандози худ». Дар ин замина, ҳам пулҳои нақд ва ҳам маблағҳои ғайринақдие, ки аз ҷониби пасандозгузор гузошта мешаванд, ба моликияти бонк мегузаранд ва бонк дар давраи амали шартномаи пасандози бонкӣ бо салоҳдиди худ аз онҳо дар муомилоти тиҷоратӣ истифода мекунад [21, с. 367].

Тибқи Кодекси мадании ҶТ дар асоси шартномаи пасандози бонкӣ бонк чунин ҳуқуқҳо дорад:

– ҳуқуқи ба пасандозҳо ҷалб намудани маблағҳои пулӣ;

− бонк ҳуқуқ дорад андозаи фоизи тибқи пасандози талаб карда гирифтан пардохтшавандаро тағйир диҳад.

Дар адабиёти илмӣ доир ба масъалаи мазкур андешаҳои гуногун баён шудаанд. Масалан, В.П. Мозолин чунин иброз менамояд, ки ҳуқуқи моликият ба маблағҳои ба бонк гузошташуда дар ихтиёри худи пасандозгузор боқӣ мемонад [22, с. 100].

Ба андешаи Е.А. Суханов нисбат ба пасандоз вуҷуд доштани ҳуқуқи ашёӣ, аз ҷумла ҳуқуқи моликияти бонк ё пасандозгузор, ғайриимкон мебошад, зеро воситаҳои пулӣ дар шакли ғайринақдӣ аз ҷиҳати ҷисмонӣ соҳибӣ шуда наметавонанд. Аз ин рӯй, ба андешаи ӯ, пасандоз на маблағи пулӣ, балки ҳуқуқи талаби уҳдадорӣ ба ҳисоб меравад [25, с. 17].

Назарияи дигарро В.А. Белов ҷонибдорӣ мекунад, ки ба бонк ҳуқуқи моликият ба маблағҳои пулӣ, ки пасандози бонкиро ташкил медиҳанд, тааллуқ дорад. Маҳз бо ҳамин ҳуқуқ шарҳ дода мешавад, ки бонк ҳуқуқи соҳибӣ, ихтиёрдорӣ ва истифода намудани ин маблағҳоро мустақилона, бо салоҳдиди худ ва ба манфиати худ доро мебошад [8, с. 293].

Ба андешаи А.Г. Гузнов нисбат ба пасандозҳо то талаб намудан гузаштани ҳуқуқи моликият аз пасандозгузор ба бонк сурат намегирад, аммо нисбат ба пасандозҳои муҳлатнок ва шартӣ ҳуқуқи моликият ба пасандоз ба бонк мегузарад, дар ҳоле ки пасандозгузор ҳуқуқи талаботро соҳиб мешавад [12, с. 280-281].

Ҳуқуқи дигаре, бонк тибқи шартномаи пасандози бонкӣ ин имконияти ба таври якҷониба тағйир додани андозаи фоизҳо нисбат ба пасандозҳо мебошад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Вале дар хусуси масъалаи мазкур ҳангоми баррасии уҳдадориҳои бонк ба таври муфассал сухан гуфта будем.

Аз гуфтаҳои болозикр пайхас намудан мумкин аст, ки шартномаи пасандози бонкӣ шартномаи яктарафа буда, як тарафи он – пасандозгузор соҳиби ҳуқуқ буда, тарафи дигари он – бонк ё дигар ташкилоти қарзии молиявӣ соҳиби ҳуқуқ ва уҳдадориҳо мбошад.

Дар натиҷаи таҳлили қонунгузорӣ ва адабиётҳои илмӣ оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои шартномаи пасандози бонкӣ чунин ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳоро ҷудо намуд:

1. Ҳуқуқҳои бонк

– ҳуқуқи ба пасандозҳо ҷалб намудани маблағҳои пулӣ;

− бонк ҳуқуқ дорад андозаи фоизи тибқи пасандози талаб карда гирифтан пардохтшавандаро тағйир диҳад.

2. Уҳдадориҳои асосии бонк:

– уҳдадорӣ оид ба баргардондани маблағи пасандоз ба пасандозгузор;

− пардохт намудани фоиз;

− уҳдадории бонк доир ба иттилоъ додани пасандозгузор оид ба таъмини баргардондани пасандоз;

− нигаҳдории сирри бонкӣ;

− ҷуброни зиёни расонидашуда.

ПРАВА И ОБЯЗАННОСТИ БАНКА ИЛИ ИНОЙ ФИНАНСОВО-КРЕДИТНОЙ ОРГАНИЗАЦИЙ ПО ДОГОВОРУ БАНКОВСКОГО ВКЛАДА

Ключевые слова: вкладчик; банк; финансово-кредитная организация; право; обязанность; банковский вклад; содержание договора; договор банковского вклада; обязательное страхование вкладов; банковская тайна.

Аннотация. В данной статье автор рассматривает вопросы прав и обязанностей банка или иной финансово-кредитной организации по договору банковского вклада с учетом научной литературы и законодательства страны. На основе анализа данной темы определены права и обязанности банка или иной финансово-кредитной организации по договору банковского вклада. В результате анализа автором вносятся предложения и рекомендации по совершенствованию законодательства.

Абдурахмани Бахром - ассистент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права факультета управления и экономического права ТГФЭУ.

RIGHTS AND RESPONSIBILITIES OF A BANK OR OTHER FINANCIAL AND CREDIT ORGANIZATION UNDER A BANK DEPOSIT AGREEMENT

Keywords: depositor; bank; financial and credit institution; right; obligation; bank deposit; content of the agreement; bank deposit agreement; mandatory deposit insurance; banking secrecy.

Annotation. In this article, the author examines the rights and obligations of a bank or other financial and credit institution under a bank deposit agreement, taking into account scientific literature and the legislation of the country. Based on the analysis of this topic, the rights and obligations of a bank or other financial and credit institution under a bank deposit agreement are determined. As a result of the analysis, the author makes proposals and recommendations for improving the legislation.

Abdurakhmani Bakhrom - an assistant at the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law of the Faculty of Management and Economic Law of TSFEU.

Рӯйхати адабиёт:

1. Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, №1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.07.2025).

2. Қонуни ҶТ “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28-уми июни соли 2011, №722 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 02.07.2025).

3. Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009, №524 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 02.07.2025).

4. Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» аз 2 августи соли 2011, №758 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 04.07.2025).

5. Абдурахмони Б. Правовая природа договора банковского вклада // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – №8. – С. 227-232.

6. Банковское право. Учебное пособие / Под ред. А. А. Травкина. – Волгоград, 2001. – 705 с.

7. Белов В.А. Гражданское право: Особенная часть: учебник / В.А. Белов. – М.: АО “Центр ЮрИнфоР”, 2004. – 767 с.

8. Белов В.А. Банковское право России: теория, законодательство, практика: юридические очерки. – М., 2000. – *393 с.*

9. Викулин А.Ю. Банковская тайна как объект правового регулирования // Государство и право. – 1998. – №7. – С. 66-72.

10. Гражданское право: учеб.: В 3 т. Т. 2. -4-е изд., перераб. и доп. / Е.Ю. Валявина, И.В. Елисеев и др.; отв. ред. А.П. Сергеев, Ю.К. Толстой. – М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2003. – 848 с.

11. Гражданское право: Часть вторая: учебник для вузов / под ред. В.П. Камышанского, Н.М. Коршунова, В.И. Иванова. – М.: Эксмо, 2007. – 592 с.

12. Гузнов А.Г. Федеральный закон «О банках и банковской деятельности». Введение. Текст. Комментарии // Под ред. К.Д. Лубенчснко. – М., 2000. – 467 с.

13. Данилкина Е.В. Договор банковского вклада с участием физических лиц по гражданскому законодательству РФ: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2005. – 208 с.

14. Ефимова Л.Г. Банковские сделки. Комментарий законодательства и арбитражной практики. – М., 2000. – 316 с.

15. Ефимова, Л. Г. Банковские сделки: право и практика / Л. Г. Ефимова. – М.: НИМП, 2001. – 654 с.

16. Козлачков А. А. Федеральный закон «О банках и банковской деятельности». Введение. Текст. Комментарии / Под ред. К.Д. Лубенченко. – М., 2000. – 467 с.

17. Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации, части второй (постатейный). 2-е изд., испр. и доп. / Руководитель авторского коллектива и ответственный редактор доктор юридических наук, профессор О.Н. Садиков – М.: Юридическая фирма КОНТРАКТ: Издательская группа ИНФРА-М - НОРМА, 1997. – 778 с.

18. Лазаренко В.Ф. Договора банковского вклада в гражданском праве России: дис. … канд. юрид. наук. – Волгоград, 2003. – 175 с.

19. Лопатин В.Н. Проблемы информационного развития в банковской сфере России / В.Н. Лопатин // Информационное право. – 2008. – № 3. – С. 12-19.

20. Макаров А.П. Содержание договора банковского вклада: автореф. ... дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2011. – 36 с.

21. Медведев, Д.А. Гражданское право: учебник. Часть II. / Д.А. Медведев; под ред. А. П. Сергеева и Ю. К. Толстого. – М.: Проспект, 2003. – 519 с.

22. Мозолин В.П. Право собственности в Российской Федерации в период перехода к рыночной экономике. – М, 1992. – 175 с.

23. Молдованов М.М. Правовое регулирование договора банковского вклада в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2011. – 204 с.

24. Новоселова Л.А. Проценты по денежным обязательствам. – М., 2000. – 174 с.

25. Суханов Е.А. Заем и кредит. Финансирование под уступку денежного требования. Банковский вклад. Банковский счет (главы 42-45) (комментарий ГК РФ) // Хозяйство и право. – 1996. – №7. – С. 3-25.

Список литературы:

1. Гражданский кодекс РТ от 24 декабря 2022 года № 1918 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: http://www.adlia.tj (дата обращения: 15.07.2025).

2. Закон РТ “О Национальном банке Таджикистана» отз 28 июня 2011, №722 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: http://www.adlia.tj (дата обращения: 13.07.2025).

3. Закон Республики Таджикистан «О банковской деятельности» от 19 мая 2009 года №524 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: http://www.adlia.tj (дата обращения: 3.07.2025).

4. Закон Республики Таджикистан «О страховании депозитов и сбережений» от 2 августа 2011 года №758// Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: http://www.adlia.tj (дата обращения: 19.07.2025).

5. Абдурахмони Б. Правовая природа договора банковского вклада // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – №8. – С. 227-232.

6. Банковское право. Учебное пособие / Под ред. А. А. Травкина. – Волгоград, 2001. – 705 с.

7. Белов В.А. Гражданское право: Особенная часть: учебник / В.А. Белов. – М.: АО “Центр ЮрИнфоР”, 2004. – 767 с.

8. Белов В.А. Банковское право России: теория, законодательство, практика: юридические очерки. – М., 2000. – *393 с.*

9. Викулин А.Ю. Банковская тайна как объект правового регулирования // Государство и право. – 1998. – №7. – С. 66-72.

10. Гражданское право: учеб.: В 3 т. Т. 2. -4-е изд., перераб. и доп. / Е.Ю. Валявина, И.В. Елисеев и др.; отв. ред. А.П. Сергеев, Ю.К. Толстой. – М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2003. – 848 с.

11. Гражданское право: Часть вторая: учебник для вузов / под ред. В.П. Камышанского, Н.М. Коршунова, В.И. Иванова. – М.: Эксмо, 2007. – 592 с.

12. Гузнов А.Г. Федеральный закон «О банках и банковской деятельности». Введение. Текст. Комментарии // Под ред. К.Д. Лубенчснко. – М., 2000. – 467 с.

13. Данилкина Е.В. Договор банковского вклада с участием физических лиц по гражданскому законодательству РФ: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2005. – 208 с.

14. Ефимова Л.Г. Банковские сделки. Комментарий законодательства и арбитражной практики. – М., 2000. – 316 с.

15. Ефимова, Л. Г. Банковские сделки: право и практика / Л. Г. Ефимова. – М.: НИМП, 2001. – 654 с.

16. Козлачков А. А. Федеральный закон «О банках и банковской деятельности». Введение. Текст. Комментарии / Под ред. К.Д. Лубенченко. – М., 2000. – 467 с.

17. Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации, части второй (постатейный). 2-е изд., испр. и доп. / Руководитель авторского коллектива и ответственный редактор доктор юридических наук, профессор О.Н. Садиков – М.: Юридическая фирма КОНТРАКТ: Издательская группа ИНФРА-М - НОРМА, 1997. – 778 с.

18. Лазаренко В.Ф. Договора банковского вклада в гражданском праве России: дис. … канд. юрид. наук. – Волгоград, 2003. – 175 с.

19. Лопатин В.Н. Проблемы информационного развития в банковской сфере России / В.Н. Лопатин // Информационное право. – 2008. – № 3. – С. 12-19.

20. Макаров А.П. Содержание договора банковского вклада: автореф. ... дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2011. – 36 с.

21. Медведев, Д.А. Гражданское право: учебник. Часть II. / Д.А. Медведев; под ред. А. П. Сергеева и Ю. К. Толстого. – М.: Проспект, 2003. – 519 с.

22. Мозолин В.П. Право собственности в Российской Федерации в период перехода к рыночной экономике. – М, 1992. – 175 с.

23. Молдованов М.М. Правовое регулирование договора банковского вклада в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2011. – 204 с.

24. Новоселова Л.А. Проценты по денежным обязательствам. – М., 2000. – 174 с.

25. Суханов Е.А. Заем и кредит. Финансирование под уступку денежного требования. Банковский вклад. Банковский счет (главы 42-45) (комментарий ГК РФ) // Хозяйство и право. – 1996. – №7. – С. 3-25.

list of literature:

1. Civil Code of the Republic of Tajikistan dated December 24, 2022 No. 1918 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Adlia". Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: http://www.adlia.tj (date accessed: 07/15/2025).

2. Law of the Republic of Tajikistan "On the National Bank of Tajikistan", repealed June 28, 2011, No. 722 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Adlia". Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: http://www.adlia.tj (access date: July 13, 2025).

3. Law of the Republic of Tajikistan "On Banking Activity", dated May 19, 2009, No. 524 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Adlia". Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: http://www.adlia.tj (access date: July 3, 2025).

4. Law of the Republic of Tajikistan "On Insurance of Deposits and Savings", dated August 2, 2011, No. 758 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan "Adlia". Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: http://www.adlia.tj (date accessed: 19.07.2025).

5. Abdurakhmoni B. Legal nature of the bank deposit agreement // Bulletin of the Tajik National University. Series of socio-economic and social sciences. – 2019. – No.8. – P. 227-232.

6. Banking law. Textbook / Ed. A. A. Travkin. – Volgograd, 2001. – 705 p.

7. Belov V.A. Civil law: Special part: textbook / V.A. Belov. – M .: JSC "Center YurInfoR", 2004. – 767 p.

8. Belov V.A. Banking law of Russia: theory, legislation, practice: legal essays. – M., 2000. – 393 c.

9. Vikulin A.Yu. Banking secrecy as an object of legal regulation // State and Law. – 1998. – №.7. – P. 66-72.

10. Civil law: textbook: In 3 volumes. Vol. 2. -4th ed., revised and enlarged / E.Yu. Valyavina, I.V. Eliseev et al.; editors A.P. Sergeev, Yu.K. Tolstoy. – M .: TK Velbi, Prospect Publishing House, 2003. – 848 p.

11. Civil law: Part two: textbook for universities / edited by V.P. Kamyshansky, N.M. Korshunov, V.I. Ivanov. – M .: Eksmo, 2007. – 592 p.

12. Guznov A.G. Federal Law "On Banks and banking activities". Introduction. Text. Comments // Under the editorship of K.D. Lubenchenko. – M., 2000. – 467 p.

13. Danilkina E.V. Bank deposit agreement with the participation of individuals under the civil legislation of the Russian Federation: dis. ... Cand. of Law. – Moscow, 2005. – 208 p.

14. Efimova L.G. Banking transactions. Commentary on legislation and arbitration practice. – M., 2000. – 316 p.

15. Efimova, L.G. Banking transactions: law and practice / L.G. Efimova. - M.: NIMP, 2001. – 654 p.

16. Kozlachkov A.A. Federal Law "On banks and banking activities". Introduction. Text. Comments / Under the editorship of K.D. Lubenchenko. – M., 2000. – 467 p.

17. Commentary to the Civil Code of the Russian Federation, Part Two (article by article). 2nd ed., corr. and add. / Head of the authors' collective and editor-in-chief Doctor of Law, Professor O. N. Sadikov – M.: CONTRACT Law Firm: INFRA-M - NORMA Publishing Group, 1997. – 778 p.

18. Lazarenko V. F. Bank deposit agreements in the civil law of Russia: diss. ... Cand. of Law. – Volgograd, 2003. – 175 p.

19. Lopatin V. N. Problems of information development in the banking sector of Russia / V. N. Lopatin // Information law. – 2008. – No.3. – P. 12-19.

20. Makarov A. P. Contents of the agreement bank deposit: author's abstr. ... dis. ... candidate of legal sciences. – Moscow, 2011. – 36 p.

21. Medvedev, D. A. Civil law: textbook. Part II. / D. A. Medvedev; edited by A. P. Sergeev and Yu. K. Tolstoy. – Moscow: Prospect, 2003. – 519 p.

22. Mozolin V. P. Ownership rights in the Russian Federation during the transition to a market economy. – M, 1992. – 175 p.

23. Moldovanov M. M. Legal regulation of a bank deposit agreement in the Russian Federation: dis. ... candidate of legal sciences. – Moscow, 2011. – 204 p.

24. Novoselova L. A. Interest on monetary obligations. – Moscow, 2000. – 174 p.

25. Sukhanov E.A. Loan and credit. Financing under the assignment of a monetary claim. Bank deposit. Bank account (Chapters 42-45) (commentary to the Civil Code of the Russian Federation) // Business and Law. – 1996. - No.7. – P. 3-25.

12.00.04 – ҲУҚУҚИ МОЛИЯ; ҲУҚУҚИ АНДОЗ; ҲУҚУҚИ БУҶЕТӢ
12.00.04 – ФИНАНСОВОЕ ПРАВО; НАЛОГОВОЕ ПРАВО; БЮДЖЕТНОЕ ПРАВО
12.00.04 – FINANCIAL LAW; TAX LAW; BUDGET LAW

УДК: 574.9
Назирзода Назирҷон Исроил,
унвонҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
***Тел.:** (+992) 938020383*
***E-mail:** nazirjon.zoirov@mail.ru*

ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ ҲАВАСМАНДГАРДОНӢ ДАР РУШДИ САЙЁҲӢ

Калидвожаҳо: сайёҳӣ; андоз; имтиёзҳои андозӣ; меъёри андоз; соҳибкорӣ; маблағи имтиёзҳо; даромади буҷет; сармоягузорӣ; рушд; гумрукӣ; даромад; иқтисодӣ; маблағ; буҷет; низом; соддакардашуда.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур раванди назариявӣ ва татбиқи амалии имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ, ки тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ин имтиёзҳо ба субъектҳои соҳаи саёҳӣ пешниҳод гардидааст, мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Асоснок карда шудааст, ки яке аз омилҳои тақвият ва такмилдиҳандаи ин соҳа дар чорчӯбаи иқтисоди бозорӣ, ки рушди соҳаро таъмин мекунад, ин имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ мебошад. Ба ғайр аз ин, раванди самаранокии ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ дар низоми муносибатҳои бозорӣ мавриди таҳлил қарор дода шуд ва маълум гардид, ки истифода аз имтиёзҳои муқарраргардида болоравии нишондиҳандаҳои ҳамасоларо афзуда, дар ин замина дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ низ таъмин гашта истодааст. Дар натиҷа, чӣ хеле аз нишондиҳандаҳои оморӣ маълум мегардад соҳаи сайёҳӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки миллӣ буда, ҷой доштани он метавонад индикатори рушди ҳунарҳои мардумӣ гардад.

Бо гузариш ба муносибатҳои бозорӣ дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи асосӣ барои ба вуҷуд омадани шаклҳои гуногуни моликият таъмин гардид. Дар ин замина, дар системаи иқтисоди миллӣ сайёҳӣ ҳамчун шакли нави фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд омада, давра ба давра рушд намуд.

Дар замони муосир соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои сердаромади иқтисодиёти ҷаҳон ба ҳисоб рафта, дар таъмини шуғл ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва рушди иқтисодиёти кишварҳо нақши муҳимро мебозад.

Муҳимияти ин равандро ба назар гирифта, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 чунин иброз намуданд, ки «сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррифии таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад» [13].

Аз ин рӯ, фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқии танзимкунанда, танзими шароити мусоид барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва такмили сиёсати давлатии идоракунии соҳа аз ҷумлаи афзалиятҳои муҳими сиёсати иқтисодию иҷтимоии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Бо ин мақсад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи сайёҳӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, имкониятҳои сайёҳии таърихию фарҳангӣ, қуллаҳои баланди кӯҳӣ, обҳои мусаффову шифобахш ва табиати нотакрори худро барои ҷалби бештари

сайёҳон аз дохил ва хориҷ метавонад истифода барад. Ҳамин тавр, ҷиҳати танзими ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳои зерин қабул карда шуд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи туризм” [9], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳии дохилӣ” [8], Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 [1], Консепсияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 [3], Стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [16] ва дигар барномаҳои соҳавии рушд дар ин ҷода қабул ва амалӣ гардида истодаанд.

Пушида нест, ки дар давраи иқтисоди нақшавӣ бахши сайёҳӣ на он қадар соҳаи рушд намуда ба ҳисоб мерафт ва умуман раванди хизматрасонӣ дар ин шакли хоҷагидорӣ дар сатҳи баланд рушд накарда буд, чунки рақобат дар соҳаҳо қариб ки ҷой надошт, махсусан дар соҳаи сайёҳӣ ва намудҳои он. Бинобар ин, аз он сохтор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолият низоми сустинкишофёфтаи соҳаи сайёҳӣ боқӣ монда, аз ин соҳа ба иқтисоди миллӣ ягон мероси муфиди пешбарандаи соҳа мавҷуд намонда буд.

Аз ин лиҳоз, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардида шаҳодат медиҳад, ки дар Тоҷикистон заминаи зарурии ҳуқуқии рушди сайёҳӣ вуҷуд дорад ва новобаста аз зарфиятҳои соҳаи саёҳӣ имконияти ҷалби зиёди саёҳон ба ҷумҳурӣ ва ташкили субъектҳои хоҷагидорӣ дар ин самт мавҷуд аст, ки бешубҳа барои рушди иқтисодиёти кишвар ва пешбурди он бениҳоят муҳим буда, ба беҳтар шудани фазои сармоягузорию муҳити соҳибкорӣ, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ, пайдо намудани бозорҳои нави ҷаҳонӣ ва ҷалби бештари сайёҳон ба болоравии иқтисодӣ ва сатҳи некуаҳволии мардум такони ҷиддӣ мебахшад.

Бояд қайд кард, ки дар баробари ташкили чунин омилҳои ба рушди соҳаи сайёҳӣ мусоидаткунанда, дар ҳудуди ҷумҳурӣ боз як қатор мушкилот низ ҷой дошт, аз қабили набудани имтиёзҳои андозию гумрукӣ, ки боиси дар сатҳи зарурӣ рушд накардани соҳа мегардад. Яъне бо ҷорӣ намудани имтиёзҳо дар соҳаи сайёҳӣ механизми ҳавасмандгардонӣ таъмин карда мешавад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки аз байн бурдани ин мушкилот ба беҳтар шудани фазои сармоягузорию муҳити соҳибкорӣ, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ, пайдо намудани бозорҳои нави ҷаҳонӣ ва ҷалби бештари сайёҳон ба болоравии иқтисодӣ ва сатҳи некуаҳволии мардум такони ҷиддӣ мебахшад.

Вобаста ба ин, олими ватанӣ Қ. Миралиён қайд мекунад, ки “воқеан, агар аз як тараф барои рушди соҳаи сайёҳӣ, захира ва имкониятҳои сайёҳӣ шароити инфрасохторӣ зарур бошад, пас аз тарафи дигар нақши калидиро дар ин самт захираи инсонӣ - неруи зеҳнӣ дар шакли маданияти сайёҳӣ ташкил медиҳад [12, с. 8].

Бо ҷонибдорӣ аз муаллиф қайд кардан ба маврид аст, ки тамоми муносибатҳо дар системаи иқтисодӣ амалишаванда ба манфиатҳои ба вуқуъ пайваста алоқаманд буда, давра ба давра рушд намудани он аз қобилияти зеҳнӣ ва бо хусусияти хос амалӣ намудани кору хизматрасониҳои бахши сайёҳӣ вобастагӣ дошта, ҳамчунин фаъолияти соҳибкориро талаб менамояд.

Муаммоҳои муосири сайёҳиро дар шароити кунунӣ И.В. Логунтсова омӯхта, чунин қайд мекунад, ки “сайёҳӣ одатан соҳаи сердаромади иқтисодӣ буда, дар бисёр мамлакатҳо ҳамчун дар нақши суратбахшандаи инкишофи бахши иҷтимоию иқтисодӣ баромад мекунад” [10, с. 25].

Барои ҳалли роҳҳои мушкилоти мавҷудаи соҳаи сайёҳӣ ва суръат бахшидан ба рушди он бояд ба самтҳои афзалиятноки он сармоя ҷалб карда, имтиёзҳои давлатӣ дар ин самт пешбинӣ намудан лозим мешавад. Инчунин зарур аст, ки дар марҳилаи аввал давлат бахши хусусиро барои сармоягузорӣ ҳавасманд гардонида, барои обод намудани мавзеъҳои сайёҳӣ заминаҳои зарурии иқтисодӣ ва ҳуқуқиро таъмин намояд. Пас аз гузаштани фосилаи муайяни вақт онҳо метавонанд ба манбаи муҳими воридоти асъори хориҷӣ табдил ёфта метавонад.

Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки таваҷҷуҳи зиёд ба соҳаи сайёҳии кишвар доранд, бо тағрибаи бузурги худ барои ҷалби сармоя ба соҳаи сайёҳӣ аввалан самтҳои афзалиятноки онро муайян намуда, ҷиҳати ҳавасманд намудани бахши хусусӣ барои сармоягузорӣ ва обод намудани мавзеъҳои сайёҳӣ, дастур доданд, ки барои рушди фаъолияти сайёҳӣ дар Тоҷикистон ба соҳаи мазкур имтиёзҳои андозию гумрукӣ пешбинӣ карда шавад [17, с. 12].

Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои роҳбари давлат ба Кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид гардида, бо мақсади рушди соҳаи сайёҳӣ ва бунёди инфрасохтори он як қатор имтиёзҳои андозию гумрукӣ ҷорӣ карда шуд.

Ба ин тартиб, дар қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри рушду нумуи соҳаи сайёҳӣ, ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ, таъсиси корхонаҳои нави сайёҳӣ, зиёд гардидани музди меҳнат ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ имтиёзҳои васеи андозӣ пешбинӣ карда шуд, ки субъектҳои хоҷагидорӣ аз имтиёзоти мазкур самаранок истифода кунанд ва бо ин тартиб саҳми арзандаи худро дар рушду нумуи ватани азизамон гузоранд.

Ба ақидаи мо, агар самти афзалиятноки соҳаи сайёҳӣ нодуруст интихоб карда шавад, рушди сайёҳӣ метавонад натиҷаи дилхоҳ надиҳад. Самтҳои афзалиятноки соҳаи сайёҳӣ барои Тоҷикистон сайёҳии экологӣ, табобатию солимгардонӣ, саёҳати сайругаштӣ, таърихию фарҳангӣ, кӯҳнавардӣ ва шикор ба шумор мераванд. Барои рушди навъҳои қайдгардидаи сайёҳӣ, захираҳои бузурги он дар ҷумҳурӣ имконият медиҳад. Қуллаҳои баланд, аз ҷумла қуллаи Исмоили Сомонӣ бо баландии 7495 м. аз сатҳи баҳр ва манзараҳои кӯҳистоне, ки дар он ҷо чаҳор фасли солро мушоҳида кардан мумкин аст, обҳои шифобахшу шаффоф, иншооти санаторию курортӣ, мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, бо пешниҳод кардани чунин маҷмӯи хизматрасонӣ бозори сайёҳии Тоҷикистон метавонад ба сайёҳон маҳсулоти сайёҳиеро пешниҳод намояд, ки дар он рақобат вуҷуд надорад. Танҳо зарур аст, ки ин хизматрасонӣ бо сифати баланд ва нархи дастрас ба сайёҳон пешниҳод карда шавад.

Дар амалӣ намудани ин раванд андоз аз ҷумлаи падидаҳои иҷтимоие ба ҳисоб меравад, ки пайдоишаш ба замони бавуҷудоии нахустин давлатҳо мувофиқ аст. Яке аз маъруфтарин мутахассисони соҳаи таърихи низоми андозбандӣ – Чарлз Адамс зимни фаъолияти тадқиқотии худ оид ба омӯзиши андозҳо дар тамаддунҳои гуногун, ба хулосае омадааст, ки самти инкишофи ин ва ё он тамаддунро маҳз аз рӯи андозҳо муайян менамудаанд ва аз нигоҳи вай таърихи тамаддун – ин таърихи андозбандӣ аст.

То кунун яке аз нишонаҳои давлатро маҳз андоз ва ғункунии он ташкил менамояд. Таъиноти андоз аз ибтидо дар нигоҳ доштани қудрати сиёсӣ, бо роҳи таъмини артиш ва дигар унсурҳои дастгоҳи давлат, ифода меёфт. Бо ин мақсад, ҳокимон андозҳои зиёдеро ба сари авом бор менамуданд. Дар яке аз бозёфтҳои таърихии Шумери қадим омадааст, ки: «Шумо муқаддасот дошта метавонед, шоҳ дошта метавонед, вале танҳо аз ҷамъоварандаи андоз ҳаросидан зарур аст».

Моҳияти андоз ҳанӯз аз замони пайдоишаш дар ҳимояи қудрати сиёсӣ ифода меёфт. Бо мурури инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ таъйиноти иҷтимоии андоз низ васеъ гашт. Масалан, имрӯзҳо зиёда аз 70 дарсади қисми даромади буҷети давлатиро пардохтҳои андозӣ ташкил медиҳанд. Буҷети давлатӣ бошад, барои ҳифзи иқтидори мудофиавии давлат, ҳифзи сиҳатии омма, баланд бардоштани сатҳи иҷтимоӣ, мукаммал гардонидани низоми маориф ва ғайра нигаронида шудааст.

Зарурати мавҷудияти андозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта шуда, пардохти он барои ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун уҳдадорӣ дар моддаи 45 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардид. Дар ин модда аз ҷумла омадааст, ки «Супоридани андоз ва

пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист» [4].

Дар айни замон муносибатҳои андозиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси андоз, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, №1844 қабул гардида, аз 1 январи соли 2022 мавриди амал қарор дода шудааст ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар маҷмуъ қонунгузории андозро ташкил медиҳанд, ба танзим медароранд.

Дар низоми андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми махсуси андозбандӣ ва низоми умумии андозбандӣ пешбинӣ шудааст, ки андозсупорандагон дар ҳолатҳои дахлдор тибқи тартибе, ки Кодекси андоз пешбинӣ намудааст, низоми андозбандии махсус ё умумиро истифода мебаранд [2].

Қайд кардан ба маврид аст, ки субъектҳои соҳаи сайёҳӣ вобаста ба низоми андозбандӣ андозҳоро бо тартиби муқаррарнамудани Кодекси андоз ба буҷети давлатӣ пардохт менамоянд. Тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунандаи андоз нисбат ба субъектҳои соҳаи сайёҳӣ низоми алоҳидаи андозбандӣ пешбинӣ нагардидааст, вале нисбати онҳо як қатор сабукиҳо ва имтиёзҳои андозӣ муқарар карда шудааст.

Аз ҷумла, нисбат ба субъектҳои соҳаи сайёҳӣ меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда барои хизматрасониҳои меҳмонхонавӣ (7 фоиз) ва хизматрасониҳои тиббӣ дар осоишгоҳҳо ва истироҳатгоҳҳо (5 фоиз) муқаррар карда шуда, даромадҳои аз фаъолияти сайёҳӣ бадастомада дар давоми 5 сол аз санаи бақайдгирии давлатӣ дар сурати мавҷудияти иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти сайёҳӣ аз пардохти андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ озод мебошанд.

Илова бар ин, воридоти таҷҳизоту техника, масолеҳи сохтмонӣ ва маводи дигар барои таъмини эҳтиёҷоти иншооти сайёҳӣ (аз ҷумла, меҳмонхона, осоишгоҳ ва истироҳатгоҳҳои табобатӣ, марказҳои сайёҳӣ ва иншооти дигари сайёҳӣ), ба истиснои молҳои дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда. Рӯйхати иншооти сайёҳӣ, номгӯй ва миқдори таҷҳизоту техника ва масолеҳи сохтмонии воридшаванда ва маводи дигар, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод мебошанд.

Бо ин мақсади, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 12 апрели соли 2018, №189 рӯйхати иншооти сайёҳие, ки барои бунёди онҳо воридоти таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд” тасдиқ гардид. Ба рӯйхати мазкур иншооти зерини сайёҳӣ ворид карда шудаанд, ки дар ҷадвали 1 оварда шудааст [7].

Номгӯи иншоотҳои сайёҳие, ки барои бунёди онҳо воридоти таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод кардашуда.

Ҷадвали 1.

№	Номгӯйи иншоот
1.	Меҳмонхонаҳо, аз ҷумла меҳмонхонаҳои махсус (хурд, гестҳаус, ҳостел)
2.	Осоишгоҳҳои табобатӣ, истироҳатгоҳҳо, фароғатгоҳҳо
3.	Марказҳои хизматрасонии маҷмӯии сайёҳӣ (маҷмааи сайёҳӣ)
4.	Нуқтаҳои хизматрасонии маҷмӯии сариҳоҳӣ (мотел)
5.	Боғҳои фарҳангӣ фароғатӣ
6.	Мавзеъҳои фарҳангию таърихӣ ва динӣ (осорхонаҳо, зиёратгоҳҳо, иншооти таърихӣ)
7.	Инфрасохтори моҳигирӣ ва шикор бо мақсади сайёҳӣ
8.	Тарабхонаҳои дорои бренди байналмилалӣ
9.	Марказҳои истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ
10.	Пойгоҳҳои махсуси мутобиқгардонии минтақаҳои баландкӯҳ барои сайёҳон
11.	Маҷмааи сайёҳӣ лижаронӣ
12.	Марказҳои омӯзишӣ барои кӯҳнавардӣ, лижаронӣ, роҳбаладӣ

Сарчашма: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 12 апрели соли 2018, №189

Тибқи қарори мазкур ва рӯйхати тасдиқгардида, номгӯй ва миқдори таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии воридшаванда тибқи тартиби муқарраргардида дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ пешниҳодгардида, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, муайян карда шудааст. Бо қабули қарори мазкур, механизми пурра ва мушаххаси амалисозии имтиёзҳои андозию гумрукӣ барои бунёди

инфрасохтори сайёҳӣ мавриди амал қарор дода шудааст.

Инчунин, зимни Паёми Асосгузории сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» соли 2018 соли "Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардмӣ" эълон гардида, бо мақсади ҳавасмандгардонии аҳолӣ аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод намудани истеҳсол ва фуруши молҳои ниёзи мардум дар хона ва рушди ҳунарҳои мардумӣ супориш дода шудааст [14].

Дар асоси супориши дар боло зикргардида, ҳанӯз аз соли 2018 дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2018, №60 [5] ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №151 зиёда аз 100 намудҳои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳои ниёзи мардум (ҳунарҳои мардумӣ) дар хона фурӯш, иҷрои кор ва хизматрасонӣ вобаста ба онҳо аз пардохти ҳамаи намуди андоз озод карда шудааст [6].

Ба ин тартиб, дар қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри рушду нумуи соҳаи сайёҳӣ, ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ, таъсиси корхонаҳои нави сайёҳӣ, зиёд гардидани музди меҳнат ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ имтиёзҳои васеи андозӣ пешбинӣ карда шуд, ки субъектҳои хоҷагидорӣ имтиёзҳои мазкурро самаранок истифода намуда, саҳми арзандаи худро дар рушду нумуи иқтисоди миллӣ мегузоранд.

Қайд кардан ба мавриди аст, ки имтиёзҳои андозӣ як ҷузъи таркибӣ ва муҳими қонунгузории андоз ба шумор мераванд, ки ба дастгирии соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузорӣ индикаторӣ ва таъмини рушди минбаъдаи иқтисодиёти кишвар мешавад.

Дар қонунгузории андоз (Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дар асоси он қабулшуда, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки дар онҳо муқаррарот оид ба андозбандӣ ҷой доранд, қонунгузории гумрук, қонунгузорӣ оид ба боҷҳои давлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, инчунин қонунгузорие, ки дар қисми 10 моддаи 1 Кодекси андоз муайян шудааст) илова ба имтиёзҳои дар соҳаи сайёҳӣ муқарраргардида барои сармоягузорон ва соҳибкорон сабукиҳо ва имтиёзоти зиёди андозӣ муқаррар карда шудаанд ва ҳар сол дар асоси қонунгузории буҷетӣ имтиёзҳои иловагии андозӣ низ муқаррар карда мешаванд.

Инчунин, дар созишномаҳои сармоягузорӣ ва созишномаҳое, ки дар асоси маблағҳои грантию қарзии давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ барои иҷрои лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ татбиқ мешаванд ва ҳиссаи онҳо дар ММД-и кишварамон зиёда аз 40 фоизро ташкил медиҳад, имтиёзҳои андозию гумрукӣ пешбинӣ шудааст.

Ҳоло дар қаламрави мамлакат зиёда аз 4 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ дар ҳаҷми зиёда аз 44 миллион доллари ИМА амалӣ гардида истодааст.

Диаграммаи 1. Динамикаи афзоиши шумораи имтиёзҳо дар ҶТ



Сарчашма: диаграммаро муаллиф дар асоси маълумотҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, тартиб додааст ва мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Масъалаи рушди соҳаи сайёҳӣ аз солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат, бахусус Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ масъалаи танзими соҳаи сайёҳӣ ба зиммаи якчанд вазорату кумитаҳо гузошта шуда буд. Соли 2017 баҳри рушди соҳаи сайёҳии мамлакат ниҳоди

мустақил - Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Дар партави сиёсати созанда ва бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат тадриҷан рушд ёфта, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид. Пешвои миллат соҳаи сайёҳиро самти афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ намуда, барои пешрафти он ҳамаҷониба шароити ба рушд равонагардида, фароҳам оварда мешавад.

Дар солҳои Истиқлоли давлатӣ дар ҷумҳурӣ 225 ширкати сайёҳӣ фаъолият доранд, ки аз ин миқдор ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон - 41 адад, ба шаҳри Душанбе - 101 адад, вилояти Суғд - 46, вилояти Хатлон - 17 ва ба шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ - 9 адад рост меояд. Дар мамлакат 338 субъекти хизматрасони сайёҳӣ ба ҳисоб гирифта шудааст, ки инҳо 209 меҳмонхона, 46 хостел ва мотел, 54 осоишгоҳ, 5 осоишгоҳи кӯдакона ва лагерҳои солимгардонӣ, 7 маркази муолиҷавӣ ва дармонгоҳи солимгардонӣ, 10 хонаи истироҳатӣ, 3 кемпинг ва 4 базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ мебошанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳаи сайёҳӣ имтиёзҳои муҳими андозию гумрукӣ фароҳам овардааст. Аз ҷумла, ширкатҳои сайёҳӣ давоми панҷ соли аввали фаъолият аз андоз аз фоида озод карда шуда, воридоти таҷҳизоту техника ва масолеҳи сохтмонӣ барои бунёди иншооти сайёҳӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шуд. Инчунин, боҷи гумрукӣ барои мошинҳои нав 50 фоиз коҳиш дода шуд.

Дар замони соҳибистиқлолии мамлакат дар Тоҷикистон якчанд стратегияву консепсияҳо ва қонуну барномаҳо, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм», «Барномаи давлатии рушди туризм дар Тоҷикистон барои солҳои 2004-2009», «Консепсияи миллии рушди туризм барои солҳои 2009-2019», «Барномаи давлатии рушди туризм барои солҳои 2010-2014», «Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2017», «Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2020», «Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» амалӣ мешаванд, ки дар рушди соҳаи сайёҳӣ заминаи мусоид мегузоранд.

Дар ин замина, воридшавии сайёҳони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 нисбат ба соли 2010 840 ҳазор ва ё 6,3 маротиба зиёд гардидааст. Чӣ тавре, ки Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паём “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилии ва хориҷии ҷумҳурӣ” 28 декабри соли 2024 қайд карданд “шумораи сайёҳоне, ки соли 2024 ба Тоҷикистон омаданд ба 1 миллиону 400 ҳазор нафар расида, нисбат ба соли 2023-ум 12 фоиз афзудааст” [15].

Ба Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз аз 127 давлати ҷаҳон сайёҳон ворид шудаанд. Ба панҷгонаи беҳтарин давлатҳо аз ҷиҳати теъдоди воридшавии шумораи сайёҳон Узбекистон бо 205,1 ҳазор нафар, Русия бо 31,9 ҳазор нафар, Қазоқистон бо 7,1 ҳазор нафар, Чин бо 2,8 ҳазор нафар ва Туркия бо 2,5 ҳазор нафар ворид гардидаанд.

Шумораи умумии санадҳои ҳамкории бо давлатҳои хориҷӣ (Амороти Муттаҳидаи Араб, Шри-Ланка, Урдун, Узбекистон, Қазоқистон, Русия, Швейтсария, Фаронса, Туркманистон, Озарбойҷон, Эрон, Покистон, Беларус, Қатар, Италия ва Созмони ҳамкории Шанхай) баимзорасида 20 ададро ташкил медиҳад.

Дар қатори 10 давлати ҷолибтарин барои тамошои сайёҳон эълон шудани ҷумҳурӣ, ба 10 роҳи зеботарини дунё ворид намудани шоҳроҳи Помир, ба ҳайси даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯи таъмини амнияти шабона эътироф шудани пойтахти ватанамон – шаҳри Душанбе, ба даҳгонаи давлатҳои беҳтарин аз рӯи сайёҳии пиёдагардӣ ва сайругаштӣ ворид шудани Тоҷикистон ва ба панҷгонаи беҳтарин аз рӯи низоми соддаи пешниҳоди раводид дохил шудани ҷумҳурӣ далели дар сатҳи байналмилалӣ эътироф шудани соҳаи сайёҳии

Тоҷикистон ва дастовардҳои замони Истиқлоли давлатӣ мебошанд [11].

Роҳбарияти давлат ва Ҳукумати мамлакат чунин ташаббусҳои созандаро идома дода, бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат, инчунин бунёди инфрасохтори таҳсилӣ барои омодасозии кадрҳои баландихтисос тадбирҳои судмандро амалӣ менамоянд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сайёҳӣ дар Тоҷикистон соҳаи афзалиятноки иқтисоди миллӣ эътироф гардида, дар ин самт чорабиниҳои зиёде амалӣ мегарданд. Онҳо ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла бунёди инфрасохтори зарурӣ барои ҷалби сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ, рушди сайёҳии истироҳатию табобатӣ, ҷалби сармоягузориҳо, грантҳо ва татбиқи барномаҳои сармоягузории давлатӣ, муаррифии бештари ҷумҳурӣ дар арсаи байналмилалӣ, пайдо намудани мавқеи устувор дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ, таъсиси шароити мутобиқ ба талаботи сайёҳони хориҷӣ, омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи сайёҳӣ, зиёд намудани теъдоди ширкатҳои сайёҳӣ ва аз ин ҳисоб зиёд намудани ҷойи кори холӣ нигаронида шудаанд.

Ҳамин тавр, барои инкишоф ёфтани соҳаи сайёҳӣ пеш аз ҳама дар баробари пешниҳоди ҳамагуна имтиёзҳо, дар навбати худ боз диққати ҷиддӣ ба тайёр кардани мутахассисон дар ҳама заминаҳо, махсусан дар омӯзишгоҳҳо, колеҷҳо ва мауссисаҳои таҳсилоти олӣ, ки барои ин соҳа тайёр карда мешавад, бояд равона карда шавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки мутахассисони соҳа метавонанд ба инкишофи соҳа мусоидат намоянд.

Аз ин рӯ, рушди соҳаи сайёҳӣ метавонад ба мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, бо шуғл фаро гирифтани аҳолии мамлакат мусоидат намояд. Бо ҳамин роҳ ҳиссаи соҳаро дар иқтисодиёти миллӣ зиёд намуда, доир ба вусъат додани корҳои хонагӣ ва ҳунарҳои мардумӣ тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Ба чунин ҳадафҳои созанда бо меҳнати софдилона, азми қавӣ ва муттаҳидии мардум шарафёб гардидан мумкин аст.

Муқарриз: Шеров Ш.З.

НАЛОГОВЫЕ ЛЬГОТЫ КАК МЕХАНИЗМ СТИМУЛИРОВАНИЯ РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА

Ключевые слова: туризм; налог; налоговые льготы; налоговая ставка; предпринимательство; размер льгот; доход бюджета; инвестиции; развитие; таможня; доход; экономический; фонды; бюджет; система; упрощенный.

Аннотатсия. В данной статье анализируется теоретический процесс и практическая реализация налоговых и таможенных льгот, предоставляемых субъектам туризма в соответствии с Налоговым кодексом Республики Таджикистан. Обосновывается, что одним из факторов укрепления и совершенствования данной сферы в рамках рыночной экономики, обеспечивающих развитие отрасли, являются налоговые и таможенные льготы. Кроме того, был проанализирован процесс эффективной реализации налоговых и таможенных льгот в системе рыночных отношений и установлено, что использование установленных льгот увеличивает ежегодный рост показателей, и в этом контексте обеспечиваются и другие экономические показатели. В результате, как видно из статистических показателей, сфера туризма является национальным приоритетным сектором в системе рыночной экономики, а ее наличие может быть показателем развития народных промыслов.

Назирзода Назирджон Исроил – соискатель Таджикского национального университета. Тел.: (+992) 938020383. E-mail: nazirjon.zoirov@mail.ru

TAX INCENTIVES AS A MECHANISM TO STIMULATE TOURISM DEVELOPMENT

Keywords: tourism; tax; tax breaks; tax rate; entrepreneurship; size of benefits; budget revenue; investments; development; customs; income; economic; funds; budget; system; simplified.

Annotation: This article analyzes the theoretical process and practical implementation of tax and customs privileges, which are provided to tourism entities in accordance with the Tax Code of the Republic of Tajikistan. It is substantiated that one of the factors strengthening and improving this sector within the framework of a market economy, which ensures the development of the sector, is tax and customs privileges. In addition, the process of effective implementation of tax and customs privileges in the market relations system was analyzed, and it was found that the use of the established privileges increases the annual growth of indicators, and in this context, other economic indicators are also being ensured. As a result, as can be seen from statistical indicators, the tourism sector is a national priority sector in the market economy system, and its presence can be an indicator of the development of folk crafts.

Nazirzoda Nazirjon Isroil – applicant at the Tajik National University. Tel.: (+992) 938020383. E-mail: nazirjon.zoirov@mail.ru

Рӯйхати адабиёт:

1. Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумуҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, №80 тастиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.05.2025).

2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, №1844 // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj (санаи мурочиат: 26.05.2025).

3. Консепсияи рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019, ки бо қарори Ҳукумати Ҷмуҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2009, №202 тастиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.11.2024).

4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе, Ганҷ, 2016. – 64 с.

5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2018, №60 “Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, № 451” // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.05.2025).

6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №151 “Дар бораи Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда” // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.05.2025).

7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 12 апрели соли 2018, №189 “Дар бораи рӯйхати иншооти сайёҳие, ки барои бунёди онҳо воридоти таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешавад” // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.05.2025).

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳии дохилӣ” аз 18 июли соли 2017 №1450 // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj (санаи мурочиат: 26.05.2025).

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи туризм” аз 3 сентябри соли 1999 № 824 // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj (санаи мурочиат: 26.05.2025).

10. Логунтсова И.В. Саноати сайёҳӣ дар шароити пандемияи коронавирус: мушкилот ва дурнамо // Идоракунии давлатӣ. Бюллетени электронӣ. Нашри №80. - июни соли 2020. - С. 12-16.

11. Маълумотҳои аввалаи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон // [Захираи электронӣ] / Манбаи дастрасӣ: https://ctd.tj/ (санаи мурочиат: 12.04.2025).

12. Миралиён Қ. Рушди сайёҳӣ ба пешрафти устувори кишвар замина хоҳад гузошт // [Захираи электронӣ] / Манбаи дастрасӣ: https://investcom.tj/tj/nashriya/116-rushdi-saje-ba-peshrafti-ustuvori-kishvar-zamina-hoad-guzosht.html (санаи мурочиат: 12.04.2025).

13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” аз 20 январи соли 2016 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/event/missives/9777 (санаи мурочиат: 15.05.2025).

14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” аз 22 декабри соли 2017 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/event/missives/15376 (санаи мурочиат: 15.05.2025)

15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” аз 28 декабри соли 2024 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.president.tj/event/missives/49225 (санаи мурочиат: 15.05.2025).

16. Стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо ќарори Њукумати Љумњурии Тољикистон аз 1 августи соли 2018, №372 тасдиќ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ] / Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.11.2024).

17. Чарлз Адамс. Таъсири андозҳо ба ташаккули тамаддун // Кумитаи ташаббусҳои шаҳрвандӣ. - 2018. - No 4. - С. 4-12.

Список литературы:

1. Программа развития туризма в Республике Таджикистан на 2018-2020 годы, утвержденная постановлением Правительства Республики Таджикистан от 1 марта 2018 года, № 80 // Централизованная информационная база данных по вопросам законодательства Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http: // www.adlia.tj (дата обращения: 15.05.2025).

2. Налоговый кодекс Республики Таджикистан от 23 декабря 2021 года № 1844 // Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.mmk.tj (дата обращения: 26.05.2025).

3. Концепция развития туризма в Республике Таджикистан на 2009-2019 годы, утвержденная постановлением Правительства Республики Таджикистан от 2 апреля 2009 года, № 202 // Централизованная информационная база данных правовой информации Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http: // www.adlia.tj (дата обращения: 15.11.2024).

4. Конституция Республики Таджикистан принята всенародным референдумом 6 ноября 1994 года. Изменения и дополнения в нее вносились всенародным референдумом 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года. – Душанбе, Гандж, 2016. – 64 с.

5. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 13 февраля 2018 года, № 60 «О внесении изменений и дополнений в постановление Правительства Республики Таджикистан от 31 августа 2012 года, № 451» // Централизованная информационная база

данных по вопросам законодательства Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http: // www.adlia.tj (дата обращения: 15.05.2025).

6. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 31 марта 2022 года, № 151 «О Правилах налогообложения индивидуальных предпринимателей, действующих на основе патента или свидетельства» // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http: // www.adlia.tj (дата обращения: 15.05.2025).

7. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 12 апреля 2018 года, № 189 «О перечне туристических объектов, для строительства которых ввоз оборудования, техники и строительных материалов освобождается от налога на добавленную стоимость и таможенных пошлин» // Централизованная информационная база данных по правовым вопросам Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http: // www.adlia.tj (дата обращения: 15.05.2025).

8. Закон Республики Таджикистан «О внутреннем туризме» от 18 июля 2017 года № 1450 // Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.mmk.tj (дата обращения: 26.05.2025).

9. Закон Республики Таджикистан «О туризме» от 3 сентября 1999 года № 824 // Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.mmk.tj (дата обращения: 26.05.2025).

10. Логунцова И.В. Индустрия туризма в условиях пандемии коронавируса: вызовы и перспективы // Государственное управление. Электронный вестник. Выпуск №80. – Июнь 2020 г. – С. 12-16.

11. Предварительная информация Комитета по развитию туризма при Правительстве Республики Таджикистан // [Электронный ресурс] / Источник: https://ctd.tj/ (дата обращения: 12.04.2025).

12. Миралиён К. Развитие туризма заложит основу устойчивого развития страны // [Электронный ресурс] / Источник доступа: https://investcom.tj/tj/nashriya/116-rushdi-saje-ba-peshrafti-ustuvori-kishvar-zamina-hoad-guzosht.html (дата доступа: 12.04.2025).

13. Послание Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 20 января 2016 года // [Электронный ресурс]. Источник доступа: https://www.president.tj/event/missives/9777 (дата доступа: 15.05.2025).

14. Послание Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 22 декабря 2017 года // [Электронный ресурс]. Источник доступа: https://www.president.tj/event/missives/15376 (дата доступа: 15.05.2025).

15. Послание Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 28 декабря 2024 года // [Электронный ресурс]. Источник доступа: https://www.president.tj/event/missives/49225 (дата доступа: 15.05.2025).

16. Стратегия развития туризма Республики Таджикистан на период до 2030 года, утвержденная постановлением Правительства Республики Таджикистан от 1 августа 2018 года, № 372 // Централизованная информационная база данных по вопросам законодательства Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс] / Источник доступа: URL: http: // www.adlia.tj (дата доступа: 15.11.2024).

17. Чарлз Адамс. Влияние налогов на становление цивилизации // Комитет гражданских инициатив. – 2018. – №4. – С. 4-12.

List of literature:

1. The Tourism Development Program in the Republic of Tajikistan for 2018-2020, approved by the Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated March 1, 2018, No. 80 // Centralized information database on legislation of the Republic of Tajikistan "Adlia". Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http: // www.adlia.tj (accessed: 05/15/2025).

2. The Tax Code of the Republic of Tajikistan dated December 23, 2021 No. 1844 // National Legislation Center under the President of the Republic of Tajikistan [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.mmk.tj (accessed: 05/26/2025).

3. The Concept of Tourism Development in the Republic of Tajikistan for 2009-2019, approved by the Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated April 2, 2009, No. 202 // Centralized Information Database of Legal Information of the Republic of Tajikistan "Adlia". Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http: // www.adlia.tj (date of access: 11/15/2024).

4. The Constitution of the Republic of Tajikistan was adopted by a national referendum on November 6, 1994. Amendments and additions were made to it by national referendum on September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016. - Dushanbe, Ganj, 2016. - 64 p. 5. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated February 13, 2018, No. 60 "On Amendments and Additions to the Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated August 31, 2012, No. 451" // Centralized information database on legislation of the Republic of Tajikistan "Adlia". Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http: // www.adlia.tj (accessed: 05/15/2025).

6. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated March 31, 2022, No. 151 "On the Rules for Taxation of Individual Entrepreneurs Operating on the Basis of a Patent or Certificate" // Centralized Information and Legal Database of the Republic of Tajikistan "Adlia". Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http: // www.adlia.tj (accessed: 05/15/2025).

7. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated April 12, 2018, No. 189 "On the list of tourist facilities for the construction of which the import of equipment, machinery and building materials is exempt from value added tax and customs duties" // Centralized information database on legal issues of the Republic of Tajikistan "Adlia". Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http: // www.adlia.tj (date of access: 05/15/2025).

8. Law of the Republic of Tajikistan "On Domestic Tourism" dated July 18, 2017 No. 1450 // National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.mmk.tj (date of access: 05/26/2025).

9. Law of the Republic of Tajikistan "On Tourism" dated September 3, 1999 No. 824 // National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.mmk.tj (date of access: 05/26/2025).

10. Loguntsova I.V. Tourism industry in the context of the coronavirus pandemic: challenges and prospects // Public administration. Electronic Bulletin. Issue No. 80. - June 2020. - P. 12-16.

11. Preliminary information of the Tourism Development Committee under the Government of the Republic of Tajikistan // [Electronic resource] / Source: https://ctd.tj/ (date of access: 04/12/2025).

12. Miraliyon K. Tourism development will lay the foundation for the country's sustainable development // [Electronic resource] / Access source: https://investcom.tj/tj/nashriya/116-rushdi-saje-ba-peshrafti-ustuvori-kishvar-zamina-hoad-guzosht.html (access date: 04/12/2025).

13. Message of the President of the Republic of Tajikistan, esteemed Emomali Rahmon to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan “On the main directions of domestic and foreign policy of the republic” dated January 20, 2016 // [Electronic resource]. Access source: https://www.president.tj/event/missives/9777 (access date: 05/15/2025).

14. Address of the President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan “On the Main Directions of the Domestic and Foreign

Policy of the Republic" dated December 22, 2017 // [Electronic resource]. Access source: https://www.president.tj/event/missives/15376 (access date: 05/15/2025).

15. Address of the President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan "On the Main Directions of the Domestic and Foreign Policy of the Republic" dated December 28, 2024 // [Electronic resource]. Access source: https://www.president.tj/event/missives/49225 (access date: 05/15/2025).

16. The Strategy for the Development of Tourism of the Republic of Tajikistan for the Period up to 2030, approved by the Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated August 1, 2018, No. 372 // Centralized Information Database on Legislation of the Republic of Tajikistan "Adlia". Form 7.0. [Electronic resource] / Access source: URL: http: // www.adlia.tj (access date: 11/15/2024).

17. Charles Adams. The Impact of Taxes on the Formation of Civilization // Civil Initiatives Committee. - 2018. - No. 4. - P. 4-12.

12.00.05 – ҲУҚУҚИ МЕҲНАТӢ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ
12.00.05 – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ
12.00.05 – LABOR LAW; SOCIAL SECURITY LAW

ТДУ: 613.6
Бобокалон Ғоиб Мерган,
сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 907948773
E-mail: bgoib@mail.ru

ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҲИФЗИ САЛОМАТИИ КОРМАНДОН ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ТОҶИКИСТОН: ҚОИДАҲОИ САНИТАРИЮ ГИГИЕНӢ ВА САНИТАРИЮ ЭПИДЕМИОЛОГӢ

Калидвожаҳо: ҳифзи меҳнат; талаботи санитарию эпидемиологӣ; ҳифзи саломатии кормандон; бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ; ҳуқуқвайронкунӣ; назорати давлатӣ; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур танзими ҳуқуқии ҳифзи саломатии кормандон дар қонунгузории Тоҷикистон: қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва санитарию эпидемиологӣ, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф дар мақолаи мазкур паҳлуҳои асосии ба мавзуъ рабтдошта, аз ҷумла масоили танзими ҳуқуқии ҳифзи саломатии кормандон, самтҳои асосии таъмини ҳуқуқҳои кормандон ба саломатӣ ва уҳдадориҳои корфармоён дар таҳкими қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор дода шудааст.

Яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоии давлат ин ҳифзи саломатии шаҳрвандон маҳсуб мебошад.

Ба масъалаи ҳифзи тандурустии аҳолии кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд, аз ҷумла дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2024 иброз намуданд: «Ҳукумати мамлакат барои таъмин намудани фаъолияти босамари муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои тиббӣ ба аҳолӣ тадбирҳои заруриро амалӣ гардонида истодааст»[1].

Дар давраи соҳибистиқлолӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ба пешрафти соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва танзими фаъолияти соҳаҳои мазкур бо асосҳои қонунгузорӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардида, барои ҳалли мушкилоти ин соҳаҳои ҳаётан муҳим тадбирҳои муҳим татбиқ шудааст. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаҳои мазкур таҳия, таҷдиди назар гардида, пешниҳод, тасдиқ ва мавриди амал қарор дода шуда, оид ба ҳифзи саломатии кормандон меъёрҳои мушаххас муқаррар гардиданд. Барои ба танзим даровардани муносибатҳои ҳифзи саломатии кормандон Конститутсияи ҶТ, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ ҶТ), Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КТ ҶТ) ва як қатор қонуну қарор, стратегия ва барномаҳои миёнамуҳлату дарозмуҳлат қабул гарида, дар амал татбиқ мешаванд, ки онҳо барои таъмини пешбурди сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои меҳнат ва шуғл, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин, нигоҳ доштани ҷомеаи солим ва хусусан ҳифзи саломатии кормандон аз ҳар гуна бемориҳо равона карда шудаанд.

Дар моддаи 38 Конститутсияи ҶТ ҳуқуқи ҳар шахс ба ҳифзи саломатӣ муқаррар шудааст [2, с. 20]. Мутобиқи қисми 1 моддаи 18 КМ ҶТ бошад, ҳуқуқи кормандонро ба шароити солим ва бехатари меҳнат муқаррар намудааст.

Мутобиқи сархатҳои сеюм ва нуздаҳуми қисми 1 моддаи 18 КМ ҶТ корманд ба бехатарии меҳнат ва ба даст кашидан аз иҷрои кор ҳангоми ба вуҷуд омадани вазъияте, ки ба ҳаёт ё саломатӣ таҳдид мекунад, бо хабар додан ба роҳбари бевосита ё намояндаи корфармо ҳуқуқ дорад[3].

Ҳифзи меҳнат ба маънои васеъ-ин низоми чорабинӣ ва воситаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ташкилӣ, техникӣ, гигиенӣ, муолиҷавӣ ва пешгирикунанда мебошад, ки бехатарӣ, ҳифзи саломатӣ ва қобилияти кории инсонро дар ҷараёни

меҳнат таъмин менамояд. Ҳифзи меҳнат ба маънои маҳдуд бошад, яке аз институтҳои ҳуқуқи меҳнат фаҳмида мешавад, ки меъёрҳои бевосита баҳри таъмини шароитҳои бехатар ва солими меҳнати кормандон нигаронидашударо дар худ таҷассум мекунад. Муҳайё намудани шароитҳои солим ва бехатари меҳнатӣ барои кормандон, вазифаи аввалиндараҷаи корфармо маҳсуб мешавад, ки ба таври умумӣ дар моддаи 19 КМ ҶТ муайян шудааст.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 331 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи талаботи ҳифзи меҳнат меравад, корфармо уҳдадор аст, ки дар тамоми ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ шароити меҳнатии ба талаботи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ ҷавобгӯро муҳайё намояд[4].

Талаботи давлатӣ оид ба ҳифзи меҳнати кормандон дар КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) муқаррар шудааст, ки он дар меъёрҳои зерин ифода меёбад: қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарияи истеҳсолӣ; меъёрҳои махсус оид ба ҳифзи меҳнати шахсони корашон дар шароити вазнин, зараровар ва хатарнок иҷрошаванда; меъёрҳо оид ба ҳифзи меҳнати бонувон, ноболиғон ва шахсони қобилияти меҳнатиашон заиф; меъёрҳои танзимкунандаи фаъолияти мақомоти назорати давлатӣ ва ҷамъиятии риояи қонунгузорӣ оид ба ҳифзи меҳнат, инчунин меъёрҳои муқарраркунандаи ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи меҳнат; меъёрҳои танзимкунандаи тарҳрезӣ ва ташкили корҳо оид ба ҳифзи меҳнат.

Аз лиҳози мазмун, муҳтаво ва шакл бошад, санадҳои меъёрӣ оид ба ҳифзи меҳнат, қоидаҳои зеринро дар бар мегиранд: стандартҳои бехатарии давлатӣ, соҳавӣ ва ҷузъӣ (стандартҳои ташкилоту муассисаҳо); қоидаю меъёрҳои санитарӣ ва меъёрҳои гигиенӣ; қоидаҳои сохтан ва истифодаи биноҳо, иншоот, таҷҳизот, дастгоҳ ва ғайра; қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва дастуруламал оид ба ҳифзи меҳнат.

Талаботи ҳифзи меҳнат аз ҷумла, талаботи санитарию эпидемиологӣ бо санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Мутобиқи моддаи 112 КТ ҶТ, ки сухан дар бораи талаботи санитарию эпидемиологӣ меравад, оид ба ҳолатҳои зерин муқаррар карда мешавад: нигоҳдорӣ ва ба истифода додани иншооти истеҳсолӣ, ҷамъиятӣ, дастгоҳ, таҷҳизот ва воситаҳои нақлиёт; интихоби қитъаи замин барои сохтмон; лоиҳакашӣ, сохтмон, таҷдид, таъмир, нигоҳдорӣ ва ба истифода додани иншооти истеҳсолӣ, ҷамъиятӣ ва таҷҳизот; молҳои таъйиноти истеҳсолию техникӣ; маҳсулот ва маводи ғизоӣ, шароити истеҳсолии онҳо, борпечкунӣ, интиқол, нигоҳдорӣ, фурӯш, несту нобудсозӣ; муассисаҳои ислоҳӣ, маориф ва илм, табобатию пешгирӣ, кӯдакона, ғизои парҳезӣ ва ҷамъиятии аҳолӣ; истифодабарии маводи кимиёвӣ, биологӣ ва навъҳои алоҳидаи молҳои барои инсон эҳтимолан хатарнок; таъмини оби нӯшокию таъйиноти хоҷагӣ ва ҷойҳои маданию маишии истифодаи об; ҳавои атмосфера дар нуқтаҳои аҳолинишин, дар ҳудуди корхонаҳои саноатӣ, ҳаво дар биноҳои истеҳсолӣ, манзил ва дигар объектҳо; ҷамъоварӣ, истифодабарӣ, истеъмол, безараргардонӣ, интиқол, нигоҳдорӣ ва гӯронидани партовҳои истеҳсолӣ; шароити кор бо манбаъҳои омилҳои физикӣ, ки ба инсон таъсир мерасонанд; шароити таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, ибтидоӣ, асосӣ, миёна ва олии касбӣ; таълим ва тарбияи гигиении аҳолӣ; коркард, озмоиш, тайёркунӣ, истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш, истифода, хизматрасонӣ ва таъсири маводи дезинфексионӣ, дезинсексионӣ ва дератизатсионӣ; шароити гузаронидани тамйизкунӣ ва дезинфексияи маснуоти таъйиноти тиббӣ; ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои санитарию зиддиэпидемикӣ дар самти ҳифзи санитарии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷорӣ намудани карантин, аз ҷумла маҳдудият нисбат ба беморони гирифтори бемориҳои сироятӣ ва паразитарӣ, оид ба гузаронидани муоинаҳои тиббӣ, эмкунии пешгирикунандаи аҳолӣ; обҳои корезӣ, равшаннокӣ, ҳавоивазкунӣ ва гармидиҳии объектҳо; шароити интиқол ва нигоҳдории бағоҷҳо, маводи заҳрнок; воситаҳои нақлиётӣ ва шароити кашонидани мусофирон; истифода ва истеъмоли иловагиҳои фаъоли биологӣ ба ғизо[5].

Мутобиқи сархати шашуми моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” 26 июли соли 2014, №1107 субъекти соҳибкорӣ уҳдадор аст, оид ба таъмини ҳифзи меҳнат, бехатарии экологӣ, санитарию эпидемиологӣ ва техникаи бехатарӣ дар асоси меъёрҳои муқарраргардида тадбирҳо андешад[6].

Яъне, таҳия ва гузаронидани тадбирҳои санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемиологӣ (иштирок дар гузаронидани чунин тадбирҳо), ки ба пешгирӣ ва рафъи ифлосшавии муҳити зист, солимгардонии шароити меҳнат, маишат ва истироҳати кормандон, пешгирии пайдоиш ва

паҳншавии бемориҳо нигаронида шудааст,ба амал бароранд.

Хулоса, ҳуқуқу уҳдадориҳои муқарраргардидаи моддаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло зикргардидаи кормандон низ ҳуқуқҳои умда буда, инчунин дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофшуда нисбати гурӯҳҳои алоҳидаи кормандон паҳншаванда, инчунин дар созишнома, шартномаҳои коллективӣ ва меҳнатӣ мушаххас мегарданд.

Бояд ҳаминро тазаккур дод, ки бо мақсади пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ё оқибатҳои эҳтимолии он, огоҳсозии ҳуқуқвайронкунӣ, барқарор намудани ҳуқуқи поймолшуда, чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқии давлатӣ татбиқ мешаванд.

Албата, барои амалҳои зараровар ва мухолифи манфиатҳои одамон ва ҷомеа, ки қоидаҳои маъмулии зиндагӣ, тартибот ва интизомро дар ҷомеа халалдор мекунанд, ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешбинӣ мешавад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қонунгузорӣ оид ба меҳнат, барои риоя накардани қоидаю меъёрҳои санитарию гигиенӣ ва санитарию эпидемиологӣ ҷавобгарии моддӣ, интизомӣ, маъмурӣ ва ҷиноятиро пешбинӣ намудааст, ки зимни таҳлили меъёру муқаррароти дахлдори қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тавзеҳи худро ёфтаанд.

Ҷавобгарии интизомӣ. Қонунгузорӣ оид ба меҳнат, барои риоя накардани талаботи ҳифзи меҳнат, ҷавобгарии интизомӣ пешбинӣ менамояд. Масалан, тибқи муқаррароти моддаи 331 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи талаботи ҳифзи меҳнат меравад, корфармо уҳдадор аст, ки дар тамоми ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ шароити меҳнатии ба талаботи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ ҷавобгӯро муҳайё намояд.Талаботи ҳифзи меҳнат бо санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Корфармо барои риоя накардани талаботи ҳифзи меҳнат ҷавобгар аст[7].

Ҷавобгарии маъмурӣ. Мутобиқи талаботи моддаи 112 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҲМ ҶТ), ки сухан дар бораи риоя накардани қоидаю меъёрҳои санитарию гигиенӣ ва санитарию эпидемиологӣ меравад, барои риоя накардани қоидаю меъёрҳои санитарию гигиенӣ ва санитарию эпидемиологӣ, инчунин иҷро накардани чорабиниҳои санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемӣ (ба ғайр аз қоидаю меъёрҳои вобаста ба ҳифзи ҳавои атмосфера), ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ду то панҷ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамоянд, аз панҷ то даҳ, ба шахсони мансабдор аз понздаҳ то бист, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд, аз бист то бисту панҷ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз панҷоҳ то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Ҳамин кирдорҳо, агар дар шароити пайдоиш ва паҳншавии бемории, ки барои инсон хавфнок аст, ё ин ки ҳангоми амалигардонии чорабиниҳои маҳдудкунандаи карантинӣ дар ҳудуди дахлдор, ё ин ки дар муҳлати муқарраршуда иҷро накардани амрнома (қарор) ё талаботи мақоме (шахсони мансабдоре), ки назорати давлатии санитарию эпидемиологиро вобаста ба гузаронидани чорабиниҳои санитарию зиддиэпидемикӣ (профилактикӣ) ба амал мебарорад, содир гардида бошанд, ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ҳафт то дувоздаҳ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамоянд, аз бист то сӣ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд, аз чил то шаст, ба шахсони мансабдор аз шаст то ҳаштод ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз як саду панҷоҳ то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад Барои баъди таъйини ҷазои маъмурӣ дар давоми як сол такроран содир намудани кирдори пешбининамудаи қисми 1 ҳамин модда.

Барои баъди таъйини ҷазои маъмурӣ дар давоми як сол такроран содир намудани кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои 1 ё 2 ҳамин модда,ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз понздаҳ то бист, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамоянд, аз сӣ то чил, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд, аз шаст то ҳаштод, ба шахсони мансабдор аз ҳаштод то сад ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз дусад то дусаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 133 КҲМ ҶТ, ки сухан дар бораи риоя накардани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ меравад, барои риоя накардани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ ҳангоми набудани аломати ҷиноят, ба шахсони мансабдор ба андозаи аз бист то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Тибқи моддаи 135 КҲМ ҶТ, ки сухан дар бораи аз тарафи корфармо риоя накардани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи меҳнат меравад, барои аз тарафи корфармо риоя накардани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи меҳнат, яъне иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро кардани уҳдадорӣ, ки ба ташкил намудани шароити мусоиду бехатари кор,

ҷорӣ намудани воситаҳо ва технологияи таъминкунандаи меъёрҳои санитарию гигиенӣ ва талаботи стандартҳо оид ба ҳифзи меҳнат вобаста аст, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, ба андозаи аз бист то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад[8].

Ҷавобгарии моддӣ. Мутобиқи талаботи моддаи 1210 параграфи 2 боби 66 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сухан дар бораи ҷуброни зарар, ки ба ҳаёт ё саломатии шахси воқеӣ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ ё уҳдадориҳои дигар расонда шудааст меравад,зарари ба ҳаёт ё саломатии шахси воқеӣ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ, инчунин уҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ, хизмат дар мақомоти корҳои дохилӣ ва уҳдадориҳои дахлдори дигар расондашуда, агар дар қонунгузорӣ ё шартнома андозаи баландтари ҷавобгарӣ пешбинӣ нагардида бошад, мутобиқи қоидаҳои пешбининамудаи боби мазкур, ки моддаҳои 1210–1220-ро дар бар мегирад, ҷуброн карда мешавад[9].

Ҷавобгарии ҷиноятӣ. Мутобиқи талаботи моддаи 207 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сухан дар бораи вайрон кардани қоидаю меъёрҳои санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемикӣ меравад, вайрон кардани қоидаю меъёрҳои санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемикӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси бемории оммавӣ ё захролудшавии одамон гардидааст, бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат ҷазо дода мешавад.

Ҳамин кирдор, агар дар шароити пайдоиш ва паҳншавии бемории барои инсон хавфнок ё ҳангоми амалигардонии чорабиниҳои маҳдудкунандаи карантинӣ содир шуда бошад, ки аз беэҳтиётӣ боиси бемории оммавӣ ва ё захролудшавии одамон гардидааст, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, агар аз беэҳтиётӣ боиси расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ва ё мубталои сирояти вируси норасоии масунияти одам ва ё марги як ё зиёда шахсон гардида бошанд,бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол ҷазо дода мешаванд[10].

Умуман, талаботи давлатӣ оид ба ҳифзи меҳнати кормандон дар КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) муқаррар шудааст, ки он дар меъёрҳои зерин ифода меёбад:

• қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарияи истеҳсолӣ;

• меъёрҳои махсус оид ба ҳифзи меҳнати шахсони корашон дар шароити вазнин, зараровар ва хатарнок иҷрошаванда;

• меъёрҳо оид ба ҳифзи меҳнати бонувон, ноболиғон ва шахсони қобилияти меҳнатиашон заиф;

• меъёрҳои танзимкунандаи фаъолияти мақомоти назорати давлатӣ ва ҷамъиятии риояи қонунгузорӣ оид ба ҳифзи меҳнат, инчунин меъёрҳои муқарраркунандаи ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи меҳнат;

• меъёрҳои танзимкунандаи тарҳрезӣ ва ташкили корҳо оид ба ҳифзи меҳнат.

Аз лиҳози мазмун, муҳтаво ва шакл, санадҳои меъёрӣ оид ба ҳифзи меҳнат, қоидаҳои зеринро дар бар мегиранд:

• стандартҳои бехатарии давлатӣ, соҳавӣ ва ҷузъӣ (стандартҳои ташкилоту муассисаҳо);

• қоидаю меъёрҳои санитарӣ ва меъёрҳои гигиенӣ;

• қоидаҳои сохтан ва истифодаи биноҳо, иншоот, таҷҳизот, дастгоҳ ва ғайра;

• қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва дастуруламал оид ба ҳифзи меҳнат.

Талаботи ҳифзи меҳнат бо санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Хулоса, аз таҳлилҳо бармеояд, ки тамоми шахсони ҳуқуқӣ яъне, ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, инчунин, соҳибкорони инфиродие, ки ҳуқуқи дар асоси шартномаи меҳнатӣ истифода намудан аз меҳнати кормандони киро ба мақсадҳои амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ бошанд, яъне, танҳо ба соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда дода шудааст, зимни фаъолияти худ уҳдадоранд баҳри ҳифзи саломатии кормандон ҷиҳати иҷрои меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, тандурустӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ шароити муътадил фароҳам оваранд ва оид ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии кормандон тадбирҳо андешанд.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Маҳмадуллозода Н.Р.

ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ОХРАНЫ ЗДОРОВЬЯ РАБОТНИКОВ В ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ ТАДЖИКИСТАНА: САНИТАРНО-ГИГИЕНИЧЕСКИЕ И САНИТАРНО-ЭПИДЕМИОЛОГИЧЕСКИЕ ПРАВИЛА

Ключевые слова: Охрана труда; санитарно-эпидемиологические требования; охрана здоровья работников; безопасность и санитарно-гигиена; правонарушения; государственный контроль; нормативные правовые акты.

Аннотация: В данной статье анализируется правовое регулирование охраны здоровья работников в законодательстве Таджикистана: санитарно-гигиенические и санитарно-эпидемиологические правила. В данной статье автором были проанализированы и рассмотрены основные аспекты, относящиеся к данной теме, в том числе вопросы правового регулирования охраны здоровья работников, основные направления обеспечения прав работников на здоровье и обязанности работодателей в укреплении законодательства Республики Таджикистан.

Бобокалон Гоиб Мерган - начальник отдела законодательства по труду, миграции и социальной защите Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан, доцент кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета, к.ю.н. *Тел.: (+992) 907948773, E-mail: bgoib@mail.ru*

LEGAL REGULATION OF WORKERS' HEALTH PROTECTION IN THE LEGISLATION OF TAJIKISTAN: SANITARY-HYGIENIC AND SANITARY-EPIDEMIOLOGICAL RULES

Keywords: Labor protection; sanitary and epidemiological requirements; workers' health protection; safety and sanitary hygiene; violations; state control; regulatory legal acts.

Annotation: This article analyzes the legal regulation of workers' health protection in the legislation of Tajikistan: sanitary-hygienic and sanitary-epidemiological rules. In this article, the author has analyzed and considered the main aspects related to this topic, including issues of legal regulation of workers' health, the main directions of ensuring workers' rights to health and the obligations of employers in strengthening the legislation of the Republic of Tajikistan.

Bobokalon Goib Mergan - Head of the Department of Legislation on Labor, Migration and Social Protection of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan, Associate Professor of the Department of Entrepreneurial and Commercial Law, Faculty of Law, Tajik National University, candidate of Legal Sciences. *Тел.: (+992) 907948773, E-mail: bgoib@mail.ru*

Рӯйхати адабиёт:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2024. Маводи электронӣ. Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj /node/27417. (санаи мурочиат 03.04.2025).

2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва ба он 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст. (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). –Душанбе: “Нашриёти Ганҷ”, 2016.-136 с.

3,4,7. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Маводи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj. (санаи мурочиат: 27.03.2025 с.)

5. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Маводи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj. (санаи мурочиат: 10.03.2025).

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” аз 26 июли соли 2014, №1107 //Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Маводи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj. (санаи мурочиат: 21.04.2025).

8. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. аз 31 декабри соли 2008, № 455 //Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Маводи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj. (санаи мурочиат: 22.04.2025).

9. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Маводи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj. (санаи мурочиат: 27.04.2025 с.)

10. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон//Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Маводи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj. (санаи мурочиат: 27.04.2025 с.)

Список литературы:

1. Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона “Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики» от 28 декабря 2024 года. [Электронные ресурс]. Источник доступа: http://www.prezident.tj /node / 27417. (дата обращения 03.04.2025).

2. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 с изменениями и дополнениями от 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года. (на таджикском и русском языках). - Душанбе: «Издательство Гандж», 2016.- 136 с.

3,4,7. Трудовой кодекс Республики Таджикистан. // Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан [Электронные ресурс]. Источник доступа: http://www.mmk.tj. (дата обращения: 27.03.2024 г.).

5. Кодекс здравоохранения Республики Таджикистан. // Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан [Электронные ресурс]. Источник доступа: http://www.mmk.tj. (дата обращения: 10.03.2025 г.).

6. Закон Республики Таджикистан “О государственной защите и поддержке предпринимательства” от 26 июля 2014 года, №1107 // Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан [Электронные ресурс]. Источник доступа: http://www.mmk.tj. (дата обращения: 21.04.2025 г.). (дата обращения: 21.04.2025).

8. Кодекс об административных правонарушениях Республики Таджикистан. от 31 декабря 2008 года №455 // Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан [Электронные ресурс]. Источник доступа: http://www.mmk.tj. (дата обращения: 22.04.2025).

9. Культурный кодекс Республики Таджикистан//Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан [электронные материалы]. Источник доступа: http://www.mmk.tj. (дата обращения: 27.04.2025 г.))

10. Уголовный кодекс Республики Таджикистан//Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан [электронные материалы]. Источник доступа: http://www.mmk.tj. (дата обращения: 27.04.2025 г.).

List of literature:

1. The Message of the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation Emomali Rahmon “On the main directions of domestic and foreign policy of the Republic» dated December 28, 2024. [Electronic resource]. Access source: http://www.prezident.tj /node / 27417. (accessed 04/03/2025).

2. Constitution of the Republic of Tajikistan dated November 6, 1994 with amendments and additions dated September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016. (in Tajik and Russian). Dushanbe: Ganj Publishing House, 2016. 136 p

3,4,7. Labor Code of the Republic of Tajikistan. // National Center of Legislation under the President of the Republic of Tajikistan [Electronic resource]. Access source: http://www.mmk.tj . (date of application: 03/27/2025).

5. Health Code of the Republic of Tajikistan. // National Center of Legislation under the President of the Republic of Tajikistan [Electronic resource]. Access source: http://www.mmk.tj . (date of access: 03/10/2025).

6. The Law of the Republic of Tajikistan “On State Protection and Support of Entrepreneurship» dated July 26, 2014, No. 1107 // National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan [Electronic resource]. Access source: http://www.mmk.tj . (date of application: 04/21/2025).

(date of application: 04/21/2025).

8. Code of Administrative Offences of the Republic of Tajikistan. dated December 31, 2008 No. 455 // National Center of Legislation under the President of the Republic of Tajikistan [Electronic resource]. Access source: http://www.mmk.tj . (date of reference: 04/22/2025).

9. Cultural Code of the Republic of Tajikistan//National Center of Legislation under the President of the Republic of Tajikistan [electronic materials]. Access source: http://www.mmk.tj . (date of application: 04/27/2025))

10. Criminal Code of the Republic of Tajikistan//National Center of Legislation under the President of the Republic of Tajikistan [electronic materials]. Access source: http://www.mmk.tj . (date of application: 04/27/2025).

Бачаев Достон Идибекович,
унвонҷӯи кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ ДАР СОҲАИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ МАЪЮБОН

Калидвожаҳо: таҷрибаи хориҷӣ; ҳифзи иҷтимоии маъюбон; қонунгузории Тоҷикистон; шуғли маъюбон; дастрасии умумӣ; тавонбахшӣ; созмонҳои ғайридавлатӣ.

Фишурда. Мақола ба омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон бахшида шудааст, ки барои такмили танзими ҳуқуқии ин соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст. Муаллиф таҷрибаи кишварҳои пешрафта, аз қабили Русия, Иёлоти Муттаҳида, Олмон, Шветсия ва Ҷопонро таҳлил мекунад ва унсурҳои муфидро барои мутобиқсозӣ ба шароити Тоҷикистон муайян менамояд. Дар мақола низомҳои квота барои шуғл, дастрасии умумӣ, ҳамкории давлат бо созмонҳои ғайридавлатӣ, хизматрасониҳои фардӣ ва барномаҳои омӯзиши касбӣ баррасӣ шуда, пешниҳодҳо барои истифодаи онҳо дар Тоҷикистон бо назардошти маблағгузории маҳдуд ва мушкилоти инфрасохтор пешкаш мегарданд. Таҳлил нишон медиҳад, ки мутобиқсозии ин таҷрибаҳо метавонад мушкилоти мавҷударо дар ҶТ коҳиш диҳад.

Такмили танзими ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ғайриимкон аст, зеро он имкон медиҳад, ки унсурҳои муфид барои мутобиқсозӣ ба шароити Тоҷикистон муайян гарданд. Таҳлили муаллиф нишон медиҳад, ки кишварҳои пешрафта дар ин соҳа таҷрибаи бой доранд, ки метавонанд барои ҳалли мушкилоти амалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили маблағгузории нокифоя, набудани инфрасохтор ва шуғли маъюбон, истифода шаванд. Ин фасл ба баррасии таҷрибаи хориҷӣ ва муайян кардани унсурҳои қобили қабул барои Тоҷикистон нигаронида шудааст.

Дар Федератсияи Русия низоми ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар асоси қонуни федералии «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Федератсияи Русия» (аз соли 1995) фаъолият мекунад, ки ҳуқуқҳои маъюбонро ба меҳнат, таҳсилот ва хизматрасониҳои тиббӣ муқаррар менамояд [1]. Яке аз унсурҳои муҳими ин низом низоми квотаҳо барои шуғли маъюбон аст. Мувофиқи қонун, корхонаҳое, ки беш аз 100 корманд доранд, вазифадоранд 2-4% ҷойҳои кориро барои маъюбон ҷудо кунанд, ва дар сурати риоя накардани ин талабот онҳо ҷарима мешаванд.

Таҳлили муаллиф нишон медиҳад, ки ин низом дар Русия сатҳи шуғли маъюбонро то андозае баланд бардоштааст, зеро корфармоён ҳавасманд шудаанд, ки маъюбонро ба кор қабул намоянд. Масалан, дар соли 2022 дар Русия тақрибан 25% маъюбон дар ҷойҳои кории расмӣ шуғл доштанд, ки ин нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (12%) хеле баланд аст. Муаллиф қайд мекунад, ки ин таҷриба барои Тоҷикистон қобили қабул аст, вале бо назардошти хусусиятҳои иқтисодии кишвар бояд мутобиқ карда шавад. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон квотаҳоро барои корхонаҳои калон ҷорӣ намуд ва барои корхонаҳои хурд субсидияҳо пешбинӣ кард, то онҳо низ маъюбонро ба кор қабул кунанд.

Дар Иёлоти Муттаҳида ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар асоси қонуни «Қонуни амрикоиҳо бо маъюбӣ» (ADA, 1990) амалӣ мегардад, ки табъиз нисбат ба маъюбонро дар меҳнат, таҳсилот ва дастрасӣ ба хизматрасониҳо манъ мекунад [2]. Яке аз хусусиятҳои ин низом талаботи қатъӣ ба дастрасии умумӣ аст. Масалан, ҳама биноҳои ҷамъиятӣ ва корхонаҳо вазифадоранд бо роҳравҳо, лифтҳо ва таҷҳизоти махсус барои маъюбон муҷаҳҳаз бошанд, ва риоя накардани ин талабот бо ҷаримаҳои калон ҷазо дода мешавад.

Таҳлили муаллиф нишон медиҳад, ки ин равиш дар Иёлоти Муттаҳида ба маъюбон имкон додааст, ки дар ҳаёти ҷомеа фаъолона иштирок кунанд. Масалан, дар соли 2022 тақрибан 40% маъюбон дар ИМА шуғл доштанд, ки ин нишондиҳандаи баланди дастрасӣ ва фарогирист. Муаллиф қайд мекунад, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ кардани стандартҳои ҳатмии дастрасӣ барои биноҳои нав метавонад як қадами аввалин бошад, гарчанде бо назардошти маблағгузории маҳдуд ин раванд бояд марҳила ба марҳила амалӣ гардад. Инчунин, таъсиси фонди махсус барои маблағгузории ин таҷҳизот метавонад ин таҷрибаро дар Тоҷикистон қобили амал созад.

Дар Олмон низоми ҳифзи иҷтимоии маъюбон бар асоси қонуни «Китоби қонунҳои иҷтимоӣ» (Sozialgesetzbuch, SGB) фаъолият мекунад, ки ба маъюбон хизматрасониҳои

тавонбахшӣ ва дастгирии молиро пешниҳод менамояд [3]. Яке аз унсурҳои муҳими ин низом ҳамкории наздик байни давлат ва созмонҳои ғайридавлатӣ аст. Масалан, дар Олмон созмонҳои ҷамъиятӣ аз давлат грантҳо мегиранд, то барномаҳои тавонбахшӣ ва шуғли маъюбонро дар минтақаҳои гуногун амалӣ созанд.

Таҳлили муаллиф нишон медиҳад, ки ин ҳамкорӣ дар Олмон ба маъюбон имкон додааст, ки ба хизматрасониҳо дар сатҳи маҳаллӣ дастрасӣ дошта бошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки созмонҳои ғайридавлатӣ аз маблағгузории давлатӣ қариб маҳруманд, ин таҷриба метавонад барои беҳтар кардани вазъ истифода гардад. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки дар Тоҷикистон низ барномаи грантҳо барои созмонҳои ғайридавлатӣ таҳия шавад, то онҳо дар деҳот марказҳои тавонбахшӣ ва омӯзишӣ таъсис диҳанд, ки ин бо мушкилоти нобаробарии минтақавии ҶТ мувофиқ аст.

Дар Шветсия низоми ҳифзи иҷтимоии маъюбон яке аз пешрафтатарин низомҳо дар ҷаҳон ба шумор меравад ва бар асоси қонуни «Дар бораи дастгирии шахсони дорои маъюбии муайян» (LSS, 1993) фаъолият мекунад. Ин қонун ба маъюбон хизматрасониҳои фардӣ, аз ҷумла ёварони шахсӣ, таъмини манзил ва дастгирии тиббиро пешниҳод мекунад [4]. Яке аз хусусиятҳои муҳими ин низом он аст, ки давлат ба маъюбон имкон медиҳад, ки худ хизматрасониҳои заруриро интихоб кунанд, ки ин ба онҳо озодии бештар ва назорат бар зиндагиашон медиҳад.

Таҳлили муаллиф нишон медиҳад, ки дар Шветсия ин равиш сатҳи қаноатмандии маъюбонро аз хизматрасониҳои иҷтимоӣ хеле баланд бардоштааст. Масалан, дар соли 2022 беш аз 80% маъюбон дар Шветсия изҳор доштанд, ки хизматрасониҳои ба онҳо пешниҳодшуда ба эҳтиёҷоти фардии онҳо мувофиқанд. Муаллиф қайд мекунад, ки ин таҷриба барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қобили истифода аст, вале бо назардошти маблағгузории маҳдуд метавонад дар сатҳи маҳаллӣ ва барои гурӯҳҳои осебпазири маъюбон, ба мисли маъюбони гурӯҳи I, марҳила ба марҳила ҷорӣ шавад. Масалан, дар Тоҷикистон метавон ба маъюбон имкони интихоби хизматрасониҳо, ба мисли ёварони шахсӣ ё воситаҳои тавонбахшӣ, дода шавад, то онҳо ба эҳтиёҷоти худ мувофиқ интихоб кунанд.

Дар Ҷопон низоми ҳифзи иҷтимоии маъюбон бар асоси қонуни «Дар бораи дастгирии ҳамаҷонибаи шахсони дорои маъюбӣ» (2005) амал мекунад, ки ба маъюбон хизматрасониҳои тавонбахшӣ ва дастгирии молиро таъмин менамояд [5]. Яке аз унсурҳои ҷолиби ин низом барномаҳои махсуси омӯзиши касбӣ барои маъюбон аст. Дар Ҷопон марказҳои махсуси омӯзишӣ таъсис дода шудаанд, ки ба маъюбон малакаҳои муосир, ба мисли кор бо технологияҳои иттилоотӣ ё ҳунарҳои саноатӣ, меомӯзанд, ва ин ба онҳо имкон медиҳад, ки дар бозори меҳнат рақобатпазир бошанд.

Таҳлили муаллиф нишон медиҳад, ки ин барномаҳо дар Ҷопон сатҳи шуғли маъюбонро хеле баланд бардоштаанд. Масалан, дар соли 2022 тақрибан 35% маъюбон дар Ҷопон дар ҷойҳои корӣ расмӣ шуғл доштанд, ки ин аз Ҷумҳурии Тоҷикистон (12%) хеле баланд аст. Муаллиф қайд мекунад, ки барои Тоҷикистон ҷорӣ кардани чунин марказҳои омӯзишӣ муҳим аст, зеро яке аз мушкилоти асосии маъюбон дар кишвар набудани малакаҳои касбист. Дар шароити Тоҷикистон ин таҷриба метавонад бо таъсиси марказҳои хурди омӯзишӣ дар ноҳияҳо ва ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ барои маблағгузорӣ амалӣ гардад.

Таҳлили муқоисавии таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки кишварҳои пешрафта дар ҳифзи иҷтимоии маъюбон ба чанд унсури асосӣ такя мекунанд: маблағгузории кофӣ, инфрасохтори мувофиқ, ҳамкории давлат бо созмонҳои ғайридавлатӣ ва барномаҳои фардӣ. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо маблағгузории маҳдуд ва мушкилоти инфрасохтор рӯ ба рӯ аст, на ҳамаи ин унсурҳо метавонанд ба таври фаврӣ қабул шаванд, вале баъзе аз онҳо бо мутобиқсозӣ қобили истифода мебошанд.

Масалан, низоми квотаҳо аз Русия метавонад дар Тоҷикистон барои корхонаҳои калон ҷорӣ шавад, вале бо субсидияҳо барои корхонаҳои хурд пурра гардад, то онҳо низ маъюбонро ба кор қабул кунанд. Дастрасии умумӣ аз таҷрибаи ИМА метавонад бо ҷорӣ кардани стандартҳои ҳатмӣ барои биноҳои нав оғоз ёбад, ки ин хароҷоти зиёдро талаб намекунад. Ҳамкории давлат бо созмонҳои ғайридавлатӣ аз Олмон метавонад тавассути барномаи грантҳо барои созмонҳои маҳаллӣ амалӣ шавад, то онҳо дар деҳот фаъолият кунанд. Омӯзиши касбӣ аз Ҷопон метавонад бо таъсиси марказҳои хурди омӯзишӣ дар ноҳияҳо ҷорӣ гардад, ки ин мушкилоти шуғли маъюбонро дар Тоҷикистон коҳиш медиҳад.

Дар маҷмӯъ, таҷрибаи хориҷӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон як манбаи муҳими илҳом аст, ки метавонад барои такмили танзими ҳуқуқӣ ва беҳтар кардани вазъи маъюбон истифода шавад. Таҳлили муаллиф нишон медиҳад, ки мутобиқсозии ин таҷрибаҳо бо шароити Тоҷикистон метавонад мушкилоти мавҷударо ҳал

кунад, ва ин масъала дар фаслҳои минбаъда таҳияи пешниҳодҳои мушаххас муфассалтар бояд баррасӣ хоҳад шуд.

ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ В СФЕРЕ СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ ИНВАЛИДОВ

Ключевые слова: зарубежный опыт; социальная защита инвалидов; законодательство Таджикистана; трудоустройство инвалидов; всеобщая доступность; реабилитация; неправительственные организации.

Аннотация. Статья посвящена изучению зарубежного опыта в области социальной защиты инвалидов, что имеет важное значение для совершенствования правового регулирования этой сферы в Республике Таджикистан. Автор анализирует опыт передовых стран, таких как Россия, США, Германия, Швеция и Япония, определяя полезные элементы для адаптации к условиям Таджикистана. В статье рассматриваются системы квот для трудоустройства, всеобщая доступность, сотрудничество государства с неправительственными организациями, индивидуальные услуги и программы профессионального обучения, а также предлагаются меры по их применению в Таджикистане с учетом ограниченного финансирования и проблем инфраструктуры. Анализ показывает, что адаптация этих практик может способствовать решению существующих проблем в РТ.

Бачаев Достон Идибекович - соискатель кафедры истории и межкультурных связей таджикского Международного университета иностранных языков им. Сотима Улугзода.

FOREIGN EXPERIENCE IN THE FIELD OF SOCIAL PROTECTION OF THE DISABLED

Keywords: foreign experience; social protection of persons with disabilities; Tajikistan legislation; employment of persons with disabilities; universal accessibility; rehabilitation; non-governmental organizations

Abstract. The article focuses on the study of foreign experience in the field of social protection of persons with disabilities, which is essential for improving legal regulation in this area in the Republic of Tajikistan. The author analyzes the practices of advanced countries such as Russia, the United States, Germany, Sweden, and Japan, identifying useful elements for adaptation to Tajikistan's conditions. The study examines quota systems for employment, universal accessibility, state cooperation with non-governmental organizations, personalized services, and vocational training programs, offering suggestions for their implementation in Tajikistan considering limited funding and infrastructure challenges. The analysis demonstrates that adapting these practices can help address existing issues in Tajikistan.

Bachaev Doston Idibekovich - s a candidate for the Department of History and Intercultural Relations at the Tajik International University of Foreign Languages. Sotima Ulugzoda.

Руйхати адабиёт:

1. Қонуни федералӣ Дар Бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон Дар Федератсияи Русия аз 24.11.1995 N 181-ФЗ// https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_8559/
2. Санади амрикоиҳои маъюб аз СОЛИ 1990 Е ADA// https://www.ada.gov/.
3. SGB: Кодекси Иҷтимоӣ: нашри матнӣ. Берлин: агентии Федералии суғурта. барои кормандон ва ғайра, 1998// https://rusneb.ru/catalog/000199_000009_000354811 /.
4. Хизматрасонӣ барои шахсони дорои нуқсонҳои функсионалии муайян (LSS) (1993: 387)// chrome-extension://efaidnbmnnnibpcajpcglclefindmkaj/https://storage.googleapis.com/jnl-su-j-sjdr-files/journals/1/articles/550/submission/proof/550-1-2480-2-10-20190510.pdf
5. Қонуни Бунедии Маъюбони Ҷопон (1970)// https://studopedia.ru/9_128968_klassifikatsiya-zakonodatelstv-azii-i-tihookeanskogo-regiona.html

Список литературы:

1. Федеральный закон «О социальной защите инвалидов в Российской Федерации» от 24.11.1995 N 181-ФЗ// https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_8559/
2. . Закон об американцах с ограниченными возможностями от 1990 года или ADA// https://www.ada.gov/.

3. SGB : Социальный кодекс: текстовое издание. Берлин : Федеральное страховое агентство. для служащих и т. Д., 1998// https://rusneb.ru/catalog/000199_000009_000354811 /.

4. Служба для лиц с определенными функциональными нарушениями (LSS) (1993: 387)// chrome-extension://efaidnbmnnnibpcajpcglclefindmkaj/https://storage.googleapis.com/jnl-su-j-sjdr-files/journals/1/articles/550/submission/proof/550-1-2480-2-10-20190510.pdf

5. Фундаментальный Закон об инвалидах Японии (1970)// https://studopedia.ru/9_128968_klassifikatsiya-zakonodatelstv-azii-i-tihookeanskogo-regiona.html

List of literature:

1. Federal Law «On Social Protection of persons with Disabilities in the Russian Federation» dated 11/24/1995 N 181-FZ// https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_8559/

2. The Americans with Disabilities Act of 1990 or ADA// https://www.ada.gov /.

3. SGB : Social Code: text edition. Berlin : Federal Insurance Agency. for employees, etc., 1998// https://rusneb.ru/catalog/000199_000009_000354811 /.

4. Service for persons with certain functional impairments (LSS) (1993: 387)// chrome-extension://efaidnbmnnnibpcajpcglclefindmkaj/https://storage.googleapis.com/jnl-su-j-sjdr-files/journals/1/articles/550/submission/proof/550-1-2480-2-10-20190510.pdf.

5. The Fundamental Law on the Disabled of Japan (1970)// https://studopedia.ru/9_128968_klassifikatsiya-zakonodatelstv-azii-i-tihookeanskogo-regiona.html

12.00.06 – ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ; ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ
12.00.06 – ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО
12.00.06 – LAND LAW; NATURAL RESOURCE LAW; ENVIRONMENTAL LAW; AGRICULTURAL LAW

ТДУ: 349.414
Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ,
муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.
E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru
Тел.: (+992) 904-41-50-50.

МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ЗАМИНИСТИФОДАБАРӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ МАДАНӢ ВА ЗАМИНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: заминистифодабарӣ; қонунгузории маданӣ; қонунгузории замин; ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин; моликият; ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ; иҷора; меросгирӣ; сервитут; қитъаи замин.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои мубрами заминистифодабарӣ дар қонунгузории маданӣ ва замини Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ, қарор дода шудааст. Муаллиф пеш аз ҳама падидаҳои заминистифодабариро дар меъёрҳои конунгузории маданӣ ва заминӣ муайян намуда ҳамоҳангӣ ва таносуби татбиқи меъёрҳои оммавӣ ва хусусиро дар робита ба масъалаҳои заминистифодабарӣ таҳқиқ намудааст.

Пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва қабул гардидани Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, №326[4] танзими муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ҳангоми истифодаи замин ба марҳилаи сифатан нав гузашт. Ҳарчанд қонунгузории замини давраи соҳибистиқлолӣ бо назардошти мустақилияти сиёсати давлатӣ ва қонунгузорӣ муқаррар гардида буд, вале бе шубҳа ба таҷрибаи танзими муносибатҳои заминистифодабарӣ аз рӯйи кодексҳои қаблӣ асос ёфта буд.

Азбаски дар м. 13 Конститутсияи ҶТ замин дар қатори дигар захираҳои табиӣ ҳамчун моликияти истисноии давлат пазируфта шуда буд, инкишофи қонунгузории замин ва сиёсати давлатӣ минбаъд ба муқаррароти пешбининамудаи ҳамин модда вобастагии амиқ дошт. Аз ин лиҳоз, дар м. 2 Кодекси замини ҶТ мустаҳкам карда шуд, ки замин дар ҶТ моликияти истисноии давлат буда, давлат истифодаи самараноки онро ба манфиати халқ кафолат медиҳад. Даъвои заминҳои авлодӣ дар ҳудуди ҶТ эътибор надорад.

Маҳз дар заминаи ин меъёрҳои бунёдӣ қонунгузории замин минбаъд муносибатҳои заминистифодабариро танзим намуда, бо назардошти хусусиятҳои хоси худ муносибатҳои дорои хусусияти маданӣ-ҳуқуқиро низ пешбинӣ намуд. Махсусан дар баробари муқаррар намудани ҳуқуқи истифодаи бемуҳлат ва муҳлатнок, инчунин истифодаи меросии якумраи заминро кафолат дод. Аммо ба он тавре ки дар қонунгузории замини қаблӣ мақсадҳои он васеъ буд, баръакс дар Кодекси замини нав мақсадҳои истифодаи якумраи меросӣ ниҳоят маҳдуд муайян гардида, танҳо барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва касбҳои анъанавии мардумӣ кафолат дода шуда буд. Танҳо баъди ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мазкур аз 28 феврали соли 2004, №23, инчунин ба шаҳрвандон ҳамчун қитъаи замини наздиҳавлигӣ пешбинӣ карда шуд.

Иҷора ва муносибатҳои ба он вобаста дар қонунгузории нави замин ба таври фарқкунанда пешбинӣ гардид. Қаблан ба иҷора додани қитъаи замин ба салоҳияти комитети иҷроияи Шуроҳои вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо дохил гардида, инчунин корхона, муассисаҳо ва ташкилотҳо низ метавонистанд қитъаҳои замини зиёдатии худро ба иҷора диҳанд. Дар шароити кунунӣ бошад, заминистифодабарандагон метавонанд қитъаҳои заминро дар асоси шартнома ба иҷора диҳанд. Шартномаи иҷораи замин бе тағйир додани таъиноти мақсадноки қитъаи замин баста мешавад. Қитъаҳои замин ба муҳлати то 20 сол ба иҷора дода мешаванд. Муносибатҳои

заминистифодабарандагон оид ба иҷораи қитъаҳои замин тибқи қонунгузории ҶТ сурат мегиранд.

Дар ин ҷо зери мафҳуми заминистифодабарандагон ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Яъне ба сифати иҷорадиҳанда ва ҳам иҷорагиранда ҳар дуи ин шахсон метавонанд баромад кунанд, ки қаблан шахсони воқеӣ ба ҳайси иҷорадиҳанда дар муносибатҳои мазкур иштирок карда наметавонистанд. Ҳарчанд дар санади махсуси соҳавӣ, яъне Кодекси замини ҶТ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба иҷора додани қитъаи замин кафолат дода шуда бошад ҳам, аммо то ба ҳол дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷора дар ҶТ» ба иҷора додани қитъаи заминро дар асоси озмун аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешбинӣ менамояд, ки ба муқаррароти кодекс мухолиф буда, тағдиди назарро талаб менамояд.

Таҳкими муносибатҳои молумулкӣ ба таҳаввулоти дар қонунгузории замин бавуҷудомада дар соли 2012 алоқамандии хос дорад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1 августи соли 2012, №891 ба қонунгузории замин падидаи нав, яъне ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он ҳамчун объекти махсуси муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ворид гардид (м. 2^2).

Дар асоси муқаррароти моддаи мазкур ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он метавонад предмети хариду фурӯш, тӯҳфа, иваз, иҷора, гарав ва дигар аҳдҳо бошад ва инчунин ба тариқи мерос ва бо тартиби умумии ба даст овардани ҳуқуқ, ки Кодекси мазкур ва қонунгузории маданӣ муқаррар намудааст, ба дигар шахс гузарад.

Маҳз дар ин замина бори дигар ба гарав гузоштани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар м. 27(1) мустаҳкам гардид. Вобаста ба махсусияти ба гарав гузоштани молу мулки ғайриманқул Қонуни ҶТ «Дар бораи ипотека» аз 20 марти соли 2008, №364[6] қабул гардидааст. Инчунин, дар Қонуни мазкур тибқи Қонуни ҶТ «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ипотека» аз 22 июли соли 2013, №994 тағйиру иловаҳои дахлдор вобаста ба гарави ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он ворид карда шудааст.

Масъалаи ҳуқуқи маҳдуди истифодаи қитъаи замини дигар заминистифодабаранда (сервитут) низ ба таври васеъ пешбинӣ гардид. Дар қонунгузории замини давраи соҳибистиқлолӣ бори нахуст сервитут бо назардошти хусусиятҳои танзими муносибатҳои ҳуқуқи замин ҳамчун падидаи маданӣ-ҳуқуқӣ мавриди танзим қарор гирифт. Он ба таври ихтиёрӣ (тибқи созиши тарафҳо) ва маҷбурӣ (бо қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ) бо шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории замини ҶТ муқаррар карда мешавад[15, с. 119]. Қаблан ин масъала ба таври маҳдуд дар Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон (соли 1970) пешбинӣ гардида буд.

Дар қатори ин муносибатҳо, инчунин ба ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он вазъи ҳуқуқи молу мулки ғайриманқул дода шуда, м. 15 Кодекси замини ҶТ дар таҳрири нав ифода карда шуд. Мутобиқи он бақайдгирии давлатии қитъаи замин ва ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» амалӣ карда мешавад.

Мутобиқи сархатҳои якум-чоруми м. 8 Қонуни мазкур пайдоиш, гузаштан ва қатъи ҳуқуқ, инчунин ҳуқуқҳо ва маҳдудиятҳои (гароиҳои) зерин нисбати молу мулки ғайриманқул, аз ҷумла қитъаи замин ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд:

1) истифодабарии якумраи меросии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудан ва бе ҳуқуқи бегона намудан;

2) истифодабарии бемуҳлати қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудан ва бе ҳуқуқи бегона намудан;

3) истифодабарии муҳлатноки қитъаи замин;

4) иҷора ва иҷораи фаръии қитъаи замин ба муддати зиёда аз як сол.

Асосҳои ба даст овардани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он дорои унсурҳои маданӣ-ҳуқуқӣ аст. Пас аз илова гардидани м. 17(1) ба Кодекси замини ҶТ (соли 2012) чунин асосҳои ба даст овардани ин ҳуқуқ муқаррар гардид:

1) додани қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он дар асоси қарорҳои Ҳукумати ҶТ ё мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

2) пайдо кардани ҳуқуқ ба истифодабарии қитъаи замин дар бозори ҳуқуқи истифодаи замин тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати ҶТ;

3) пайдо кардани ҳуқуқ ба истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он бо тартиби мерос ё бо роҳи ҳуқуққабулкунии умумӣ;

4) дар натиҷаи аҳдҳои ҳуқуқии маданӣ ва дигар асосҳои пешбининамудаи қонунгузории ҶТ пайдо кардани ҳуқуқ ба истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он.

Тавре ки мушоҳида мегардад, асоси аввали пешбинигардида хусусияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ

дошта, боқимонда бо анҷом додани амалҳои муайян ва иштирок дар муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд.

Анҷом додани аҳдҳо бо ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар марҳилаҳои гуногуни танзими муносибатҳои заминистифодабарӣ хусусиятҳои хоси худро дошт. Махсусан бо қонунгузории замини солҳои 70-уми асри XX он ҳамчун ҷиноят дониста шуда, боиси ба миён омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардид. Дар ибтидои солҳои 90-ум бошад дар сатҳи қонунгузорӣ он бо назардошти хусусиятҳои инкишоф ва тағйири сиёсати давлатӣ ба таври маҳдуд кафолат дода шуд, аммо на барои шахсони воқеӣ ҳамчун заминистифодабаранда.

Ҳоло бошад ба заминистифодабарандагони якумдараҷа кафолат дода шудааст, ки нисбат ба қитъаи замин муомилоти зерини дорои хусусияти маданӣ-ҳуқуқиро анҷом диҳанд:

1) мустақилона бе дахолати мақомоти давлатӣ дар мавриди ҳуқуқи истифодабарии замини бо ҳуқуқи бегона намудани он гирифташуда (ба даст овардашуда) аҳдҳои ҳуқуқии маданӣ (хариду фурӯш, туҳфа, иваз, гарав ва ғайра) банданд, ба истиснои муқаррароти Кодекси мазкур;

2) қитъаи заминро ба иҷора диҳанд;

3) сервитути хусусиро (ба розигӣ асосёфтаро) ба қитъаи замин муқаррар намоянд (м. 19 КЗ ҶТ).

Заминистифодабарандагони дуюмдараҷа дар навбати худ метавонад бо розигии иҷорадеҳ замини ба иҷора гирифташударо ба иҷораи фаръӣ (субаренда) диҳад (м. 20 КЗ ҶТ).

Гузариши ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар натиҷаи гузариши ҳуқуқи моликият ба бино ва иншоот низ бо қонунгузории замин дар даврaҳои гуногун бо ҳар тарз танзим гардида буд. Дар ин марҳила танзими васеи он роҳандозӣ гардида, кафолат дода шуд, ки ҳангоми ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқи моликият ба бино (иморат, иншоот) ҳуқуқи истифодаи қисмати қитъаи замин, ки ин бино (иморат, иншоот) дар он қарор дорад, ҳамчунин қисми ҳамшафати он қитъаи замине, ки барои хизматрасонии ин бино (иморат, иншоот) дар доираи меъёрҳои муқарраргардида зарур аст, ба шахси ин бино (иморат, иншоот)-ро харида бемузд мегузарад.

Ҳуқуқи истифодабарии қисми қитъаи замине, ки аз меъёрҳои муқарраргардидаи барои истифодабарӣ ва хизматрасонии ин бино (иморат, иншоот) зарур зиёд мебошад, бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати ҶТ ба таври муздиок мегузарад. Ҳангоми ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматӣ, дар баробари ин, ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини наздиҳавлигӣ низ ба вай мегузарад.

Ҷуброни товони зарари заминистифодабарандагон ва ҷуброни талаф вобаста ба гирифтани заминҳо аз гардиш дар давраи нави танзими муносибатҳо бо қонунгузории замин аз навгонӣ холӣ нест. Зеро, дар ин давра ҷуброни зарари заминистифодабарандагон ва ё истифодабарандаи дигар ҳуқуқҳои бақайдгирифташудаи вобаста ба замин ҳангоми гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ ва ҷуброни талаф вобаста ба гирифтани заминҳо аз гардиш ба таври алоҳида дар доираи меъёрҳои муқарраргардида танзим гардиданд.

Мутобиқи м. 43 КЗ ҶТ ҷуброни зарари заминистифодабарандагон ва ё истифодабарандаи дигар ҳуқуқҳои бақайдгирифташудаи вобаста ба замин ва талаф вобаста ба гирифтани заминҳо аз гардиш дар ҳолати гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ то гирифтани замин аз ҳисоби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки фаъолияташон зарурати гирифтани заминро ба миён овардааст, ба амал бароварда мешавад.

Тартиби ҷуброни зарари заминистифодабаранда ва ё истифодабарандаи дигар ҳуқуқҳои бақайдгирифташудаи вобаста ба замин ва талаф вобаста ба гирифтани қитъаи заминҳо аз гардиш, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 декабри соли 2011, №641 тасдиқ шудааст, ҷуброни зарари заминистифодабарандагонро муқаррар менамояд.

Ба таври навгонӣ бори аввал дар КЗ ҶТ оид ба ҳифзи ҳуқуқи заминистифодабарандагон боби алоҳида бахшида шуд. Аз ҷумла, дар м. 46 боби 7 КЗ ҶТ муқаррар гардидааст, ки ҳифзи ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин тибқи тартиби муқарраркардаи қонунгузории маданӣ, ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар амалӣ мегардад. Дар моддаи мазкур роҳҳои зерини ҳифзи ҳуқуқҳои заминистифодабарандагон пешбинӣ гардидааст:

1) эътироф кардани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин;

2) манъ кардани мудохила ба фаъолияти заминистифодабарандагон аз тарафи давлат ва заминистифодабарандагони дигар, ба ғайр аз мавридҳои вайрон кардани қонуни замин аз тарафи заминистифодабарандагон;

3) дар қонун муқаррар кардани номгӯйи мукаммали ҳолатҳои манъ ва ё маҳдуд кардани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин аз тарафи давлат;

4) дар қонун муқаррар кардани кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин ҳангоми манъ ё маҳдуд гардидани онҳо.

Ба ғайр аз ин дар ин боб барқарор кардани ҳуқуқи вайроншуда оид ба замин кафолат дода шудааст (м. 50 КЗ ҶТ), ки дар мавридҳои зерин амалӣ карда мешавад:

1) аз тарафи мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин беэътибор дониста шудани санаде, ки ба қонунгузорӣ мутобиқ нест ва ҳуқуқи оид ба замин ва манфиатҳои қонунан муҳофизашавандаи заминистифодабарандагонро вайрон мекунад;

2) худсарона ишғол намудани қитъаи замин;

3) дар мавридҳои дигаре, ки бо қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ пешбинӣ шудаанд.

Дар мавриди ҷуброни зарари заминистифодабарандагон ва кафолати таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо миёни қонунгузории маданӣ ва қонунгузории замин якчанд мухолифатҳо ба назар мерасанд. Масалан, м. 49 КЗ ҶТ эътирофи ҳуқуқ ба қитъаи заминро бо эътирофи ҳуқуқи моликият ба молу мулки ғайриманқул алоқаманд кунад, пас б. 3 м. 246 КГ ҶТ (ҳоло қ. 5, м. 93 КМ ҶТ) ҳуқуқи моликияти шахсе, ки сохтмони худсарона ба анҷом расондааст, аз ҷониби суд ба шарте эътироф карда мешавад, ки қитъаи замин ба ин шахс барои сохтмон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ дода шуда бошад.

Аз ин рӯ, тибқи қонунгузории замин то он лаҳзае, ки суд ҳуқуқи моликият ба молу мулки ғайриманқулро эътироф накунад, мақомоти ваколатдори давлатӣ имкони эътирофи ҳуқуқ ба қитъаи заминро надорад. Дар айни замон, тибқи қонунгузории маданӣ, баръакс, то он даме, ки қитъаи замин бо тартиби муқарраршуда ҷудо карда нашуда бошад, ҳуқуқи моликият ба молу мулки ғайриманқули дар он ҷойгиршуда эътироф карда намешавад[9, с.24-26].

Мушкилоти дигар ин муайян намудани арзиши ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ҳангоми гирифтани он барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ мебошад. Танзими ҳуқуқии қитъаи замин ҳамчун объекти махсуси муомилоти маданӣ, ки имконияти ба сифати предмети хариду фурӯш, туҳфа, иҷора, мубодила, гарав ва дигар аҳдҳои ҳуқуқи маданӣ баромад намудани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намуданро фароҳам меорад, дар кишвар на он қадар дуруст ба роҳ монда шудааст ва баъзе аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баҳодиҳии заминро ба қонунгузорӣ оид ба фаъолияти баҳодиҳӣ ҳавола менамоянд (м. 46 Қонуни ҶТ «Дар бораи ипотека» аз 20 марти соли 2008, №364[6]).

Ҳол он ки тибқи ***Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КЗ ҶТ» аз 28 феврали соли 2004*** ба м. 33 КЗ ҶТ қисми чорум илова шуда, муқаррар гардид, ки «Баҳои замин дар ҶТ барои муқаррар намудани нархи меъёрии замин бо мақсади андозбандии воқеӣ ва пардохти иҷора тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳои замин»[5] ба амал бароварда мешавад». Ҳатто дар муқаддимаи Қонуни мазкур низ ба таври возеҳ дарҷ гардидааст, ки он асосҳои ҳуқуқии баҳои заминро дар ҶТ муқаррар карда, гузаронидани маҷмуи баҳои заминро муайян мекунад.

Аммо дар банди панҷуми м. 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1720 ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он объекти баҳодиҳӣ аз рӯйи Қонуни мазкур муқаррар гардидааст. Бояд қайд кард, ки баҳодиҳии замин (яъне ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он)-ро тибқи санади меъёрии ҳуқуқии дигар гузаронидан чандон дуруст намебошад. Дар баробари ин, замин ҳамчун захираи нодири табиӣ дорои хусусиятҳои хоси худ буда, барои муайян намудани арзиши он шаклу усулҳо, тарзҳои махсуси баҳодиҳӣ лозим мебошад. Аз ин рӯ, муносибатҳо вобаста ба баҳодиҳии замин тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳои замин» амалӣ карда шавад[14, с. 80].

Марҳилаи дигари таҳкими муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар муносибатҳои вобаста ба истифодаи қитъаи замин ба қабул гардидани ***Кодекси граждании ҶТ қисми якум аз 30 июни соли 1999, №802***[1] рост меояд. Дар қ. 1, м. 1 Кодекси мазкур муқаррар гардида буд, ки муносибатҳои оилавӣ, меҳнатӣ, муносибатҳои марбут ба истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зистро, ки дорои нишонаҳои дар сарсатри аввали ҳамин модда зикргардида мебошанд, агар дар қонунҳои оила, меҳнат, замин ва қонунҳои дигар махсус тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, қонунҳои граждании танзим менамоянд.

Дар м. 239 КГ ҶТ дар такя ба муқаррароти м. 13 Конститутсияи ҶТ ва м. 2 КЗ ҶТ муқаррар гардида буд, ки замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ ва олами набототу ҳайвонот, дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлатӣ мебошанд. Хусусияти татбиқи ҳуқуқи моликият ба замин ва дигар захираҳои табииро ҳамин Кодекс, қонуни замин ва дигар қонунҳо муқаррар менамоянд.

Кодекси мазкур қитъаи заминро ҳамчун ашёи ғайриманқул (м. 142) эътироф накарда буд.

Балки ҳуқуқи истифодаи онро чун як намуди амволи барои фаъолияти корхона ҳамчун маҷмуаи молумулкӣ зарур пешбинӣ менамуд.

Ҳуқуқи истифодаи замин ҳамчун ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ дар м. 241 КГ ҶТ пазируфта шуда, дар ин модда, ҳамчунин дарҷ гардида буд, ки ҳуқуқи истифодаи замин имконияти қонунии шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, яъне истифодабарандаи замин ҷиҳати истифодаи хосиятҳои фоидабахши он вобаста ба мақсади таъиноти он мебошад. Асос ва тартиби ҳуқуқдор шудан, тағйир ё қатъ ёфтани ҳуқуқи истифодаи замин, ҳуқуқу уҳдадориҳои истифодабарандагони замин, аз ҷумла ба шахси дигар вогузор кардани ҳуқуқи истифодаи заминро КЗ ҶТ муқаррар менамояд.

Меъёри мазкур дар қонунгузории мадании қаблӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки он ҳуқуқи истифодаи заминро ҳамчун имконияти қонунии заминистифодабарандагон эътироф намуда, дигар муносибатҳои ба он алоқамандро бошад ба қонунгузории замин ҳавола менамояд.

Дар банди г) моддаи мазкур дигар ҳуқуқҳои молу мулкӣ пешбинӣ гардида, ба таркиби он дигар ҳуқуқҳои маҳдуди ашёӣ аз қабили сервитут низ дохил мегардад. Сервитут ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ ба ашёи шахси дигар буда, аз истифодаи маҳдуди он иборат мебошад[11, с. 62]. Сервитут дар асоси шартнома муқаррар карда мешавад. Таҳлили муқаррароти КМ ҶТ нишон медиҳад, ки шартнома оид ба муқаррар намудани сервитут бояд дар шакли хаттии оддӣ баста шуда, ба қайди давлатӣ гирифта шавад[13, с. 202].

Муносибатҳои марбут ба ҳуқуқи молумулкӣ нисбат ба замин дар қисмати сохтмони худсарона (м. 246 КГ ҶТ) низ ишора мегардад, ки мушкилоти вобаста ба онро қаблан ишора намудем.

Бо қабул гардидани Кодекси граждании ҶТ қисми дуюм аз 11 декабри соли 1999, №884[2] муносибатҳои заминистифодабарӣ дар қисмати муносибатҳои шартномавӣ мавриди танзим қарор гирифтанд. Аз ҷумла, дар ин қисми Кодекс масъалаҳои гузаштани ҳуқуқи истифодаи замин, ба иҷора додани он ва дигар ҳолатҳои алоқаманд ба он ҳангоми бастани шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ пешбинӣ гардида буд.

Яке аз ҳолатҳои ниҳоят муҳим барои танзими муносибатҳои заминистифодабарӣ, ки аз замони шуравӣ ҳам бо қонунгузории замин ва ҳам бо қонунгузории маданӣ мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор гирифта буд, ин гузариши ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ҳангоми фурӯши бино, иншоот ва ё амволи дигари ғайриманқул ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд ин ҳолат бо қонунгузории замин танзим гардидааст (м. 27 КЗ ҶТ), аммо бо қонунгузории маданӣ баъдан мустаҳкам гардид.

Дар доираи шартномаи фурӯши амволи ғайриманқул, аз ҷумла, мувофиқи шартномаи фурӯши бино, иншоот ё дигар амволи ғайриманқул ба харидор, ҳамзамон бо додани ҳуқуқи моликият ба чунин амволи ғайриманқул, инчунин ҳуқуқи истифодаи он қисмати қитъаи замине, ки дар он ин амволи ғайриманқул ҷойгир аст ва барои истифодаи он зарур мебошад, дода мешавад. Дар ҳолатҳое, ки агар фурӯшанда истифодабарандаи қитъаи замине бошад, ки дар он амволи ғайриманқули ба фурӯш баровардашуда ҷойгир аст, ба харидор ҳуқуқи истифода ё ҳуқуқи иҷора ё дигар ҳуқуқи пешбининамудаи шартномаи фурӯши амволи ғайриманқул ё дигар ҳуқуқ ба қисми дахлдори қитъаи замин дода мешавад.

КГ ҶТ дар қисми дуюм махсусан дар боби шартномаи кироя ба ҳайси предмети шартномаи мазкур қитъаи заминро эътироф менамояд. Мутобиқи м. 626 КГ ҶТ ба кироя (иҷора)-и амвол метавонанд қитъаҳои замин, канданиҳои фоиданоки умумӣ ва дигар объектҳои алоҳидаи табиӣ, корхонаҳо ва дигар маҷмуъ (комлекс)-ҳои амвол, биноҳо, иншоот, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва дигар ашёе, ки дар ҷараёни истифода (ашёи ғайриистеъмолӣ) онҳо хосияти аслии худро гум намекунанд, дода шаванд.

Ба ғайр аз ин дар муносибатҳои иҷоравӣ, махсусан иҷораи бинову иншоот, ки бо қонунгузории граждани танзим гардидааст, аз рӯйи шартномаи иҷораи бино ё иншоот, ҳамзамон бо таҳвили ҳуқуқи ихтиёрдорӣ ва истифодаи чунин амволи ғайриманқул ба иҷорагир, ҳамчунин ҳуқуқ ба он қисми қитъаи замине, ки таҳти он амволи ғайриманқул қарор дорад ва барои истифодаи он зарур мебошад, таҳвил дода мешавад. Ҳамзамон, ҳангоми ба иҷора додани бино ё иншоот ҳуқуқи истифодаи қитъаи замине, ки онро бино ё иншоот ишғол кардааст ба иҷорагир то ба анҷом расидани муҳлати иҷораи бино ё иншоот дода мешавад.

Оид ба иҷораи қитъаи замин, ки асоси меъёрии онро муқаррароти КЗ ҶТ пешбинӣ менамояд, дар КГ ҶТ фасли 6 боби 33 ба масъалаи иҷораи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва дигар захираҳои табиӣ бахшида шуда буд. Гарчанде ки м. 14 КЗ ҶТ ба таври умумӣ иҷораи заминро аз ҳамаи гурӯҳҳои замин пешбинӣ менамояд, вале дар қисмати шартномаи иҷора бо қонунгузории маданӣ танҳо иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ мавриди танзим қарор гирифтааст.

Қонунгузории маданӣ дар танзими ҳуқуқии масъала бештар ба табиати ҳуқуқии шартнома

таваҷҷуҳ менамояд, аммо дар як навбат дар муомилоти маданӣ ба ҳайси предмети шартномаи алоҳида баромад намудани қитъаҳои замини таъиноти кишоварзиро эътироф менамояд. М.М. Соҳибзода дар як навбат қайд менамояд, ки «шартномаи иҷораи заминҳои таъиноти кишоварзӣ на танҳо бо меъёрҳои КГ ҶТ (КМ ҶТ), балки бо меъёрҳои дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ (Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷора», КЗ ҶТ ва ғайра) низ танзим мегардад. Бо вуҷуди ин, меъёрҳои Кодекси граждани мавқеи назаррасро ишғол менамоянд»[10, с. 80-81].

Ҳамин тавр, дар қисми дуюми КГ ҶТ муносибатҳои заминистифодабарӣ ҳамчун предмети мустақил ва алоқаманди шартномаҳои хариду фурӯши амволи ғайриманқул, иҷораи бино, иншоот ва дигар молу мулки ғайриманқул, иҷораи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва дигар захираҳои табиӣ, инчунин пудрати сохтмон мавриди танзим қарор гирифтааст.

Баъди қабул гардидани қисми сеюми Кодекси граждании ҶТ аз 1 марти соли 2005, №84[3] муносибатҳои марбут ба истифодаи қитъаи замин дар боби мерос мавриди танзим қарор гирифт. Аз чумла, дар ин қисм ба мерос гузаштани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замини хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва хоҷагии ёрирасони шахсӣ пешбинӣ гардид.

Мутобиқи м. 1141 ворисии ҳуқуқи истифодабарии меросии якумраи қитъаи замини хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва хоҷагии ёрирасони шахсӣ тибқи ҳамин Кодекс танзим мегардад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Муаллифони тафсири қисми сеюми КГ ҶТ низ ба ҳамин андешаанд, ки бинобар сабабе, ки ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин ба сифати объекти махсуси муносибатҳои маданӣ баромад менамояд, тибқи моддаи мазкур, агар дар қонунгузории махсуси соҳавӣ тартиби дигаре муқаррар нагардида бошад, муносибатҳои ворисии ҳуқуқи истифодабарии меросии якумраи замини хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва хоҷагии ёрирасони шахсӣ бо меъёрҳои қонунгузории маданӣ ба танзим дароварда мешаванд[12, с.62].

Мутобиқи м. 18 ***Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 15 декабри соли 2016, №1289***[7] ба мерос гирифтани молу мулк ва ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замини хоҷагии деҳқонӣ, ки бо ҳуқуқи бегона намудан ба даст оварда шудааст, мутобиқи муқаррароти Кодекси мадании ҶТ амалӣ карда мешавад. Ҳамин тавр, қонунгузории ҶТ дар бораи хоҷагии деҳқонӣ дар масъалаи ба мерос гирифтани ҳуқуқи истифодаи замин дигар муқарраротеро пешбинӣ наменамояд, балки ба қонунгузории мадании ҶТ такя менамояд.

Олим ва муҳаққиқи ватанӣ М.З. Раҳимзода дар ин маврид қайд менамояд, ки «мерос гирифтани қитъаи замин дар қиёс бо тартиби умумии ба мерос гузаштани молу мулк хусусиятҳои худро дорад. Қитъаи замин ба яке аз аъзоёни хоҷагии деҳқонии қобили меҳнат ва молу мулк дошта ба мерос мегузарад. Барои ин розигии ҳамаи аъзоёни он зарур мебошад. Ҳангоме ки қитъаи замин бе меросгири шахси ваколатдори хоҳиши пешбурди хоҷагии деҳқонӣ дошта дода шавад, дар ин маврид ҳатман риоя намудани талаботи оиди қобили меҳнат ва дар амал будан, инчунин дорои донишу малакаи соҳаи кишоварзӣ ва дар ин соҳа таҷрибаи кори амалӣ доштан шарт мебошад»[17, с.60].

Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 19 июли соли 2022, №1891[8] дар хусуси ба мерос гузоштани молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсӣ муқарраротеро пешбинӣ наменамояд, вале дар қ. 3, м. 3 ишора менамояд, ки қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба гурӯҳи заминҳои маҳалли аҳолинишин дохил буда, ба шахрванд пас аз ба қайди давлатӣ гирифтани ҳуқуқи истифодаи якумраи меросӣ дода мешавад. Аз ин бармеояд, ки қитъаи замини наздиҳавлигии хоҷагии деҳқонӣ бо ҳуқуқи истифодаи якумраи меросӣ дода шуда, ба мерос мегузарад.

Дар қонуни қаблӣ дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба таври алоҳида дар хусуси ба мерос гузаштани молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсӣ моддаи алоҳида (м. 13) пешбинӣ гардида, дар он қитъаи замин низ ишора мегардад.

Муаллифони тафсири қонуни зикршуда ба ин назаранд, ки «молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсӣ тибқи асосҳои умумии муқаррарнамудаи қонунгузории маданӣ ба мерос гузошта мешавад. Зимни ба мерос гузоштан ва гирифтани молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсӣ муқаррароти КГ ҶТ (КМ ҶТ) пурра татбиқ карда мешавад. Қонуни мазкур танҳо як муқаррароти иловагиеро пешбинӣ намудааст, ки мувофиқи он ҳангоми қабули мерос меросхӯроне, ки дар пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ ширкат меварзанд, ба гирифтани молу мулки меросӣ ва ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бартарӣ доранд»[18, с. 139-140].

Қитъаи замин ба шахрвандони дар асоси қоидаҳои умумӣ ба мерос дода мешаванд ва тибқи ***Қоидаҳои «Дастурамали тартиби ба ҷо овардани амалиётҳои нотариалӣ аз тарафи нотариусҳои давлатии идораҳои нотариалии давлатии ҶТ», ки бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати адлияи ҶТ аз 24 январи соли 2006,***

№178 тасдиқ гардидааст, ба тартиб дароварда мешаванд.

Аз ҷумла, дар бандҳои 283-285 ҳамин дастурамал чунин муқаррарот вобаста ба расмиятдарории истифодабарии якумраи меросии қитъаи замин пешбинӣ шудааст. Ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунандае, ки ҳуқуқи истифодаи якумраро ба қитъаҳои замин дар мавридҳои нишондодашуда тасдиқ мекунад, Сертификати (шаҳодатномаи) ҳуқуқи истифодаи замин ва шаҳодатнома ба саҳми замин мебошад, ки онҳоро мақомоти ваколатдори батанзимдарории муносибатҳо вобаста ба замини ҶТ додаст, ин ҳуҷҷатҳо ба маводи парвандаи мерос ҳамроҳ карда мешаванд.

Таҳаввулоти навбатӣ дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои заминистифодабарӣ бо қабул гардидани Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 рост меояд.

Дар Кодекси мадании ҶТ бори нахуст қитъаи замин ҳамчун молу мулки ғайриманқул эътироф карда шуд. Б.С. Шерзода зикр менамояд, ки дар асоси қ. 1, м. 138 КМ ҶТ қитъаи замин молу мулки ғайриманқул мебошад. Бо қабули КМ ҶТ қитъаи замин ба низоми молу мулки ғайриманқул ворид гардид, ки ин ба танзим ва инкишофи дурусти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ мусоидат менамояд. То қабули КМ ҶТ қитъаи замин ҳамчун моликияти давлатӣ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» ва банди 2 Қоидаҳои муайян намудани объектҳои сохтмонашон нотамом ва ба муомилоти граждани баровардани онҳо, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 27 марти соли 2018, №148 тасдиқ гардидааст, чун молу мулки ғайриманқул муайян гардида буд[16, с. 103].

Дар фарқият аз қисми якуми КГ ҶТ дар қ. 4, м. 329 КМ ҶТ оид ба тақсими молу мулки хоҷагии деҳқонӣ муқаррар гардидааст, ки муносибатҳо вобаста ба қитъаи замини хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) бо қонунгузории замин танзим мегарданд.

Ҳамзамон, дар қисми якуми КГ ҶТ ҳуқуқҳои маҳдуди ашёӣ ба таври васеъ танзим нагардида буд. Акнун бо КМ ҶТ ин ҳуқуқҳо ба таври фарох муқаррар шуда, параграфи 3 боби 25 ба сервитути ашёи ғайриманқул бахшида шудааст. Моддаи 347 КМ ҶТ ҳуқуқи маҳдуди истифодаи қитъаи замини бегонаро низ эътироф намуда, танзими муносибатҳои марбут ба онро ба қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавола менамояд (м. 10 (1) КЗ ҶТ).

Ҳарчанд дар муносибатҳои шартномавӣ ҳолати ҳуқуқии қитъаи замин ва ҳуқуқи истифодаи он аз рӯйи шартномаҳо ҳангоми фурӯши бино, иншоот ё дигар молу мулки ғайриманқули дар он ҷойгиршуда (м. 609), объектҳои иҷора (м. 673), ҳуқуқ ба қитъаи замине, ки бино ё иншооти иҷорагирифта дар он ҷойгир аст (м. 719), ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ҳангоми ба иҷора супоридани бино ё иншоот (м. 720) бетағйир боқӣ мондааст, аммо дар қисмати иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ навгониҳо ба мушоҳида мерасад.

Сараввал иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ аз иҷораи захираҳои табиӣ ҷудо карда шуда, дар параграфҳои алоҳида танзим гардидаанд. Қаблан дар м. 687 КГ ҶТ муқаррар шуда буд, ки мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроия ва мақомоти назорати кӯҳкорӣ мутобиқи Кодекси замин ва Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» ҳақ доранд замин ва дигар захираҳои табииро ба иҷора супоранд.

Аз ин меъёр бармеояд, ки заминистифодабарандагони якумдараҷа, ки мутобиқи м. 19 КЗ ҶТ ҳуқуқи додани иҷораи қитъаи заминро доранд, истисно гардидааст. М.М. Соҳибзода зимни таҳлили вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ иброз менамояд, ки «дар баробари мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроия ҳуқуқи ба иҷора додани қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзиро ҳамчун заминистифодабарандагони аввалиндараҷа шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ низ доранд. Масалан, ташкилотҳои кишоварзӣ, ки дар истифодаи худ қитъаҳои замин доранд, новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқиашон ҳамчун заминистифодабарандагони аввалиндараҷа қитъаҳои заминро ба заминистифодабарандагони дуюмдараҷа ба иҷора дода метавонанд»[19, с. 194].

Ҳамин тавр, ин мухолифатҳо дар матни қ. 1, м. 733 КМ ҶТ бартараф гардид. Мутобиқи қонунгузории замин ба сифати иҷорадиҳанда мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва заминистифодабарандагон буда метавонанд. Яъне, заминистифодабарандагони якумдараҷа, ки ҳуқуқи додани иҷораро тибқи қонунгузории замин доштанд, бо қонунгузории маданӣ низ эътироф карда шуд.

Инчунин, дар ин параграф м. 736 КМ ҶТ бо муқаррарот оид ба шартномаи иҷораи фаръии қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ пешбинӣ гардид, ки қаблан ба зериҷора додани он аз ҷониби заминистифодабарандагони дуюмдараҷа дар қ. 2, м. 687 кафолат дода шуда буд.

Иҷорагир мустақилона метавонад қитъаи замини муайяншударо ба иҷораи фаръӣ супорад. Шартномаи иҷораи фаръии қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ созиши дутарафае мебошад, ки тибқи он қитъаи замини муайяншуда аз ҷониби иҷорагир ба шахси сеюм барои истифодабарии муҳлатнок, мақсаднок ва музднок супорида мешавад. Уҳдадориҳое, ки дар м. 732, қ. 2, м. 733 ва м. 734 КМ ҶТ муқаррар шудаанд, нисбати иҷорагири фаръии қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ татбиқ мешаванд.

Дар қисмати муносибатҳои шартномавӣ қитъаи замин, ҳамчунин дар муносибатҳои алоқаманд ба шартномаи паймонкории сохтмон ва консессия низ вомехӯрад, аз ҷумла ба ҳайси объекти шартнома.

Агар ба танзими муносибатҳои меросӣ таваҷҷуҳ намоем, албатта тафовут миёни меъёрҳои пешбининамудаи м. 1304 КМ ҶТ ва м. 1141 КГ ҶТ ба назар мерасад. Аз ҷумла, ном ва матни модда иваз гардида, фарогири моҳият ва мазмуни ҳамдигар мебошанд. Қаблан дар КГ ҶТ меросгирии ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замини хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва хоҷагии ёрирасони шахсӣ танзим гардида буд, ҳол он ки аз рӯйи қонунгузории замин ҳуқуқи истифодаи замин барои касбҳои анъанавии мардуми низ ба истифодаи меросии якумра дода мешавад. Инчунин, пешбинӣ намуда буд, ки агар аз муқаррароти қонунҳои танзимкунанда тартиби дигаре барнаояд, ворисии ин ҳуқуқ мутобиқи Кодекси мазкур танзим карда мешавад.

Ҳоло бошад қонунгузории маданӣ меросгирии ҳуқуқи истифодаи заминро пешбинӣ менамояд, ки мазмунан се ҳолати ба истифодаи меросии якумра дода шудани қитъаи заминро фарогир аст. Аз тарафи дигар танзими ин муносибатҳоро агар дар як навбат ба КМ ҶТ вобаста намояд, ҳамчунин ба қонунгузории замини ҶТ низ ҳавола менамояд.

Зимни ба мерос қабул намудани ҳуқуқи истифодаи замин барои қабули он ҳамчун мерос иҷозат талаб карда намешавад. Ҳангоми тақсимнашаванда будани қитъаи замине, ки дар он бино (иншоот, иморат) мавҷуд аст, ҳуқуқи истифодаи замин ба меросгире мегузарад, ки қобилият ва хоҳиши идома додани пешбурди хоҷагиро дорад. Муқаррароти мазкур идомаи танзими нави муносибатҳои меросӣ ҳангоми меросгирии ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти таҳлили меъёрҳои қонунгузории маданӣ ва замин хулоса намудан лозим аст, ки ***муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқии заминистифодабарӣ*** - *он муносибатҳои молумулкии заминистифодабарӣ, ки ба баробарӣ, мухторияти ирода ва мустақилияти молумулкии иштирокдоронашон асос ёфтаанд, аз ҷумла моликият, ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ, иҷора, меросгирӣ, сервитут ва ғайр танзим менамояд.*

АКТУАЛЬНЫЕ ВОПРОСЫ ЗЕМЛЕПОЛЬЗОВАНИЯ В ГРАЖДАНСКОМ И ЗЕМЕЛЬНОМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: землепользование; гражданское законодательство; земельное законодательство; право пользования земельным участком; собственность; ограниченное имущественное право; аренда; наследование; сервитут; земельный участок.

Аннотация. В данной статье рассматриваются актуальные вопросы землепользования в гражданском и земельном законодательстве Республики Таджикистан. Прежде всего, автор определяет явления землепользования в нормах гражданского и земельного законодательства, исследуя гармонию и соотношение применения общественных и частных норм в отношении вопросов землепользования.

Сохибзода Мухаммадджон Махмадали **–** первый заместитель директора Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент. E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru, тел.: (+992) 904-41-50-50.

CURRENT ISSUES OF LAND USE IN THE CIVIL AND LAND LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: land use; civil legislation; land legislation; right to use a land plot; ownership; limited property right; lease; inheritance; servitude; land plot.

Annotation. This article examines current issues of land use within the civil and land legislation of the Republic of Tajikistan. First and foremost, the author defines the concept of land use within the norms of civil

and land law, exploring the harmony and correlation between the application of public and private norms concerning land use issues.

Sohibzoda Muhammadjon Mahmadali – First Deputy Director of the National Center of Legislation under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor. E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru, tel.: (+992) 904-41-50-50.

Рӯйхати адабиёт:

1. Кодекси граждании ҶТ қисми якум аз 30 июни соли 1999, №802 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.06.2025).

2. Кодекси граждании ҶТ қисми дуюм аз 11 декабри соли 1999, №884 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.06.2025).

3. Кодекси граждании ҶТ қисми сеюм аз 1 марти соли 2005, №84 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.06.2025).

4. Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, №326 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.06.2025).

5. Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳои замин» аз 12 майи соли 2001, №18 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.06.2025).

6. Қонуни ҶТ «Дар бораи ипотека» аз 20 марти соли 2008, №364 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.06.2025).

7. Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 15 декабри соли 2016, №1289 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.06.2025).

8. Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 19 июли соли 2022, №1891 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 20.06.2025).

9. Азимзода А.Ш. Танзими ҳуқуқии пешниҳод ва гирифтани қитъаҳои замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – М., 2017. – С. 24-26.

10. Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон 12.00.03 / Соҳибов Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2018. – С. 80-81.

11. Қодиров Ш.Б. Табиати ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои сервитут дар низоми ҳуқуқҳои маҳдуди ашё // Қонунгузорӣ. – 2023. – №1 (49). – С. 62.

12. Раҳимов М.З., Абдухолиқов А.М., Ғаюров Ш.К., Бобоев Ҷ.Қ., Меликов У.А., Сафаров Ю.С., Сулаймонов Ф.С. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: қисми сеюм // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳимов М.З. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – С. 62.

13. Соҳибзода М.М., Шерзода Б.С. Падидаҳои нави ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал // Зери таҳрири Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло – мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2023. – С. 202.

14. Соҳибов М.М., Қудбудинов Ф.Ш., Қурбонализода Ф., Одинаев Ш.Х., Кулобиев Ё.А., Раҳмонов Ҷ.Т., Идрисов Я.А., Шерзода Б.С. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин»: нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода И.Ҳ. - директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2020. – С. 80.

15. Тафсири Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон // Таҳти роҳбарии Азимзода А.Ш. ва таҳрири Ойев Х. – Душанбе: Полиграф-Групп, 2016. – С. 119.

16. Шерзода Б.С. Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқи маданӣ. – Душанбе, 2024. – С. 103.

17.Раҳимов М.З. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)». – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – С. 60.

18.Соҳибзода М.М., Шарифзода Ф.Ш., Асрорзода З., Қодирзода М.А., Шерзода Б.С., Одиназода Ш.Х. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ»: нашри аввал (тафсири оммавию илмӣ ва амалӣ) // Зери таҳрири Саидзода И.Ҳ., директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – С. 139-140.

19.Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал // Зери таҳрири Ғаюров Ш.К. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе: Графика-83, 2020. – С. 194.

Список литературы:

1. Гражданский кодекс Республики Таджикистан первая часть от 30 июня 1999 года, №802 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 20.06.2025).

2. Гражданский кодекс Республики Таджикистан вторая часть от 11 декабря 1999 года, №884 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 20.06.2025).

3. Гражданский кодекс Республики Таджикистан третья часть от 1 марта 2005 года, №84 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 20.06.2025).

4. Земельный кодекс Республики Таджикистан от 13 декабря 1996 года, №326 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 20.06.2025).

5. Закон Республики Таджикистан «Об оценке земли» от 12 мая 2001 года, №18 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 20.06.2025).

6. Закон Республики Таджикистан «Об ипотеке» от 20 марта 2008 года, №364 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 20.06.2025).

7. Закон Республики Таджикистан «О дехканском (фермерском) хозяйстве» от 15 марта 2016 года, №1289 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 20.06.2025).

8. Закон Республики Таджикистан «О личном подсобном хозяйстве» от 19 июля 2022 года, №1891 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 20.06.2025).

9. Азимзода А.Ш. Правовое регулирование предоставления и изъятия земельных участков в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2017. – С. 24-26.

10. Сохибов М.М. Проблемы гражданско-правового регулирования аренды земельных участков сельскохозяйственного назначения по законодательству Республики Таджикистан 12.00.03 / Сохибов Мухаммадджон Махмадалиевич: дис. канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 235 с.

11. Кодиров Ш.Б. Правовая природа и особенности сервитута в системе ограниченных вещных прав // Законодательство. – 2023. – №1 (49). – С. 62.

12. Рахимов М.З., Абдухоликов А.М., Гаюров Ш.К., Бобоев Дж.К., Меликов У.А., Сафаров Ю.С., Сулеймонов Ф.С. Комментарий к Гражданскому кодексу Республики Таджикистан: часть третья // Под редакцией доктора юридических наук, профессора Рахимова М.З. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – С. 62.

13. Сохибзода М.М., Шерзода Б.С. Новые явления гражданского права Республики Таджикистан: монография: первое издание // Под редакцией Гаюрзода Шукрулло Кароматулло – заведующего кафедрой гражданского права юридического факультета ТНУ, доктора юридических наук, профессора. – Душанбе: Мехродж-граф, 2023. – С. 202.

14. Сохибов М.М., Кудбудинов Ф.Ш., Курбонализода Ф., Одинаев Ш.Х., Кулобиев Ё.А., Рахмонов Дж.Т., Идрисов Я.А., Шерзода Б.С. Комментарий к Закону Республики Таджикистан «Об оценке земли»: первое издание // Под редакцией Саидзода И.Х. – директора Национального центра законодательства при Президенте РТ, кандидата юридических наук, доцента. – Душанбе: Мехродж-граф, 2020. – С. 80.

15. Комментарий к Земельному кодексу Республики Таджикистан // Под руководством Азимзода А.Ш. и редакцией Ойева Х. – Душанбе: Полиграф-Групп, 2016. – С. 119.

16. Шерзода Б.С. Правовой режим недвижимого имущество согласно законодательству Республики Таджикистан: исследование гражданского права. – Душанбе, 2024. – С. 103.

17. Рахимов М.З. Комментарии к Закону Республики Таджикистан «О дехканском (фермерском) хозяйстве». – Душанбе: Шуджоиён, 2010. – С. 60.

18. Сохибзода М.М., Шарифзода Ф.Ш., Асрорзода З., Кодирзода М.А., Шерзода Б.С., Одиназода Ш.Х. Комментарий к Закону Республики Таджикистан «О личном подсобном хозяйстве»: первое издание (публичное, научное и практическое толкование) // Под редакцией Саидзода И.Х., директора Национального центра законодательства при Президенте РТ, кандидата юридических наук, доцента. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – С. 139-140.

19. Сохибов М.М. Проблемы гражданско-правового регулирования аренды земельных участков сельскохозяйственного назначения по законодательству Республики Таджикистан: монография: первое издание // Под редакцией Гаюрова Ш.К. – доктора юридических наук, профессора, заведующего кафедрой гражданского права юридического факультета ТНУ. – Душанбе: Графика-83, 2020. – С. 194.

List of literature:

1. Civil Code of the Republic of Tajikistan, Part One, dated June 30, 1999, № 802 // Centralized Information and Legal Database of the Republic of Tajikistan «Adliya». Form 7.0. [Electronic resource]. Available at: http://www.adlia.tj (accessed: 20.06.2025).

2. Civil Code of the Republic of Tajikistan, Part Two, dated December 11, 1999, № 884 // Centralized Information and Legal Database of the Republic of Tajikistan «Adliya». Form 7.0. [Electronic resource]. Available at: http://www.adlia.tj (accessed: 20.06.2025).

3. Civil Code of the Republic of Tajikistan, Part Three, dated March 1, 2005, № 84 // Centralized Information and Legal Database of the Republic of Tajikistan «Adliya». Form 7.0. [Electronic resource]. Available at: http://www.adlia.tj (accessed: 20.06.2025).

4. Land Code of the Republic of Tajikistan dated December 13, 1996, № 326 // Centralized Information and Legal Database of the Republic of Tajikistan «Adliya». Form 7.0. [Electronic resource]. Available at: http://www.adlia.tj (accessed: 20.06.2025).

5. Law of the Republic of Tajikistan «On Land Valuation» dated May 12, 2001, № 18 // Centralized Information and Legal Database of the Republic of Tajikistan «Adliya». Form 7.0. [Electronic resource]. Available at: http://www.adlia.tj (accessed: 20.06.2025).

6. Law of the Republic of Tajikistan «On Mortgage» dated March 20, 2008, № 364 // Centralized Information and Legal Database of the Republic of Tajikistan «Adliya». Form 7.0. [Electronic resource]. Available at: http://www.adlia.tj (accessed: 20.06.2025).

7. Law of the Republic of Tajikistan «On Dehkan (Farmer) Economy» dated March 15, 2016, № 1289 // Centralized Information and Legal Database of the Republic of Tajikistan «Adliya». Form 7.0. [Electronic resource]. Available at: http://www.adlia.tj (accessed: 20.06.2025).

8. Law of the Republic of Tajikistan «On Personal Subsidiary Farming» dated July 19, 2022, № 1891 // Centralized Information and Legal Database of the Republic of Tajikistan «Adliya». Form 7.0. [Electronic resource]. Available at: http://www.adlia.tj (accessed: 20.06.2025).

9. Azimzoda A.Sh. Legal Regulation of the Provision and Withdrawal of Land Plots in the Republic of Tajikistan: Dissertation for Candidate of Legal Sciences degree. – Moscow, 2017. – Pp. 24-26.

10. Sohibov M.M. Problems of Civil-Legal Regulation of Lease of Agricultural Land Plots According to the Legislation of the Republic of Tajikistan 12.00.03 / Sokhibov Muhammadjon Mahmadalievich: Dissertation for Candidate of Legal Sciences degree. – Dushanbe, 2018. – 235 p.

11. Kodirov Sh.B. Legal Nature and Features of Servitude in the System of Limited Property Rights // Legislation. – 2023. – No. 1 (49). – P. 62.

12.Rakhimov M.Z., Abdukholikov A.M., Gayurov Sh.K., Boboev D.K., Melikov U.A., Safarov Yu.S., Sulaymonov F.S. Commentary on the Civil Code of the Republic of Tajikistan: Part Three // Edited by Doctor of Law, Professor Rakhimov M.Z. – Dushanbe: ER-Graf, 2013. – P. 62.

13.Sohibzoda M.M., Sherzoda B.S. New Phenomena of Civil Law of the Republic of Tajikistan: Monograph: First Edition // Edited by Gayurzoda Shukrullo Karomatullo – Head of the Civil Law Department, Faculty of Law, Tajik National University, Doctor of Law, Professor. – Dushanbe: Mehroj-Graf, 2023. – P. 202.

14.Sohibov M.M., Kudbudinov F.Sh., Kurbonalizoda F., Odinaev Sh.Kh., Kulobiev Y.A., Rakhmonov D.T., Idrisov Y.A., Sherzoda B.S. Commentary on the Law of the Republic of Tajikistan "On Land Valuation": First Edition // Edited by Saidzoda I.Kh. – Director of the National Legislation Center under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor. – Dushanbe: Mehroj-Graf, 2020. – P. 80.

15.Commentary on the Land Code of the Republic of Tajikistan // Under the leadership of Azimzoda A.Sh. and edited by Oyiev Kh. – Dushanbe: Polygraph-Group, 2016. – P. 119.

16.Sherzoda B.S. Legal Regime of Real Estate According to the Legislation of the Republic of Tajikistan: Civil Law Research. – Dushanbe, 2024. – P. 103.

17.Rakhimov M.Z. Commentary on the Law of the Republic of Tajikistan «On Dehkan (Farmer) Economy». – Dushanbe: Shudzhaiyon, 2010. – P. 60.

18.Sohibzoda M.M., Sharifzoda F.Sh., Asrorzoda Z., Kodirzoda M.A., Sherzoda B.S., Odinazoda Sh.Kh. Commentary on the Law of the Republic of Tajikistan «On Personal Subsidiary Farming»: First Edition (Public, Scientific and Practical Commentary) // Edited by Saidzoda I.Kh., Director of the National Legislation Center under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor. – Dushanbe: ER-Graf, 2022. – Pp. 139-140.

19.Sohibov M.M. Problems of Civil-Legal Regulation of Lease of Agricultural Land Plots According to the Legislation of the Republic of Tajikistan: Monograph: First Edition // Edited by Gayurov Sh.K. – Doctor of Law, Professor, Head of the Civil Law Department, Faculty of Law, Tajik National University. – Dushanbe: Grafika-83, 2020. – P. 194.

УДК: 349.6
Муминзода Орифджони Сафо,
ассистент кафедры транспортного права и права пользования природными ресурсами юридического факультета Таджикского национального университета.
Тел: (+992) 938-05-91-91
E-mail: jurist_9191@mail.ru

ПОНЯТИЕ И ОСОБЕННОСТИ ЭКОЛОГИЧЕСКИХ ПРАВООТНОШЕНИЙ

Ключевыеслова: правоотношения; структура; виды; объект; субъект; содержание; права; обязанности; регулирование; действие; юридические факты; события.

Аннотация: В данной статье рассматриваются понятие, виды, особенности и структура экологических правоотношений. Под экологическими правоотношениями понимаются реально существующее общественное отношение, урегулированное нормами экологического права, участники которого являются носителями субъективных прав и обязанностей.

Реальность экологического правоотношения проявляется в трансформировании общих правил, предусмотренных нормами экологического права, регулирующих общественные отношения в сфере взаимодействия общества и природы (объективное право), в конкретные права и обязанности участников данного отношения (субъективное право). Объективное право представляет собой совокупность правовых норм, устанавливающих права и обязанности неопределенного круга субъектов экологического права. Субъективное право является индивидуализированным. Общие права и обязанности становятся принадлежностью конкретных лиц, участвующих в правоотношении. При этом регулируемые объективным экологическим правом общественные отношения превращаются в конкретные экологические правоотношения

Любое правоотношение представляет собой норму права в действии, динамику ее реализации в повседневной жизни, на практике. В теории права под *правоотношением* понимают общественное отношение, урегулированное нормами права, участники которого имеют соответствующие субъективные права и юридические обязанности[1].

Экологическое правоотношение - это реально существующее общественное отношение, урегулированное нормами экологического права, участники которого являются носителями субъективных прав и обязанностей[2].

Реальность экологического правоотношения проявляется в трансформировании общих правил, предусмотренных нормами экологического права, регулирующих общественные отношения в сфере взаимодействия общества и природы (объективное право), в конкретные права и обязанности участников данного отношения (субъективное право). Объективное право представляет собой совокупность правовых норм, устанавливающих права и обязанности неопределенного круга субъектов экологического права. Субъективное право является индивидуализированным. Общие права и обязанности становятся принадлежностью конкретных лиц, участвующих в правоотношении. При этом регулируемые объективным экологическим правом общественные отношения превращаются в конкретные экологические правоотношения.

Экологические правоотношения характеризуются определенными признаками:

- экологические правоотношения - это реальные общественные отношения, которые регулируются ,правом.,

- экологические правоотношения регулируются нормами, опубликованными в законодательстве в сфере охраны окружающей среды.,

-участниками экологических правоотношений являются физические и юридические лица, которые обладают правоспособностью и дееспособностью.,

-участники этих отношений имеют взаимные права и обязанности.,

-Экологические правоотношения обеспечиваются мерами правовой защиты, в том числе мерами правовой защиты, возмещением вреда, причиненного окружающей среде, юридической ответственностью.

- экологические правоотношения обеспечивают порядок в сфере социальных отношений взаимодействия общества и природы.

В соответствии с функциями норм права экологические правоотношения, подразделяются на регулятивные и охранительные[3]. Регулятивные экологические правоотношения направлены на обеспечение развития общественных отношений по природопользованию и охране окружающей среды. Это правоотношения по поводу экологического нормирования, экспертизы, лицензирования, сертификации, аудита, ведения государственных кадастров природных ресурсов и комплексов, мониторинга и др. К охранительным правоотношениям относятся правоотношения по защите экологических прав физических и юридических лиц, по применению юридической ответственности за экологические правонарушения.

В теории права различаются общие и конкретные правоотношения. Общие экологические правоотношения возникают непосредственно из закона. Такие правоотношения складываются между личностью (или юридическим лицом) и государством. В таком случае закон является юридическим фактом, порождающим экологическое правоотношение. Так, общие экологические правоотношения возникают из ч.2 ст.43 Закона РТ «Об охране окружающей среды»[4]: Запрещается ввод в эксплуатацию предприятий, сооружений и иных объектов, не обеспеченных средствами контроля загрязнения окружающей среды, эффективными сооружениями и установками по очистке, обезвреживанию и утилизации вредных отходов, выбросов и сбросов до уровня предельно допустимых нормативов, без завершения запроектированных работ по рекультивации земель, восстановлению других природных ресурсов, оздоровлению окружающей среды. Конкретные правоотношения возникают на основе юридических фактов, например разрешения на выброс загрязняющих веществ в атмосферу, сброс сточных вод и т.п.

По степени определенности субъектов экологические правоотношения разделяются на абсолютные и относительные. Абсолютные экологические правоотношения - те, в которых определена только одна сторона - носитель субъективного права, например, права на благоприятную окружающую среду, на достоверную информацию о состоянии окружающей среды. Вторая сторона правоотношения, на которую возложена юридическая обязанность соблюдать эти права, является персонально не определенной. В относительном экологическом правоотношении стороны персонально определены. К примеру, в правоотношении по нормированию предельно допустимых вредных воздействий на природу одной стороной является Комитет по охране окружающей среды при Правительстве РТ[5], другой - предприятие, которое такие воздействия оказывает.

10. Третьякова А. А. ҳуқуққои Экологии шаҳрвандон тибқи қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо: дастури Таълимӣ барои донишгоҳҳо. М.: Нашри донишгоҳи Маскав, 2003. Саҳ.94.

List of literature:

1. The RT Law «On Environmental Information» (as amended by RT Law No. 2096 dated 11/13/2024) dated January 12, 2011, No. 279

2. The Law of the Republic of Tajikistan «On Environmental Protection» dated August 2, 2011 No. 760. (as amended by the Law of the Republic of Tajikistan dated 11/27/2014 No. 1160, dated 07/18/2017 No. 1449, dated 06/08/2022 No. 1879, dated 06/08/2022 No. 1880)

3. Gorbachev A.N. Some problems of realization of the right of citizens of the Russian Federation to environmental information // Education and society. - 1999. - No. 2. - p. 27.

4. Bogolyubova S.A. Environmental law : a textbook for universities / edited by S. A. Bogolyubov. — 8th ed., revised and add. — Moscow : Yurait Publishing House, 2025. — 318 p.

5. Agapov A.B. Fundamentals of public administration in the field of informatization in the Russian Federation. Moscow: Yurist, 1997. pp.149-150

6. Convention on Access to Information, Public Participation in Decision-making and Access to Justice in Environmental Matters (http://www.unece.org/env/pp /; in Russian, see: http://www.neapsd .kz/conv/aarhus/). 7 Federal Law of the Russian Federation. - 1998. - No. 30. - Article 3609.

7. Yablokov A.V. Environmental information and secrecy: how to overcome contradictions? // The Green World. - 1996. - No. 23.- p. 4.

8. Karkhu O.S. The concept and legal regime of environmental information // Collection of reports of the NPC «Legal problems of environmental protection». Moscow: Publishing house «Science and Cooperative education», 2003. pp. 188-189.

9. Teplov O., Klyukin B., Tolstykh N., Veremeeva M. Regulation of subsurface use relations in the territory of the Russian Federation.- Subsoil and law. - M.: IZiSP under the Government of the Russian Federation, 2002. - p. 165, 195.

10. Tretyakova A.A. Environmental rights of citizens under the legislation of the member states of the European Union: A textbook for universities. - M.: Publishing House of Moscow University, 2003. - P. 94.

12.00.08 – ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗО
12.00.08 – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО
12.00.08 – CRIMINAL LAW AND CRIMINALOGY; CRIMINAL EXECUTIVE LAW

ТДУ: 343.8(575.3)

Саидвализода Барно Саиднабӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини Раиси Кумита оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амнияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ОЗОД КАРДАНИ МАҲКУМШУДАГОН АЗ АДОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ ДАР АСОСИ САНАДИ АВФ ВА БАХШИШИ ҶАЗО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: қонунгузории ҷиноятӣ; адои ҷазои ҷиноятӣ; озод кардан; инсондӯстӣ; маҳкумшудагон; қонуният; адолат; баробарӣ дар назди қонун; авф; бахшиши ҷазо; ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд.

Аннотатсия. Дар мақола ҷанбаҳои асосии қонунгузории марбут ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин нақши қонунҳои авф дар барқарорсозии ваҳдати миллӣ ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ баррасӣ шудааст. Дар он аҳамияти Конститутсия ва принсипҳои волоияти қонун, ки дар он ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, фароҳам овардани шароит барои рушди озодонаи онҳо афзалият дода мешавад, баррасӣ мешавад. Ҳамчунин, таъкид шудааст, ки афв ҳамчун як ниҳоди инсондӯстона ба сабуктар кардани ҷазо ва мусоидат ба бахшиши шаҳрвандони барои ҷиноят маҳкумшуда бо назардошти рафтор ва ислоҳи онҳо равона шудааст.

Ба аҳамияти Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1992, ки дар хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу субот дар кишвар нақши калидӣ бозид, таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Ин давра марҳалаи муҳими рушди Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол, асоси сохти демократӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ гардид.

Тадбирҳои мушаххас ва ташаббусҳои қонунгузорие, ки ба ислоҳи шаҳрвандон тавассути авф нигаронида шудаанд, аз ҷумла маълумот дар бораи шумораи шаҳрвандони авфшуда дар даврaҳои гуногун таҳлил карда мешаванд. Қонунгузорӣ дар бораи авф ва татбиқи он унсури муҳими гуманизатсияи адолати судии ҷиноятӣ ва сиёсати иҷтимоии кишвар маҳсуб мешавад, ки ба барқарории адолат ва ҳифзи сулҳ нигаронида шудааст.

Давлате, ки дар он ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд арзиши олӣ дорад ва моҳияти сиёсати онро таҷассум мекунад, ҳамеша ифодакунандаи принсипҳои ҳуқуқии қонуният, инсондустӣ ва демократизм мебошад. Мақсади қонунгузорӣ ҳифзи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, фаъолияти мақомоти қонунгузор, иҷроия, мақомоти маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ мебошад, ки тавассути ҳокимияти судӣ таъмини он анҷом меёбад. Дар кишварҳои ҳуқуқбунёд, мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ вазифаҳои худро дар доираи қонун ва принсипҳои ҳуқуқи инсон иҷро менамоянд.

Арзиши олӣ эътироф намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд водор месозад, ки ин ҳуқуқу озодиҳо ба пуррагӣ аз ҷониби давлат ба ҳар восита, аз ҷумла ба воситаи ҳуқуқи ҷиноятӣ таъмин ва ҳимоя гардида, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам орад. Маҳз ҳамин принсип ва давлат метавонад шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро барои ҳар як инсон фароҳам оварад. Давлат барои ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандон масъулиятро пурра ба дӯш гирифта, дар асоси он шаҳрвандон метавонанд дар як муҳити адолатнок ва озод зиндагӣ кунанд, ки барои онҳо имконият медиҳад, ки ба рушду инкишофи шахсият мусоидат намояд.

Ҳамагон медонанд, ки барои содир намудани ҷиноят ногузир будани ҷавобгарии ҷиноятӣ яке аз омилҳои муҳими пешгирии ҷиноят ба шумор рафта, давлат онро ҳамчун василаи муқовимат бар зидди ҷиноятқорӣ истифода мебарад. Ғайр аз таъқиби ҷиноятӣ нисбати шахсони ҷиноятсодирнамуда, давлат ҳуқуқи бахшидани

гуноҳи онҳоро дар худ нигоҳ медорад, ки яке аз намудҳои он қабули санади ҳуқуқии авф ба шумор рафта, дар қонунгузорӣ ифодагари принсипи инсондӯстӣ мебошад ва баҳри ҳимояи манфиатҳои шахсони ҷиноят содирнамуда равона мегардад.

Бояд қайд намуд, ки Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии халқи тоҷик нақши муассир ва сарнавиштсозеро бозид. Аҳамият ва асолати ин иҷлосияро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар ҷамъомади идона ба ифтихори 30-юмин солгарди Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олӣ, ки 16 ноябри соли 2022 дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, қайд намуданд, ки "Ба шарофати Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мо ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро қатъ намудем, давлатро аз нобудӣ ва миллатро аз парокандагӣ раҳо бахшидем, сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллиро барқарор кардем, асосҳои сохти давлатдории муосир – давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоиро гузоштем ва рушди устувори иқтисодиро таъмин намудем."[4].

Бояд тазаккур дод, ки Иҷлосия фаъолияташро дар давраи ниҳоят мушкилу хатарнок ва ҳассосе, ки ҷанги шаҳрвандӣ ҷумҳуриро фаро гирифта буд, оғоз намуд. Нобасомониҳо, вазъияти шадиди буҳрони иқтисодӣ, сиёсӣ, аз вазъияти ноустувор сӯистифода намудани қувваҳое, ки душмани давлатдории халқи тоҷик ва Истиқлолияти давлатии ӯ буданд, боло гирифтани эҳсоси маҳалгароиву минтақапарастӣ ва мансабхоҳии гурӯҳҳо омилҳои манфие буданд, ки оқибат боиси парешонии миллат гардида, бар асари ҷангу ҷидолҳо талафоти калони молию ҷонӣ ба мардуми кишвари азизамон расонида шуд. Дар ҳақиқат, ин давра ба Тоҷикистон як нигоҳи душвор ва ноумедкунанда ба таҷрибаи таърихии худ гузоштааст. Вале, таърихи кишвар нишон медиҳад, ки давлат ва мардуми Тоҷикистон зери роҳбарии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо дастгирии ҳамдигар, тавонистанд ҷанги таҳмилиро паси сар кунанд ва ба суботи сиёсӣ ва рушди иқтисодӣ ноил шаванд.

Дар чунин як вазъи ҳассос мардум беш аз ҳама оромию суботро мехост ва сулҳу оромию тинҷиро бузургтарин неъмат мешуморид. Аз рӯзҳои аввал Раиси тозаинтихоби Шӯрои Олӣ – муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамагон сиёсати сулҳҷӯёнаро талқин менамуд. Сулҳу ваҳдати миллӣ дар ин давра як масъалаи хеле муҳими ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар буд. Суханони Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи мусолиҳа ва ваҳдати миллӣ хеле муфиду таъсирбахш буданд ва мардумро дар интихоби роҳи дуруст дар он давраи бениҳоят вазнин роҳнамоӣ мекарданд.

Раиси Шӯрои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо тавсияҳои худ на танҳо барои сулҳ, якдигарфаҳмӣ, барқарор кардани тинҷӣ дар мамлакат, балки барои устувор кардани сохтори иҷтимоии кишвар гомҳои устувор гузоштанд. Ҳар як гоме, ки дар роҳи сулҳ ва ваҳдат гузошта мешуд, ба сохтани ояндаи дурахшон ва муттаҳидӣ мусоидат мекард. Муҳимтарини масъала дар ин давра барқарор кардани сулҳ, ваҳдат, иттиҳод ва ғамхории давлат барои пешрафт ва рушди кишвар буд. Таҷриба ва амалкардҳои Сарвари давлат, ки дар барқарор кардани сулҳу ваҳдат мусоидат менамуд дар дили мардум бовариро ба ояндаи нек роҳнамоӣ месохт. Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ қадами устуворе ҷониби иттиҳоду ҳамбастагии тамоми миллатҳо ва халқиятҳои сокини мамлакат буд. Он ба ташкили давлату ҳукумати нави Тоҷикистон замина гузошт. Ин давраи хеле ҳассос ва сарнавиштсоз дар таърихи давлатдории тоҷикон маҳсуб мешавад. Ҳақ бар ҷониби Сарвари давлат аст, ки навиштааст: «Маҳз дар ҳамин давра (солҳои 90-уми садаи гузашта) имконияти таърихии иттиҳоди нерӯҳои фаъоли ҷомеа ва ваҳдати мардуми тоҷик барои расидан ба ҳадафҳои олӣ – истиқлолияти миллии Тоҷикистон фароҳам омада буд, вале, мутаассифона, ин имконияти бузурги таърихӣ ҳангоми парокандашавии империяи абарқудрати Шуравӣ оқилонаву зиракона истифода нашуд. Раванди фарорасии истиқлолияти давлатӣ ва худро ҷумҳурии мустақилу субъекти комилҳуқуқ эълон намудани Тоҷикистон аз лиҳози шаклу мазмун ба дигар ҷумҳуриҳои тозаистиқлоли Шуравӣ шабоҳат дошта бошад ҳам, ҷараёни минбаъдаи он ба муқовимату ихтилофҳои шадиди иҷтимоӣ ва сиёсисозии мушкилоти ҷомеа печида, оқибат ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро ба бор оварад.» [14,с.515].

Дар иҷлосия бо сарварии Раиси Шурои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беш аз панҷоҳ санади меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардид. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо», «Дар бораи Парчами давлатӣ» ва дар радифи дигар қонунҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои

ғайриқонунӣ содир кардаанд» қабул гардид. Ин қонунҳо ба барқарор намудани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуданд. Ба ин васила тадбирҳои амалисохтаи Сарвари давлат ба фаъолияти қонунгузории Тоҷикистони соҳибистиқлол ибтидо гузошт.

Дар байни намудҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо санади ҳуқуқии авф яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Бинобар ҳамин, бо дарназардошти амалӣ намудани принсипҳои инсондӯстӣ, талаботи вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва дохилии давлатӣ, инчунин дар партави ҷашнгирии ҷашнвораҳои муҳим санади ҳуқуқии авф дар кишварамон мунтазам татбиқ мегардад. Ин нишонаи он аст, ки меъёрҳои бунёдии Конститутсия оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва гиромӣ доштани арзишҳои он дар кишварамон ба тадриҷ амалӣ мегарданд.

Чунончӣ, принсипи инсондӯстӣ ба сифати асоси муҳими озод кардан аз ҷазо эътироф карда мешавад [8,с.153]. Шарҳу тавзеҳи масъалаҳо вобаста ба табиати инсондӯстии институти озод кардан аз ҷазо аз ҷониби олимон тайи даҳсолаҳост, ки амалӣ шуда истодааст. Ҳанӯз дар соли 1976 Г.Б. Виттенберг, П.Н. Панченко, Г.С. Гаверов ва дигарон қайд менамуданд, ки институти мазкур рӯҳияи инсондӯстии қонунгузории ҷиноятии шӯравиро ба таври возеҳ инъикос менамояд.[6,с.5]. А.А. Горшенин инсондӯстиро яке аз функсияҳои иҷтимоии озод кардан аз ҷазо эътироф карда, дар хусуси он ҳамчун муносибати башардӯстонаи давлат ва ҷамъият нисбати маҳкумшуда ҳарф мезанад, ки он дар сабук намудани чорабиниҳои мубориза бо ҷиноятқорӣ зоҳир гардида, дар татбиқи васеи чорабиниҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда, инчунин, дар кам кардани чорабиниҳои ҷазои ҷиноятӣ, васеъ намудани асосҳои тарбиявӣ ва чорабиниҳои боваркунонӣ (моилкунонӣ) ифода меёбад[7,с.202].

Олимон дар хусуси инсондӯстӣ на танҳо дар сатҳи тамоми институти озод кардан аз ҷазо, балки инчунин, намудҳои алоҳидаи озодкунӣ низ муҳокимаронӣ мекунанд[10,с.691]. Тавре В.В. Малтсев қайд менамояд, шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан дар асоси принсипҳои инсондустӣ, адолат, баробарӣ дар назди қонун ва қонуният татбиқшаванда мебошад. Дар асоси принсипҳои зикршуда, инчунин, озод кардан аз ҷазо бинобар тағйир ёфтани вазъият ва бинобар гузаштани муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ татбиқ карда мешавад, зеро қонунгузор дар хусуси принсипи инсондӯстӣ ва ҳатто ғайриинсонӣ будани ҷазое, ки бо гузаштани вақти дуру дароз аз рӯзи баровардани ҳукм таъин мегардад, тасаввуроти дақиқ дорад[10,с.692].

Авф кардан, бахшидани гуноҳи ҳамдигар бузургтарин ойини ҷавонмардист. Бахшанда будан дар рисолати ҷавонмардӣ на танҳо ба дӯстон, балки ба душманон низ раво дониста шудааст.

Маҳз дар заминаи рисолати ҷавонмардӣ, саховату бахшандагии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун хислати ҳамидаи инсонӣ бо мақсади оромию тинҷии кишвар амнияти мардум зуҳур ёфт ва дар авфҳои қабулнамуда дар замони Истиқлол таҷассум гардид.

Қонунгузории авфи даврони истиқлолро ба ду марҳила ҷудо намудан мумкин аст. Марҳилаи аввали тараққиёти қонунгузории авф баҳри барқарор намудани асосҳои давлатдорӣ ва таъмини қонуният, сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шӯруъ гашт, ки он солҳои 1992-1999-ро дар бар гирифта, санадҳои авф баҳри барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ ба тасвиб расида буданд.

Фармонҳои Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз моҳи июли соли 1993 ва аз моҳи августи соли 1994 бо мақсади хотима бахшидан ба ҷанги дохилӣ ба тавсиб расида буданд.

Қарорҳои минбаъдаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 1997 «Дар бораи авфи иштироккунандагони муқовиматҳои сиёсӣ ва низомӣ», аз 13 ноябри соли 1998 «Дар бораи авфи умумӣ», аз 14 майи соли 1999 «Дар бораи авфи умумӣ» бошанд, марҳилаи аввали инкишофи қонунгузории авфро дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ҷангу зиддиятҳои шаҳрвандиро дар ҷумҳурӣ анҷом доданд. Ҳамчунин ин санадҳои авф боис гаштанд, ки санаи 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба тавсиб расад.

Марҳилаи дуюм давраи соли 2001 то имрузро дар бар гирифта, санадҳои авф бахшида ба таҷлили ҷашнвораҳои муҳим ва амалисозии сиёсати иҷтимоию сиёсии давлат ба тасвиб мерасанд ва амали онҳо нисбати зиёда аз сад ҳазор нафарҳо татбиқ гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки дар Тоҷикистон танҳо аз солҳои 2000 то 2009 чаҳор қонун дар бораи авфи умум қабул гардиданд (солҳои 2001, 2006, 2007, 2009). Масалан, тибқи маълумоти оморӣ, ҳангоми татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 3 ноябри соли 2009 аз муассисаҳои ислоҳии Раёсати корҳои ислоҳӣ 2185 нафар маҳкумшудагон ва аз тавқифгоҳҳои тафтишотӣ 407 нафар маҳкумшудагоне, ки ҳукмашон ба қувваи қонун даромада буд, инчунин

маҳкумшудагоне, ки дар қисми хоҷагидории ин муассисаҳо адои ҷазо менамуданд, аз адои ҷазои боқимонда озод гардиданд. Муҳлати адонагардидаи 4110 нафар маҳкумшудагон кам карда шуд. Аз шумораи умумии маҳкумшудагон 299 нафар занон, 45 нафар ноболиғон, 60 нафар мардони аз 55-сола боло, 35 нафар маъюбон ва шахсони гирифтори бемориҳои сил, 22 нафар иштирокчиёни муқовиматҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ дар Тоҷикистон, инчунин шахсоне, ки бар асари фалокати нерӯгоҳи атомии Чернобил зарар дидаанд, 50 нафар шаҳрвандони хориҷӣ, 156 нафар шахсоне, ки аз даъвати навбатӣ ба хизмати ҳарбӣ саркашӣ намудаанд, 702 нафар маҳкумшудагоне, ки бори аввал бо ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна ба муҳлати то 5 сол маҳкум гардидаанд, 418 нафар шахсоне, ки аз беэҳтиётӣ ҷиноят содир намудаанд, 73 нафар шахсоне, ки аз чор се ҳиссаи ҷазоро адо намудаанд ва 1145 нафар маҳкумшудагоне, ки дар муассисаҳои сукунатӣ адои ҷазо менамуданд, озод гардиданд. Аз шумораи умумии озодшудагон бо татбиқи авф 4 фоизи онҳо аз нав ҷиноят содир намуда, дар муассисаҳои ислоҳи адои ҷазо менамоянд.

Дар тӯли даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, принсипи инсондӯстӣ ва ҳамдилӣ дар сиёсати давлат мавқеи махсус гирифтааст. Бо ташаббуси бевоситаи Сарвари давлат то имрӯз бештар аз 18 маротиба қонун дар бораи авф қабул шуда, ба онҳое, ки кирдорҳои ҷиноятӣ содир намудаанд, имконияти нав барои оғози ҳаёти осуда медиҳанд.

Ин тадбирҳо, ки бар асоси бахшиш пазироии ҷамъиятӣ сурат гирифтаанд, мансубияти махсуси ҳуқуқиро барои зиёда аз сад ҳазор нафар шахсоне, ки дар ҳолатҳои махсус ҷазо гирифта буданд, фароҳам овард. Ҳамаи ин тадбирҳо эҳсоси эътимод ва оромишро дар байни мардум зиёд карданд ва дар воқеъ, хати таърихии мо ҳамчун миллат бо таъсиси чунин қонунҳо пайванд мехӯрад. Гурӯҳи олимон чунин мешуморанд, ки асоси озод кардани чунин шахсонро на танҳо инсондӯстӣ, балки инчунин исбот ёфтани он, ки хавфнокии ҷамъиятии онҳо аз байн рафтааст ва онҳо дигар ҷинояти нав содир намекунанд, ташкил медиҳад. Хавфнокии ҷамъиятии чунин шахсон кам мегардад ва ҳамчун қоида, онҳо барои содир кардани ҷинояти нав қодир намебошанд[9,с.441].

Бо ин ҳама, ташаббусҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар амалисозии ин қонунҳо танҳо як гӯшаи хурди аз сиёсати муҳими давлатро нишон намедиҳанд, балки рӯҳияи умумии мардумро ба сулҳу ваҳдати миллӣ ва ҳамоҳангии ҷомеа равона менамояд. Ба баргашти осудаи зиёда аз сад ҳазор инсон ба ҷомеа, давлат ва мардуми мо як қадам боз дар самти инкишоф ва мустақилияти воқеӣ аст[3].

Таҳлили фармони бахшиши ҷазо, ки 30 октябри соли 2020 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар бораи бахшиши 378 нафар маҳкумшудагон ба тавсиб расида буд, метавонад якчанд паҳлӯҳоро дарбар гирад: дар фармон, таваҷҷӯҳи калон ба принсипҳои инсондӯстӣ ва шафқат ҷалб шудааст. Бахшиш ба маънои шикастани ҷазо ва имкони авҷи муносибат ва эҳтиром ба ҳуқуқи инсон аст. Озод кардани 378 нафар аз адои ҷазо дар асоси бахшиш ба онҳо имкони дубора дар ҷомеа бо як шиносоии нави иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дошта мешавад. Озодӣ метавонад барои онҳо имкону имконияти беҳтар ба пешрафт дар ҳаёт, бозсозии шахсият ва ҳаёти оилавӣ бошад, ки таъсироти манфии маҳкумиятро кам мекунад. Агар шахсони маҳкумшуда оиладор бошанд ё кӯдак дошта бошанд, бахшиш метавонад таваҷҷӯҳи махсуси давлат ба муносибатҳои оилавӣ ва ҷомеа бошад. Меҳру шафқат нисбати оилаҳо ва фарзандон як ҷузъи муҳими сиёсати иҷтимоии давлат мебошад. Ба таври умум, амали бахшиш метавонад як ҷузъи равишҳои сулҳу ваҳдат дар ҷомеа бошад. Ваҳдати миллӣ ва ё ин ки расидан ба муносиботи мусоиди сиёсӣ метавонад дар натиҷаи чунин амали бахшишӣ мусоидат кунад. Бахшиш дар низоми ҳуқуқӣ метавонад як хати сафед барои шахсоне бошад, ки дар паи хатоҳои гузашта, ҳатто агар ҳуқуқи ҷазо дошта бошанд, ҳамчун инсони башарӣ барои тараққиёт ва беҳтар кардани ҳаёташон имконият ба даст оваранд.[2].

Ё ин ки бахшида ба Иди байналмилалии Наврӯз ва дар асоси принсипи инсондӯстӣ фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 20 марти соли 2025 ба имзо расид. Дар тавзеҳоти фармон омадааст: “Дар асоси принсипҳои башардӯстӣ, ғамхорӣ ба оила ва кӯдакону наврасон бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бахшиши ҷазои шахсоне, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд», дар арафаи Иди байналмилалии Наврӯз ҷазои 897 нафар маҳкумшудагон бахшида шуда, онҳо аз адои минбаъдаи ҷазо озод карда мешаванд.

Фармони мазкур нисбати маҳкумшудагоне татбиқ мегардад, ки барои содир намудани ҷиноятҳои начандон вазнин, дараҷаи миёна ва вазнин аз озодӣ маҳрум карда шуда, дар муассисаҳои ислоҳӣ адои ҷазо менамоянд» [2]. Э.Ф. Кутсова дуруст қайд менамояд, ки «муносибати инсондӯстона нисбати маҳкумшудаи

бемор бояд бо таъмини амнияти ҷамъият тавъам бошад. Бинобар ин, агар суд дар таъмини амнияти ҷамъият боварӣ надошта бошад, пеш аз муҳлат озод кардан ҷоиз намебошад.».

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Эмомалӣ Насриддинзода дар ҳошияи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2025 «Дар бораи бахшиши ҷазои шахсоне, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда шудаанд» қайд намуданд, ки «Аҷдодони инсондӯсту раиятпарвари мо сар карда аз нахустодам Каюмарс, Фаридуну Ҷамшед, Кайхусраву Кайковус, Курушу Дориюши Кабир, Ардашеру Исмоили Сомонӣ то ба имрӯз покию некӣ, ростию баробарию бародарӣ – яъне ғояҳои олии инсондӯстиро оини хеш қарор додаанд, ки дар шароити кунунӣ чунин арзишҳои неки инсониро фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо маром идома дода истодаанд.

Ба имзо расидани фармони мазкур дар арафаи ҷашни фархундаи Наврӯзи байналмилалӣ ва фарорасии фасли гулу эҳёи табиат бори дигар намунаи барҷаста ва далели гӯёи ба принсипҳои инсондӯстӣ, олиҳиммативӣ, меҳру шафқат ва эҳсонкорӣ асос ёфтани сиёсати инсонмеҳварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон далолат мекунад.

Бахшиши маҳкумшудагон ба тақвияти давлати ҳуқуқӣ кумак мерасонад, зеро он нишон медиҳад, ки низоми адолат ва меҳвари инсондӯстӣ дар он побарҷой буда, ҳуқуқу озодиҳои инсон арзиши олӣ доранд. Ин ҳамчунин боварии шаҳрвандонро ба ҳукумати кишвар ва сарвари давлат тақвият мебахшад» [1].

Моҳияти авф ва бахшиши гуноҳ дар бахшиши гуноҳи шахсони гунаҳгор аз ҷониби Сарвари давлат ифода меёбад. Ҳангоми аз ҷазо озод кардани ин ашхос асос бояд боварӣ ҷой дошта бошад, ки дар ҳолати мавҷудияти беморие вазнин онҳо дигар барои ҷамъият хавфнок намебошанд ва аз имконияти давом додани фаъолияти ҷиноятӣ маҳрум гаштаанд[11,с.56]. Дар бисёр давлатҳо санади авф ва бахшиши ҷазо ба хотири таҷлили ҷашнвораҳои махсусан муҳими давлатӣ ва муътадил намудани вазъи сиёсии кишвар қабул мегарданд. Зарур аст, ки қабули санади авф, пеш аз ҳама, бо назардошти таъмини ҳуқуқу манфиатҳои ҷабрдида ба роҳ монда шавад. Яъне, танҳо нисбати он шахсоне авф бояд татбиқ гардад, ки зарари аз ҷиноят расонидашударо ба пуррагӣ талофӣ намуда бошанд. Иҷрои чунин амал барои амалӣ шудани меъёри Конститутсия, ки дар моддаи 21 пешбинӣ шудааст: «Ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз мекунад. Давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдида кафолат медиҳад», мусоидат менамояд.

Ҳамчунин зарур мешуморем, ки санади авф дар ҳолати махфият таҳия гардида, пеш аз ба қувваи қонунӣ даромаданаш набояд дар васоити ахбори омма муҳокима гардад, зеро, ки пешакӣ донистани қабули санади авф боис мешавад, ки дар ҷумҳурӣ ҷиноятҳои бечазо зиёд гарданд.

Осоиштагӣ, сулҳ ва якдилии миллатҳо арзишҳои муқаддас ва бузург мебошанд, ки ба онҳо бояд эҳтиром гузошт ва дар ҳифзи онҳо кӯшиш кардан вазифаи ҳар як шаҳрванд мебошад. Бинобар ин, дарк кардани аҳамияти сулҳу оромӣ ва дастовардҳои сулҳофаринии кишвар хеле муҳим аст. Вақте ки мо ба осоиштагӣ ва ҳамбастагии миллӣ арзиш медиҳем, мо бо корҳои неки худ кумак мерасонем, ки ин на фақат ба ҳамватанони мо, балки ба ҳамаи инсоният манфиат хоҳад оварад.

Давлате, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эҳтиром мегузорад ва онро ҳамчун арзиши олӣ мепазирад, ҳамеша ба принсипҳои қонуният, демократия ва инсондустӣ асос меёбад. Мақсади асосии қонунгузорӣ ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, ки тавассути фаъолияти мақомотҳои давлатӣ, бахусус ҳокимияти судӣ таъмин мешавад. Дар чунин кишварҳо ҳам мақомоти қонунгузор ва ҳам мақомоти иҷроия ва судӣ вазифаҳои худро тибқи қонун ва принсипҳои ҳуқуқи инсон иҷро мекунанд. Эътироф кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон дар чунин давлатҳо ба як ҷузъи муҳими ҳуқуқи шаҳрвандон ва шароити арзандаи зиндагӣ барои ҳар як инсон табдил меёбад.

Бо дарназардошти таҷрибаҳои таърихии Тоҷикистон заҳматҳое, ки ба барқарор кардани сулҳ ва ваҳдати миллӣ таъсир расонид, сиёсати инсондӯстии Сарвари давлат аст, ки як навъ роҳнамоӣ барои сохтани ояндаи дурахшони миллат буд. Маълум аст, ки дар даврaҳои мураккаб ва хатарноки таърихи кишвар роҳбари давлат ба принсипҳои инсондӯстӣ ва дарки манфиатҳои умумӣ диққати ҷиддӣ додааст. Қонунҳои авф ва бахшишҳо дар Тоҷикистон як роҳ барои расидан ба сулҳ, барқарор кардани муносибатҳо дар ҷомеа ва таъмин кардани рушди иҷтимоии мардум ба ҳисоб меравад. Давлат дар асоси ин принсипҳо барои ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон ва бахшиши шахсони ҷиноятқор, ки дигар барои ҷомеа хатар намеоранд, имкониятҳои нав барои оғози ҳаёти орому осуда фароҳам меорад. Дар маҷмӯъ, ҳамаи ин тадбирҳо исботи онанд, ки Сарвари ба

болоравии ҳаёти иҷтимоии ҷомеа таваҷҷӯҳ доранд ва барои тамоми шаҳрвандони кишвар шароити беҳтар ва рушдро фароҳам меоранд.

ОСВОБОЖДЕНИЕ ОСУЖДЕННЫХ ОТ ОТБЫВАНИЯ УГОЛОВНОГО НАКАЗАНИЯ В СООТВЕТСТВИИ С ЗАКОНОМ ОБ АМНИСТИИ И ПОМИЛОВАНИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: уголовное законодательство; исполнение уголовного наказания; освобождать; гуманизм; осужденные; законность; справедливость; равенство перед законом; амнистия; помилование; права и свободы человека и гражданина.

Аннотация. В статье рассматриваются основные аспекты законодательства, касающиеся защиты прав человека и гражданина в Республике Таджикистан, а также роль законов об амнистии в восстановлении национального единства и поддержании общественного порядка. Рассматривается значение Конституции и принципов правового государства, где приоритет отдается защите прав и свобод граждан, а также созданию условий для их свободного развития. Также подчеркивается, что амнистия, как гуманитарный институт, направлена на смягчение наказания и содействие реабилитации граждан, осужденных за преступления, с учетом их поведения и исправления.

Особое внимание уделяется значению исторического Иджлосии XVI Верховного Совета Республики Таджикистан в 1992 году, который сыграл ключевую роль в прекращении гражданской войны и установлении мира и стабильности в стране. Этот период стал важным этапом в развитии Таджикистана как независимого государства, основы демократического, правового и социального устройства.

Анализируются также конкретные меры и законодательные инициативы, направленные на реабилитацию граждан через амнистию, в том числе данные о количестве амнистированных граждан в разные периоды. Законодательство об амнистии и его применение рассматриваются как важный элемент гуманизации уголовного правосудия и социальной политики страны, направленный на восстановление справедливости и поддержание мира.

RELEASE OF CONVICTED PERSONS FROM SERVING CRIMINAL SENTENCES IN ACCORDANCE WITH THE LAW ON AMNESTY AND PARDON IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: criminal law; execution of criminal punishment; release; humanism; convicts; legality; justice; equality before the law; amnesty; pardon; human and civil rights and freedoms.

Annotation. The article discusses the main aspects of legislation concerning the protection of human and citizen rights in the Republic of Tajikistan, as well as the role of amnesty laws in restoring national unity and maintaining public order. It addresses the importance of the Constitution and the principles of the rule of law, which prioritize the protection of citizens' rights and freedoms and the creation of conditions for their free development. It is emphasized that amnesty, as a humanitarian institution, aims to mitigate punishment and support the rehabilitation of citizens convicted of crimes, considering their behavior and rehabilitation.

Special attention is given to the significance of the historical XVI session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan in 1992, which played a key role in ending the civil war and establishing peace and stability in the country. This period marked an important stage in the development of Tajikistan as an independent state, laying the foundation for its democratic, legal, and social structure.

The article also analyzes specific measures and legislative initiatives aimed at rehabilitating citizens through amnesty, including numerical data on the number of citizens amnestied during different periods. The legislation on amnesty and its application are viewed as an essential element of the humanization of criminal justice and the country’s social policy, aimed at restoring justice and maintaining peace.

Saidvalizoda Barno Saidnabi **-** PhD in Law, Deputy Chairman of the Committee on Law and Order, Defense and Security of the Majlisi Namoyandagon of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan

Рӯйхати адабиёт:

1. https://jumhuriyat.tj/print:page ,1,5496-insondst-dar-mevari-siesati-peshvoi-millat.html
2. https://prezident.tj/event/news/50161

3. https://sadoimardum.tj/ma-lisi-ol/bo-tashabbusi-prezident-onuni-avf-18-marotiba-abul-shud/
4. https://www.president.tj/event/news/21995
5. https://www.president.tj/gallery/videorepor т/34323
6. Масъалаҳои таъини ҷазо ва саркашӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ: омӯзиш. кӯмакпулӣ. дастури таълимӣ / В.И. Арькова, Г. Б. Виттенберг, г. С. Гаверов ва ғайра; таҳрири Г. Б. Виттенберг. Иркутск, соли 1976. саҳ.5.
7. Горшенин а.А. огоҳии Ҷамъиятии институти озодкунӣ аз адои ҷазо // навиштаҳои Илмии донишгоҳи давлатии Ульяновск. Силсилаи «Давлат ва ҳуқуқ: мушкилот, ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳо, пешниҳодҳо». Нашри 4 (21). Ульяновск, соли 2004. Саҳ. 202205.
8. Дурманов Н. Д . Озодкунӣ аз ҷазо тибқи қонунгузории шӯравӣ. Москва, соли 1957. саҳ.4.
9. Курси ҳуқуқи ҷиноятии шӯравӣ (назарияи умумӣ). Том. 2. Нашри ЛГУ. 1970. саҳ. 441.
10. Мальцев В. В. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва татбиқи онҳо дар амалияи татбиқи ҳуқуқ. Санкт-Петербург, Соли 2004. саҳ. 691.
11. Ткачевский Ю. м., Озод шудан аз ҷазо бо сабаби беморӣ. // Қонунгузорӣ, 2000. № 10. Саҳ.56.
12. Шаргородский М.Д. Ҷазо аз рӯи ҳуқуқи ҷиноятии шӯравӣ. Москва, соли 1958. Саҳ. 153.
13. Шарипов Т. С.шартан пеш аз мӯҳлат озод шудан аз адои ҷазо: проблемаҳои назария, қонунгузорӣ ва амалия: дар маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон: реферат. ногаҳонӣ. ... доктор ҳуқуқшинос. илмҳои илмӣ. илм. М., соли 2008. саҳ.36.
14. Эмомалӣ Р. Тоҷикон дар оинаи таърих. Душанбе, 2009. саҳ. 515.

Список литературы:

1. https://jumhuriyat.tj/print:page,1,5496-insondst-dar-mevari-siesati-peshvoi-millat.html
2. https://prezident.tj/event/news/50161
3. https://sadoimardum.tj/ma-lisi-ol/bo-tashabbusi-prezident-onuni-avf-18-marotiba-abul-shud/
4. https://www.president.tj/event/news/21995
5. https://www.president.tj/gallery/videorepor t/34323
6. Вопросы назначения наказания и освобождения от уголовной ответственности и наказания: учеб. пособие / В.И. Арькова, Г.Б. Виттенберг, Г.С. Гаверов и др.; отв. ред. Г.Б. Виттенберг. Иркутск, 1976. С. 5.
7. Горшенин А.А. Социальная обусловленность института освобождения от отбывания наказания // Ученые записки Ульян. гос. ун-та. Серия «Государство и право: проблемы, поиски решений, предложения». Вып. 4 (21). Ульяновск, 2004. С. 202-205.
8. Дурманов Н.Д. Освобождение от наказания по советскому праву. М., 1957. С. 4.
9. Курс советского уголовного права (Чать общая). Т.2. Изд-во ЛГУ. 1970. - С. 441.
10. Мальцев В.В. Принципы уголовного права и их реализация в правоприменительной деятельности. СПб., 2004. С. 691.
11. Ткачевский Ю.М, Освобождение от наказания в связи с болезнью. //Законодательство, 2000. №10.- С.56.
12. Шаргородский М.Д. Наказание по советскому уголовному праву. М., 1958. С. 153.
13. Шарипов Т.Ш. Условное освобождение от отбывания наказания: проблемы теории, законодательства и практики: по материалам Республики Таджикистан: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. М., 2008. С. 36.
14. Эмомалӣ Р. Тоҷикон дар оинаи таърих. – Душанбе, 2009. – С. 515.

Literature:

1. https://jumhuriyat.tj/print:page ,1,5496-insondst-dar-mevari-siesati-peshvoi-millat.html
2. https://prezident.tj/event/news/50161
3. https://sadoimardum.tj/ma-lisi-ol/bo-tashabbusi-prezident-onuni-avf-18-marotiba-abul-shud/
4. https://www.president.tj/event/news/21995
5. https://www.president.tj/gallery/videorepor t/34323
6. Issues of sentencing and punishment from criminal liability and punishment: studies. manual / V.I. Arkova, G.B. Wittenberg, G.S. Gaverov et al.; edited by G.B. Wittenberg. Irkutsk, 1976. p. 5.

7. Gorshenin A.A. Social awareness of the institute of release from serving a sentence // Educational notes of the Ulyanovsk State University. The series «State and Law: problems, search for solutions, proposals». Issue 4 (21). Ulyanovsk, 2004. pp. 202-205.

8. Durmanov N.D. Exemption from punishment under Soviet law. Moscow, 1957. p. 4.

9. Course of Soviet criminal law (General theory). Vol. 2. LSU Publishing House. 1970. - p. 441.

10. Maltsev V.V. Principles of criminal law and their implementation in law enforcement. St. Petersburg, 2004. p. 691.

11. Tkachevsky Yu.M., Release from punishment due to illness. // Legislation, 2000. No. 10.- P.56.

12. Shargorodsky M.D. Punishment under Soviet criminal law. Moscow, 1958. P. 153.

13. Sharipov T.S. Conditional release from serving a sentence: problems of theory, legislation and practices: based on the materials of the Republic of Tajikistan: abstract. surprise. ... Dr. Jurid. nauch. M., 2008. p. 36.

14. Emomali R. Thais in the mirror of history. - Dushanbe, 2009. – p. 515.



ТДУ: 343.8
Зокирова Дилором Ғоибназаровна,
ассистенти кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
E-mail: zokirovadilorom@gmail.ru
Тел.: (+992) 907-57-28-88.

ТАВСИФИ УМУМИИ СУБЪЕКТИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОН ВАЙРОН НАМУДАНИ ҚОНУНГУЗОРӢ ОИД БА МУРОҶИАТИ ШАҲРВАНДОН

Калидвожаҳо: қонунгузорӣ; қонунгузории ҷиноятӣ; субъекти ҷиноят; субъекти махсус; ҷавобгарии ҷиноятӣ; объект; тарафи объективӣ; субъект; тарафи субъективӣ; мурочиати шаҳрвандон.

Аннотатсия. Дар мақола мафҳум ва хусусиятҳои субъекти ҷавобгарии ҷиноятӣ барон вайрон намудани қонунгузорӣ оид ба мурочиати шаҳрвандон ба таври мушаххас баррасӣ шуд. Муайян гардид, ки субъект дар ин ҳолат шахси воқеии мансабдоре мебошад, ки тибқи вазифа уҳдадор аст мурочиатҳоро қабул ва баррасӣ намояд. Махсусиятҳои субъекти махсус дар ҷинояти мазкур пурра мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Мурочиати шаҳрвандон яке аз воситаҳои муҳими таъмини муносибатҳои демократӣ миёни давлат ва ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ин ҳуқуқ ҳамчун яке аз кафолатҳои асосии иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии кишвар эътироф шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи мурочиат кардан ба мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор дар моддаи 27 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардида, тавассути Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” аз 23 июли соли 2016 [4] муфассал танзим шудааст.

Ҳуқуқ ба мурочиат ба мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои асосии конститутсионии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст. Ин ҳуқуқ ба ҳар як шахс имкон медиҳад, ки бо ариза, дархост, шикоят ё пешниҳоди худ ба мақомоти давлатӣ мурочиат намояд ва ҷавоби қонуниро дар муҳлати муайян дарёфт кунад.

Мутаассифона, дар амалия ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки мурочиати шаҳрвандон нодида гирифта мешавад, муҳлатҳои қонунӣ риоя намешаванд, ҷавобҳои расмӣ дода намешаванд ва ё баррасии мурочиат бо таҳқир ва беэътиноӣ анҷом меёбад. Мавқеи муҳимро дар пешгирии ин ҳолатҳо масъулияти ҳуқуқии шахсони мансабдор**,** махсусан ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар бораи мурочиати шаҳрвандон ишғол мекунад. Танзими ин гуна ҷавобгарӣ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [1], алалхусус дар моддаи 163, ҳамчун воситаи муҳими ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон мавқеи хос дорад.

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор вазифадоранд мурочиати шаҳрвандонро қабул, баррасӣ ва ҷавоб диҳанд. Муҳлатҳо, тартиб ва усулҳои баррасӣ дар қонунгузорӣ возеҳ нишон дода шудаанд. Аммо дар амал ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки ин талабот риоя намешаванд ва ҳуқуқи мурочиаткунанда поймол мегардад.

Қонуни мазкур муносибатҳоро вобаста ба тартиби пешниҳод ва баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии онҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳо, муассисаҳо, корхонаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ (минбаъд - мақомоту ташкилоти дахлдор), ирсол гардидаанд, танзим менамояд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”: тартиби пешниҳоди мурочиатро муайян мекунад; навъҳои мурочиат (ариза, дархост, шикоят, пешниҳод ва ғ.)-ро мушаххас менамояд; муҳлатҳои муайяни баррасии мурочиатро пешбинӣ мекунад; масъулияти мақомоти дахлдорро барои баррасии саривақтӣ ва дурусти мурочиатҳо муқаррар менамояд; ҳуқуқу уҳдадориҳои мурочиаткунанда ва мақомоти қабулкунандаро муайян мекунад.

Илова ба Қонуни зикршуда, як қатор санадҳои дигар низ ин равандро танзим менамоянд, аз ҷумла:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»**,** ки уҳдадории

хизматчиёни давлатиро дар самти баррасии муроҷиатҳо муқаррар мекунад;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», ки барои мақомоти маҳаллӣ низ вазифаҳои дахлдор дар баррасии муроҷиатҳоро муайян менамояд;
- Оинномаҳо ва дастурамалҳои дохилии муассисаҳои давлатӣ, ки ҷараён ва муҳлатҳои муҳими баррасии муроҷиатҳоро танзим менамоянд;
- ҳамчунин санадҳои зерқонунии мақомот, аз ҷумла қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амрҳои роҳбарони вазорату идораҳо.

Дар амалия, муроҷиатҳои шаҳрвандон метавонанд шакли ариза, шикоят, дархост ё пешниҳод дошта бошанд. Ҳар яке аз ин навъҳо дорои хусусиятҳои ҳуқуқии хос мебошанд. Масалан: ариза - барои дарёфти иттилоот, кумак ё тасдиқи ҳуқуқҳо; шикоят - барои бартарафсозии амалҳои ғайриқонунӣ ё қарорҳои нодуруст; дархост - дархости иҷрои як амали мушаххас; пешниҳод - дар бораи беҳтарсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ё қонунгузорӣ.

Дар асоси муқаррароти моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ба мақомоту ташкилоти дахлдор воридгардида бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд. Мақомоти баррасикунандаи муроҷиат уҳдадоранд:

- баррасии воқеъбинона, холисона, беғаразона ва саривақтии муроҷиатҳоро таъмин намуда, масъалаҳои гузошташударо ҳангоми зарурат бо иштироки муроҷиаткунандагон, даъвати шахсони дахлдор санҷанд;

- барои пурра, холисона ва ҳаматарафа баррасӣ намудани муроҷиат аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва аз мақомоту ташкилоти дахлдор маводи заруриро талаб намоянд;

- барои барқарор кардан ва (ё) ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии вайронгардидаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ чорабӯӣ намоянд;

- аз рӯи моҳияти масъалаҳои дар муроҷиат гузошташуда, ба истиснои ҳолатҳои дар қисмҳои 1 ва 4 моддаи 19 Қонуни мазкур пешбинигардида, ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ посухи хаттӣ диҳанд;

- муроҷиаткунандаро дар муҳлати се рӯз аз лаҳзаи қабули қарор оид ба ирсоли муроҷиат барои баррасӣ аз рӯи тобеият ба дигар мақомоту ташкилоти дахлдор хабардор намоянд;

- муроҷиатро асоснок ва тибқи қонун ҳал намуда, иҷрои онро назорат намоянд;

- посух ба муроҷиат бояд бо забони давлатӣ ва ҳангоми мавҷуд будани дархост инчунин бо забоне, ки муроҷиат навишта шудааст, вобаста ба ҳар як масъалаи гузошташуда, бо асосноккунии тасдиқ ё рад намудани ҳолатҳои зикршуда ва бо назардошти меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба роҳбарӣ гирифта шудаанд, омода карда шавад;

- доир ба натиҷаи баррасии муроҷиат ба муроҷиаткунанда иттилоот диҳанд;

- тартиби шикоят намуданро ба муроҷиаткунанда нисбати натиҷаи баррасии муроҷиат (посух ба муроҷиат) фаҳмонида диҳанд;

- маълумотҳоро оид ба баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мунтазам таҳлил намуда, барои бартараф намудани сабабу шароитҳое, ки боиси вайронкунии ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ гардидаанд, тадбирҳо андешанд ва ғайра.

Барои ҳамаи навъҳои мазкур муҳлати мушаххаси баррасӣ ва тартиби ҷавобдиҳӣ муқаррар шудааст. Тибқи моддаи 18 Қонуни мазкур муроҷиатҳои ба мақомоту ташкилоти дахлдор пешниҳодшуда дар давоми си рӯз ва муроҷиатҳое, ки омӯзишу таҳқиқи иловагиро талаб намекунанд, дар муҳлати понздаҳ рӯз аз рӯзи ба қайд гирифта шуданашон баррасӣ карда мешаванд. Дар ҳолатҳои истисноӣ, инчунин дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи 20 Қонуни мазкур роҳбари мақомоту ташкилоти дахлдор ҳуқуқ дорад муҳлати баррасии муроҷиатро ба муддати на зиёдтар аз сӣ рӯз тамдид намуда, дар ин хусус ба муроҷиаткунанда дар муҳлати се рӯз хабар расонад.

Бояд гуфт, ки барои таъмини иҷрои саривақтии муроҷиатҳо ва пешгирии ҳолатҳои беэътиноӣ, қонунгузории амалкунанда назорат ва ҷавобгариро пешбинӣ кардааст. Масалан, дар ҳолати рад ё сарфи назар кардани муроҷиат беасос, шахси мансабдор метавонад ба ҷавобгарии маъмурӣ ё ҷиноятӣ кашида шавад; тибқи моддаи 163 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсоне, ки қонунгузории муроҷиати шаҳрвандонро қасдан вайрон мекунанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб мешаванд.

Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгариро барои як қатор амалҳои ғайриқонунии шахсони мансабдор, аз ҷумла вайрон кардани талаботи баррасии муроҷиатҳо муқаррар намудааст. Моддаи 163 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ҳолатҳоро ҳамчун ҷиноят муқаррар мекунад.

Радди ғайриқонунии баррасии мурољиати шаҳрвандон, бидуни сабабҳои узрнок вайрон намудани муҳлати баррасии арзу шикояти онҳо, қабули қарори беасос ва хилофи қонун, инчунин вайрон кардани қонунҳо оид ба мурољиати шаҳрвандон, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшудаи шаҳрвандон, ҷамъият ё давлат зарари ҷиддӣ ворид намудааст, ҳамчун асоси вайрон кардани қонунҳо оид ба мурољиати шаҳрвандон маҳсуб гардида, тибқи муқаррароти моддаи 163 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ба вуҷуд омадани ҷавобагрии ҷиноятӣ мегардад.

Таъқиби шаҳрванд аз ҷониби шахси мансабдор вобаста ба мурољиати ӯ ба мақоми давлатӣ, корхона, ташкилоту муассиса ё иттиҳоди ҷамъиятӣ ё барои танқиди дар мурољиаташ инъикосёфта, инчунин барои дар шакли дигар бо танқид баромад карданаш, ҳамчун асоси вазнинкунандаи ин ҷиноят ба шумор меравад.

Мутобиқи ин модда, сарфи назар ё баррасии ғайриқонунии мурољиати шаҳрванд аз ҷониби шахси мансабдор дар сурати боиси зарари ҷиддӣ шуданаш метавонад боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ гардад. Ин кирдор бояд дорои унсурҳои ҷиноят, аз ҷумла қасдона, зарар, субъекти махсус ва ғайра бошад.

Мурољиатҳои шаҳрвандон воситаи муҳим барои муайянсозии нуқсонҳо дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, ислоҳи камбудиҳо ва таҳкими робитаи байни давлат ва ҷомеа мебошад. Он инчунин механизми зоҳирсозии ҳуқуқҳои инсон, адолат ва шарикии иҷтимоӣ дар ҷомеаи демократӣ ба ҳисоб меравад.

Барои он ки амали шахси мансабдор ҳамчун ҷиноят эътироф шавад, он бояд ҳамаи унсурҳои таркиби ҷиноятро доро бошад:

- Объект – муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо татбиқи ҳуқуқи мурољиати шаҳрвандон вобастаанд;
- Объекти моддӣ – мурољиат (ариза, пешниҳод, шикоят), ки бо риоя накардани қонун зарар дидааст;
- Тарафи объективӣ – беамалӣ ё баррасии ғайриқонунии мурољиат, ки боиси зарари воқеӣ шудааст.
- Субъект – шахси мансабдори расмие, ки тибқи вазифаи хизматӣ уҳдадор аст мурољиатро баррасӣ кунад.
- Тарафи субъективӣ – айбнокӣ бо шакли қасдан, яъне шахс медонад, ки мурољиатро баррасӣ намекунад ва оқибаташро дарк мекунад.

Ҳуқуқвайронкуниҳо вобаста ба мурољиати шаҳрвандон вобаста ба дараҷаи хатарнокӣ метавонанд шаклҳои зеринро дошта бошанд: хусусияти интизомӣ (масалан, иҷро накардани муҳлати баррасии мурољиат); хусусияти маъмурӣ (масалан, сарфи назар кардани мурољиат ё ҷавоб додан бо шакли ғайриқонунӣ); хусусияти ҷиноятӣ, ки хатарноктар буда, дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар шудааст ва унсурҳои ҷиноятро дар бар мегирад.

Мувофиқи моддаи 163 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баррасӣ накардан ё иҷро накардани талаботи қонун дар бораи мурољиати шаҳрвандон, ки боиси поймол шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс мегардад, ҳамчун ҷиноят дониста мешавад. Ин модда ҳимояи ҳуқуқии мурољиаткунандаро таъмин намуда, барои амалҳои зерин ҷавобгариро пешбинӣ мекунад:

- рад кардан ё сарфи назар кардани мурољиат бе асосҳои қонунии муътабар;
- ҷавоб надодан ба мурољиат дар муҳлати муқарраршуда;
- додани ҷавоби нодуруст, таҳқиромез ё ғайриқонунӣ;
- ба таъхир андохтани ҳаллу фасли масъалаҳои ба мурољиат дахлдор бо нияти ба кор нагирифтани он.

Дар амалияи судӣ, исботи он ки шахс қасдан ва бо донистани талаботи қонун мурољиати шаҳрвандро баррасӣ накардааст, муҳим аст. Судҳо бояд дар чунин парвандаҳо равшан муайян намоянд: оё шахс воқиф буд, ки мурољиат дар муҳлати муайян бояд баррасӣ шавад; оё ӯ имкони воқеии иҷрои вазифаро дошт; оё рад ё беамалии ӯ ба ҳуқуқи шаҳрвандон таъсири манфӣ расонидааст. Ин ҳолатҳо тавассути шоҳидон, ҳуҷҷатҳои расмӣ, маълумотномаҳо ва дигар далелҳо тасдиқ мегарданд.

Тарафи объективии ин ҷиноят дар амалҳои зерин ифода мегардад:

а) ради ғайриқонунии баррасии мурољиати шаҳрвандон;

б) вайрон намудани мӯҳлати баррасии арзу шикояти шаҳрвандон (бидуни сабабҳои узрнок);

в) қабули қарори беасос ва хилофи қонун;

г) дигар амалҳо оид ба вайрон кардани қонунҳо оид ба мурољиати шаҳрвандон.

Мувофиқи қонун, мурољиатҳои шаҳрвандон аз таклифҳою аризаҳо ва шикоятҳо иборат мебошанд.

а) таклифҳо мурољиатҳои шаҳрвандон, ки барои беҳтар намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ ё иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо равона карда шудаанд.

Мақоми давлатӣ ё иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо вазифадор мебошанд, ки таклифҳои шаҳрвандонро

ҳаматарафа баррасӣ намуда, аз натиҷаашон мувофиқи хоҳиши онҳо барояшон хабар диҳанд.

б) аризаҳо муроҷиатномаҳои шаҳрвандон, ки барои бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳои барояшон маълумшуда равона карда шудаанд ё аз хоҳиши амалӣ намудани ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва ташкилотҳо иборатанд.

в) шикоятҳо муроҷиатномаҳои шаҳрвандон бо талаби барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои конунии онҳо, ки аз амал, беамалӣ ё бо қарорҳои мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ. корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, инчунин, шахсони мансабдор вайрон карда шудаанд.

Муроҷиатҳо инфиродӣ ё коллективӣ буда метавонанд, ки дар шакли шифоҳӣ ё хаттӣ пешниҳод мегарданд ва барои ҳимояи хукуқи шахсӣ, инчунин ҳуқуқи дигар шахсон ва ташкилотҳои дигар равона карда мешаванд.

Талаботе, ки нисбати муроҷиатҳо пешниҳод мегардад аз инҳо иборат аст: дар муроҷиат бояд насаб, ном, суроғаи шаҳрванд, моҳияти таклиф, ариза ё шикоят зикр гарданд. Муроҷиатҳое, ки дар онҳо насаб, ном ва суроғаи шаҳрванди муроҷиатнамуда зикр нашудаанд, муроҷиати беном дониста шуда, мавриди баррасӣ қарор намегиранд. Муроҷиатҳое низ беном дониста мешаванд, ки дар онҳо насаб, ном ва суроғаи муроҷиаткарда (муроҷиаткунандагон) ба воқеият мувофиқ нестанд.

Таркиби моддаи 163 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддӣ буда, фаро расидани оқибатҳои вазнинро дар намуди расонидани зарари ҷиддӣ ба ҳуқуқ ва манфиатҳои конунии шаҳрвандон, ҷамъият ё давлат талаб мекунад. Зарари расонидашуда ҷиддӣ аст ё не аз ҳолатҳои мушаххаси кор вобаста буда, танҳо аз ҷониби макомоти тафтишотӣ ва судӣ муайян карда мешавад.

Тарафи субъективии ҷиноят дар гуноҳи қасдона (қасди бевосита ва ё бавосита) ифода мегардад.

Субъекти ин ҷиноят махсус, яъне, шахсоне, ки барои баррасии муроҷиати шаҳрвандон, риоя намудани муҳлати баррасии он, қабули қарор нисбат ба онҳо муттасадӣ мебошанд.

Тибқи муқаррароти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, субъект ё шахси ҷавобгар шахси воқеӣ буда, қобилияти ақлонӣ дошта ва ба синни муайян расида мебошад. Дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, субъекти ҷавобгарии ҷиноятӣ - шахсест, ки қобилияти ҳуқуқии ҷиноятӣ дошта, барои содир кардани ҷиноят метавонад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад. Дар моддаи 23 Кодекс пешбинӣ мегардад, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ шахсе кашида мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст. Барои ҷинояти дар моддаи 163 муқарраргардида бошад, субъект махсус аст - шахси мансабдор.

Доир ба мафҳуми субъекти ҷиноят дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаҳои мухталиф мавҷуд мебошанд. Масалан, дар адабиётҳо қайд мегардад, ки «субъекти ҷиноят унсури асосии таркиби ҷиноят буда, мазмуни ин унсур субъективӣ мебошад ва ба шахсе тааллуқ дорад, ки кирдори барои ҷамъият хавфнок содир кардааст ва барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯ тамоми аломатҳо мавҷуд мебошанд» [7, с. 180].

Субъекти ҷиноят яке аз унсурҳои ҳар як таркиби ҷиноят дар баробари объект, тарафи объективӣ ва субъективӣ ҳамеша ба шумор меравад. Бояд гуфт, ки дар қонунгузории ҷиноятии мамлакат истилоҳи «субъекти ҷиноят» истифода нашудааст [6, с. 23].

Р.И. Шарипов бар он назар аст, ки «мафҳуми субъекти ҷиноят, дарки хосият ё аломатҳои психофизикии он барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ва таъини ҷазо барои содир намудани ҷиноят нақши муҳим мебозад. Субъекти ҷиноят шахсе мебошад, ки кирдори барои ҷамъият хавфнок содир кардааст ва мувофиқи қонун он ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад [11, с. 136].

Мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, субъекти ҷиноят шахси мукаллафе мебошад, ки дар вақти содир кардани ҷиноят ба синни муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ расидааст. Аз мафҳуми мазкур ду хулосаи муҳим баровардан мумкин аст. «Аввалан, танҳо шахсони ҷисмонӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд. Сониян, на ҳама шахсони ҷисмонӣ субъекти ҷиноят ба ҳисоб мераванд, балки танҳо ҳамон шахсоне, ки дорои аломатҳои муайян, яъне, мукаллафӣ ва дорои синну соли муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ мебошанд. Ин аломатҳо барои субъекти ҷиноят ҳатмӣ мебошанд» [8, с. 272].

Дар мавриди вайрон кардани қонунгузорӣ оид ба муроҷиати шаҳрвандон, мо бештар бо субъектҳои махсус ё вазифадор (мансабдор) рӯ ба рӯ мешавем. Ин ҷиноят асосан аз ҷониби шахсоне содир мегардад, ки вазифадор шудаанд муроҷиатҳои шаҳрвандонро қабул ва баррасӣ намоянд ва чораҳои дахлдор андешанд. Ҳамин тариқ, субъект метавонад танҳо шахси мансабдор бошад, ки дар доираи ваколатҳои худ қонунгузории муроҷиати шаҳрвандонро вайрон кардааст.

Шахси мансабдор касест, ки бо салоҳият ва ӯҳдадориҳои муайян дар мақомоти давлатӣ ё ташкилотҳои дахлдор фаъолият мекунад. Ба онҳо кормандони мақомоти мақомоти иҷроия, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судҳо, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва дигар шахсони масъул дохил мешаванд.

Тибқи моддаи 163 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон**,** ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани муқаррароти баррасии муроҷиати шаҳрвандон, махсусан дар ҳолате пешбинӣ шудааст, ки шахси масъул муроҷиатҳоро беасос рад мекунад, сари вақт онҳоро баррасӣ намекунад, ё худ чораҳои қонунӣ намеандешад. Ҳамин тариқ, субъекти махсус дар ин маврид бояд дорои аломатҳои зерин бошад:

- шахси воқеии мукаллаф;
- расидан ба синни 16-сола (ё бештар вобаста ба навъи вазифа);
- қобилияти пурраи ҳуқуқӣ ва аккредитатсия (агар дар системаи давлатӣ фаъолият дошта бошад);
- ишғол кардани вазифаи ба баррасии муроҷиати шаҳрвандон марбут (масалан, корманди мақомоти давлатӣ, масъули идораҳои давлатӣ, котибони қабул ва ғайра).

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, мафҳуми субъекти ҷавобгарии ҷиноятӣ яке аз унсурҳои зарурии таркиби ҷиноят маҳсуб меёбад. Барои ҷиноят донистани рафтори шахс, на танҳо кирдор бояд ғайриқонунӣ ва хатарнок бошад, балки бояд аз тарафи шахсе содир гардад, ки қобилияти ҳуқуқии ҷиноятӣ дошта бошад. Ин шахс "субъекти ҷиноят" номида мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар нагардидааст. На танҳо дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар қонунгузории ҷиноятии Федератсияи Россия низ мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят дода нашудааст. Тавре ки муҳаққиқон қайд мекунанд, «Қонуни ҷиноятии феълии Федератсияи Россия, ба мисли қонунгузории пешин, категорияи субъекти махсусро муайян намекунад, аммо дар зиёда аз 40%-и ҷиноятҳои Қисми махсуси он бевосита нишон дода шудааст ё ба он ишора гардидааст» [9, с. 98].

Субъекти махсуси ҷиноят ҳамчун субъекти ҷиноят фаҳмида мешавад, ки «дар баробари аломатҳои умумӣ ақаллан як аломати иловагии махсус дорад, ба монанди ҷинс, касб, намуди фаъолият, вазъи шаҳрвандӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шахсе, ки кирдори ҷиноятӣ содир кардааст» [5, с. 26].

С.М. Кочои қайд мекунад, ки «баъзан барои фарорасии ҷавобгарии ҷиноятӣ қонун талаб мекунад, ки шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, натанҳо аломатҳои ҳатмӣ, балки аломатҳои иловагӣ низ дошта бошад. Чунин субъекти ҷиноятро махсус меноманд» [2, с. 47].

Субъекти махсуси ҷиноят шахсе мебошад, ки ба ғайр аз се аломати ҳатмӣ, дорои аломатҳои дигари иловагии махсусан дар ҷиноят нишондодашуда мебошад. Ин аломатҳоро аз рӯи таснифоташон метавон чунин номбар кард: шаҳрвандӣ; ҷинс; муносибатҳои оилавӣ; вазифаи хизматӣ ва вазифаҳои касбӣ; муносибат ба хизмати ҳарбӣ ва ғайра [10, с. 125].

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ субъекти махсуси ҷиноят шахсе мебошад, ки «дар баробари аломатҳои умумӣ бо аломатҳои иловагии зарурӣ барои ташаккули ҷинояти навъи муайян тавсиф карда мешавад» [3, с. 95].

Моддаи 163 ба шахсони мансабдор дахл дорад, ки тибқи вазифаи хизматиашон уҳдадоранд муроҷиатҳои шаҳрвандонро баррасӣ кунанд. Ба ин гурӯҳ дохил мешаванд:

- роҳбарон ва кормандони мақомоти давлатӣ (вазоратҳо, идораҳо, ҳокимиятҳо);
- намояндагони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;
- кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
- шахсони масъул дар муассисаҳои давлатӣ, ки уҳдадориҳои қабули муроҷиат доранд (мисли сардорони шӯъбаҳо, котибон ва дигар кормандони масъул).

Барои шарҳи масоили мазкур мисолҳои зеринро овардан мумкин аст: Мисоли 1: Сардори як шӯъбаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ муроҷиати як шаҳрвандро оид ба вайрон гардидани ҳуқуқи ӯ ба манзил рад карда, ба ариза ҷавоб надодааст, гарчанде қонун уҳдадор мекунад, ки дар муҳлати 15 рӯз ҷавоб диҳад. Дар натиҷа шаҳрванд зиёни воқеӣ дидааст. Ин ҳолат, агар бо далелҳо исбот гардад, метавонад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашад. Мисоли 2: Корманди шӯъбаи кадрҳои идораи давлатӣ бо вуҷуди муроҷиати такрории шаҳрванд дониста муроҷиатро ба сабаби муносибатҳои шахсӣ ба қафо андохтааст. Агар маълум шавад, ки ин беамалӣ бо нияти зиён расонидан ба ҳуқуқи муроҷиаткунанда сурат гирифтааст, ин ҳам метавонад асоси ҷиноят бошад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, субъектҳои махсус одатан бо мансаб, касб ё мақоми ҳуқуқии худ фарқ мекунанд**,** ки имконият ва масъулияти бештар барои иҷрои талаботи қонунро доранд. Бинобар ин, агар чунин шахсҳо аз иҷрои уҳдадориҳои худ саркашӣ кунанд, ҷавобгарии

онҳо шадидтар арзёбӣ мешавад. Ин гуна муносибат ба субъект ба хотири пешгирии сӯистифода аз вазифа ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон мебошад.

Вайрон кардани ҳуқуқи муроҷиат, махсусан аз тарафи шахсони мансабдор, метавонад оқибатҳои зеринро ба бор оварад:

- поймол шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрванд;
- аз байн рафтани эътимоди шаҳрвандон ба мақомоти давлатӣ;
- афзоиши шикоятҳо ва норозигии иҷтимоӣ;
- ба миён омадани замина барои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла маъмурӣ ва ҷиноятӣ.

Ҳамзамон, бояд зикр кард, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо дар ҳолати исбот шудани қасдан ё беэҳтиётӣ содир шудани кирдор, яъне мавҷудияти шакли гунаҳи қасдан ё ғайриқасд**,** татбиқ мегардад. Яъне танҳо саҳван амалӣ намудани хатогӣ бе нияти вайрон намудани ҳуқуқи шаҳрвандон метавонад ҷавобгарии ҷиноятиро истисно намояд, вале на ин ки ҷавобгарии интизомӣ ва маъмуриро.

Бо назардошти мавқеи қонунии субъект, шахсони мансабдор, ки ба талаботи моддаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” риоя намекунанд, метавонанд таҳти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор гиранд, агар чунин рафтори онҳо боиси вайрон шудани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон гардад.

Хусусияти хоси субъект дар ин модда дар он аст, ки ӯ на танҳо қобилияти ҳуқуқӣ, балки уҳдадории ҳуқуқии баррасии муроҷиатро дошта бошад. Агар чунин шахс қасдан муроҷиати шаҳрвандро сарфи назар кунад ё онро беасос рад намояд ва аз ин амал зарари ҷиддӣ расад, ӯ метавонад ҳамчун ҷиноятқор шинохта шавад.

Таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки мушкилоти асосӣ дар татбиқи муқаррароти қонун дар бораи муроҷиати шаҳрвандон дар чунин шакл мавҷуд мебошанд: сатҳи пасти маърифатнокии ҳуқуқии аҳолӣ; беаҳамиятӣ ва сӯистифода аз салоҳият аз ҷониби мансабдорон; набудани назорати муассир; душвории исботи қасдан будани беамалӣ; дастрас набудани механизмҳои ҳимояи фаврии ҳуқуқи муроҷиаткунанда.

Вобаста ба ин, дар ин самт андешидани тадбирҳои зерин муҳим мебошад: пурзӯр намудани назорати прокурорӣ дар самти мазкур; такмили қонунгузорӣ ва муқаррар кардани ҷавобгарии сахттар барои беамалӣ; рақамикунонии раванд ва шаффофгардонии баррасии муроҷиатҳо; баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ; таъмини омӯзиш ва такмили ихтисоси кормандони давлатӣ.

Хулоса, ҳуқуқ ба муроҷиат яке аз шаклҳои муҳими ифодаи иродаи шаҳрванд ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Вайрон кардани ин ҳуқуқ, махсусан аз ҷониби шахсони мансабдорони давлатӣ, на танҳо боиси зарари ҳуқуқӣ мегардад, балки ба паст гардидани эътимоди ҷомеа ба низоми идоракунии давлатӣ боис мешавад.

Масъалаи риояи ҳуқуқи муроҷиат яке аз масъалаҳои муҳими ҳуқуқи инсон дар ҷомеаи ҳуқуқбунёд мебошад. Вайрон кардани ин ҳуқуқ метавонад на танҳо ба ҳуқуқи инфиродӣ зарар расонад, балки эътимоди ҷомеаро ба сохторҳои давлатӣ коста гардонад. Аз ин рӯ, таъмин ва тақвияти масъулияти шахсони мансабдор дар ин самт на танҳо талаботи ҳуқуқӣ, балки ҷавобгӯи манфиатҳои умумии ҷомеа низ мебошад.

Аз ин рӯ, тақвияти ҷавобгарии шахсони мансабдор, такмили механизмҳои назоратӣ ва таъмини шаффофияти баррасии муроҷиатҳо барои беҳтар намудани ҳолати мазкур зарур ва ногузир мебошад. Ин чораҳо дар маҷмӯъ метавонанд заминаи боэътимоди ҳифзи ҳуқуқи муроҷиаткунандагонро фароҳам оваранд ва ба таҳкими волоияти қонун мусоидат намоянд.

Вайрон кардани қонунгузории муроҷиати шаҳрвандон ин рафтори ғайриқонунии шахси мансабдор ё корманди масъули мақомоти давлатӣ мебошад, ки дар натиҷаи он муроҷиати шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ тибқи тартиби муқарраргардида баррасӣ намешавад ё нодуруст ҳал мегардад. Ин амал боиси маҳрумшавии шаҳрвандон аз истифодаи қонунии ҳуқуқҳои худ гардида, метавонад асос барои ба миён омадани ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷиноятӣ бошад.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Қудратов Н.

ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА СУБЪЕКТА УГОЛОВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА НАРУШЕНИЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА ОБ ОБРАЩЕНИЯХ ГРАЖДАН

Ключевые слова: законодательство; уголовное законодательство; субъект преступления; специальный субъект; уголовная ответственность; объект; объективная сторона; субъект; субъективная сторона; обращение граждан.

Аннотация. В статье специально рассматриваются понятие и признаки субъекта уголовной ответственности за нарушение законодательства об обращениях граждан. Установлено, что субъектом в данном случае является физическое лицо, должностное лицо, которое в силу своего положения обязано принимать и рассматривать обращения. Полностью проанализированы признаки специального субъекта в данном преступлении.

Зокирова Дилором Гоибназаровна - ассистент кафедры права факультета права и таможенного дела Таджикского международного университета туризма и предпринимательства. Тел.: (+992) 907-57-28-88. E-mail: zokirovadilorom@gmail.ru

GENERAL DESCRIPTION OF THE SUBJECT OF CRIMINAL LIABILITY FOR VIOLATION OF THE LEGISLATION ON CITIZENS' APPLICATIONS

Keywords: legislation; criminal legislation; subject of crime; special subject; criminal liability; object; objective side; subject; subjective side; citizens' application.

Annotation. he article specifically discusses the concept and characteristics of the subject of criminal liability for violation of the legislation on citizens' applications. It was found that the subject in this case is a natural person, an official who, by virtue of his position, is obliged to receive and consider applications. The features of the special subject in this crime are fully analyzed.

Zokirova Dilorom Goibnazarovna - Assistant Professor of the Law Department, Faculty of Law and Customs, Tajik International University of Tourism and Entrepreneurship. Phone: (+992) 907-57-28-88. E-mail: zokirovadilorom@gmail.ru

Рӯйхати адабиёт:

1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 22.05.2025).

2. Кочои С.М. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисмҳои умумӣ ва махсус: Китоби дарсӣ. Курси мухтасар. – М., 2009. – 447 с.

3. Қудратов Н.А. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ: Воситаи таълимию методӣ. – Душанбе, 2012. – 366 с.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” аз 23 июли соли 2016, №1339 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 22.05.2025).

5. Рябцева Л.А. Субъекти махсуси ҷиноят: мафҳум ва хусусиятҳои умумӣ // Мубориза бар зидди ҷиноякорӣ: назария ва амалия: тезисҳои маърӯзаҳои Конфронси VII байналмилалии илмӣ-амалӣ (Могилев, 5 апрели 2019) / Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Беларус, муассисаи таълимии «Институти Могилеви Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Беларус»; хайати тахририя: Ю.П. Шкаплеров (муҳаррир) [ва дигарон]. - Могилев: Могилев. Донишкадаи ВКД, 2019. – С. 87-89.

6. Сайдализода О.С. Субъекти махсуси ҷиноят: дисс. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2025. – 188 с.

7. Ҳуқуқи ҷиноятии Русия. Қисми умумӣ: Китоби дарсӣ / Зери таҳрири В.П. Ревин. – М.: Юстицинформ, 2016. – 580 с.

8. Ҳуқуқи ҷиноятии Русия. Қисми умумӣ: Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Ф.Р. Сундуров, И. Тарханов. – Нашри 2, аз нав дида баромада ва васеъ карда шудааст. – М.: Статут, 2016. – 864 с.

9. Устименко В.В. Субъекти махсуси ҷиноят. – Харков: Мактаби олӣ, 1989. – С. 103. 104 с.

10.Ҳуқуқи ҷиноятӣ / Зери таҳрири номзади илми ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илми ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 336 с.

11.Шарипов Р.И.Мафҳуми субъекти умумӣ ва махсуси қаллобӣ дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. - 2020. - № 4 (36). - С. 136-141.

Список литературы:

1. Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 года // Централизованная информационная база данных по правовым вопросам Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата доступа: 22.05.2025).

2. Кочои С.М. Уголовное право. Общая и Особенная части: Учебник. Краткий курс. – М., 2009. – 447 с.

3. Кудратов Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть: Учебно-методический комплекс. – Душанбе, 2012. – 366 с.

4. Закон Республики Таджикистан «Об обращениях физических и юридических лиц» от 23 июля 2016 года, № 1339 // Централизованная информационная база данных по правовым вопросам Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата доступа: 22.05.2025).

5. Рябцева Л.А. Специальный субъект преступления: понятие и общая характеристика // Борьба с преступностью: теория и практика: тезисы докладов VII Международной научно-практической конференции (Могилев, 5 апреля 2019 года) / Министерство внутренних дел Республики Беларусь, учреждение образования «Могилевский институт Министерства внутренних дел Республики Беларусь»; редкол.: Ю.П. Шкаплеров (отв. ред.) [и др.]. – Могилев: Могилев. институт МВД, 2019. – С. 87-89.

6. Саидализода О.С. Специальный субъект преступления: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2025. – 188 с.

7. Уголовное право России. Общая часть: Учебник / Под ред. В.П. Ревина. – М.: Юстицинформ, 2016. – 580 с.

8. Уголовное право России. Общая часть: Учебник / Под ред. Ф.Р. Сундурова, И.А. Тарханова. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Статут, 2016. – 864 с.

9. Устименко В.В. Специальный субъект преступления. – Харьков: Выша школа, 1989. – С. 103. 104 с.

10. Уголовное право / Под ред. к.ю.н., доцента Х.С.Салимова и к.ю.н., доцента Н.А.Гаффоровой. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 336 с.

11. Шарипов Р.И. Понятие общего и специального субъекта мошенничества по уголовному законодательству Республики Таджикистан // Академический юридический журнал. – 2020. – №4 (36). – С. 136-141.

List of literature:

1. Criminal Code of the Republic of Tajikistan of May 21, 1998 // Centralized information database on legal issues of the Republic of Tajikistan «Adlia». Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (access date: 05/22/2025).

2. Kochoi S.M. Criminal law. General and Special parts: Textbook. Brief course. - M., 2009. - 447 p.

3. Kudratov N.A. Criminal law of the Republic of Tajikistan. General part: Educational and methodological complex. - Dushanbe, 2012. - 366 p.

4. Law of the Republic of Tajikistan «On Appeals of Individuals and Legal Entities» dated July 23, 2016, No. 1339 // Centralized Information Database on Legal Issues of the Republic of Tajikistan «Adlia». Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (access date: 05/22/2025). 5. Ryabtseva L.A. Special subject of a crime: concept and general characteristics // Fight against crime: theory and practice: abstracts of reports of the VII International scientific and practical conference (Mogilev, April 5, 2019) / Ministry of Internal Affairs of the Republic of Belarus, educational institution «Mogilev Institute of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Belarus»; editorial board: Yu.P. Shkaplerov (editor) [and others]. - Mogilev: Mogilev. Institute of the Ministry of Internal Affairs, 2019. - P. 87-89.

6. Saidalizoda O.S. Special subject of a crime: dis. ... Cand. of Law. - Dushanbe, 2025. - 188 p.

7. Criminal law of Russia. General part: Textbook / Ed. by V.P. Revin. - M .: Yustitsinform, 2016 .-- 580 p.

8. Criminal law of Russia. General part: Textbook / Ed. by F.R. Sundurov, I.A. Tarkhanov. - 2nd ed., revised. and enlarged. - M .: Statut, 2016 .-- 864 p.

9. Ustimenko V.V. Special subject of a crime. - Kharkov: Vysha shkola, 1989. - P. 103. 104 p.

10. Criminal law / Ed. candidate of legal sciences, associate professor Kh.S. Salimov and candidate of legal sciences, associate professor N.A. Gafforova. – Dushanbe: Irfon, 2011. – 336 p.

11. Sharipov R.I. The concept of a general and special subject of fraud under the criminal legislation of the Republic of Tajikistan // Academic Legal Journal. – 2020. – No. 4 (36). – pp. 136-141.

ТДУ: 317.3
Мустафоева Мавзуна Шукуровна,
ассистенти кафедраи фаъолияти гумрукии факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
E-mail: mavzuna-m.96@mail.ru
Тел: (+992) 918-90-16-74

МЕХАНИЗМҲОИ МУҚОВИМАТ БА ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚӢ ВА ҚОНУНГУЗОРӢ

Калидвожаҳо: қонунгузорӣ; механизмҳои ҳуқуқӣ; асосҳои назариявӣ; экстремизм; терроризм; муқовимат; ҷиноятқорӣ; консепсия; стратегияҳо; ҷавобгарии ҷиноятӣ.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои умдаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, яъне муқовимат ба экстремизм ва терроризм аз нигоҳи ҳуқуқӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Зикр карда шудааст, ки андешидани чораҳои гуногун дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар шароити муосир муҳим буда, дар ин ҷода нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар мустаҳкамнамоии асосҳои муқовимат ба он аввалиндараҷа мебошад.

Таҷрибаи байналмилалӣ ва ватании муқовимат бо экстремизм ва терроризм собит менамояд, ки муваффақ шудан дар ин самт таҳия ва амалӣ намудани чорабиниҳои маҷмӯӣ ба бартараф намудани омилҳои мафкуравӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ниҳодии фаъолшавии онҳо равонашударо тақозо менамояд. Терроризм ва экстремизм дар шароити кунунӣ, ҷинояти дорои хусусияти ҷаҳонӣ буда, мубориза бар зидди он ҳамкории пайвастаи доимӣ ва мутақобилаи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқро тақозо менамояд. Гарчанде ки мубориза бо терроризм ва экстремизм вазифаи асосии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ бошад ҳам, дар ин ҷода дастгирии ҳаматарафаи ҷомеа ва шаҳрвандон низ зарур аст.

Экстремизм аз вожаи фаронсавии «extremisme» ва лотинии «extremus» гирифта шуда, маънои луғавиаш ифротгароӣ, тундравӣ, фикру андешаҳо ва амалҳои тундравона, аз ҳад ва андоза гузаштанро дорад. Экстремист шахсест, ки дар фаъолияти худ ҷонибдори амалҳои якравию тундравӣ аст. Ин амалу зуҳурот метавонад, дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон – дар дин, сиёсат, идеология, илм ва ҳатто дар варзиш низ ба миён ояд [9].

Терроризм худ падидаи номатлуби ҷомеаи навин буда, фаҳмиши он дар содир кардани ҷиноятҳои вазнин, аз қабили қатлу куштори инсон, ба гаравгон гирифтани одамон, тарконидани иншоотҳои гуногуни истеҳсолӣ ва маишиву фароғатӣ, рабудани воситаҳои гуногуни нақлиётӣ ва амсоли инҳо дониста мешавад. Экстремизм бошад, хислати ҷудоихоҳӣ, ифротгароӣ ва иғвоангезиро доро буда, бо терроризм алоқаи ногусастанӣ дорад. Бо тарзи дигар, мақсад ва оқибати экстремизм ин терроризм аст. Вале дар умум чунин баҳогузорӣ мебояд намуд, ки ҳарду ба истилоҳ комилан хатари калони парокандагиву бесарусомониро доро буда, оқибати басо нанговар доранд.

Таҷрибаи судиву тафтишотӣ нишон медиҳад, ки маъмулан ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта, ки бо истифодаи воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет содир карда мешаванд ба талқини идеология ва амали зӯроварона алоқаманданд, характери муташаккилӣ дошта, дар паҳн намудани идеологияи экстремистӣ ва даъватҳои оммавӣ бо мақсади барангехтани кинаю адовати динӣ, миллӣ, нажодӣ, сиёсӣ ва маҳалгароӣ зуҳур меёбанд [8, с. 20].

Дар тафсири Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, мақсадҳои терроризм чунин шарҳ дода шудааст: “Мақсади ибтидоии терроризм халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидаи одамон, ба воҳима ва таҳлука овардани аҳолӣ буда, тавассути он фишор овардан ба мақомоти давлатист. Чунин ҳаракатҳо мақсади ниҳоии ҷиноятқорон дар маҷбур сохтани мақомоти давлатӣ барои қабули қарори ғайриҳуқуқӣ мебошад, ки ба манфиати онҳост ва ё бо мақсади резонидани обрӯ ва манзалати мақомоти давлатист” [12, с. 28].

Бо мақсади муқовимат ба терроризм ва экстремизм ҷомеаи ҷаҳонӣ кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки сатҳи мукаммали муқовимат бо ин падидаи номатлуб аз ҷониби давлатҳо ба роҳ монда шавад. Дар ҷомеаи муосир терроризм ва экстремизм аз ҷиддитарин таҳдидҳо алайҳи

субботу амнияти ҷаҳонист, аз ин рӯ, барои муқовимат ба ин падидаҳои манфӣ дар сатҳи миллӣ маҷмӯи тадбирҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ – динӣ андешида шудааст. Ҳамзамон, барои таъмини самаранокии механизмҳои муқовимат бо терроризм ва экстремизм дар кишвар заминаи ҳуқуқии муқовимат гузошта шудааст. Давлатҳои муосир кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки қонунгузории миллии худро дар самти муқовимат бо терроризм ва экстремизм боз ҳам мустаҳкам намоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони солҳои истиқлолияти давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде қабул карда шудаанд, ки маҳз барои бартараф намудани сабабу омилҳои гуногуни ба терроризму экстремизм мусоидаткунанда равона гардиданд.

Асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба терроризм ва экстремизмро санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин ташкил медиҳад:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1];
- Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [3];
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба терроризм” [6];
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат бо экстремизм” [7];
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм” [5];
- Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 2016, №776 тасдиқ карда шудааст [10];
- Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №187 тасдиқ карда шудааст [11];
- Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муборизаи бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ), ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2006, №1717 тасдиқ карда шудааст [4];
- Барномаи давлатии муқовимат ба ҷиноятқорӣ барои солҳои 2021-2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №265 тасдиқ карда шудааст [2];
- Барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пурзӯр намудани муборизаи бар зидди терроризм дар солҳои 2000-2003.

Тибқи моддаи 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бозӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст, инчунин тибқи моддаи 11 санади болозикр Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад. Ташвиқоти ҷанг манъ аст. Меъёри мазкур муқаррар менамояд, ки кирдоре, ки барои бозӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳи хусусияти террористиву экстремистидошта оварда мерасонад дар кишвар манъ карда шудааст.

Содир намудани амалҳои террористӣ ва экстремистӣ аз ҷумлаи ҷиноятҳои вазнин ҳисобида шуда, яке аз воситаҳои асосии пешгирии ин падидаҳои номатлуби ҷомеа дар қонунгузории ҷиноятӣ мустаҳкам намудани ҷазои вазнин нисбати онҳо мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирии амалҳои террористӣ ва экстремистӣ дар сатҳи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани амалҳои террористӣ ва экстремистӣ пешбинӣ шудааст. Такмили пайвастаи қонунгузорӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои экстремизм ва терроризм, аз ҷумла сари вақт ҷиноят эътироф намудани шаклҳои нави зоҳиршавии онҳо, инчунин муқаррар намудани муҷозоти мувофиқ барои содир намудани онҳо зарур мебошад.

Мувофиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҷиноятҳо ба амнияти ҷамъиятӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таҷовуз менамоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қаттор меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир кардани амалҳои террористӣ ва экстремистӣ пешбинӣ менамояд. Аз ҷумла, моддаҳои 179, 179, 179, 179, 181, 182, 184, 184, 184, 184, 185, 187, 193, 194, 194, 194, 194, 194, 194, 310 ва 402 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ муқаррар намудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба терроризм” принсипҳои асосии муқовимат ба терроризм, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии пешгирии терроризм ва муборизаи бо он, роҳу усулҳои бартараф намудани оқибатҳои амали

террористиро бо мақсади таъмини бехатарии шахс, ҷамъият ва давлат, ҳифзи соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд [6].

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат бо экстремизм" ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асосҳои сохтори конститутсионӣ, таъмини соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва амнияти давлат; барҳам додани таҳдиди экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; ошкор, пешгирӣ ва қатъ намудани фаъолияти экстремистӣ, бартарафсозии сабабу шароити ба онҳо мусоидаткунанда; татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат ба экстремизм; таҳия ва амалӣ намудани тадбирҳои маҷмӯӣ ва дурнамои муқовимат ба экстремизм; таъмини уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба экстремизм, аз ҷумла иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ ва минтақавии муқовимат ба экстремизм; баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон тавассути ташвиқу тарғиб, тарбияи онҳо дар рӯҳияи ватандӯстӣ, гиромӣ доштани урфу одатҳои миллӣ, фарҳангӣ, ташаккули фазои таҳаммулнопазирӣ нисбат ба экстремизм; дар ҳолати омодагии доимӣ нигоҳ доштани қувваю воситаҳои таъмини мубориза бо экстремизм; муқовимат ба маблағгузории экстремизм; андешидани тадбирҳои иловагӣ дар маҳалҳои аз ҷиҳати паҳншавии мафкураи экстремизм нисбатан осебпазир вазифаҳои асосии муқовимат бо экстремизм дар кишвар ба шумор меравад [7].

Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ бо дарназардошти таҳдидҳои аз терроризм ва экстремизм бармеомада стратегияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти такмили заминаҳои ҳуқуқию ниҳодии муқовимат ба экстремизм ва терроризм мушаххас ва мураттаб гардонида шудааст. Ҳоло Тоҷикистон дар самти муқовимат бо терроризми байналмиллалӣ ва ифротгароии хушунатомез, ҳамчун кишвари ташаббускор дар сатҳи байналмилалӣ эътироф шудааст.

Дар самти муқовимат бар зидди терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин як қаттор стратегияву консепсияҳо низ қабул шуданд. Аҳамияти санадҳои мазкур дар он ифода меёбад, ки агар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло номбаршуда асосҳои умумӣ, субъектҳо, принсипҳо, самтҳои фаъолияти муқовиматро пешбинӣ намоянд, стратегияву консепсияҳо бошанд, самтҳои алоҳида, омилҳо ва тамоюлҳои терроризм ва экстремизм, самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар ин самт, такмил додани заминаҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодӣ, ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти муқовимат ба терроризм ва экстремизм ва чанде дигар тадбирҳои мушаххасро ҷиҳати самаранокии муқовимат ба терроризм ва экстремизм роҳандозӣ менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 2016, №776 тасдиқ шудааст [10], Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муборизаи бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) бо фармони Президенти ҶТ аз 28 майи соли 2006, №1717 тасдиқ шудааст [4], Консепсияи миллии муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом барои солҳои 2018-2025, ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2018, №1033 тасдиқ гардидааст, Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №187 [11] тасдиқ гардидааст.

Самтҳои афзалиятноки муқовимат бо экстремизм ва терроризм тибқи Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021-2025 инҳо ташкил менамоянд:

1) дар самти баланд бардоштани самаранокии чораҳои пешгирии экстремизм ва терроризм:

- васеъ намудани доманаи фаъолияти профилактикӣ, такмили чораҳои пешгирӣ дар асоси таҳлили самаранокии онҳо;

- ошкор ва бартараф намудани сабабҳои асосӣ ва омилҳои ҳаракатдиҳандаи экстремизм ва терроризм;

- ҷалби фаъоли ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандон ба иқдомот доир ба пешгирии экстремизм ва ғайра.

2) дар самти баланд бардоштани нақши дин ва ташкилотҳои динӣ дар фаъолияти профилактикӣ:

- нигоҳ доштани ризоияти байнимазҳабӣ дар ҷомеа бо роҳи қабули тадбирҳои иловагӣ доир ба баланд бардоштани фарҳанг ва саводнокии динии аҳолӣ, таҳкими фазои таҳаммулгароӣ дар муҳити динӣ, эҳтиром нисбати ҳама дину мазҳабҳо;

- риояи ҳуқуқ ва озодиҳои динии шаҳрвандон, роҳ надодани монеъшавӣ ба фаъолияти қонунии иттиҳодияҳои динӣ ё анҷоми маросими динӣ, агар онҳо тартиботи ҷамъиятиро

вайрон накунанд ва ба ҳуқуқҳои шаҳрвандон таҷовуз накунанд;

- тайёр намудани кадрҳои миллии динӣ, ки дар як вақт ҳам донишҳои баланди динӣ ва ҳам ҳисси баланди ватандӯстӣ доранд, баланд бардоштани сифат, рақобатпазирӣ ва обрӯи низоми миллии таҳсилоти динӣ ва ғайра.

3) дар самти баланд бардоштани нақши низоми маориф ва сиёсати ҷавонон дар пешгирии экстремизм:

- ҷиҳати васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои ҷавонон дар муассисаҳои таълимӣ такмил додани барномаҳои таълимӣ ва усулҳои таълими фанҳо ва мавзуъҳое, ки хонандагонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, эҳтиром ба инсон ва ҳуқуқҳои ӯ новобаста аз мансубияти миллӣ ё динӣ, инчунин таҳаммулнопазирӣ нисбати экстремизм ва терроризм тарбия менамоянд;

- васеъ намудани донишҳои сиёсӣ ва ҷаҳонбинии хонандагону донишҷӯён тавассути ба барномаи муассисаҳои таълимӣ ворид намудани курсҳои махсуси дахлдор;

- баланд бардоштани сатҳи касбии кормандони педагогӣ ва мутахассисони муассисаҳои кӯдакона, коркард ва ворид намудани стандартҳои таълимии ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм равонашуда ва дигарон.

4) дар самти баланд бардоштани мақоми ҳуқуқии шахс ва фарҳанги сиёсии аҳолӣ:

- таҳияи барномаҳои маҷмӯии давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқу озодиҳои дигари инсон ва шаҳрванд, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон;

- таъмини риояи қатъии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва баамалбарории адолати судӣ;

- тақвияти мубориза бо коррупсия ва бюрократизм дар хизмати давлатӣ, таъмини шаффофият ва беғаразӣ ҳангоми қабули шаҳрвандон ба кор ва таъин ба мансаб дар мақомоти давлатӣ, такмили пардохти музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ, баланд бардоштани сифат ва мутобиқкунонии раванди хизматрасонии давлатӣ ва дигарҳо.

5) дар самти баланд бардоштани сатҳи таъминоти иҷтимоӣ- иқтисодии аҳолӣ:

- тезонидани суръати ислоҳот вобаста ба баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии аҳолии мамлакат, пешниҳод намудани имкониятҳои баробар барои амалӣ намудани зарфиятҳои инсонӣ, татбиқи принсипи адолати иҷтимоӣ, ҳифзи ваҳдати миллӣ ва таҳкими амнияти миллӣ дар асоси таъмини рушди устувори иқтисодӣ;

- таъмини шароитҳои ҷаззоби андозӣ, идоракунӣ ва ҳуқуқӣ ҷиҳати беҳтар намудани татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши иқтисодиёти воқеӣ;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои тиҷорат, бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ дар роҳи соҳибкорӣ, тақвияти ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорон ва истеъмолкунандагон ва монанди ин.

6) дар самти таъсиррасонӣ ба омилҳои ба экстремизм мусоидаткунанда вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ:

- такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, беҳтар намудани сифати омодасозии томуҳоҷиратӣ, мусоидат ба беҳтар намудани шароитҳои будубош ва ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ;

- пешгирии ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ба сафи ташкилотҳои экстремистию террористӣ дар кишварҳое, ки ба онҳо шуғл пешниҳод намудааст;

- бартараф намудани омилҳои манфии муҳоҷирати меҳнатӣ барои оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, пешгирии афзоиши шиддати иҷтимоӣ дар заминаи бозгашти муҳоҷирати меҳнатӣ.

7) дар самти амиқгардонӣ ва васеъ намудани чораҳои пешгирии экстремизм дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ:

- таъминоти қонунию ҳуқуқӣ ва техникии пешгирии паҳншавии ғояҳои экстремистӣ ва таъсири ташкилотҳои экстремистию террористӣ ба маҳкумшудагон дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

- беҳтар намудани шароитҳои нигоҳдорӣ дар ҳабс ва риояи ҳуқуқҳои инсон дар байни маҳкумшудагон;

- фароҳам овардани шароит барои бо кор таъмин намудани маҳкумшудагон, такмили фаъолияти истеҳсолию хоҷагии муассисаҳои ислоҳӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии меҳнати маҳкумшудагон.

8) дар самти баланд бардоштани самаранокии чораҳои муқовимат ба истифодабарии интернет бо мақсадҳои экстремистию террористӣ:

- андешидани тадбирҳои иловагӣ доир ба тақвияти истифодабарии имкониятҳои интернет ҷиҳати шарҳи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм, пешбурди ташвиқоти васеи зиддиэкстремистӣ ва фаъолияти профилактикӣ дар ин соҳа;

- тақвият бахшидани зарфиятҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати муқовимати нисбатан самараноктар ба таҳдидҳои алоқаманд ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо мақсадҳои терроризм, тафтиши саривақтӣ ва сифатноки киберҷиноятҳо;

- мустаҳкам намудани шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҳамкориҳо бо ниҳодҳои индустрияи глобалии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар самти муқовимат ба истифодабарии интернет бо мақсадҳои экстремистию террористӣ ва ғайра.

9) дар самти ташкили амалияи аз лиҳози гендерӣ ҳассоси муқовимат ба экстремизм ва терроризм:

- бартараф намудани шароитҳое, ки рушд, фаъолнокии иҷтимоӣ, мустақилияти молиявӣ ва озодии амалҳои занонро боз дошта, ба осебпазирии онҳо аз ташвиқоти экстремистӣ мусоидат менамояд;

- роҳандозӣ намудани тадқиқотҳои ҳамаҷонибаи сабабҳо ва сатҳи паҳншавии иштироки занон дар экстремизми хушунатомез, фош кардани бепоягии қолибҳое, ки унсурҳои экстремистӣ ҷиҳати коркарди равонии занон истифода мекунанд;

- васеъ намудани иштироки занон дар муқовимат ба экстремизм ва терроризм, такмили кор ва баланд бардоштани донишҳои кормандон дар самти баҳисобгирии ҷанбаҳои гендерӣ.

10) дар самти таҳкими ҳамкориҳо байни мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ:

- баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ дар тарҳрезӣ ва татбиқи чораҳои муқовимат ба экстремизм ва терроризм;

- мусоидат ба баланд бардоштани фаъолнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар коркарди чораҳои муқовимат ба экстремизм, такмили низоми муқовимати иттилоотӣ ба экстремизм ва терроризм, баланд бардоштани зарфиятҳои ҷамоаҳои маҳаллӣ дар муқовимат ба экстремизм ва терроризм.

Дар раванди муқовимат бо экстремизм ва терроризм иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ ва ҳар як аъзои ҷомеа самарабахш мебошад. Гузаронидани ташвиқоти васеъ оид ба таъсири харобовари экстремизм ва терроризм ба иқтисодиёту ҷомеа ва тағйирдиҳии ҷаҳонбинии аҳолӣ, тарбияи ҳисси таҳаммулнопазирӣ нисбат ба экстремизм ва терроризм яке аз воситаҳои муҳими муқовимат дар ин самт маҳсуб меёбад.

Тибқи Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) Ҷумҳурии Тоҷикистон муборизаро бар зидди терроризм ва дигар зуҳуроти экстремизми байналмилалӣ ҳамчун вазифаи муҳимтарини таъмини амнияти миллии худ ва тамоми ҷаҳон баррасӣ намуда, барои тақвияти минбаъдаи ҳамкориҳои муштарак дар ин самт баромад мекунад. Мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) бояд ба ошкор намудан, пешгирӣ ва аз байн бурдани кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, ногузирии ҷазо барои ҳамагуна ҷиноят, ҳифзи ҳуқуқи инсон ба амнияти шахсӣ, сарфи назар аз миллият, шаҳрвандӣ, эътиқоди динӣ, ақида ва нуқтаи назар нигаронида шавад [4].

Барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди терроризм дар солҳои 2000-2003 муқаррар намуда буд, ки терроризми замони ҳозира ҷиноятқории оламшумул буда, ҳамкории ҳамаҷонибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқӣ ва хадамоти махсусро тақозо мекунад. Имрӯз терроризм бо назардошти таҳдиди терроризми технологӣ, ки дар он аслиҳаи ядроӣ, химиявӣ, бактериологӣ истифода шуда метавонад, ҳамчунин аз тарафи террористҳо интихоб кардани иншооти амалиёти террористӣ, на танҳо чун ҷинояти дохилидавлатӣ, ки ба манфиати шахсони ҷудогона, ҷомеа ва давлате дониста мешавад, балки ба мӯътадил гардонидани муносибатҳои байнидавлатӣ ва байналхалқӣ низ зиён мерасонад.

Қобили зикр аст, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №265 Барномаи давлатии муқовимат ба ҷиноятқорӣ барои солҳои 2021-2030 қабул карда шуд [2]. Тибқи муқаррароти умумии санади мазкур баланд бардоштани самаранокии тафтиш ва пешгирии ҷиноят дар шароити муосир аз мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ на танҳо равона намудани тамоми қувва ва имкониятҳоро дар мубориза бо ҷиноятқорӣ, балки такмили сохтор ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таъмини муносибати бонизом ва маҷмӯӣ ҷиҳати пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, ҷустуҷӯи шакл ва тарзҳои нави ғайримуқаррарии таъсиррасонӣ ба ҷиноятқориро талаб менамояд. Дар баробари ин Барномаи мазкур ҷиҳати муқовимат бо терроризм ва экстремизм мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ухдадор менамояд, ки бо мақомоти марбутаи давлатҳои дигар ҳамкориро таҳким бахшад.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои боло қайд кардан бамаврид аст, ки ҷиҳати танзими ҳуқуқии муқовимат бо терроризм ва экстремизм дар

баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои стратегӣ низ нақш ва аҳамияти хоссаи худро доранд. Махсусан, солҳои охир рушди қонунгузории муқовимат бо терроризм ва экстремизм дар асоси ҳуҷҷатҳои стратегӣ ба назар мерасад. Аз ҷумла, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Барномаи давлатии муқовимат ба ҷиноятқорӣ барои солҳои 2021-2030 давра ба давра такмили қонунгузории ҷиноятиро дар самти муқовимат бо терроризм ва экстремизм муқаррар намудааст. Такмили қонунгузорӣ ва андешидани чораҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ барои аз байн бурдани кирдорҳои террористӣ ва экстремистӣ заминаи хуби ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Камолов Х.

МЕХАНИЗМЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ЭКСТРЕМИЗМУ И ТЕРРОРИЗМУ: ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВЫЕ И ЗАКОНОДАТЕЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ

Ключевые слова: законодательство; правовые механизмы; теоретические основы; экстремизм; терроризм; сопротивление; преступность; концепция; стратегии; уголовная ответственность.

Аннотация. В данной статье анализируется и рассматривается один из основных вопросов мирового сообщества, а именно противодействие экстремизму и терроризму, с правовой точки зрения. Отмечается, что принятие различных мер по противодействию экстремизму и терроризму имеет важное значение в современных условиях, и в этой связи роль нормативных правовых актов в укреплении основ противодействия ему является первостепенной.

Мустафоева Мавзуна Шукуровна **-** ассистент кафедры таможенного дела факультета права и таможенного дела Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Тел.: (+992) 918-90-16-74. E-mail: mavzuna-m.96@mail.ru

MECHANISMS OF RESISTANCE TO EXTREMISM AND TERRORISM: THEORETICAL-LEGAL AND LEGISLATIVE ASPECTS

Keywords: legislation; legal mechanisms; theoretical foundations; extremism; terrorism; resistance; crime; concept; strategies; criminal liability.

Annotation. This article analyzes and discusses one of the main issues of the global community, namely, resistance to extremism and terrorism, from a legal perspective. It is noted that taking various measures to combat extremism and terrorism is important in modern conditions, and in this regard, the role of regulatory legal acts in strengthening the foundations of resistance to it is paramount.

Mustafoeva Mavzuna Shukurovna **-** Assistant Professor, Department of Customs Affairs, Faculty of Law and Customs, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Phone: (+992) 918-90-16-74. E-mail: mavzuna-m.96@mail.ru

Рӯйхати адабиёт:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд.

2. Барномаи давлатии муқовимат ба ҷиноятқорӣ барои солҳои 2021-2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №265 тасдиқ карда шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 22.05.2025).

3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 22.05.2025).

4. Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ), ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2006, №1717 тасдиқ карда шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 22.05.2025).

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм” аз 15 марти соли 2023, № 1950 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 22.05.2025).

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба терроризм” аз 23 декабри соли 2021, №1808 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 22.05.2025).

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат бо экстремизм” аз 2 январи соли 2020, № 1655 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 22.05.2025).

8. Сафарзода Ҳ.С., Аҳёзода Ш.Т. Мушкилот ва тамоюлҳои мукаммалсозии аломатҳои таркиби ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // «Рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм: мушкилот ва дурнамо»: маводҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ (05 апрели соли 2024). – Душанбе: «Меҳроҷ-граф», 2024. – С. 20.

9. Собиров Н.А. Хатари терроризм ва экстремизм дар ҷаҳони муосир // [Захираи электронӣ]: - Манбаи дастрасӣ: https://www.tajmedun.tj/tj/akhbor/?ELEMENT_ID=21710 (санаи мурочиат: 24.05.2025)

10.Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 2016, №776 тасдиқ карда шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 22.05.2025).

11.Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №187 тасдиқ карда шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 22.05.2025).

12.Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: «Глобус», 2006. – С. 28.

Список литературы:

1. Конституция Республики Таджикистан принята всенародным референдумом 6 ноября 1994 года. Изменения и дополнения в нее вносились всенародным референдумом 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года.

2. Государственная программа по борьбе с преступностью на 2021-2030 годы, утвержденная постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 года № 265 // Централизованная информационная правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата доступа: 22.05.2025).

3. Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 года // Централизованная информационная правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата доступа: 22.05.2025).

4. Единая концепция Республики Таджикистан по борьбе с терроризмом и экстремизмом (экстремизмом), утвержденная Указом Президента Республики Таджикистан от 28 мая 2006 года, № 1717 // Централизованная информационная правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата доступа: 22.05.2025).

5. Закон Республики Таджикистан «О противодействии легализации (отмыванию) доходов, полученных преступным путем, и финансированию терроризма» от 15 марта 2023 года, № 1950 // Централизованная информационная правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата доступа: 22.05.2025).

6. Закон Республики Таджикистан «О противодействии терроризму» от 23 декабря 2021 года № 1808 // Централизованная информационная правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата доступа: 22.05.2025).

7. Закон Республики Таджикистан «О противодействии экстремизму» от 2 января 2020 года № 1655 // Централизованная информационная правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата доступа: 22.05.2025).

8. Сафарзода Х.С., Ахёзода Ш.Т. Проблемы и тенденции совершенствования составов преступлений экстремистской направленности в Уголовном кодексе Республики Таджикистан // «Развитие законодательства Республики Таджикистан в направлении противодействия экстремизму и терроризму: проблемы и перспективы»: материалы республиканской конференции (5 апреля 2024 г.). – Душанбе: «Мехродж-граф», 2024. – С. 20.

9. Собиров Н.А. Угроза терроризма и экстремизма в современном мире // [Электронный ресурс]: - Источник доступа: https://www.tajmedun.tj/tj/akhbor/?ELEMENT_ID=21710 (дата доступа: 24.05.2025)

10. Национальная стратегия Республики Таджикистан по противодействию экстремизму и терроризму на 2016-2020 годы, утвержденная Указом Президента Республики Таджикистан от 12 ноября 2016 года, № 776 // Централизованная информационная база данных правовой информации Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата доступа: 22.05.2025).

11. Стратегия борьбы с экстремизмом и терроризмом в Республике Таджикистан на 2021-2025 годы, утвержденная Указом Президента Республики Таджикистан от 1 июня 2021 года, № 187 // Централизованная информационная база данных правовой информации Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата доступа: 22.05.2025).

12. Комментарий к Уголовному кодексу Республики Таджикистан / гл. ред. Х.Х. Шарипов. – Душанбе: «Глобус», 2006. – С. 28.

List of literature:

1. The Constitution of the Republic of Tajikistan was adopted by a national referendum on November 6, 1994. Amendments and additions were made to it by a national referendum on September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016.

2. The State Program for Combating Crime for 2021-2030, approved by the Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated June 30, 2021, No. 265 // Centralized Legal Information Database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Form 7.0. [Electronic resource]. Source of access: URL: http://www.adlia.tj (access date: 22.05.2025).

3. The Criminal Code of the Republic of Tajikistan dated May 21, 1998 // Centralized Legal Information Database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Form 7.0. [Electronic resource]. Source of access: URL: http://www.adlia.tj (access date: 22.05.2025).

4. Unified Concept of the Republic of Tajikistan on Combating Terrorism and Extremism (Extremism), approved by the Decree of the President of the Republic of Tajikistan dated May 28, 2006, No. 1717 // Centralized Legal Information Database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Form 7.0. [Electronic resource]. Source of access: URL: http://www.adlia.tj (access date: 22.05.2025).

5. Law of the Republic of Tajikistan «On Counteracting the Legalization (Laundering) of Criminally Obtained Income and Financing of Terrorism» dated March 15, 2023, No. 1950 // Centralized Legal Information Database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Form 7.0. [Electronic resource]. Source of access: URL: http://www.adlia.tj (access date: 22.05.2025).

6. Law of the Republic of Tajikistan "On Counteracting Terrorism" dated December 23, 2021, No. 1808 // Centralized Legal Information Database of the Republic of Tajikistan "Adlia". Form 7.0. [Electronic resource]. Source of access: URL: http://www.adlia.tj (access date: 22.05.2025).

7. Law of the Republic of Tajikistan "On Counteracting Extremism" dated January 2, 2020, No. 1655 // Centralized Legal Information Database of the Republic of Tajikistan "Adlia". Form 7.0. [Electronic resource]. Source of access: URL: http://www.adlia.tj (access date: 22.05.2025).

11.Наумов С.С. Мафҳуми пешгирии ҷиноятҳо ва таснифи чораҳои пешгирикунанда // мушкилоти Мубрами кори мақомоти корҳои дохилӣ: маҷмӯаи конфронси илмӣ-амалӣ. М., 2000. Саҳ. 128.

12.Расторопов С.В. Таъсири зеҳни сунъӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ: назари криминологӣ // ҳуқуқи байналмилалии ҷамъиятӣ ва хусусӣ. 2023. N 3. Саҳ.29-32.

13.Ревин В.П., Малков В. Д., Ревина В. В. Криминология. Қисми умумӣ. М.: Юрайт, Соли 2024. 179 сония

14.Решетников А.Ю., Афанасьева О. Р. Криминология ва пешгирии ҷиноятҳо. М.: Юрайт, Соли 2024. 169 сония

15.Старков О.В. Криминология. Назария ва амалия. М.: Юрайт, Соли 2016. 654 сония

16.Эминов В.Е., Антонян Ю. М. Шахсияти ҷинояткор. Тадқиқоти криминологӣ-психологӣ. М.: Меъер, 2019. 368 с

Список литературы:

1. Антонян Ю.М. Криминология. - М.: Юрайт, 2013. - 528 с.

2. Голованова О.А. Личность современного преступника как объект иссле-дования в криминалистической науке // Закон и право. - 2010. - № 3. - С. 108-110.

3. Кнуф А., Эпов Л.Ю. Стигма: теория и практика // Знание. Понимание. Умение. - 2006. - № 2. - С. 149-153.

4. Криминология / А. И. Долгова. — 4-е изд., перераб. и доп. 2016. 368 с.

5. Криминология и профилактика преступлений / под ред. А.И. Алексеева. М., 1989. С.222-223.

6. Криминология: учебник / под ред. В.Н. Кудрявцева, В.Е. Эминова. 2-е изд., перераб. и доп. М., 2002. С.285.

7. Криминология: учебник для студентов вузов / под ред. Г.А. Аванесова. 4-е изд., перераб. и доп. М., 2007. С. 296.

8. Криминология: учебное пособие / под ред. С.Я. Лебедева, М.А. Кочубей. М., 2007. С.190-191.

9. Курганов С.И. Криминология. - М.: Юнити-Дана, 2010. - 184 с.

10.Лунеев В.В. Криминология. - М.: Юрайт, 2013. - 688 с.

11.Наумов С.С. Понятие предупреждения преступлений и классификация предупредительных мер // Актуальные проблемы работы органов внутренних дел: сборник научно-практической конференции. М., 2000. С. 128.

12.Расторопов С.В. Влияние искусственного интеллекта на общественные отношения: криминологический взгляд // Международное публичное и частное право. 2023. N 3. С. 29 — 32.

13.Ревин В. П., Малков В. Д., Ревина В. В. Криминология. Общая часть. — М.: Юрайт, 2024. 179 с.

14.Решетников А. Ю., Афанасьева О. Р. Криминология и предупреждение преступлений. — М.: Юрайт, 2024. 169 с.

15.Старков О.В. Криминология. Теория и практика. - М.: Юрайт, 2016. - 654 с.

16.Эминов В.Е., Антонян Ю.М. Личность преступника. Криминолого-психологическое исследование. - М.: Норма, 2019. - 368 с.

List of literature:

1. Antonyan Yu.M. Criminology. Moscow: Yurayt, 2013. 528 p.

2. Golovanova O.A. The personality of a modern criminal as an object of research in criminalistic science // Law and Pravo. - 2010. - No. 3. - pp. 108-110.

3. Knuf A., Epov L.Y. Stigma: theory and practice // Knowledge. Understanding. Ability. 2006. No. 2. pp. 149-153.

4. Criminology / A. I. Dolgova. — 4th ed., revised and supplement 2016. 368 p.

5. Criminology and crime prevention / edited by A.I. Alekseev, Moscow, 1989. pp.222-223.

6. Criminology: textbook / edited by V.N. Kudryavtsev, V.E. Eminov. 2nd ed., revised and additional M., 2002. p.285.

7. Criminology: a textbook for university students / edited by G.A. Avanesov. 4th ed., revised and additional M., 2007. pp. 296.

8. Criminology: a textbook / edited by S.Ya. Lebedev, M.A. Kochubey. M., 2007. pp.190-191.

9. Kurganov S.I. Criminology. - M.: Unity-Dana, 2010. - 184 p.

10. Luneev V.V. Criminology, Moscow: Yurait, 2013, 688 p.

11. Naumov S.S. The concept of crime prevention and the classification of preventive measures // Actual problems of the work of law enforcement agencies: collection of scientific and practical conferences. Moscow, 2000. p. 128.

12. Rastoropov S.V. The influence of artificial intelligence on public relations: a criminological view // International public and private law. 2023. N 3. pp. 29-32. 13

. Revin V. P., Malkov V. D., Revina V. V. Criminology. The general part. Moscow: Yurait, 2024. 179 p.

14. Reshetnikov A. Yu., Afanasyeva O. R. Criminology and crime prevention. Moscow: Yurayt, 2024. 169 p.

15. Starkov O.V. Criminology. Theory and practice. Moscow: Yurait, 2016. 654 p.

16. Eminov V.E., Antonyan Yu.M. The identity of the criminal. Criminological and psychological research. Moscow: Norma, 2019. 368 p.

ТДУ: 342.7:343(575.3)
Хуршедзода Манижа Хуршед,
асистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.
E-mail: khurshedzodam@mail.ru
Тел: (+992) 92-624-04-10

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ АМАЛИШАВИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ КОНСТИТУТСИОНИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ДАР ҚИСМИ УМУМӢ ВА ҚИСМИ МАХСУСИ КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: ҳуқуқи инсон; муқаррароти конститутсионӣ; Конститутсия; Кодекси ҷиноятӣ; қисми умумӣ; қисми махсус; Ҷумҳурии Тоҷикистон; татбиқи ҷазо; ҷазои ҷиноятӣ; муқаррароти қонунгузорӣ; илми ҳуқуқи ҷиноятӣ; амнияти давлатӣ; сиёсати ҳуқуқӣ; сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳои амалишавии ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар қисми умумӣ ва қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси адабиёти илмӣ ва қонунгузории амалкунандаи соҳавӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифтааст. Дар ҳақиқат ҳам дар амалияи мақомоти давлатӣ ва назарияи илми ҳуқуқшиносӣ яке аз масъалаҳои мубрамро амалишавии ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ташкил менамояд.

Дар зери мафҳуми амалишавии ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар хаёт татбиқ шудани ҳуқуқ, истифодашавии воқеии мазмуни меъёрҳои ҳуқуқ дар фаъолияти амалии субъектони ҳуқуқ фаҳмида мешавад. Бе амалӣ намудани ҳуқуқ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулгардида чун қогази беарзиш буда, аҳамияти худро дар ҷомеа гум менамоянд.

Дар давлатҳо метавон бо қонунҳои бехтарини боадолатона рӯ ба рӯ шуд, вале ҳангоми аз тарафи мардум напазируфтан ва истифода нашудан, он боиси бефоида гаштани ҳамаи ҳаракатҳои мақомоти қонунгузор ва ҳуқуқэҷодкунанда мегардад. Қонунҳои мурда ва амалинашаванда барои ҳеч кас лозим нестанд, зеро манфиатовар намебошанд [1, с.83-88.].

Амалишавии ҳуқуқ чун ҷараёни муназзам якчанд амалиёти субъектони ҳуқуқро оиди ҷорӣ кардани талаботхои ҳуқуқ дар ҳаёти воқеӣ дар бар мегирад. Амалигардонии ҳуқуқ чун натиҷа нуқтаи ниҳоии амали вокеии ҳуқуқро дар назар дорад, ки дар қонунҳои қабулшуда пешбинӣ шудааст. Масалан, барои амалӣ кардани ҳуқуқ ба нафака шахсе якчанд амалиёти ҳуқуқиро ба анҷом мерасонад. Муддати тулонӣ меҳнат мекунад, баъди расидан ба синни нафақа ба мақомоти дахлдори давлатӣ мурочиат мекунад, қарори таъини нафақаро ба даст мегириад ва танҳо баъди иҷрои ҳамаи ин амалиётҳо, аз он ҷумла иҷрои қарори таъини нафақа ба мақсади худ мерасад, ҳуқуқ ба нафақа барои ин шахс амалӣ мегардад, натиҷаи лозимӣ ба даст меорад[2, с.138.].

Амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ маънои дар фаъолияти субъектҳои ҳуқуқӣ (ташкилотҳо, мақомот, шахсони мансабдор, шаҳрвандон) ҷорӣ гардидан, дар ҳаёт татбиқ шудани нишондодҳои меъёрҳои ҳуқуқиро дорад**.** Бо ибораи дигар баён намоем, амалигардонии меъёри ҳуқуқӣ ин ифодаёбии нишондодҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ дар рафтори ҳақиқии субъектҳои ҳуқуқӣ мебошад. Амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар шаклҳои гуногуни риоякунӣ (риоя кардан), иҷрокунӣ (иҷро кардан), истифодабарӣ (истифода кардан) ва татбиққунӣ (ба кор бурдан) ифода меёбад[3, с.331.].

Амалигардонии ҳуқуқ чун ҷараёни мураккабу бонизом тарафҳои зеҳнӣ ва айнӣ дорад. Ҳамчун тарафи айнӣ ҷараёни амалигардонӣ аз маҷмӯи рафтори ҳуқуқии шахс иборат аст, ки новобаста аз хоҳиши вай бояд ҳатман иҷро гарданд. Ҷараёни зеҳнии амалишавии ҳуқуқ аз шуури шахс вобаста аст. Аз як тараф, қонун иҷрои ҳатмии рафторҳои ҳуқуқиро барои амалӣ кардани меъёрҳо талаб мекунад. Чунончи, барои амалӣ кардани ҳуқуқи таҳсил дар мактаби олӣ, қонун иҷрои якчанд амалиётро зарур мешуморад, аз қабили хатми мактаби миёна ё миёнаи касбӣ, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои саҳеҳ ба комиссияи кабул, супоридани имтиҳоноти қабул, фармони роҳбари донишгоҳ дар бораи қабул ба макотиби олӣ. Ин ҳаракатҳоро ҳар шахс новобаста аз хоҳиш бояд хатман иҷро намояд. Аз тарафи дигар, барои амалӣ кардани ҳуқуқ шахс бояд манфиатдор бошад, бошуурона онро дар ҳаёт ҷорӣ намояд, нисбати

натиҷахои амалигардонии меъёрҳои ҳуқуқ хавасманд бошад. Аксари шаҳрвандон қонунҳоро ихтиёран риояву иҷро мекунанд. Одамон ҳуқуқро ё бо мақсади соҳиб шудан ба натиҷаҳои муфид, ё ин ки аз тарси натиҷаҳои вазнин (истифодаи ҷазои ҷиноятӣ, маъмурӣ ва ғайра) амалӣ мекунанд. Вале кисми муайяни аҳолӣ аз қонунҳо дидаю дониста саркашӣ мекунанд, ки боиси содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳо мегардад ва гирифтори чораҳои чавобгарии ҳуқукӣ (ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ ва интизомӣ ва ғайра) мегардад.

Рафтори зиддиҳуқуқии ин қабил ашхос мазмуни амлигардонии ҳуқуқро ташкил намедиҳанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки амалигадонии ҳуқуқ ин рафтори қонунии шахс, на ин ки ҳуқуқвайронкунӣ мебошад[4, с.33-40.].

Амалишавии ҳуқуқ ду самти асосӣ дорад:

1) амалӣ кардани меъёрҳо аз чониби инсон;

2) ҷорӣ кардани талаботҳои ҳуқуқ аз тарафи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор.

Ҳуқуқро шаҳрвандон бевосита амалӣ мегардонанд, масалан, аз ҳуқуққои конститутсионӣ - ин ҳуқуқ ба истироҳат, таҳсил, ҳифзи саломатӣ ва амсоли инҳо истифода мебаранд. Амалӣ шудани як қатор ҳуқуққо ёрии мақомоти давлатиро талаб менамояд. Масалан, шахс ҳуқуқи нафақаро дорад, вале мустакилона барои хеш нафақа таъин карда наметавонад. Барои ин қарори мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ зарур мебошад. Боз баҳсҳои ҳуқуқиро одамон тавассути суд ҳал мекунанд, ё ин ки дар натиҷаи содир шудани ҷиноят ба мақомоти дахлдор ариза менамоянд.

Ҳамин тавр, амалишавии ҳуқуққои инсон ва шаҳрванд дар Қисми умумӣ ва махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз падидаҳои муҳими илми ҳуқуқшиносӣ аст. Умуман, илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои ҷамъиятиеро ба танзим медарорад, ки ба ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат аз таҷовузҳои ҷинояткорона равона шудаанд. Мисли дигар соҳаҳои ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ вазифаҳои худро танҳо бо роҳи ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятии мувофиқ иҷро карда метавонад. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ функсияи батанзимдарорӣ, зоҳиршавии функсияи муҳофизатии он, шакл ва тарзи ба амал баровардани он мебошад[5, с.189.].

Ба монанди низоми қонунгузории ҷиноятӣ низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ низ ба ду қисм ҷудо карда мешавад: 1.умумӣ; 2. махсус. Мазмуни асосии Қисми умумиро асосан се мафҳуми ҳуқуқи ҷиноятӣ- қонуни ҷиноятӣ, ҷиноят ва ҷазо ташкил медиҳад. Ин қисми қонунгузории ҷиноятӣ вазифаҳои қонуни ҷиноятӣ ва принсипҳои онро эълон намуда, асосҳои ҷавобгарии ҷиноятиро нишон дода, амали қонуни ҷиноятиро дар замон ва макон муайян сохта, таърифи мафҳуми ҷиноятро дода ва ба категорияҳо ҷудо намудани ҷиноятҳоро ба амал мебарорад, шакл ва намудҳои гуноҳ, шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ (синну сол, мукаллафӣ)-ро муқаррар намуда, мафҳум ва тавсифи давраҳои содиршавии ҷиноят, шарикӣ дар ҷиноят, сершумории ҷиноятҳоро дода ва дар баробари ин, феҳрасти ҳолатҳоеро меорад, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд. Инчунин дар қисми умумӣ таъриф ва мақсади ҷазо дода шуда, системаи ҷазо муқаррар гардида, тартиби таъини ҷазо, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо пешбинӣ мешавад.

Муайян намудани муқаррарот дар бораи қонуни ҷиноятӣ, асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва принсипҳои он, мафҳуми ҷиноят ва категорияи он, мафҳуми ҷазо, мақсад ва намудҳои он, фардикунонии ҷазо ва озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо ваколати Қисми умумии Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад, аз меъёрҳое иборатаст, ки дар онҳо намудҳои алоҳидаи ҷиноят сабт гардида, инчунин намудҳои мушаххаси ҷазо ва андозаи онҳо барои ҷиноятҳои мушаххаси содиргардида нишон дода шудааст.

Амалишавии ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар қисми умумӣ ва махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он маъно фаҳмида мешавад, ки дар ҳолати поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, мақомоти дахлдори давлатӣ (милитсия, прокатура, суд ва ғайра) дахолат намуда, баҳри барқарор сохтани онҳо чораҳои зарурӣ меандешанд. Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои қонуни ҷиноятиро муайян кардааст, ки бевосита баҳри ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд равона карда шудааст.

Дар асоси талаботи моддаи 2-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Вазифаҳои ҳамин Кодекс аз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷовузи ҷиноятӣ, таъмини сулҳ ва амнияти башарият, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, инчунин пешгирии ҷиноятҳо иборат аст.

Барои татбиқи ин вазифаҳо ҳамин Кодекс асосу принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар намуда, муайян мекунад, ки кадом кирдорҳои барои шахсият, ҷамъият ё давлат хавфнок ҷиноят эътироф мегарданд ва намудҳои ҷазою чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноиро барои содир кардани онҳо муқаррар менамоянд" [6.].

Вазифаи ҳифзи ҳуқуқ бо назардошти воқеияти имрӯза талаботи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд ифода ёфтааст. Ба ҳайси объектҳои ҳифзи ҳуқуқ арзишҳои зерин номбар мешаванд: 1) ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; 2) амнияти ҷамъиятӣ; 3) саломатии аҳолӣ; 4) муҳити зист; 5) тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ; 6) моликият; 7) сохти конститутсионӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон; 8) сулҳ ва амнити башарият[7.].

Дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои муайяни вазифаҳои қонуни ҷиноятӣ муайян карда шудаанд. Тарбияи шаҳрвандон аввалин маротиба ҳамчун вазифаи мустақили ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун омили муҳим бо истифодаи меъёрҳои худ, таъмини тарбияи шаҳрвандонро дар рӯҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, бемайлон иҷро кардани қонунҳо ва қоидаҳои зисти умум танзим месозад. Ҳуқуқи ҷиноятӣ на танҳо барои таъсир расонидан ба зуҳуроти манфии ҷомеа таъин шудааст, вай барои ишғол намудани мавқеи асосӣ дар тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва ташаккули башардӯстӣ дар ниҳоди ҳар фарди ҷомеа равона гардида аст. Бояд зикр кард, ки вазифаи тарбиявиро ҳам ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ, тамоми падидаҳо ва меъёрҳои он ба уҳда доранд. Амалӣ гардидани вазифаи мазкурро мумкин аст шартан бо ду давра ҷудо кард. Давраи якум бо қабули меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оғоз мешавад. Қонуни ҷиноятӣ ифодаи иродаи халқ аст, аз ин рӯ, худи ҷараёни қабули меъёрии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар шакли Кодекс, ки аз тарафи мақоми олии қабул карда шудааст, имконият медиҳад, ки ин иродаи халқ дар амал татбиқ карда шавад. Марҳилаи дигари вазифаи тарбиявии ҳуқуқи ҷиноятӣ баъди эътибори қонунӣ пайдо кардани қонуни қабул шуда бо роҳи риоя намудани принсипи ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва одилона татбиқ намудани он нисбати шахси ҷиноят содир намуда амалӣ карда мешавад.

Қонунгузории ҷиноятӣ, дар баробари вазифаҳои муҳофизатию тарбиявӣ, вазифаи пешгириро низ ба уҳда гирифтааст. Ба ҳисоби вазифаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аввалин маротиба пешгирии ҷиноятҳо дохил карда шудааст, ҳол он ки чунин вазифа ҳамеша ба ҳуқуқи ҷиноятӣ дахл дошт. Нақши пешгирикунандаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, ба воситаи таъсири психологӣ ба тафаккури шаҳрвандон, бо роҳи тарсонидан ва боваркунонии онҳо ба амал бароварда мешавад. Мазмуни чунин таъсиррасонӣ яксон набуда, аз гуногунии муносибатҳои одамон ба кирдоре, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ онро манъ намудааст, вобастагӣ дорад.

Аксарият на аз тарси ҷазо гирифтан, балки аз гиромидошту хулқу атвори нек ва принсипҳои ахлоқӣ ҷиноят содир наменамояд. Барои онҳо ҳуқуқи ҷиноятӣ батанзимдарорандаи иловагии рафтори онҳо аст[5, с.189.].

Вазифаи пешгирикунандагии ҳуқуқи ҷиноятӣ на танҳо дар меъёрҳои манъкунанда, инчунин дар меъёрҳои ҳавасмандкунандаи он зоҳир мегардад. Инҳо: 1) фаъолона бар зидди ҷиноят ва ҷиноятқор муқобилият кардан (мудофиаи зарурӣ, дастгир намудани ҷиноятқор ва ғайра). 2) даст кашидан аз ба охир расонидани ҷинояти оғозгардида ва ё барқарор намудани манфиатҳои поймолшуда, (ихтиёран даст кашидан аз ҷиноят, ихтиёран озод кардани одами дуздидашуда, ихтиёран ва сари вақт ба мақомоти ҳокимият хабар додан дар бораи ҷинояти содиршудаи хиёнат ба давлат ва ғ.).

Дар маҷмӯъ, ҳаминро гуфтан лозим аст, ки вазифаи пешгирикунандаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар он ифода меёбад, ки ҷиноят содир нашавад. Вазифаи зикргардида бо роҳи истифода бурдани воситаҳои асосии зерин ҳал карда мешаванд:

а) пешгирии умумии қонуни ҷиноятӣ;

б) пешгирии умумӣ ва махсуси ҷазои ҷиноятӣ;

в)меъёрҳо дар бораи ихтиёран даст кашидан аз ҷиноят;

г) меъёрҳо дар бораи пушаймонӣ аз кирдор;

ғ) меъёрҳо дар бораи ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд;

д) ба воситаи меъёрҳои ду баробар пешгирикунанда.

Бо баробари мустаҳкамсозии вазифаҳо баҳри ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститусионии инсон ва шаҳрванд инчунин дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳо мустаҳкам карда шудаанд ба масъалаи мазкур равобити ногусастанӣ дорад. Қонуни ҷиноятӣ ба принсипҳои қонуният, баробарӣ дар назди қонун, ногузир будани ҷавобгарӣ, ҷавобгарии фардӣ, гунаҳгорӣ, адолат, инсондустӣ ва демократизм асос меёбад[6.].

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ тасаввуроти қонунгузорро оид ба асосҳои умумии ташаккули

оптималии мазмуни қонунгузории ҷиноятӣ таҷассум менамоянд.

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳангоми ба шакли муайян даровардани фармоишоти ҳуқуқии мушаххас ба қонунгузор роҳнамоӣ мекунанд. Татбиққунандаи ҳуқуқ барои маънидод ва дарки меъёрҳои мушаххаси қонун бо мақсади дурустии татбиқи онон ба принсипҳо ва вазифаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯй меоварад.

Манъкунии ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад ба вазъи иҷтимоӣ ва криминологӣ вобастагӣ дошта, бо меъёрҳои ҳуқуқӣ асоснок карда мешаванд, то ин ки қонун дуруст фаъолият намуда, дар мубориза бо кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок самаранок бошад.

Кодекси ҷиноятӣ дар баробари муайян намудани вазифаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бартарии муҳофизатии ҳуқуқи ҷиноятии муносибатҳои ҷамъиятиро тасдиқ намуд. Табақаҳои бо арзишҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифзшаванда ба тартиби зерин ба назар менамояд: шахсият-ҷомеа-давлат. Дар мадди аввал муҳофизат намудани шахсият аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифта, бо анъанаҳои демократии давлатҳои мутараққӣ мувофиқат мекунад. Беҳуда нест, ки Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ низ аз фасли "Ҷиноятҳо ба муқобили шахсият" оғоз мегардад.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ мутобиқан бо моддаи 12-уми Конститутсия муҳофизати баробари тамоми шаклҳои моликиятро амалӣ мегардонад.

Ба муҳофизати шароити барои инсон ва дигар мавҷудоти зинда мусоиди муҳити атроф ва тартиботи ҳуқуқи экологӣ, амнияти аҳолӣ аҳамияти фавқулодда дода истода, Кодекси ҷиноятӣ ҳифзи муҳити атрофро ҳамчун объекти мустақил ҷудо кард. Ба шумори объектҳои муҳими ҳифзшаванда тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ муайян шудаанд. Чунин объектҳои номбурда таъминкунандаи бехатарии шароити ҳаётан муҳими фаъолияти одамон, фаъолияти муътадили функсионалии институтҳои ҷомеа ва давлат мебошанд. Ҳамчунин ба сифати объекти ҳифозати ҳуқуқи ҷиноятӣ сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудааст, ки асосҳои онҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст. Хулоса, аввалин маротиба дар таҷрибаи қонунгузорӣ вазифаи нави ҳуқуқи ҷиноятӣ таъмини сулҳ ва амнияти башарият низ ифода ёфтааст.

Азбаски ҳуқуқ қоидаи барои ҳама ҳатмии аз ҷониби давлат муқарраршуда аст, пас он танзимкунандаи рафтори одамон дар ҷомеа мебошад. Ба чорчӯбаи маънӣ ҳуқуқи ҷиноятӣ низ дохил мешавад. Бинобар ин, он ақидае ки меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо муҳофизаткунандаи муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки аз ҷониби дигар соҳаҳои ҳуқуқ ба танзим андохта шудаанд, нодуруст мебошад Воқеан, меъёрҳои ҳар кадом соҳаҳои ҳуқуқ маъмулан нишондодҳоя-шонро (фармоишҳояшонро) худашон муҳофизат мекунанд. Масалан, санксияҳои ҳуқуқи ҷиноятиро, чун қоида, наметавон барои манъкуниҳои ҳуқуқи маъмурӣ татбиқ намуд, зеро чунин ҳуқуқтатбиққунӣ маънои дағалона вайрон кардани қонунро дорад. Танҳо ба муҳофизаткунӣ бурда расонидани функсияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, дар бисёр мавридҳо ба васеъ гардидани доираи муносибатҳои ҷамъиятии хифзшавандаи он оварда мерасонад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ тасдиқ карда мешавад, ки "меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ воситаи муҳофизатии тамоми муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дигар соҳаҳои ҳуқуқ онҳоро ба танзим медароранд" [8, с.40]. Дар ин гуфтаҳо мақоми муҳофизатии ҳуқуқи ҷиноятӣ аз ҳад зиёд нишон дода шудааст. Санксияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ барои муҳофизати ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои бештар муҳими шахс, ҷомеа ва давлат вазифадор карда шудаанд. Истифодаи "силоҳ"-и ҳуқуқи ҷиноятӣ ба он мувофиқ "аломат"-ро талаб менамояд. Аз меъёр зиёд васеъ намудани доираи муҳофизатии ҳуқуқи ҷиноятӣ мумкин аст ба оқибатҳои манфӣ барои ҷомеа ва барои шахсият оварда расонад.

Албатта, дар доираи муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ мо принсипҳои конститутсионӣ-ҳуқуқиро бештар дар мавридҳои татбиқи принсипиалии Кодекси ҷиноятӣ мушоҳида менамоем. Вобаста ба инъикоси бевоситаи арзишҳои конститутсионӣ дар принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ, ҳолатҳои инсонпарварона, таъминкунандаи амнияти давлатӣ ва сохтори конститутсионӣ бараъло дида метавонем. Аз ин рӯ, гуфтанамон асоснок мебошад, ки муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ ба талаботи ҳатмии конститутсионӣ мутобиқат менамояд. Зеро, тамоми ҳадафҳои конститутсионӣ дар самти татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ ба таври принсипиалӣ ва меъёрӣ инъикоси расмии худро дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёфтааст.

Ҳамин тавр, вазифаи аввалиндараҷа ва асосии ҳам қисми умумӣ ва ҳам махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд иборат аст. Зеро дар ҳолати поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд меъёрҳои санади меъёрии мазкур ба роҳбарӣ гирифта шуда, баҳри ба амал баровардани

адолати иҷтимоӣ (аз ҷумла адолатӣ судӣ) заминаи вокеӣ фароҳам меоварад.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Акилова М.М.

НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ РЕАЛИЗАЦИИ КОНСТИТУЦИОННЫХ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА В ОБЩЕЙ И ОСОБЕННОЙ ЧАСТИ УГОЛОВНОГО КОДЕКСА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: права человека; конституционные положения; Конституция; Уголовный кодекс; общая часть; особенная часть; Республика Таджикистан; наказание; уголовное наказание; законодательные нормы; наука уголовного права; государственная безопасность; правовая политика; уголовно-правовая политика.

Аннотация: В данной статье на основе научной литературы анализируются и изучаются некоторые вопросы реализации конституционных прав и свобод человека и гражданина в общей части и особенной части Уголовного кодекса Республики Таджикистан. и применимое законодательство. По сути, одним из актуальных вопросов в практике органов государственной власти и теории юриспруденции является реализация конституционных прав и свобод человека и гражданина.

Хуршедзода Манижа Хуршед **-** ассистент кафедры конституционного права Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. E-mail: khurshedzodam@mail.ru ; Тел: (+992) 92-624-04-10

SOME ISSUES OF THE IMPLEMENTATION OF CONSTITUTIONAL RIGHTS AND FREEDOMS OF HUMANS AND CITIZENSHIP IN THE GENERAL AND SPECIAL PART OF THE CRIMINAL CODE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Key words: human rights; constitutional provisions; Constitution; Criminal Code; general part; special part; Republic of Tajikistan; punishment; criminal punishment; legislative norms; science of criminal law; state security; legal policy; criminal-legal policy.

Abstract: This article, based on scientific literature, analyzes and studies some issues of the implementation of constitutional rights and freedoms of man and citizen in the general part and special part of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. and applicable legislation. In fact, one of the pressing issues in the practice of government bodies and the theory of jurisprudence is the implementation of constitutional rights and freedoms of man and citizen.

Khurshedzoda Manizha Khurshed **-** Assistant of the Department of Constitutional Law of the Tajik State University of Law, Business and Politics. E-mail: khurshedzodam@mail.ru ; Tel: (+992) 92-624-04-10

Рӯйхати адабиёт:

1. Баннер А.Т. «Ба кор бурдани аналогия ҳангоми баррасии парвандаҳои гражданӣ дар суд // Давлат ва ҳуқуқи Шӯравӣ». 1976 №6. – С. 83-88.

2. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ. Душанбе, 2002. – 543 с.

3. Солибой Ҳасанов, Музаффар Ҳасанов. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. Хуҷанд, матбааи «ШАХ», 2005. – 412 с.

4. Венгеров А.Н. «Назарияи давлат ва ҳуқуқ»: Москва, 2006. – 608 с.

5. Азимов Н.Б., Ғаффорова Н.А., Камолов З.А.,Салимов Ҳ.С., Сатторов Ғ.С., Солиев К.Х., Шарифов Т. Ш., Юлдошова Г.М. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ) Душанбе – Ирфон-2010, 415 с.

6. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 бо тағйироту иловаҳо ба ҳолати 2 октябри соли 2024. Маводи электронӣ: Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj/ru. (санаи мурочиат: 24.12.2024).

7. Тафсир ба Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон"/ Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. Душанбе, 2006. – 800 с.

8. Назарияи давлат ва ҳуқуқ.- М: Изд -во ЛГУ, 1987. –549 с.

9. Ғаффорӣ Н.А. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ: Китоби дарсӣ.- Хуҷанд:Ношир, 2022. – 432 с.

Список литературы:

1. Баннер А.Т. «Применение аналогии при рассмотрении судом гражданских дел // Советское государство и право». 1976 №6. – С. 83-88.
2. Сотиволдиев Р.Ш. Теория права и государства. Учебник для студентов-юристов. Душанбе, 2002. – 543 с.
3. Солибой Хасанов, Музаффар Хасанов. Теория государства и права. Учебник. Худжанд, типография «ШАХ», 2005. – 412 с.
4. Венгеров А.Н. «Теория государство и право»: Москва, 2006. – 608 с.
5. Азимов Н.Б., Гаффорова Н.А., Камолов З.А.,Салимов Х.С., Сатторов Г.С., Солиев К.Х., Шарифов Т. Ш., Юлдошова Г.М. Уголовное право (общая часть) Душанбе – Ирфон-2010, 415 с.
6. Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 года № 574 с изменениями и дополнениями от 2 октября 2024 года. Электронный материал: Источник доступа: URL: http://www.mmk.tj/ru. (дата обращения: 24.12.2024).
7. Комментарий к Уголовному кодексу Республики Таджикистан» / Ответственный редактор Х.Х. Шарипов. Душанбе, 2006. – 800 с.
8. Теория государства и права.- М: Изд -во ЛГУ, 1987. –549 с.
9. Гаффори Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть: Учебник. – Худжанд: Издательство, 2022. – 432 с.

References:

1. Banner A.T. «Application of Analogy in the Consideration of Civil Cases by the Court // Soviet State and Law». 1976 No. 6. - P. 83-88.
2. Sotivoldiev R.Sh. Theory of Law and State. Textbook for law students. Dushanbe, 2002. - 543 p.
3. Soliboy Khasanov, Muzaffar Khasanov. Theory of State and Law. Textbook. Khujand, printing house «SHAH», 2005. - 412 p.
4. Vengerov A.N. «Theory of State and Law»: Moscow, 2006. - 608 p.
5. Azimov N.B., Gafforova N.A., Kamolov Z.A., Salimov Kh.S., Sattorov G.S., Soliev K.Kh., Sharifov T.Sh., Yuldoshova G.M. Criminal law (general part) Dushanbe - Irfon-2010, 415 p.
6. Criminal Code of the Republic of Tajikistan of May 21, 1998 No. 574 with amendments and additions of October 2, 2024. Electronic material: Access source: URL: http://www.mmk.tj/ru. (date accessed: 12/24/2024).
7. Commentary on the Criminal Code of the Republic of Tajikistan «/ Editor-in-chief Kh.Kh. Sharipov. Dushanbe, 2006. - 800 p.
8. Theory of state and law. - M: Publishing house of Leningrad State University, 1987. –549 p.
9. Gaffori N.A. Criminal law of the Republic of Tajikistan. General part: Textbook. - Khujand: Publishing house, 2022. – 432 p.

ТДУ: 343.352
Тоирзода Малика Тоир,
сардори шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
E-mail: toirzoda2001@mail.ru
Тел.: (+992) 880-80-61-02.

Исмоилӣ Ифтихор Исроил,
сардори бахши таҳлили таъсири танзимкунии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
E-mail: soliev_1998@list.ru
Тел.: (+992) 888-81-29-66.

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ КОРРУПСИЯ

Калидвожаҳо: коррупсия; моҳияти коррупсия; муқовимат ба коррупсия; пешгирии коррупсия; қонунгузорӣ.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур муаллифон масъалаи мафҳум, моҳият, муқовимат ва пешгирии коррупсияро бо дарназардошти адабиётҳои илмӣ, қонунгузории кишвар ва таҷрибаи байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Таҳқиқот, андешаҳои олимони ватанию хориҷиро мавриди таҳлил қарор дода, мафҳум ва моҳияти коррупсияро муайян кардаанд. Зимни таҳқиқоти худ муаллифон ба хулосае омадаанд, ки атрофи мафҳуми коррупсия дар адабиётҳо андешаҳои мухталиф ҷой дошта, мафҳуми умумиэътирофшудаи он вуҷуд надорад.

Коррупсия яке аз падидаҳои манфии ҷаҳони муосир ба ҳисоб рафта, ба фаъолияти муътадил ва рушди иҷтимоию иқтисодии ҳар як давлат таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин бармеояд, ки коррупсия як зуҳороти иҷтимоӣ аст ва дар тамоми ҷаҳон чи дар давлатҳои мутараққӣ ва чи дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ новобаста аз сохти идоракунии давлатии онҳо паҳн гаштааст. Коррупсия дар ҳама давру замон садди роҳи инкишофи иқтисодиёт ва ҷомеа гашта, суботу оромиро халадор ва боварии мардумро ба мақомоти давлатӣ коста мегардонад.

Барои дарки дурусти мафҳуми коррупсия зарур аст, ки мазмун ва моҳияти онро равшан кард. Вобаста ба ин, дар адабиёти илмӣ андешаҳои гуногун ҷой дорад. Чунончи, истилоҳи «коррупсия» дар тарҷумаи лотинӣ ба мазмуни пора, вайроншавӣ, таназзул, каҷравӣ, бетартибӣ ва ғайра фаҳмида мешавад [2, с. 266]. Дар луғати забони англисӣ «corruption» ҳамчун фурӯхташавандагӣ, каҷравӣ ва ғайра муайян шудааст [3, с. 82].

Дар луғати ҳуқуқии амрикоии Генри Блэк таҳти мафҳуми коррупсия «кирдоре, ки бо нияти пешниҳод намудани имтиёзоте, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ нагардидааст ва мухолифи уҳдадориҳои расмию мансабии шахси мансабдор мебошад», инчунин «кирдори шахси мансабдор, ки ғайриқонунӣ аз ваколатҳояш ё мақомаш баҳри гирифтани афзалиятҳо барои худ ё дигар шахс сӯистифода мекунад ва ин бар зидди ҳуқуқ ва уҳдадориҳои дигарон равона шудааст», фаҳмида мешавад [7, с. 240].

Ба мазмуни муосир коррупсия мафҳуми васеъ аст, ки фарогири амалҳои гуногуни ба ҷамъият хавфнок ва хатаровар мебошад. Дар гузашта онро бештар бо додан ва гирифтани пора марбут медонистанд. Аммо, тавре зикр гардид, коррупсия амалҳои гуногунро дар бар мегирад, ки аз додану гирифтани пора берун мебошанд. Коррупсия яке аз зуҳуроти хавфноки ҷомеа буда, дар миқёси ҷаҳонӣ ҳамчун ҷиноят вазнин ва яке аз унсурҳои таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ ва халалдоркунандаи рушду суботи иҷтимоию иқтисодии давлат эътироф гаштааст.

Коррупсия дар шароити муосир аз мушкилоти дохилӣ ба проблемаи байналмилалӣ мубаддал гардидааст. Ин зуҳуроти номатлуб дар таҳқиқи худ нишон дод, ки решаҳои амиқи таърихӣ дорад ва баробари ташаккулёбии давлатҳо ба вуҷуд омада, зуҳур намудааст. Набояд фаромӯш сохт, ки коррупсия дар баробари дигар хатарҳои ҷаҳонӣ ба яке аз масъалаҳои глобалӣ табдил ёфта, он ба раванди иқтисодию иҷтимоии ҷомеа ва мафкураи инсоният таъсири манфӣ мерасонад [12].

Мавриди зикр аст, ки дар адабиётҳои ҳуқуқии ватанию хориҷӣ, инчунин қонунгузорӣ истилоҳи «мубориза бо коррупсия» ва «муқовимат бо коррупсия» татбиқ мегардад. Масалан, қаблан

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли соли 2005, №100 амал менамуд ва қонуни амалкунанда бошад, мушоҳида мегардад, ки номи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия»-ро касб намудааст. Пеш аз ҳама номи қонун, ки истилоҳи «муқовимат»-ро касб намудааст, беасос нест.

Сабаби асосии табдили «мубориза» ба «муқовимат» пеш аз ҳама фарогирии ҳама паҳлуҳои сиёсати зиддикоррупсионии давлат ва тадбирҳои зиддикоррупсионӣ дар мафҳуми мазкур мебошад. Яъне, мафҳуми «муқовимат» васеътар буда, моҳиятан мафҳуми «мубориза»-ро дар худ таҷассум менамояд. Тасдиқи ин гуфта дар мафҳуми муқовимат ба коррупсия, ки дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз аз 25 июли соли 2005, №100 пешбинӣ шуда буд, ки мубориза бо коррупсия ҷузъи таркибии мафҳуми муқовимат ба коррупсия муайян мегардид [4, с. 233].

Муҳаққиқони ватанӣ моҳияти коррупсияро бо роҳи муқоиса кардани он падидаҳои ба он монанд ё умумӣ, аз қабили порагирӣ (ришвахӯрӣ) дуруст дарк намуда, чунин менависад: аввалан, коррупсия – ин сӯистеъмол аз ваколатҳои мансабӣ бо мақсади ба даст овардани фоидаи шахсӣ буда, порагирӣ (ришвахӯрӣ) яке аз шаклҳои коррупсия мебошад. Сониян, коррупсия ба ғайр аз порагирӣ метавонад боз дар дигар шаклҳо, аз ҷумла баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ, истифода бурдан ё додани имтиёзу бартариятҳои ғайриқонунӣ дар мавриди тақсимоти сарватҳои ҷамъиятӣ, азхудкунӣ ё исрофкории амволи боваркардашуда, сохтакории хизматӣ, хешутаборчигӣ, гурӯҳбозӣ, дахолат ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва субъектони хоҷагидор, маҳдудкунии рақобат ва ғайра зоҳир мешавад [11, с. 73].

Ш.М. Шарифзода чунин иброз менамояд, ки моҳияти коррупсия аз ду қисми таркибӣ иборат аст: 1) истифодаи амалҳои давлатӣ, ба даст овардани неъматҳои моддӣ, дигар неъматҳо ва афзалиятҳо; 2) ғайриқонунӣ ба шахсони воқеию ҳуқуқӣ супоридани чунин неъмату афзалиятҳо [16, с. 66].

Тибқи сархати якуми моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, №1714 коррупсия - кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки аз ҷониби шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда бо истифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахси дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар содир карда мешавад, инчунин ба ин шахс бевосита ё бавосита додани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо мақсади моил кардан ё мукофотонидани онҳо барои содир намудани чунин ҳаракатҳо ба манфиати шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ [13].

Дар Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид (СММ) оид ба мубориза бо коррупсия, ки 31 октябри соли 2003 қабул карда шудааст, мафҳуми коррупсия чунин шарҳ ёфтааст, «аз ҷониби шахсони мансабдори давлатӣ бо мақсади ба даст овардани фоидаи шахсӣ, сӯистифодаи салоҳиятҳое, ки ба онҳо бовар карда шудаанд, ба онҳо дар баробари порагирӣ, тасарруф, азхудкунӣ ё дигар намуд истифодабарии ғайриқонунии моликият, сӯистифода аз нуфӯз ё мақоми хидматӣ, дорошавии ғайриқонунӣ, ришвадиҳии тиҷоратӣ, қонунигардонии даромадҳо аз ҷиноят ва як қатор ҷиноятҳои дигар дохил мешаванд». Ҳамчунин, дар ин ҳуҷҷати барномавии СММ дар бораи муборизаи байналмилалӣ бар зидди коррупсия чунин таърифи кутоҳ ва пурмазмун оварда шудааст: «Коррупсия – ин сӯиистифодаи ҳокимияти давлатӣ барои гирифтани фоида ба мақсадҳои шахсӣ мебошад» [17].

Ба андешаи олимони ватанӣ У.А. Азиззода, Р.Л. Раҳимов коррупсия дар мазмуни маҳдуд ҳамчун ришваситонии шахсони мансабдори давлатӣ, ки қонунгузории ҷиноятӣ бо таҳдиди татбиқи ҷазо ҷиноят муқаррар кардааст, фаҳмида мешавад. Дар мазмуни васеъ бошад, мафҳуми коррупсия на танҳо ришваситонӣ, балки дигар амалҳои монанд ба ришваситонӣ (азонихудкунӣ, пора, тамаъҷӯӣ ва ғайра), инчунин доираи васеътари субъектонро фаро мегирад [19, с. 15].

Профессор С.В. Максимова қайд менамояд, ки коррупсия ин аз ҷониби мансабдорони давлатӣ ё дигар шахсони мансабдор (аз ҷумла вакилон ва судяҳо) ё кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилотҳо (аз ҷумла ташкилотҳои байналмилалӣ) истифодаи мақоми худ, барои ғайриқонунӣ ба даст овардани амвол, ҳуқуқ ба амвол, хидматрасониҳо ё имтиёзҳо (аз ҷумла хусусияти ғайримолумулкӣ дошта) ё пешниҳоди чунин амвол, ҳуқуқ ба он, хидматрасонӣ ё имтиёзҳо (аз ҷумла хусусияти ғайримолумулкӣ дошта) ба шахсони мансабдори хориҷӣ мебошад» [14, с. 287].

Ба назари В.А. Баҳрombеков, Ф.С. Миров коррупсия воқеан яке аз ҷиноятҳои хафноке ба ҳисоб меравад, ки он барои амалӣ гардидани

барномаҳои иҷтимоию иқтисодии давлат ва риояи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон монеа шуда, роҳи рушди иқтисодию иҷтимоии кишварамонро мебандад, нобоварии шаҳрвандонро нисбат ба давлату ҳукумат ва сиёсати пешгирифтаи сарвари давлат ба вуҷуд меорад ва минбаъд барои ҷиноятқорӣ ва ба сари мақомотҳои қудратӣ омадани шахсони тасодуфӣ заминагузорӣ менамояд [1].

Купиршенко Н.П. бар он ақидааст, ки баҳсҳо дар самти истилоҳ ва ё мафҳуми коррупсия, ки андешаҳои гунонуни олимонро дар бар мегирад, хело зиёд мебошанд, ин олим изҳор доштааст, ки коррупсия, ин ришва, порагирӣ (таърифи маҳдуд) ва тамоми равандҳои манфӣ дар худи механизми идоракунии давлатӣ (таърифи васеъ) мебошад [18, с. 11]

С. Хурсандзода чунин иброз менамояд, ки коррупсия ин падидаи сирф номатлуби ҷамъиятӣ буда, барои давлату ҷомеа оқибатҳои харобиовар ва хисороти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро ба бор меорад. Коррупсия падидаи манфии иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, фаҳмишҳои мухталиф ва васеъро доро мебошад. Коррупсия бо мафҳумҳои «ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ» маҳдуд намегардад. Ҳангоми ҷой доштани ҳуқуқвайронкуниҳои коррпусионӣ падидаи мазкур аз нуқтаи назари меъёрӣ-ҳуқуқӣ баҳогузорӣ карда мешавад, аммо коррупсия ҳамчун падидаи иҷтимоӣ мазмунан васеъ буда, мавзӯи омӯзиши дигар соҳаҳои илм низ мебошад [5, с. 9].

В.В. Астанин мафҳуми коррупсияро чунин ифода менамояд: «коррупсия падидаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии таназзули муносибатҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳокимият мебошад, ки дар порагирӣ, истифодаи мақоми хизматиашон ва имкониятҳо аз ҷониби шахсони мансабдор зоҳир мегардад» [15, с. 9].

Коррупсия амали норавову ғайриқонунӣ буда, бо мақсади ба даст овардани фоидаи молиявӣ аз ҷониби ашхоси дорои ваколатҳои мансабӣ ва барои иҷрои кори шахсони корафтода содир мегардад.

Ба андешаи А.Л. Симон коррупсия гарчанде як кирдор, як амали фарогиру маҷмӯӣ бошад, он аз ҷузъиётҳои мушаххас иборат аст ва танҳо дар раванди пурраи гардидани ин ҷузъиётҳо он шакли мукаммалро ба худ касб мекунад. Яъне манзур аз ин навиштанҳо дар он аст, ки қабул накардани коррупсия ҳамчун омили ба ҷомеа зараровар, пеш аз ҳама аз қабул нагардидани ҷузъиётҳои он иборат аст, агар онҳо қабул нагарданд ва аз нуқтаи назари менталӣ ҷомеа ба онҳо ҳисси нафрат пайдо нанамояд, пас муқовимат низ самаранок нахоҳад буд [6, с. 50].

Ш.М. Шарифзода чунин қайд менамояд, ки коррупсия фарсудашавии ҳокимият аст, ҳамон тавре, ки занг оҳанро фарсуда менамояд, коррупсия низ дастгоҳи давлатро хароб намуда, устувории ахлоқи ҷомеа ва бовариро ба он коста мегардонад ва ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ соҳаҳои асосии ҳаётан муҳими шаҳрвандонро фаро гирифта, ба шуурнокии ахлоқӣ ва ҳуқуқии онҳо, инчунин тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири манфии худро мерасонад [16, с. 64].

С. Стефан иброз менамояд, ки коррупсия истифодаи мақоми боваринок дар ин ё он шохаҳои ҳокимияти давлатӣ (иҷроия, қонунгузор ва судӣ) ё дар созмонҳои сиёсӣ ва дигар ташкилот бо мақсади гирифтани манфиати моддӣ барои худ ва дигарон, ки қонунӣ нест, мебошад.

Инчунин, коррупсия падидаи бисёрсамта (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва психологию ахлоқӣ) буда, моҳиятан маҳсули ҷамъият мебошад, чунки ин падида арзиши ҷамъияти дошта, аз тарафи аъзоёни ҷамъият пардохта мешавад, ба ҷараёнхои муҳимтарини ҷомеа худро мерасонад, решаи чуқури таърихӣ ва аҳамияти глобалӣ касб намуда, чун ба одати муқаррарӣ ё қоидаи рафтори ҳатмӣ табдил меёбад.

Коррупсия чунин оқибатҳои номатлуби иҷтимоиро ба вуҷуд меорад:

– васеъ гаштани доираи иқтисоди пинҳонӣ, ки ба кам шудани андоз ва заиф гардидани буҷаи давлатӣ боис мегардад;

– хароб гаштани рақобати солим дар бозор;

– ғайрисамаранок истифода гардидани буҷаи давлатӣ;

– фазои сармоягузорӣ хароб мегардад;

– намояндагони фасодзадаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба мустаҳкамшавии гурӯҳҳои ҷиноятӣ мусоидат мекунанд;

– ҳуқуқ ҳамчун воситаи зӯроварӣ истифода мешавад;

– шиддати иҷтимоӣ боло меравад ва ба устувории иҷтимоӣ ва сиёсӣ хатарҳо эҷод менамояд;

– мансабдорон ва дигар мақомоти давлатӣ на ба манфиати шаҳрвандон, балки барои таъмини ҳокимияти гурӯҳи ҳукумрон хизмат мекунанд;

– боварӣ ба ҳокимият ва мансабдорони давлатӣ поён меравад, аҳолӣ аз ҳокимият бегона мегарданд;

– обрӯи давлат дар арсаи байналмилалӣ поён меравад;

– нигилизми ҳуқуқӣ меафзояд, арзишҳои демократӣ моҳияти худро дар чашми аҳолӣ гум мекунанд.

Ба андешаи С. Хурсандзода оқибатҳои манфии иҷтимоии коррупсия низ хеле зиёданд – коррупсия арзишҳои дар ҷомеа эълоншударо осебпазир менамояд, дар равони аъзоёни ҷомеа «стандартҳои дугона»-ро шакл медиҳад, дар ахлоқ ва рафтори инсонҳо арзишҳои номатлубро ҷой мекунад, коррупсия барои тақсими беадолатонаи неъматҳо мусоидат намуда, нуфузи ҳуқуқро ҳамчун механизми танзими ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ ба поён мебарад, эътимоди ҷомеа ба ҳокимиятро коҳиш медиҳад [5, с. 13-14].

Муқовимат ба коррупсия ин фаъолияти субъектҳои муқовимат ба коррупсия дар самти пешгирӣ, ошкор кардан, кушодан, таҳқиқу тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ба ҷавобгарӣ кашидани субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд, бартараф намудани сабабу шароитҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ мебошад.

Яке аз ҷузъҳои таркибии муқовимат ба коррупсия пешгирии коррупсия ба ҳисоб меравад. Пешгирии коррупсия - фаъолияти субъектҳои муқовимат ба коррупсия дар самти огоҳ, пешгирӣ, ошкор, бақайдгирӣ, кушодан, таҳқиқу тафтиши кирдорҳои коррупсионӣ ва бартараф намудани сабабу шароитҳое, ки ба содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд мусоидат мекунанд.

Пешгирии коррупсия яке аз чораҳои муқовимат ба коррупсия буда, бо роҳҳои зерин амалӣ карда мешавад:

1) тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ;

2) таълиму тарбияи зиддикоррупсионӣ;

3) таҳлили хавфҳои коррупсионӣ;

4) мониторинги зиддикоррупсионӣ;

5) экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

6) чораҳои назорати давлатии молиявӣ;

7) талаботи махсус нисбати довталабони вазифаҳои давлатӣ ва шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор;

8) мамониат барои таъин ё интихоб шудан ба мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда;

9) ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо вобаста ба иҷрои вазифаҳои мансаби давлатӣ ва мансаби ба он баробаркардашуда.

Вазифаҳои асосии пешгирии коррупсия аз таъмини ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, инчунин ҷамъият ва давлат аз коррупсия; амалӣ сохтани асосҳои меъёрии ҳуқуқии пешгирӣ, ошкор ва барҳам додани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ; муносибсозии шакл, усул ва воситаҳои муқобилият бо коррупсия; васеъ намудани татбиқи чораҳои пешгирикунанда дар мубориза бо коррупсия; ҳамкорӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ; тавсеъ ва фаъол гардонидани ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бо коррупсия иборат мебошад [11, с. 60].

Ҳамин тавр, коррупсия сӯистифода аз мақоми хизматӣ, додан ва гирифтани пора, сӯистифодаи ваколатҳои хизматӣ, ришвадиҳии тиҷоратӣ ё истифодаи дигари ғайриқонунии шахси воқеӣ аз мақоми мансабии худ, бар хилофи манфиатҳои қонунии ҷомеа ва давлат бо мақсади ба даст овардани манфиат дар шакли пул, ашёи қиматбаҳо ва ё дигар амвол фаҳмида мешавад.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Соҳибзода М.М.

ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ КОРРУПЦИИ

Ключевые слова: коррупция; сущность коррупции; противодействие коррупции; предотвращение коррупции; законодательство.

Аннотация. В данной статье авторы рассмотрели понятие, сущность, противодействие и предотвращение коррупции с учетом научной литературы, законодательства страны и международного опыта. Ученые проанализировали мнения отечественных и зарубежных ученых и определили понятие и сущность коррупции. В ходе своих исследований авторы пришли к выводу, что вокруг понятия коррупции в литературе существуют различные мнения, общепризнанного понятия коррупции не существует.

Тоирзода Малика Тоир **–** начальник отдела международного права Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: toirzoda2001@mail.ru, Тел.: (+992) 880-80-61-02.

Исмоили Ифтихор Исроил **–** начальник сектора анализа регуляторного воздействия Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: soliev_1998@list.ru, Тел.: (+992) 888-81-29-66.

THE CONCEPT AND ESSENCE OF CORRUPTION

Keywords: corruption; the essence of corruption; anti-corruption; prevention of corruption; legislation.

Annotation. In this article, the authors examined the concept, essence, counteraction and prevention of corruption, taking into account scientific literature, national legislation and international experience. The scientists analyzed the opinions of domestic and foreign scientists and defined the concept and essence of corruption. In the course of their research, the authors came to the conclusion that there are different opinions around the concept of corruption in the literature, and there is no universally recognized concept of corruption.

Toirzoda Malika Toir – the Head of the International Law Department at the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: toirzoda2001@mail.ru, Tel: (+992) 880-80-61-02.

Ismoili Iftikhor Isroil **–** the Head of the Regulatory Impact Analysis Sector at the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: soliev_1998@list.ru, Tel: (+992) 888-81-29-66.

Рӯйхати адабиёт:

1. Баҳрombеков В.А., Миров Ф.С. Омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодии паҳншавии коррупсия дар ҷомеа // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://elibrary.ru (санаи мурочиат: 10.04.2025).
2. Дворетский И.Х. Луғати лотинӣ-русӣ. Наш. 2 – М., 1976. – 196 с.
3. Луғати англисӣ-русӣ. Киев, 1998. – 823 с.
4. Шарипова М.Ғ. Рушди асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №4/2(54). – С. 231-236.
5. Хурсандзода С. Сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқи назариявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ: автореф. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2022. – 50 с.
6. Симон А.Л. Низоми ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия: масъалаҳои назария ва амалия: дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2015. – 217 с.
7. Луғати ҳуқуқии Блэк. Нашри мухтасари шашум. Сент-Пол, Миннесота, 1991. Саҳ. 240.
8. Штефан Ш. Коррупсия, сабабҳо ва оқибатҳо. // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://dx.doi.org (санаи мурочиат: 14.04.2025).
9. Холинова М.М. Мафҳум ва даврaҳои пайдоиш ва ташаккули коррупсия дар таърихи башарият // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://elibrary.ru (санаи мурочиат: 12.04.2025).
10. Назаров З.А., Шоев А.Ҷ. Падидаи коррупсия чун зуҳуроти иҷтимоӣ: моҳият ва инкишофи он // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://elibrary.ru (санаи мурочиат: 15.04.2025).
11. Ҳамкориҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон дар муқовимат бо коррупсия: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ // Зери таҳрири умумии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Зоиров Ҷ.М. (Маҷидзода Ҷ.З.). – Душанбе: «Нашриёти ВКД ҶТ», 2014. – 85 с.
12. Тоҷидинов М.А. Коррупсия зуҳурроти номатлуби ҷомеа // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://mmk.tj (санаи мурочиат: 14.04.2025).
13. Қонуни ҶТ “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” аз 7 августи соли 2020, №1714 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 17.04.2025).
14. Максимов С.В. Коррупсия. Қонун. Масъулият: дастури таълимӣ.– Наш. 3, бо коркарду иловаҳо. – Москва: ФГБУН Ин–т давлат ва ҳуқуқи РАН, 2017. – 287 с.
15. Астанин В.В. Коррупсия ва муборизa бо он Дар Русия дар нимаи дуюми асрҳои XVIXX (тадқиқоти криминологӣ): дис. … номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – М., 2015. – 209 с.
16. Шарифзода Ш.М. Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2022. – 227 с.
17. Конвенсияи Созмони Милали муттаҳид бар зидди коррупсия. Аз Ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ дар ҷаласаи 51–уми умумии 31 октябри соли 2003 қабул карда шуд / Дастрасӣ тавассути СПС Консультант плюс.

18.Купрещенко Н.П. Таъсири коррупсия ба муносибатҳои иқтисодӣ дар Федератсияи Русия // Андозҳо (маҷалла) – М., 2008. – С. 7-12.

19.Азиззода У.А., Раҳимов Р.Л. Таълимот оид ба мафҳум, аломатҳо ва хусусиятҳои коррупсия // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе. – 2023. – №4(32). – С. 15-31.

Список литературы:

1. Бахрombеков В.А., Миров Ф.С. Социально-экономические факторы распространения коррупции в обществе // [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: https://elibrary.ru (дата обращения: 10.04.2025).

2. Дворецкий И.Х. Латинско-русской словарь. Изд. 2-е – М., 1976. – 196 с.

3. Англо-русский словарь. – Киев, 1998. – 823 с.

4. Шарипова М.Г. Развитие правовых основ противодействия коррупции в Республике Таджикистан / / государственное управление. – 2021. – №4/2(54). – С. 231-236.

5. Хурсандзода С. Антикоррупционная политика в Республике Таджикистан: теоретико-правовое и сравнительно-правовое исследование: автореферат диссертации на соискание учёной степени кандидата юридических наук. – Душанбе, 2022. – 50 с.

6. Симон А.Л. Правовой режим противодействия коррупции: вопросы теории и практики: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 217 с.

7. Black's Law Dictionary. Abridged Sixth Edition. - St. Paul MN, 1991. – P. 240.

8. Štefan Š. Corruption, Causes and Consequences. // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://dx.doi.org (санаи мурочиат: 14.04.2025).

9. Холинова М.М. Понятие и этапы возникновения и формирования коррупции в истории человечества // [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: https://elibrary.ru (дата обращения: 12.04.2025).

10. Назаров З.А., Шоев А.Дж. Явление коррупции как социальное проявление: сущность и развитие // [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: https://elibrary.ru (дата обращения: 15.04.2025).

11. Сотрудничество правоохранительных органов Таджикистана в противодействии коррупции: материалы Республиканской научно-практической конференции // Под общей редакцией доктора юридических наук, профессора Зоирова Дж.М. (Маджидзода Дж.З.). – Душанбе: «Издательство МВД РТ», 2014. – 85 с.

12. Тоджидинов М.А. Коррупция как негативное явление общества // [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: https://mmk.tj (дата обращения: 14.04.2025).

13. Закон Республики Таджикистан «О противодействии коррупции» от 7 августа 2020 года, №1714 // Центральный информационно-правовой фонд РТ «Адлия». Версия 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 17.04.2025).

14.Максимов С.В. Коррупция. Закон. Ответственность: учеб. пособие. – Изд. 3-е, перераб. и доп. – Москва: ФГБУН Ин–т государства и права РАН, 2017. – 287 с.

15.Астанин В.В. Коррупция и борьба с ней в России второй половины XVI–XX вв. (криминологическое исследование): дис. … канд. юрид. наук. – М., 2015. – 209 с.

16.Шарифзода Ш.М. Предупреждение коррупционных преступлений в Республике Таджикистан: диссертация на соискание учёной степени кандидата юридических наук. – Душанбе, 2022. – 227 с.

17.Конвенция Организации Объединенных Наций против коррупции. Принята Генеральной Ассамблеей ООН на 51–м пленарном заседании 31 октября 2003 года / Доступ через СПС «Консультант плюс».

18.Купрещенко Н.П. Влияние коррупции на экономические отношения в Российской Федерации // Налоги (журнал). – М.,2008. – С. 7-12.

19. Азиззода У.А., Рахимов Р.Л. Учение о понятии, признаках и характеристиках коррупции // Государствоведение и права человека. – Душанбе, 2023. – №4(32). – С. 15–31.

List of literature:

1. Bakhrombekov V.A., Mirov F.S. Socio-economic factors in the spread of corruption in society // [Electronic resource]. Access source: URL: https://elibrary.ru (accessed: 10.04.2025).

2. Dvoretsky I.Kh. Latin-Russian Dictionary. 2nd ed. – Moscow, 1976. – 196 p.

3. English-Russian Dictionary. – Kyiv, 1998. – 823 p.
4. Sharipova M.G. Development of legal foundations for combating corruption in the Republic of Tajikistan // Public Administration. – 2021. – No. 4/2(54). – P. 231–236.
5. Khursandzoda S. Anti-corruption policy in the Republic of Tajikistan: theoretical-legal and comparative-legal study: abstract of the dissertation for the degree of Candidate of Legal Sciences. – Dushanbe, 2022. – 50 p.
6. Simon A.L. Legal regime of anti-corruption efforts: theoretical and practical issues: dissertation for the degree of Candidate of Legal Sciences. – Dushanbe, 2015. – 217 p.
7. Black's Law Dictionary. Abridged Sixth Edition. – St. Paul, MN, 1991. – P. 240.
8. Štefan Š. Corruption, Causes and Consequences // [Electronic resource]. Access source: URL: http://dx.doi.org (accessed: 14.04.2025).
9. Kholinova M.M. The concept and stages of emergence and formation of corruption in human history // [Electronic resource]. Access source: URL: https://elibrary.ru (accessed: 12.04.2025).
10. Nazarov Z.A., Shoev A.J. Corruption as a social phenomenon: essence and development // [Electronic resource]. Access source: URL: https://elibrary.ru (accessed: 15.04.2025).
11. Cooperation of law enforcement agencies of Tajikistan in combating corruption: materials of the Republican scientific-practical conference // Under the general editorship of Doctor of Legal Sciences, Professor Zoirov J.M. (Majidzoda J.Z.). – Dushanbe: «Publishing House of the Ministry of Internal Affairs of RT», 2014. – 85 p.
12. Tojidinov M.A. Corruption as a negative social phenomenon // [Electronic resource]. Access source: URL: https://mmk.tj (accessed: 14.04.2025).
13. Law of the Republic of Tajikistan «On Combating Corruption» dated August 7, 2020, No. 1714 // Central Legal Information Database of the RT «Adliya». Version 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (accessed: 17.04.2025).
14. Maksimov S.V. Corruption. Law. Responsibility: Textbook. – 3rd ed., revised and expanded. – Moscow: Institute of State and Law of the Russian Academy of Sciences, 2017. – 287 p.
15. Astanin V.V. Corruption and the fight against it in Russia from the second half of the 16th to the 20th centuries (criminological study): dissertation for the degree of Candidate of Legal Sciences. – Moscow, 2015. – 209 p.
16. Sharifzoda Sh.M. Prevention of corruption-related crimes in the Republic of Tajikistan: dissertation for the degree of Candidate of Legal Sciences. – Dushanbe, 2022. – 227 p.
17. United Nations Convention against Corruption. Adopted by the UN General Assembly at its 51st plenary meeting on October 31, 2003 / Access via «Consultant Plus» legal database.
18. Kupreshchenko N.P. The impact of corruption on economic relations in the Russian Federation // Taxes (journal). – Moscow, 2008. – P. 7–12.
19. Azizzoda U.A., Rakhimov R.L. Doctrine on the concept, signs and characteristics of corruption // Political Science and Human Rights. – Dushanbe, 2023. – No. 4(32). – P. 15–31.

ТДУ: 340.134

Ҳасанов Бехруз Абдуллохуҷаевич,
ассистенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултати ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
E-mail: bekhruzkhasanov747413@gmail.com.
Тел: (+992) 904-49-34-31.

ПРИНСИПҲОИ МАХСУСИ МАҶБУРСОЗИИ ДАВЛАТӢ

Калидвожа: Маҷбурсозии давлатӣ; маҷбурсозии ҳуқуқӣ; ҳуқуқ; давлат; принсип; принсипҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ; принсипҳои маҷбурсозии давлатӣ; принсипҳои умумӣ; принсипҳои махсус.

Фишурда. Дар таърихи инсоният падидаи маҷбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣ вуҷуд дошт ва яке аз роҳҳои танзими механизми ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад. Барои танзими дурусти муносибатҳои мазкур, омӯзиш ва татбиқи принсипҳои асосии маҷбурсозии давлатӣ аз аҳаммият холӣ нест. Принсипҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ давлатӣ барои ба низом даровардани чораҳои маҷбурсозӣ замина мегузоранд. Қобили зикр аст, ки мақсади асосии маҷбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣ таъмини тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа мебошад. Дар назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ ба хусусият ё вижагиҳои ҳуқуқии маҷбурсозӣ диққати махсус дода мешавад Зимни амалӣ намудани маҷбурсозӣ шарт ё талаботи асосӣ риояи принсипи қонуният аст, ки мувофиқи он ҳама гуна маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон танҳо дар асос ва тартиби бевосита пешбининамудаи қонун иҷозат дода мешавад. Маҷбурсозиро падидаи сирф давлатӣ ё сирф ҳуқуқӣ эътироф кардан ғайриимкон аст, зеро он дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа вуҷуд дорад ва механизми маҷбурсозии давлатӣ бо ба инобат гирифтани принспҳои умумии ҳуқуқ амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, онро маҷбурсозии давлатӣ-ҳуқуқӣ ё маҷбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣ унвон кардан мумкин аст.

Принсипҳои махсуси маҷбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣ гуфта, он асосҳои ҳуқуқӣ, бунёдӣ ва ғояҳоеро меноманд, ки мазмун, моҳият, хусусият ва таъйиноти маҷбурсозии давлатиро дар ҷомеа ифода намуда, барои татбиқи чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣ заминаи воқеӣ ва ҳуқуқӣ мегузоранд.

Принсипҳои махсуси маҷбурсозии танҳо он амалиётҳои шахсро танзим мекунад, ки ҷавобгӯи манфиатҳои ҷомеа ва давлат мебошанд, талаботҳои моддӣ ва маънавии инсонро қонеъ карда метавонанд, ба давлат муфид мебошад. Бештари чунин ҳаракатҳо қонунӣ мебошанд. Аммо дар ҷомеа ҳаракатҳое, низ содир мешаванд, ки муқобили манфиати ҷомеа мебошанд [9]. масалан, иҷро накардани он уҳдадориҳое, ки қонун пешбинӣ кардааст дар натиҷа оқибати ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд ва давлат бе тараф буда наметавонад. Бинобар он муносибатҳое, ки вобаста ба кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ пайдо мешаванд, тавасути чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣ танзим мешаванд ва дар танзими онҳо шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат манфиатдоранд.

Барои танзими дурусти муносибатҳои мазкур, омӯзиш ва татбиқи принсипҳои махсуси маҷбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣ аз аҳаммият холӣ нест. Принсипҳои махсуси маҷбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣ барои ба низом даровардани чораҳои маҷбурсозӣ замина мегузоранд.

Барои дарки мазмун ва моҳияти принсипҳои махсуси маҷбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣ онҳоро ба чунин намудҳо ҷудо намудан мумкин аст:

1. **Монополияи давлатӣ.** Монополияи давлатӣ яке аз принсипҳои асосӣ оид ба маҷбурсозии давлатӣ мебошад. Монополияи давлатӣ оид ба маҷбурсозӣ аз он иборат аст, ки қасосгирӣ, худмаҳкумукунӣ, худсарона амал намудани шахсони воқеӣ ва кормандони ҳифзи ҳуқуқ дар самти татбиқи чораҳои маҷбурсозӣ манъ аст. Истисно падидаи мудофиаи зарурӣ мебошад, ки давлат ба шаҳрвандон кафолатҳои ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, молу мулк ва неъматҳои ғайримоддии онҳоро медиҳад [12].

Мақсадҳои ташкили монополияи давлатӣ аз инҳо иборатанд: ҳимояи манфиатҳои иқтисодии давлат ва истеъмолкунандагон, таҳкими савдои хориҷӣ, мавқеи ҳарбию сиёсии давлат ва ғайра. Монополияи давлатӣ дар асоси қонунҳо ҳатмӣ ҷорӣ карда мешаванд. Зарурати ҷорӣ намудани монополияи давлатӣ вақте ба миён меояд, ки бозори озод барои шаҳрвандон (ҳуқуқу озодиҳои онҳо, саломатии онҳо) ё ба давлат ва ҷомеа оқибатҳои манфӣ расонад [1], яъне ба суботи сиёсӣ, амнияти ҷомеа ва вазъи ҳуқуқ таъсиргузор

бошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки монополияи давлатӣ бо мақсади ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ ва амнияти давлатӣ ҷорӣ карда мешавад.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият”, монополияи давлатӣ дар соҳаи тайёр намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият [7], танҳо аз ҷониби мақомоти махсусгардонидашудае, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегардад, амалӣ карда мешавад.

2. Эҳтимолияти бегуноҳӣ. Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад. Уҳдадории исботи айб ба зиммаи айбдоркунандаи давлатӣ гузошта мешавад. Гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда уҳдадор нестанд, ки бегуноҳии худро исбот намоянд. Ҳама гуна шубҳаҳои гунаҳгории айбдоршаванда, ки бо тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур бартараф карда намешаванд, ба фоидаи айбдоршаванда маънидод карда мешавад. Ҳукми айбдоркуниро бо тахмин асоснок кардан мумкин нест [4]. Шахс то тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун исбот нагардидани гуноҳи ӯ барои содир намудани ҷиноят бегуноҳ ҳисоб карда мешавад. Ҳеҷ кас вазифадор нест, ки бегуноҳии худро исбот кунад ё алайҳи худ ва наздиконаш шаҳодат диҳад. Бори исботи ҳолатҳое, ки далели ҳуқуқвайронкунӣ ва гуноҳи шахсро нишон медиҳанд, ба дӯши давлат гузошта мешавад. Ба шахси ҷиноят содирнамуда бояд ҷазое таъин гардад ё чунин чораи дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ раво дида шавад, ки барои ислоҳи ӯ ва пешгирӣ намудани ҷиноятҳои нав зарур ва кофӣ бошад. Ҷазо ё чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содирнамуда истифода мешаванд, мақсади озори ҷисмонӣ, таҳқири шаъну эътибори инсонро надоранд.

3. Чораҳои маҷбурсозӣ бояд бо назардошти шахсияти ҷинояткор, вазъи оилавии ӯ, шакли гуноҳ, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда, сабаб ва шароите, ки ба содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ мусоидат кардаанд, татбиқ карда шаванд. Андозаи муҷозот бояд ба зарари расонидашуда мувофиқ бошад, яъне ҷазо бояд ба ҷиноят мутаносиб бошад ва бо назардошти зарари расонидашуда таъин карда шавад. Ҳамин тариқ, чораи ҷавобгарӣ бояд ба ҷиноят мувофиқ бошад. Ҳеҷ касро барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест.

4. Принсипи ҷуброни зарар. Яке аз принсипҳои дигари маҷбурсозии давлатӣ ин ҳуқуқи шахсони воқеӣ ба ҷуброни зарареро мебошад, ки дар натиҷаи амали (беамалии) ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ё шахсони мансабдор расонида шудааст. Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз мекунад. Давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдида кафолат медиҳад (моддаи 21) [2].

Ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон қисми ҷудонопазири сиёсати давлати ҳуқуқбунёд мебошад, ки баҳри барпо кардани он Ҷумҳурии Тоҷикистон саъю кӯшиш менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон чун иштирокчии Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ уҳдадор аст, ки ҳуқуқи ҳамаи шахсони дар ҳудуди қаламрави он сукунат доштаро қатъи назар аз нажод, ҷинс, забон, дин, мавқеи сиёсӣ ё ақидаи дигар, асли миллӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молу мулкӣ, таваллуд ё ҳолати дигар эҳтиром ва таъмин кунад; ба ҳар шахс воситаи пурсамари ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳоро таъмин намояд; ҳифзи ҳуқуқу озодиҳоро барои ҳар шахс, ки ба он эҳтиёҷ дорад, тавассути мақомоти судӣ дастрас созад.

Бояд зикр намуд, ки ҳолатҳои фавқуззикр ба таври мушаххас дар дигар моддаҳои Қонуни асосӣ, инчунин дар қонунҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва маданӣ муқаррар шудаанд.

Мувофиқи моддаи 54-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ, ҷабрдида шахси воқеист, ки аз ҷиноят ба вай зарари ҷисмонӣ, моддӣ, маънавӣ расонида шудааст, инчунин шахсоне, ки ҳуқуқу манфиатҳои онҳо дар зери таҳдиди бевосита ё сӯиқасди ҷиноят қарор дорад. Ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад [2]. Дар моддаи 5-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошад ва аз тарафи давлат эътироф, риоя ва ҳифз карда мешаванд[2]. Доираи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд гуногунҷанба буда, бевосита амалӣ мешаванд. Он маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳоро, ки дар Конститутсия ва дигар санадҳои қонунгузорӣ сабт шудааст, дар бар мегирад.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад ва мазмуни фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд (моддаи 14-и Конститутсия) [2]. Аз ин муқаррарот бармеояд, ки кафолати муҳимми давлатие, ки таввасути он татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таъмин мегардад, ҳифзи судӣ мебошад.

Ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ дар ягон маврид, ҳатто дар давраи вазъияти фавқулода маҳдуд карда намешавад (моддаи 47-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Ҳамин тариқ аз меъёри

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 14, 17 ва 19) бармеояд, ки ба ҷабрдида ё шахси аз ҷиноят зарардида давлат ҳифзи ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Ин кафолат пешгирии сӯиқасд ё пешгирии расонидани зарари моддӣ ва маънавиро дар назар дорад, ки ба талаботи моддаи 8-и Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ҷавобгӯ мебошад. Мувофиқи моддаи 8-и Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, «ҳар як инсон дар сурати поймол гардидани ҳуқуқҳои асосии ӯ, ки бо Конститутсия ё қонун пешбинӣ шудаанд, барои барқарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳақ дорад» [17].

Дар радифи ин, ҷуброни зарар низ ҳуқуқи ҷудонопазири ҷабрдида ба ҳисоб меравад, ки дар натиҷаи ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо расонида шудааст. Ҳолати конститутсионии ҷуброни зарар бевосита дар Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ ва Кодекси маданӣ пешбинӣ шудаанд. Мувофиқи муқаррароти Кодекси мурофиаи ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷабрдидае, ки аз ҷиноят ба вай зарари маънавӣ, ҷисмонӣ ва ё моддӣ расонида шудааст ва барои иштирок дар парвандаи ҷиноятӣ иҷозат дода шудааст, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ҳуқуқ дорад оид ба ҷуброни зарар даъвои маданӣ пешниҳод намояд. Ҳаёт ва саломатӣ барои инсон арзиши олӣ доранд. Аз ин рӯ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлнопазирӣ ва ҳифзи давлатии онҳоро эълон менамояд. Инчунин, дар асоси талаботи моддаи 1195-и Кодекси мадании ҶТ, зарари дар натиҷаи ғайриқонунӣ маҳкум намудан, ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ғайриқонунӣ ба сифати чораи пешгирӣ истифода бурдани ба ҳабс гирифтан ё забонхат барои аз маҳалли истиқомат нарафтан, шиканҷа, муносибат ва ҷазои ғайриқонунии таҳқиркунандаи шаъну шараф ё эътибори корӣ, ғайриқонунӣ андешидани ҷазои маъмурӣ дар шакли ба ҳабс гирифтан ё маҳрум намудан аз ҳуқуқи махсус ба шахси воқеӣ расондашуда, инчунин зараре, ки дар натиҷаи ғайриқонунӣ боздоштани амали иҷозатнома барои машғул шудан ба намуди муайяни фаъолият ё боздошти ғайриқонунии намуди муайяни фаъолияти шахси ҳуқуқӣ расонда шудааст, сарфи назар аз гуноҳи шахси мансабдори мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокуратура ва суд аз ҳисоби давлат ба андозаи пурра ҷуброн карда мешавад [3].

Дар қисми дуюм ва сеюми ҳамин модда пешбинӣ шудааст, ки зарари ба шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ дар натиҷаи фаъолияти дигари ғайриқонунии мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокуратура ва суд расондашуда, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, дар асосҳои умумӣ (моддаи 1194-и ҳамин Кодекс) ҷуброн карда мешавад. Зараре, ки дар натиҷаи баровардани санади ғайриқонунии судӣ расонда шудааст, дар ҳолате ҷуброн карда мешавад, ки агар гуноҳи судя тибқи ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд муқаррар гардида бошад [3]. Ҳолатҳои дар боло зикргардида аз он далолат медиҳанд, ки дар айни замон давлат тамоми механизмҳои қонунгузорӣ ва 291 ҳуқуқтатбиққуниеро, ки баҳри таъмини ҳуқуқҳои поймолгардидаи ҷабрдида ва барқарор кардани ҳолати моддӣ заруранд, муҳайё намудааст.

Хусусиятҳои зерини маҷбурсозии давлатӣ онро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ муаррифӣ менамоянд:

1) маҷбурсозии давлатӣ ба принсипҳои бунёдии ҳуқуқӣ асос меёбад, аз қабили демократӣ, инсондӯстӣ, эҳтимолияти бегуноҳӣ, қонуният, адолат ва ғайра;

2) ҳангоми маҷбурсозии давлатӣ андоза ва сарҳадҳои ҳуқуқӣ ҳатман риоя мегарданд. Андоза ва сарҳадҳои маҷбурсозии давлатиро асосҳои маҷбурсозии давлатӣ меноманд. Мафҳуми «асосҳои маҷбурсозии давлатӣ» ба он маъно истифода мешавад, ки дар онҳо чораҳои ҳуқуқии нисбати шахс татбиқшаванда пешбинӣ шудаанд. Асосҳои маҷбурсозии давлатӣ дар шакли кодекс, қонун, қарор ва ҳоказо вуҷуд доранд;

3) маҷбурсозии давлатӣ шакли муайяни расмӣ дорад: он дар санадҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ мегардад, аз ҷониби мақомот ё шахсони мансабдори расмӣ амалӣ карда мешавад;

4) ҷараёни татбиқи чораҳои маҷбурсозии давлатӣ тартиби қатъӣ, тартиби муқаррарнамудаи меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавиро дар назар дорад;

5) маҷбурсозӣ ҳамеша таъсири беруна (равонӣ, ҷисмонӣ, моддӣ ё дигар) ба шуур ва рафтори субъектҳо мебошад;

6) чораҳои маҷбурсозии давлатӣ боиси маҳдудиятҳои ҳуқуқие мегарданд, ки хусусияти маънавӣ, молумулкӣ ё ташкилӣ доранд.

Дар натиҷаи омӯзиш, таҳлил ва баррасии мавзуи мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Принсипҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-давлатиро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: 1) принсипҳои умумӣ; 2) принсипҳои махсус.

2. Ба принсипҳои умумии маҷбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣ, принсипҳои умумии ҳуқуқро дохил намудан мумкин аст: афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонуният,

демократӣ, адолат, инсондӯстӣ, баробарии ҳама дар назди қонун ва суд ва ғайра.

3. Принсипҳои умумии маҳбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣ гуфта, он асосҳои ҳуқуқӣ, бунёдӣ ва ғояҳоеро меноманд, ки ба ҳамаи соҳаҳо ва институтҳои ҳуқуқ ва давлат паҳн мешаванд, асоси ташкили низоми умумии маҳбурсозии ҳуқуқӣ-давлатиро ифода намуда, механизми татбиқнамоии маҳбурсозии ҳуқуқӣ-давлатиро муайян мекунад.

4. Принсипҳои махсуси маҳбурсозии ҳуқуқӣ-давлатиро ба чунин намудҳо ҷудо намудан мумкин аст: монополияи давлатӣ, эҳтимолияти бегуноҳӣ, фардикунонӣ, мутаносибӣ ва ҷазои яквақта, ҷуброни зарар ва ғайра.

5. Принсипҳои махсуси маҳбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣ гуфта, он асосҳои ҳуқуқӣ, бунёдӣ ва ғояҳоеро меноманд, ки мазмун, моҳият, хусусият ва таъиноти маҳбурсозии давлатиро дар ҷомеа ифода намуда, барои татбиқи чораҳои маҳбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣ заминаи воқеӣ ва ҳуқуқӣ мегузоранд.

6. Маҳбурсозиро падидаи сирф давлатӣ ё сирф ҳуқуқӣ эътироф кардан ғайриимкон аст, зеро он дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа вуҷуд дорад ва механизми маҳбурсозии давлатӣ бо ба инобат гирифтани принспҳои умумии ҳуқуқ амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, онро маҳбурсозии давлатӣ-ҳуқуқӣ ё маҳбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣ унвон кардан мумкин аст.

7. Ҳангоми амалисозии маҳбурсозии давлатӣ муҳимтарин принсипе, ки бояд ҳатман ба инобат гирифта шавад ва риоя гардад, принсипи инсондӯстӣ маҳсуб меёбад. Ҳангоми татбиқи маҳбурсозии давлатӣ ба инобат нагирифтани принсипи инсондӯстӣ боис ба бекор ё ғайриқонунӣ ҳисоб шудани маҳбурсозии давлатӣ мегардад.

8.Татбиқи чораҳои маҳбурсозии давлатӣ дар шакли муайяни мурофиавии пешбининамудаи қонун ба роҳ монда мешавад.

9.Маҳбурсозии ҳуқуқӣ-давлатӣ бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, таъмини волоияти қонун ва мусоидат ба тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон татбиқ карда мешавад.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Саъдизода Ҷ.

ОСОБЫЕ ПРИНЦИПЫ ГОСУДАРСТВЕННО-ПРАВОВОГО ПРИНУЖДЕНИЯ

Ключевое слово: Государственное принуждение; правовое принуждение; право; государство; принцип; принципы правового принуждения; принципы государственного принуждения; общие принципы; специальные принципы.

Аннотация. Явление государственно-правового принуждения существовало в истории человечества и является одним из способов регулирования механизма прав человека. Для правильного регулирования этих отношений изучение и применение основных принципов государственного принуждения является важной. Принципы государственно правового принуждения закладывают основу для систематизации мер принуждения. Стоит отметить, что основной целью правового государственного принуждения является обеспечение правопорядка в обществе. В теории и практике права особое внимание уделяется характеру или правовым особенностям принуждения при применении принуждения основным условием или требованием является соблюдение принципа законности, согласно которому любое ограничение прав и свобод граждан допускается только на основании и в порядке, предусмотренных законом. Принуждение нельзя признать чисто государственным или чисто правовым явлением, так как оно существует в различных сферах жизни общества, а механизм государственного принуждения осуществляется с учетом общих принципов права. Следовательно, это может быть названо государственно-правовым принуждением или правово – государственным принуждением.

Хасанов Бехруз Абдуллохуджаевич – доцент кафедры теории государственный и юридический факультет юридической Академии управления при Президенте РТ. E-mail: bekhruzkhasanov747413@gmail.com, Тел: (+992) 904-49-34-31.

SPECIAL PRINCIPLES OF STATE-LEGAL COERCION

Keyword: State coercion; legal coercion; Iaw, state; principle; principles of legal coercion; principles of state coercion; general principles; special principles.

Annotation. The phenomenon of state-legal coercion has existed in human history andis one of the ways to regulate the mechanism of human rights. For the proper regulation of these relations, the study and application of the basic principles of 293 state coercion is important. The principles of state legal coercion lay the basis for the systematization of coercive measures. It is worth noting that the main purpose of legal state coercion is to ensure law and order in society. In the theory and practice of law, special attention is paid to the nature or legal features of coercion. When applying coercion, the main condition or requirement is compliance with the principle of legality, according to which any restriction of the rights and freedoms of citizens is permitted only on the basis and in the manner prescribed by law. Coercion cannot be recognized as a purely state or purely legal phenomenon, since it exists in various spheres of social life, and the mechanism of state coercion is carried out taking into account the general principles of law. Therefore, this can be called state-legal coercion or legal-state coercion. Keyword: legal coercion, state coercion, law, state, principle, principles of legal coercion, principles of state coercion, general principles, special principles.

Khasanov Behruz Abdullokhudzhaevich – Associate Professor of the Department of Theory, State and Law Faculty Law Academy of Management under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: bekhruzkhasanov747413@gmail.com, Tel: (+992) 904-49-34-31.

Рӯйхати адабиёт:

1. Жанузакова Л.Т. Правовые основы государственной монополии / Л.Т. Жанузакова // Вестник Института законодательства Республики Казахстан. – 2014. -№2(34). -С.16-21. [Манбаи электронӣ]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/pravovye-osnovy-gosudarstvennoy-monopolii (санаи мурочиат: 28.12.2024). 292
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (АМОҶТ) аз 21-уми майи соли 1998. [Манбаи электронӣ]. https://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 20.12.2024).
3. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (АМОҶТ) аз 22-юми декабри соли 2022. [Манбаи электронӣ]. https://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 25.12.2024).
4. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2009 / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2009, -Душанбе, 2010. – С. 449.
5. Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (АМОҶТ) аз 5-уми январи соли 2008. [Манбаи электронӣ]. https://mmk.tj/content.(санаи мурочиат: 20.12.2024).
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият» (АМОҶТ) аз 26 уми июли соли 2014. [Манбаи электронӣ]. https://mmk.tj/content. (санаи мурочиат: 25.12.2024).
8. Ҳуқуқи инсон: Маҷмӯаи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ дар 8 ҷилд.-Ҷилди 2. – Душанбе, 2010. – 372 с.
9. Ҳуқуқи инсон: Маҷмӯаи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ дар 8 ҷилд.-Ҷилди 3. – Душанбе, 2010. – 272 с.
10. Ҳуқуқи инсон: Маҷмӯаи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ дар 8 ҷилд. Ҷилди 1. – Душанбе, 2010. – С. 9.
11. Понятие и принципы принуждения. [Электронный ресурс]. URL: https://studfile.net/preview/17220874/page:56/ (дата обращения: 17.01.2025)
12. Радько Т.Н. Теория государства и права: Т.Н. Радько. – М., 2010. – 402 с.
13. Сатина Э.А. Понятие и виды государственного принуждения. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/ponyatie-i-vidy-gosudarstvennogo-prinuzhdeniya (дата обращения: 26.02.2024).
14. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2018. –784 с.
15. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2003. – 552 с.
16. Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2002. – 532 с.
17. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, аз 10 декабри соли 1948. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mmk.tj/content (санаи мурочиат: 25.02.2025).

Список литературы:

1. Всеобщая декларация прав человека, 10 декабря 1948 г. [Электронный ресурс]. URL: https://mmk.tj/content (дата дата обращения: 25.02.2025)

2. Гражданский процессуальный кодекс Республики Таджикистан (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан) из 5.01.2008. [Электронный ресурс]. https://mmk.tj/content. (дата обращение: 20.12.2024).

3. Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 года [Электронный ресурс]. https://mmk.tj/content. (дата обращение: 25.12.2024).

4. Жанузакова Л.Т. Правовые основы государственной монополии / Л.Т. Жанузакова // Вестник Института законодательства Республики Казахстан. – 2014. -№2(34). -С.16-21. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/pravovye-osnovy-gosudarstvennoy-monopolii (дата обращение: 28.12.2024). 292

5. Закон Республики Таджикистан «О документах, удостоверяющих личность» (УИД) от 26 июля 2014 года. [Электронный ресурс]. https://mmk.tj/content (дата обращение: 25.12.2024).

6. Конституция Республики Таджикистан была принята всенародным референдумом 6 ноября 1994 года путём всенародного референдумма была внесены изменения и дополнения 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года (на таджикском, русском и английском языках). – Душанбе: Гандж, 2016. – 135 с.

7. Понятие и принцип принуждения. [Электронный ресурс]. URL: https://studfile.net/preview/17220874/page:56/ (дата доступа: 17.01.2025)

8. Права человека: Сборник международных документов и национального законодательства в 8 томах. – Том 2. – Душанбе, 2010. – 372 с.

9. Права человека: Сборник международных документов и национального законодательства в 8 томах. – Том 3. – Душанбе, 2010. – 272 с.

10. Права человека: Сборник международных документов и национального законодательства в 8 томах. Том 1. – Душанбе, 2010. – С. 9.

11. Радько Т.Н. Теория государства и права: Т.Н. Радко. – М., 2010. – 402 с.

12. Сатина Е.А. Концепция государственного принуждения. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/ponyatie-i-vidy-gosudarstvennogo-prinuzhdeniya (дата обращения: 26.02.2024).

13. Сотиволдиев Р.Ш. Общая теория права и государства / Р.Ш. Сотиволдиев. - Душанбе, 2003. - 552 с.

14. Сотиволдиев Р.Ш. Теория государства и права: / Р.Ш. Сотиволдиев. - Душанбе, 2018. -784 с.

15. Сотиволдиев, Р.Ш. Теория права и государства / Р.Ш. Сотиволдиев. - Душанбе, 2002. - 532 с.

16. Уголовно кодекс Республики Таджикистан (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан) (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан) из 21.05.1998. [Электронный ресурс]. https://mmk.tj/content. (дата обращение: 20.12.2024).

17. Уголовно процессуальный кодекс Республики Таджикистан (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан) из 3.12.2009 г. -Душанбе, 2010. – С. 449.

References:

1. Zhanuzakova L.T. Legal basis of state monopoly / L.T. Zhanuzakova // Bulletin of the Institute of Legislation of the Republic of Kazakhstan. - 2014. - No. 2 (34). - P. 16-21. [Electronic resource]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/pravovye-osnovy-gosudarstvennoy-monopolii (date accessed: 28.12.2024). 292

2. The Constitution of the Republic of Tajikistan was adopted by a nationwide referendum on November 6, 1994; amendments and additions were made by a nationwide referendum on September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016 (in Tajik, Russian and English). - Dushanbe: Ganj, 2016. - 135 p.

3. Civil Code of the Republic of Tajikistan of December 24, 2022 [Electronic resource]. https://mmk.tj/content (date accessed: 12/25/2024).

4. Civil Procedure Code of the Republic of Tajikistan (Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan) of 01/05/2008. [Electronic resource]. https://mmk.tj/content (date accessed: 12/20/2024).

5. Criminal Code of the Republic of Tajikistan (Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan) (Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan) of 05/21/1998. [Electronic resource]. https://mmk.tj/content (date accessed: 12/20/2024).

6. Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan (Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan) from 3.12.2009 - Dushanbe, 2010. - P. 449.

7. Law of the Republic of Tajikistan «On identity documents» (UID) from July 26, 2014. [Electronic resource]. https://mmk.tj/content (date accessed: 25.12.2024).

8. Sotivoldiev R.Sh. General Theory of Law and State / R.Sh. Sotivoldiev. - Dushanbe, 2003. - 552 p.

9. Sotivoldiev, R.Sh. Theory of Law and State / R.Sh. Sotivoldiev. - Dushanbe, 2002. - 532 p.

10. Sotivoldiev R.Sh. Theory of State and Law: / R.Sh. Sotivoldiev. - Dushanbe, 2018. -784 p.

11. Radko T.N. Theory of State and Law: T.N. Radko. - M., 2010. - 402 p.

12. Concept and Principle of Coercion. [Electronic resource]. URL: https://studfile.net/preview/17220874/page:56/ (accessed: 01/17/2025)

13.13. Satina E.A. Concept of State Coercion. [Electronic resource]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/ponyatie-i-vidy-gosudarstvennogo-prinuzhdeniya (accessed: 02/26/2024).

14.14. Human Rights: Collection of International Documents and National Legislation in 8 Volumes. – Volume 2. – Dushanbe, 2010. – 372 p.

15. Human Rights: Collection of International Documents and National Legislation in 8 Volumes. – Volume 3. – Dushanbe, 2010. – 272 p.

16. Human Rights: Collection of International Documents and National Legislation in 8 Volumes. Volume 1. – Dushanbe, 2010. – P. 9.

17. Universal Declaration of Human Rights, December 10, 1948 [Electronic resource]. URL: https://mmk.tj/content (date accessed: 02/25/2025)

ТДУ: 343.
Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
E-mail: firdavsshr@mail.ru
Тел: 936-66-37-13.

ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИ-БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲАМКОРӢ ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БО ҶИНОЯТКОРИИ ФАРОМИЛЛИИ ИҚТИСОДӢ

Калидвожаҳо: ҳамкории байналмиллалӣ; ҷиноятқорӣ; ҷиноятқории муташакилонаи фаромиллӣ; муқовимат бо ҷиноятқорӣ; ҷиноятҳои фаромиллии иқтисодӣ; иттиҳоди ҷиноятии фаромиллӣ; Интерпол; Созмони Милали Муттаҳид; Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил; конвенсияҳои байналмилалӣ; коррупсия; расмикунонии даромадҳои ҷиноятӣ; созишномаҳои дутарафа.

Аннотатсия. Мушкилоте, ки ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ дар назди давлатҳои муосир мегузорад, аллакай ба яке аз мушкилоти ҷиддии ҷаҳони имрӯза табдил ёфтааст. Барои давлатҳо дар алоҳидаги мубориза бурдан бар муқобили гурӯҳҳои ҷиноятии фаромиллӣ, ки барои нигоҳдорӣ ва тавсеаи фаъолияти ҷиноятии худ қудрат ва захираҳои иқтисодии зиёдро ҷамъ намудаанд душвор аст. Бинобар ин баҳри мубориза бо ҷиноятқории фаромиллии иқтисодӣ ҳамкории байналмилалӣ дар сатҳи универсалӣ, минтақавӣ, субминтақавӣ ва дуҷониба байни давлатҳо сурат мегиранд. Ба андешаи муалиф асосан ду механизми ҳамкории давлатҳо дар мубориза бар зидди ҷиноятқории фаромиллӣ мавҷуд аст: механизми ҳуқуқӣ ва механизми институтсионалӣ. Қайд мегардад, ки новобаста аз натиҷаҳои мусбати ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, дар ин самт як қатор масъалаҳои ҳалношуда ва мушкилоти дорои хусусияти объективӣ дошта ҷой доранд, ки бартараф намудани онҳо зарур аст.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023, қайд намуданд: “Ҳамкории Тоҷикистон бо ҳамаи созмонҳои бонуфузи байналмилаливу минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва ниҳодҳои дигар ба фароҳамсозии шароит ва имконот барои тақвияти мавқеи кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ ва иштироки фаъоли он дар равандҳои глобалӣ ва барномаву заминаҳои мухталиф равона гардидааст [1]. Бояд қайд, намуд, ки дар доираи ташкилотҳои қайдгардида Тоҷикистон бо дигар кишварҳо дар самтҳои гуногун аз ҷумла дар самти муқовимат бо ҷиноятқории фаромиллии ҳамкорӣ менамояд.

Яке аз ҷанбаҳои манфии ҷаҳонишавӣ зиёд гардидани ҷиноятҳои трансмиллӣ ва ё парвандаҳои ҷиноятии «ҷузъиёти байналмилалӣ»-дошта мебошад [2, с.110]. Тадбирҳои асосии мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили фаромиллии иқтисодӣ, албатта ба салоҳияти дохилии ҳар як давлати алоҳида тааллуқ дорад. Дар баробари ин, истифодаи танҳо чораҳои дохилидавлатӣ кофӣ намебошанд. Тавре У.А. Азиззода дуруст қайд менамояд «кишварҳои дунё дар танҳои наметавонанд дар муқовимат бо хавфу таҳдидҳои афзояндаи амнияту осоиш комёб гарданд ва сулҳу суботро таъмин намоянд [3, с. 47]. Аз ин рӯ ҳамкории байналмилалии давлатҳо дар мубориза бо ин навъи ҷиноятқорӣ ҳамеша аҳамиятнок мебошад [4]. Дар шакли умумӣ ҳамкории байналмилалӣ фаъолияти мушаххаси давлатҳо ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалӣ дар самти пешгирии ҷиноятқорӣ, муқовимат ба он ва муносибат бо ҷиноятқорон фаҳмида мешавад [28].

Асосан шаклҳои зерини ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бар зидди ҷиноятқории муташаккили фаромиллиро ҷудо намудан мумкин аст:

- пешгирии ҷиноятҳои фаромиллие, ки вобаста ба онҳо байни давлатҳо созишномаҳо оид ба расонидани кумак махсус баста шудаанд, аз ҷумла бо роҳи мубодилаи мутақобилаи иттилоот оид ба фаъолияти ташкилотҳои ҷиноятии фаромиллӣ ва иштирокчиёни онҳо, гузаронидани ҷорабиниҳои якҷояи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ошкор ва рафъи сабабҳо ва шароитҳои фаъолияти сохторҳои ҷиноятии фаромилӣ ва ғайра;

- кумаки мутақобила дар таҳқиқ, таъкиби ҷиноятӣ ва баррасии парвандаҳо марбут ба ҷиноятҳои фаромиллӣ;

- иҷрои амалҳои мурофиавӣ ва дигар амалҳо (баррасӣ, кофтуков, пурсиш, экспертиза ва ғайра), тартиб додан, фиристодан ва супурдани ҳуҷатҳо;

- истирдоди ҷиноятқорон ба дигар давлат ё созмони байналмилалӣ;

- супоридани маҳкумшудагон барои адои ҷазо дар давлати шаҳрвандии онҳо ё ҷои истиқомати доимӣ;

- омӯзиши муштараки сабабҳо ва дигар омилҳои ҷиноятқории иқтисодии фаромиллӣ, инчунин табодули таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;

- тайёр кардани кадрҳо, расондани хизмати экспертӣ, таъминоти воситаҳои махсуси илмию техникӣ ва расондани ёрии моддию техникӣ ба давлатҳои дигар;

Дар баробари ин, давлатҳоро зарур аст, ки як қатор принсипҳоеро, ки асоси ҳамкории байналмилалӣ мебошанд риоя кунанд, аз ҷумла:

- дахолат накардан ба корҳои дохилии давлат, ки ин уҳдадории эҳтироми сохибихтиёрии давлатиро таъмин менамояд ва ба давлат ҳуқуқ медиҳад, ки масъалаҳои дохилиро дар мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ мустақилона ҳал намояд;

- ихтиёран иҷро намудани уҳдадориҳои байналмилалӣ, яъне уҳдадориҳо оид ба риояи муқаррароти дар созишномаҳо басташуда;

- принсипи хамкории самарабахш, ки мубодилаи босуръати иттилоот байни давлатҳо ва иҷрои фаврии дастурҳои гирифташударо талаб мекунад;

- зарурати ба инобат гирифтани анъанаҳои фарҳангӣ ва манфиатҳои давлатҳои аъзо;

- таъмини ҳамоҳангӣ дар низоми адолати судии ҷиноятӣ дар кишварҳои гуногун тавассути баланд бардоштани сатҳи адолати судии кишварҳое, ки дорои низоми адолати судии ҷиноятӣ заифтар доранд;

- баланд бардоштани сатҳи огоҳии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳо, табодули иттилоот ва фароҳам овардани имкониятҳо барои истифодаи он.

Асосан ҳамкории байналмилалӣ дар самти баррасишаванда дар сатҳи универсалӣ, минтақавӣ, дуҷониба ва дар доираи созмонҳои байналмиллалии байниҳукуматӣ сурат мегирад. Мавриди зикр аст, ки ду механизми ҳамкории давлатҳо дар мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ мавҷуд мебошанд: механизми ҳуқуқӣ ё анъанавӣ (бастани созишномаҳои махсус) ва механизми институтсионалӣ (дар доираи созмонҳои байналмилалӣ) [11, с. 106].

Аввалин ҷиноятҳои фаромиллии иқтисодӣ, ки зери таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифта буд, сохтакории пул ва муомилоти ғайриқонунӣ бо сарватҳои фарҳангӣ буданд. Зарурати ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бар зидди сохтакории пул ба қабул гардидани Конвенсияи байналмилалӣ оиди мубориза бар зидди сохтакории пулҳо аз 20 апрели соли 1929 дар Женева оварда расонид [12]. Ин санад аввалин созишномаи ҳуқуқии бисёрҷонибаи байналмилалие мебошад, ки ба мубориза бо ҷиноятҳои фаромиллии иқтисодӣ нигаронида шуда буд.

Байни аввалин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ қайд намудани Конвенсия оид ба қонунҳо ва урфу одатҳои ҷанги хушкиро қайд намудан мумкин аст [13], ки ғоратгариро маън намуд ва шартнома оид ба ҳифзи муассисаҳои фарҳангӣ, илмӣ ва ёдгориҳои таърихӣ («Конвенант Рерих»), ки соли 1935 аз ҷониби ИМА ва давлатҳои Амрикои Лотинӣ ба имзо расид [14]. Минбаъд ҳамкории давлатҳо дар самти мубориза бо гардиши ғайриқонунӣ бо сарватҳои фарҳангӣ аз ҷониби Идораи илму фарҳанги СММ - ЮНЕСКО ҳамоҳанг мегардид, ки бо ташабуси он Конвенсия оид ба тадбиқи чораҳо баҳри манъ ва пешгирии воридот, содирот ва супоридани моликияти фарҳангии соли 1970 таҳия ва қабул гардид [15]. Давлатҳои иштироккунандаи ин конвенсияи ӯҳдадор гардиданд, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои шахсони гунаҳгор пешбинӣ ва тадбиқ намоянд, ба кофтуков ва баргардонидани асарҳои фарҳангии ғайриқонунӣ тасарруфгардида мусоидат кунанд ва бар зидди хариди ғайриқонунии онҳо дар ҳудудҳои кишварҳои худ чораҳо андешанд. Конвенсия инчунин талаб кард, ки ашхоси сарватҳои фарҳангиро ба кишвар содирот ё ворид кунанда барои интиқоли онҳо аз сарҳади давлатӣ иҷозатномаи махсус пешниҳод кунанд.

Аз солҳои 70-уми асри 20 ҳамкории ҳамаҷонибаи байналмилалӣ дар самти мубориза бо ҷиноятҳои фаромиллӣ тадриҷан вусъат ёфт. Ҳамоҳангсозии кӯшишҳои давлатҳоро оид ба ин масъала дар сатҳи СММ ва мақомоти кории он, пеш аз ҳама конгрессҳо оид ба пешгирии ҷиноятқорӣ анҷом медоданд.

Марҳилаи муҳими рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ Конгресси V СММ оид ба пешгирии ҷиноятқорӣ ва муносибат бо ҷиноятқорон (1975, Женева) буд, ки дар он масъалаҳои мубориза бо ҷиноятқорӣ ҳамчун як шакли соҳибкории

ғайриқонунӣ – ҷиноятҳои муташаккил ва коррупсионӣ, инчунин мавҷудияти ҷиноятҳои хусусияти фаромиллидошта, ки онҳо ба манфиатҳои якчанд давлат таҷовуз менамуданд, муҳокима гардиданд. Оид ба мубориза бар зидди ҷиноятҳои фаромиллӣ, ҷиноятҳои муташаккил, ҷиноятҳои мансабдорони давлатӣ, ҷиноятҳои вобаста ба сарватҳои фарҳангӣ ва ғайра як қатор тавсияҳо пешниҳод гардиданд.

Дар Конгресси VIII (Гавана, 1990) аллакай хусусияти фаромиллии ҷиноятқории муташаккил қайд мегардид. Конгресс ҷиноятҳои муташаккили фаромиллиро ҳамчун як силсила-амалҳои мураккаби ҷиноятӣ дар миқёси калон аз ҷониби созмонҳо ва дигар гурӯҳҳо содиршаванда тавсиф намуд, ки сохтори дохилӣ дошта ва бо мақсади ба даст овардани фоидаи молиявӣ ва қудрат тавассути бозорҳои молҳои ғайриқонунӣ ва хизматрасонӣ ташкил мекунанд ё дар чунин бозорҳо фаъолона амал мекунанд.

Бо тавсияи Конгресси VIII Маҷмааи Генералии СММ 14 декабри соли 1990 қатъномаи 45/123 дар бораи ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккил, инчунин Шартномаи намунавӣ оид ба истирдод ва Шартномаи намунавӣ оид ба ёрии ҳуқуқӣ дар сатҳи адлияи ҷиноятӣ тасдиқ карда шуданд.

Инчунин байни тадбирҳои ташкилии мубориза бар зидди ҷиноятҳои иқтисодии фаромиллӣ, Конфронси умумиҷаҳонӣ дар сатҳи вазирони корҳои дохилӣ (амният) оид ба ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ (Неаполь, 21-23 ноябри соли 1994), ки аз ҷониби Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ баргузор гардид, мавқеи махсусро ишғол менамояд. Дар конфронс имкониятҳои муқовимат ва пешгирӣ аз ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ баррасӣ гардида, оид ба мутобиқати қонунгузории миллӣ ба талаботи мубориза бар зидди намудҳои гуногуни ҷиноятҳои фаромиллии иқтисодӣ хулосаҳо таҳия гардиданд. Дар конфронс Эъломияи сиёсӣ ва Нақшаи глобалии амалиёти зидди ҷиноятқории муташаккили фаромиллиро қабул ва тасдиқ гардиданд [18].

Дар шароити афзояндаи миқёс ва шиддатнокии ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, ғояи конвенсияи ягонаи мубориза бо ин зуҳуроти фаромиллӣ дастгирӣ ёфт, зеро қабули чунин санад барои рушди муносибатҳои ҳамгирошуда ва стратегияи ягонаи самарабахши ҳамкорӣ дар самти мубориза ба муқобили шаклҳои ҷиддии фаромиллӣ мусоидат хоҳад намуд.

9 декабри соли 1998 Маҷмааи умумии СММ қарор қабул намуд, ки Кумитаи байнидавлатии махсус барои таҳияи конвенсияи фарогири байналмилалӣ алайҳи ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ таъсис дода шавад [23]. Лоиҳаи дахлдор аз ҷониби кумита 28 июли соли 2000 таҳия ва тасдиқ карда шуд. 15 ноябри соли 2000 Маҷмаи Умумии СММ Конвенсияи СММ бар зидди ҷиноятҳои муташаккили фаромиллиро барои имзо пешниҳод намуд[16].

Мушкилоти ҷиноятқории фаромиллӣ инчунин дар Конгресси X СММ (Вена, 10-17 апрели 2000) таҳти унвони «Ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бо ҷиноятҳои фаромиллӣ: мушкилотҳои асри 21» баррасӣ гардиданд. Конгресс «Эъломияи Вена оид ба ҷиноят ва адолат: вокунишҳо ба ҷолишҳои асри 21»-ро тасдиқ кард, ки дар он нигаронии хоса аз ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва муносибатҳои байни навъҳои алоҳидаи он баён шуда, инчунин зарурати дар сатҳи дуҷониба, минтақавӣ ва ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ эътироф гардид [6].

Дар Конгресси XI СММ оид ба пешгирии ҷиноятқорӣ ва адолати судии ҷиноятӣ (Бангкок, Таиланд, 18-25 апрели 2005) иштирокчиён масъалаҳои чораҳои муассир барои мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, коррупсия, ҷиноятҳои иқтисодӣ ва молиявӣ баррасӣ намуданд. Иштирокдорони конгресс ба пайдоиши навъҳои нави тиҷорати ғайриқонунӣ ва фаъол шудани гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ дар соҳаи қаллобӣ, аз ҷумла бо истифода аз интернет ва технологияҳои олӣ таваҷҷӯҳ зоҳир карданд. 25 апрели соли 2005 Конгресс Эъломияи Бангкокро оид ба ҳамоҳангӣ ва ҷораҳои ҷавобӣ: иттифоқҳои стратегӣ оид ба пешгирии ҷиноятқорӣ ва адолати ҷиноятӣ қабул намуд [5].

12 апрел то 19 апрели соли 2010 дар Сальвадор (Бразилия) Конгресси XII баргузор гардид, ки дар он, аз ҷумла, масъалаҳои стратегияи ҳамаҷонибаи пешгирии ҷиноятқорӣ, қонунигардонии маблағҳои ҷиноятӣ, киберҷиноятҳо ва ҳамкории байналмилалӣ баррасӣ шуданд. Ҳуҷҷати ниҳоии Конгресси XIII (12-19.04.2015, Доҳа, Қатар) эъломияи Доҳа [8] буд, ки аз давлатҳо даъват менамуд то талошҳоро барои мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ тавассути ҳамкориҳои дуҷониба, минтақавӣ ва байналмилалӣ фаъол созанд. Дар маҷмӯъ, Конгрессҳои СММ оид ба пешгирии ҷиноятқорӣ барои такмили заминаи қонунгузории миллӣ ва ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ дар соҳаи иқтисодӣ замина гузоштанд [8].

Ҳамзамон, ҳамкорӣ дар самти мубориза бар зидди баъзе ҷиноятҳои иқтисодии фаромиллӣ идома ёфт. Дар асоси натиҷаҳои таҳия ва баррасии лоиҳаи дахлдор қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ аз 31 октябри соли 2003 Конвенсияи СММ зидди коррупсияро қабул ва барои имзо боз намуд [17]. Дар ҷараёни конфронси сиёсии сатҳи баланд, ки 9-11 декабри соли 2003 дар Мерида (Мексика) баргузор шуд, наваду панҷ давлат ин конвенсияро имзо карданд. 25 сентябри соли 2006 Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи СММ оид ба мубориза бо коррупсияро аз 3 октябри соли 2006 ба имзо расонд. 2003, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 апрели соли 2008 тасдиқ кард.

Бо эътирофи пайдоиши падидаи нисбатан нав - коррупсияи фаромиллӣ, ки дар муомилоти тиҷоратии байналмилалӣ зуҳур мекунад, дар моҳи декабри соли 1996 Ассамблеяи Генералии СММ Эъломияи зидди коррупсия дар муомилоти байналмилалии тиҷоратӣ қабул намуд [8]. Баъдтар Ассамблеяи Генералӣ 4 декабри соли 2000 зарурияти таҳияи як санади ҳуқуқии байналмиллалии муассир алайҳи коррупсияро новобаста аз Конвенсияи СММ алайҳи ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ эътироф намуда, барои таҳияи чунин ҳуҷҷат як кумитаи махсус ҳам таъсис дод [27].

Мавриди зикр аст, ки яке аз самтҳои муҳими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодии фаромиллӣ масъалаи мубориза бо қонунигардонии даромадҳои ғайриқонунӣ мебошад [21, с. 35]. Ин зуҳурот яке аз - ҷиноятҳои байналмиллалии хусусияти трансмиллидошта буда, зарурати криминализатсия намудани он аз як қатор санадҳои байналмиллалӣ муқаррар гардидааст [22, с 52]. Дар сатҳи байналмилалӣ чунин тадбирҳо аз охири солҳои 80-ум андешида мешаванд. Ҷавобгарии ҷиноятӣ бори аввал ба Конвенсияи СММ оид ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ соли 1988 дохил карда шудаанд (банди «б», қ 1, моддаи 3 Конвенсия) [23].

Моҳи июли соли 1989 бо қарори нишасти сарони кишварҳои G7 дар Париж созмони (FATF) - Комиссияи махсуси молиявӣ оид ба расмикунонии пул таъсис дода шуд. ФАТФ як созмони байниҳукуматӣ буда, вазифаи асосии он таҳия ва мусоидат ба татбиқи стратегияҳои мубориза бо расмикунонии маблағ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ мебошад.

Самтҳои асосии фаъолияти ФАТФ инҳоянд:

- таҳия ва такмил додани системаи тадбирҳое, ки ба муқобили расмикунонии даромадҳои пулӣ нигаронида шудаанд;

- паҳн намудани тавсияҳои ФАТФ ва кӯмаки техникӣ ба давлатҳо дар таҳия ва баррасии қонунгузории дахлдор бо назардошти тавсияҳои ФАТФ;

- гузаронидани санҷишҳо дар кишварҳои узви FATF бо мақсади арзёбии иҷрои тавсияҳо ва вазъият дар соҳаи мубориза бар зидди пулшӯӣ;

- гузарондани семинару конференцияхо ва гайра.

Соли 1990 ФАТФ чиҳил тавсияро ҳамчун стандарти байналмилалии барномаҳои мубориза бо пулшӯӣ қабул кард. Ин тавсияҳо дар солҳои 1996, 2003 ва 2012 боздид карда шуданд. Онҳо муқаррароти муҳимро дар бораи ҷиноятқорӣ барои расмикунонии пул дар бар мегиранд. Ин ҳуҷҷат тавре қайд мегардад як навъ «конститутсия» дар соҳаи мубориза бо «пулҳои ифлос» аст. «Тавсияҳо» як созишномаи байналмилалӣ намебошанд, аммо давлатҳо уҳдадор мешаванд, ки бо иҷрои онҳо бо расмикунонии пул мубориза мебаранд. Сарфи назар аз хусусияти тавсиявӣ доштан, онҳо ба қонунгузории миллии бештари кишварҳо ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мубориза бар зидди расмикунонии маблағ таъсири калон расонидаанд.

Тавсияҳо якчанд гурӯҳҳои масъалаҳоро дар бар мегиранд, аз ҷумла:

- зарурати муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расмикунонии маблағ дар асоси Конвенсияи СММ оид ба муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ва моддаҳои психотропӣ аз соли 1988 ва Конвенсияи СММ бар зидди ҷиноятқории муташаккили трансмиллӣ аз соли 2000;

- муайянсозии ҳатмии муштариён аз ҷониби муассисаҳои молиявӣ;

- андешидани чораҳои муваққатӣ ва мусодира;

- такмили танзими низомҳои молиявӣ ва назорати фаъолияти онҳо;

- ҷорӣ намудани низомҳои назорати дохилӣ ва ҳисоботдиҳии ҳатмӣ дар бораи амалиёти шубҳанок;

- чораҳои муқовимат ба кишварҳое, ки тавсияҳои ФАТФ-ро иҷро намекунанд (ба таври кофӣ) татбиқ мешаванд;

- ҳамкории байналмиллалӣ, ёрии ҳуқуқӣ ва истирдод.

Муаллифон ҳамчунин, алоқаи сабабии байни ҳуқуқвайронкунӣ ва зарари расонидашударо чун нишонаи муҳимми ҳуқуқвайронкунӣ эътироф мекунанд.

Боиси ҷавобгарии маъмурӣ шудан ё сазовори ҷазои маъмурӣ гаштан аломати охирини ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошад. Воқеан, кирдори амалӣ ё беамалии шахс дар сурате ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дониста мешавад, ки агар барои содир намудани он ҷазои маъмурӣ муқаррар карда шуда бошад.

Ҳангоми таъйин намудани ҷазои маъмурӣ ба шахси воқеӣ хусусияти ҳуқуқвайронкунии маъмурии содирнамудаи ӯ, шахсияти гунаҳгор, вазъи молумулкиаш, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷавобгарии маъмурӣ ба инобат гирифта мешаванд. Агар шахс мансабдор бошад, дар баробари ҳолатҳои зикршуда, ҳамзамон, мавқеи хизматии он низ ба назар гирифта мешавад. Барои шахсони ҳуқуқӣ дар баробари андешаҳои матраҳгардида, инчунин, вазъи молумулкӣ ва молиявии ӯ низ ба инобат гирифта мешавад.

Ин аломат бо оқибатҳои татбиқ намудани ҷавобгарии маъмурӣ алоқаманд аст. Моҳияти он аз татбиқ намудани ҷазои маъмурӣ ба ҳуқуқвайронкунанда иборат буда, барои ӯ ҳолати ҷазодидаро ба миён меорад ва ин ба вазъи ҳуқуқии

ӯ унсури нав ворид менамояд, ӯ акнун шахси ҷазогирифта ҳисоб мешавад.

Ин вазъ барои дар минбаъда нисбат ба ӯ татбиқ намудани ҷазо ҳамчун шахси ҷазододашуда дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ мебошад, зеро мутобиқи м. 53 КҲМ ҶТ шахсе, ки нисбати ӯ барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷазои маъмурӣ таъйин шудааст, дар давоми як сол аз рӯзи қабули қарори таъйин кардани ҷазои маъмурӣ ба ҷазои маъмурӣ кашидашуда ҳисобида мешавад. Ин ҳолат ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазои маъмурӣ масуб меёбад ва барои такроран содир намудани баъзе аз ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар давоми сол қонун ҳатто ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар мекунад.

Рецензент: н.и.ҳ. Шарифзода С.Ш.

ПРИЗНАКИ АДМИНИСТРАТИВНОГО ПРАВОНАРУШЕНИЯ: ПРОБЛЕМЫ И РАЗМЫШЛЕНИЯ

Ключевые слова: кодекс, административное правонарушение, понятие, признак, деяние, действие, бездействие, противоправность, виновность, умысел, неосторожность, вред, опасность.

Аннотация: В статье авторы изучили признаки административных правонарушений и представили комментарии по обозначенной проблеме. По их мнению, изучая понятие административного правонарушения, ученые невольно начинают изучать его признаки. Поэтому исследователи придерживаются мнения, что все признаки административных правонарушений в совокупности образуют общепризнанное понятие административного правонарушения. При этом в статье указывается, что ученые до сих пор не имеют единого мнения о признаках административных правонарушений и приводят четыре, пять, шесть а то и больше признаков. Несмотря на это, авторы статьи относят к признакам административных правонарушений действие или бездействие, общественную опасность, противоправность, вину и административную ответственность, при этом не отрицая мнения других ученых, представивших дополнительные признаки. В этом контексте отдельно исследованы понятие и характеристики каждого из признаков административного правонарушения, обозначены проблемы, предложены пути их решения.

Хайдарзода Мурод Пирмахмад - Доцент кафедры административного права и административной деятельности факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, подполковник милиции, E-mail: murod.23.09.1990 @mail.ru, Тел.: (+992) 904-16-16-24.

Мухабатшозода Гульзара Мухабатшо - Преподаватель кафедры административного права и административной деятельности факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, майор милиции, Тел.: (+992) 907-77-66-12.

SIGNS OF AN ADMINISTRATIVE OFFENCE: PROBLEMS AND THOUGHTS

***Key words*:** code, administrative offence, concept, feature, act, action, inaction, illegality, guilt, intent, negligence, harm, dangerous.

***Annotation*:** In the article, the authors studied the signs of administrative offenses and provided comments on the problem. In their opinion, when studying the concept of an administrative offense, scientists involuntarily begin to study its signs. Therefore, researchers are of the opinion that all the signs of administrative offenses together form a generally accepted concept of an administrative offense. At the same time, the article indicates that scientists still do not have a unified opinion on the signs of administrative offenses and cite four, five, six or even more signs. Despite this, the authors of the article attribute the signs of administrative offenses to action or inaction, social danger, illegality, guilt and administrative responsibility, without denying the opinion of other scientists who presented additional signs. In this context, the concept and characteristics of each of the signs of an administrative offense are separately studied, problems are identified, and ways to solve them are proposed.

Haydarzoda Murod Pirmahmad - Associate professor of the department of administrative law and administrative activities of the faculty No. 2 of the Academy of the MIA of the Republic of Tatarstan, Candidate of Legal Sciences, assistant professor, the lieutenant colonel of militia, E-mail: murod.23.09.1990 @mail.ru, Тел.: (+992) 904-16-16-24.

Mohabatshozoda Gulzara Mohabatsho - Associate professor of the department of administrative law and administrative activities of the faculty No. 2 of the Academy of the MIA of the Republic of Tatarstan, Candidate

of Legal Sciences, assistant professor, the Major of militia

Адабиёти истифодашуда:

1. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми декабри соли 2008, № 455 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 12, қ. 1, мод. 989, мод. 990; с. 2009, № 5, мод. 321, № 9-10, мод. 543; Қонуни ҶТ аз 24 декабри соли 2022, №1928.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1998, № 9, м. 68, м. 69, № 22, м. 306; Қонуни ҶТ аз 20.04.2021 с., № 1776.
3. Бабаев, В.К. Правомерное поведение. Правонарушение // Общая теория права. Курс лекций. - Нижний Новгород: Высшая школа МВД РФ, 1993. - С. 429-455.
4. Бахрах, Д.Н., Россинский, Б.В., Старилов, Ю.Н. Административное право: учебник для вузов. - 2-е изд., изм. и доп. - М.: Норма, 2005. - 800 с.
5. Дагель, П.С. Содержание, форма и сущность вины в советском уголовном праве / П.С. Дагель // Правоведение. – 1969. – № 1 – С. 78-88.
6. Козлов, Ю.М. Административное право: учебник / Под ред. Попова Л.Л. 2-е изд., перераб. и доп. - М.: «Юристъ», 2005. - 703 с.
7. Марченко, М.Н. Проблемы теории государства и права: учебник / М.Н. Марченко. - М.: Проспект, 2001. – 755 с.
8. Матузов, Н.И., Малько, А.В. Теория государства и права: учебник / Н.И. Матузов, А.В. Малько. – М.: Юрист, 2004. – 245 с.
9. Ойев, Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми 1): китоби дарсӣ / Х. Ойев, - Душанбе: Офсет Империя, 2013. – 561 с.
10. Проблемы общей теории права и государства: учебник для вузов / Под общ. ред. В.С. Нерсесянца. - М.: Норма, 2004. – 832 с.
11. Сотиволдиев, Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. Ҷилди 2. – Душанбе: Империал-Групп, 2010. – 654 с.
12. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: Глобус, 2006. – 880 с.
13. Теория государства и права: учебник для вузов / Под ред. В.М. Корельского, В.Д. Перевалова. - 2-е изд., изм. и доп. - М.: НОРМА - ИНФРА-М, 2002. - 616 с.
14. Теория государства и права: учебник для средних специальных учебных заведений / Отв. ред. А.В. Малько, В.В. Нырков, К.В. Шундиков. – М.: Норма, 2009 – 431 с.
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷ.1 / дар зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов [ва диг.]. – Машҳад-Душанбе: ҶММ «Ксероксленд» бо ҳамкории интишороти «Сухангустар», 2008. – 950 с.
16. Хачатуров, Р.Л. Юридическая Ответственность / Р.Л. Хачатуров, Р.Г. Ягутян. - Тольятти: Международная академия бизнеса и банковского дела,1995. – 196 с.
17. Ҳайдарзода, М.П., Одиназода, А.Ғ. Мафҳуми ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва роҳҳои мукаммалсозии он / М.П. Ҳайдарзода, А.Ғ. Одиназода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2024. – № 1(61). - С. 62-67.
18. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ: китоби дарсӣ / Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. ва д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. - Душанбе: ЭР-граф, 2019. – 550 с.

References:

1. Code of administrative offenses of the Republic of Tajikistan dated December 31, 2008, No. 455 // Bulletin of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, p. 2008, No. 12, p. 1, art. 989, art. 990; s. 2009, No. 5, art. 321, No. 9-10, art. 543; Law of the Republic of Tajikistan dated December 24, 2022, No. 1928.
2. The Criminal Code of the Republic of Tajikistan dated May 21, 1998, No. 574 // Bulletin of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan p. 1998, No. 9, p. 68, m. 69, No. 22, Art. 306; Law of the Republic of Tajikistan dated 20.04.2021, No. 1776.
3. Babaev, V.K. Lawful behavior. Offense // General theory of law. Lecture course. - Nizhny Novgorod: Higher school of the Ministry of Internal Affairs of the Russian Federation, 1993. - Pp. 429-455.
4. Bakhrakh, D.N., Rossinsky, B.V., Starilov, Yu.N. Administrative law: textbook for universities. -

2nd ed., amended. and additional - Moscow: Norma, 2005. - 800 p.

5. Dagel, P.S. Content, form and essence of guilt in Soviet criminal law / P.S. Dagel // Jurisprudence. - 1969. - No. 1 - Pp. 78-88.

6. Kozlov, Yu.M. Administrative law: textbook / Ed. Popov L.L. 2nd ed., revised and enlarged. - M.: Yurist, 2005. - 703 p.

7. Marchenko, M.N. Problems of the Theory of State and Law: textbook / M.N. Marchenko. - M.: Prospect, 2001. - 755 p.

8. Matuzov, N.I., Malko, A.V. Theory of State and Law: textbook / N.I. Matuzov, A.V. Malko. - M.: Jurist, 2004. - 245 p.

9. Oyev, Kh. Administrative law of the Republic of Tajikistan (Part 1): textbook / Kh. Oyev, - Dushanbe: Offset Empire, 2013. - 561 p.

10. Problems of the General Theory of Law and State: textbook for universities / Under the general editorship of V.S. Nersesyants. - M.: Norma, 2004. - 832 p.

11. Sotivoldiev, R.Sh. Problems of the theory of state and law: textbook / R.Sh. Sotivoldiev. Volume 2. - Dushanbe: Imperial Group, 2010. - 654 p.

12. Commentary on the Criminal Code of the Republic of Tajikistan / responsible editor H.H. Sharipov. - Dushanbe: Globus, 2006. - 880 p.

13. 3. Theory of State and Law: textbook for universities / Ed. by V. M. Korelsky, V. D. Perevalov. - 2nd ed., amended and supplemented. - M.: NORMA - INFRA-M, 2002. - 616 p.

14. Theory of State and Law: textbook for secondary specialized educational institutions / Ed. by A. V. Malko, V. V. Nyrkov, K. V. Shundikov. - M.: Norma, 2009 - 431 p.

15. Commentary culture of the Tajik language. It consists of 2 volumes. J.1 / edited by S. Nazarzoda, A. Sanginov [and others]. - Mashhad-Dushanbe: JMM “Xeroxland” in cooperation with “Sukhangustar” publishing house, 2008. - 950 p.

16. Khachaturov, R.L. Legal Liability / R.L. Khachaturov, R.G. Yagutyan. - Tolyatti: International Academy of Business and Banking, 1995. - 196 p.

17. Haydarzoda, M.P., Odinazoda, A.G. The concept of administrative offense and ways to improve it / M.P. Heydarzoda, A.G. Odinazoda // Artifacts of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan. - 2024. – No. 1(61). - Pp. 62-67.

18. Criminal law of the Republic of Tajikistan. General part: textbook / Under the editorship of D.I.H., docent Rahimzoda R.H. and d.i.h., professor Babajonzoda I.H. - Dushanbe: ER-graph, 2019. – 550 p.

ТДУ: 417.7
Нуров Фурқат Бойевич,
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
E-mail: nurov1972.ru@gmail.com
Тел.: (+992) 93 5535355.

МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ҶАВОБГАРИИ МАЪМУРӢ ДАР СОҲАИ МУКОТИБОТИ ИТТИЛООТ

Калидвожаҳо: интернет; иттилоот; ҳуқуқ; санадҳои меъёрҳои ҳуқуқии қабулгардида; мукотибот; Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аннотатсия. Мақола ба таҳлили баҳодиҳии муосири ҷавобгарии маъмурӣ дар соҳаи муомилоти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тамоми корҳои идоракунӣ дар идоракунии давлат ба васоити ахбори оммаи электронӣ гузаштааст, ки амнияти иловагии ВАО-и электрониро аз ҳамлаҳои ҳакерӣ ва гардиши ғайриқонунии иттилоот тақозо менамояд, бахшида шудааст.

Пас аз ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати мо ба ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иттилоот, маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ҳуқуқӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасад, инчунин ба миён омадани мушкилоти нав дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотӣ, аҳамияти проблемаи вокуниши муносиб ба онҳо меафзояд, ки таваҷҷуҳи махсусро талаб менамояд. Ҳамин тариқ, тибқи Консепсияи давлатии сиёсати иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, №451 ва рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ бо гузаштан ба ҳукумати электронӣ қариб тамоми гардиши ҳуҷҷатҳо ба шакли электронӣ, яъне ба компютерҳо ва дигар интиқолдиҳандагони иттилоот гузаронида шуданд.

Ҳангоми омӯзиши таҳқиқоти мақомоти давлатҳои абарқудратро мебинем, ки вақтҳои охир шумораи ҳамлаҳои компютерӣ ба системаҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои иттилоотӣ, телекоммуникатсияи мақомоти давлатӣ, низоми бонкӣ, инчунин дастрасии ғайриқонунӣ ба маълумоти марбут ба ҳаёти шахсии сиёсатмадорон (сароянда гон, ҳунармандони машҳур, блогерҳо), танҳо ҳангоми истифодаи хидматҳои берун аз қаламрави кишварашон ҷойгиршуда хеле зиёд шудааст. Илова бар ин, нармафзори иктишофии техникии хориҷӣ дар системаҳои иттилоотии муассисаҳои давлатии Аврупо торафт бештар пайдо мешавад.

Маълум аст, ки таҳдидҳои пайдошаванда хатарҳоро дар идоракунии амнияти иттилоотӣ ба таври назаррас афзоиш медиҳанд. Вобаста ба ин, зарурати андешидани тадбирҳои муассир оид ба боз ҳам такмил додани системаи амнияти иттилоотӣ, ки унсури асосии он таъмини ҳуқуқии он мебошад, ки на танҳо бо шартномаҳои байнидавлатӣ, конвенсияҳо, эъломияҳо, балки бо патентҳо, ҳуқуқи муаллифӣ, литсензияҳо танзим карда мешавад ва ҳифзи онҳо метавонанд бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатӣ ва идоравӣ амалӣ карда шаванд.

Барои пешгирии пайдоиши чунин мушкилот, аз қабили нақзи амнияти иттилоотӣ, баррасии қонунгузорӣ ва омӯхтани усулҳои беҳтарини танзими муносибатҳои иттилоотӣ зарур аст.

Зеро, ба андешаи мо, рушди қонунгузорӣ дар соҳаи иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ дар ин маврид дар ҷумҳурӣ аз рушди захираҳои иттилоотӣ, хадамоти иттилоотӣ ва иншоотҳои истеҳсолии иттилоотӣ ақиб мондааст.

Сухан дар он аст, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ аз рушди технологияҳо ва техникаи компютерӣ ақиб мондаанд. Консепсияи қонунгузорӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, аз қабили «Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ» [3], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» [4], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Консепсияи давлатии сиёсати иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [6] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро тақозо менамояд.

Қобили зикр аст, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои ҳар як шаҳрванд ҳифз гардида, ин меъёр дар соҳаи иттилоот, пеш аз ҳама, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 5 (“Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, давлат эътироф, риоя ва ҳимоя менамояд”) ва моддаи 23 (“Маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои

телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс таъмин карда мешавад [1]. Дар бораи ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот манъ аст") ва дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби 21, моддаҳои 369-374 ва аз 507 то 509, 521, 535, 562 ва 563, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттилоотонӣ" [2] моддаҳои 2 ва 5, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикитсон "Дар бораи иттилоот" [4] моддаҳои 1, 8 ва 9, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот" [5] моддаҳои 2, 4, 5 ва 6 ҳуқуқҳои асосии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ дар соҳаи иттилоот муайян карда шудаанд.

Аз тарафи дигар, бояд санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки чораҳои пешгирию муҷозотӣ муқаррар мекунанд, пеш аз ҳама "Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон", инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ ва амсоли онро омӯхта ва таҳлил кард.

Ҳамаи гуфтаҳои дар боло зикршударо ҷамъбаст намуда, мо метавонем ба хулосае омад, ки масъалаи асосии муқовимат ба қонуншиканиҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ бояд дар соҳаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои иттилоотӣ ҳал карда шавад.

Ҳамин тавр, дар баробари институтҳои ҳуқуқ ба иттилоот, низоми ҳуқуқии захираҳои иттилоотӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, институтҳои ҳифзи иттилоот, инчунин дар маҷмӯъ амнияти иттилоотӣ, институти масъулият низ мавҷуд аст, ки системаи меъёру расмиёт мебошад. Ки иҷрои онҳо ба рафъи вайронкуниҳои қонун, инчунин муқаррар намудани намуд, шакл ва ҷазо барои ҷиноятҳои содиршуда ва исботшуда ё дигар ҳуқуқвайронкуниҳо бо назардошти зарари ҷамъиятии онҳо ва гуноҳи ҷиноятқор нигаронида шудааст.

Бо мақсади пешгирии аз содир намудан ва татбиқи чораҳои ҷавобгарӣ барои чунин ҳуқуқвайронкунӣ, аз қабили «Вайрон кардани дахолатнопазирӣ», «Вайрон кардани сирри мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, почта, телеграф ё дигар хабарҳо», «Вайрон намудани пахши барномаҳои телевизионию радиовӣ ва ғайриқонунӣ пахшнамудани маълумотҳои ифротгароӣ», «Муомилоти ғайриқонунии воситаҳои техникии махсуси техникӣ, ки барои ба таври махфӣ гирифтани маълумот пешбинӣ шудаанд», «Рад намудан аз додани маълумот ба шахрванд», «Фош кардани сирри фарзандхондӣ (фарзандхонӣ)», «Тақаллуб дар соҳаи иттилооти компютерӣ», «Ғайриқонунӣ гирифтан ва ифшо кардани маълумоте, ки сирри тиҷоратӣ, андоз ё бонкиро ташкил медиҳанд» зарур аст, ки ба моддаҳои дахлдори Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд. Ба ин гурӯҳ дохил мешаванд: «Саркашӣ аз ифшо ё пешниҳоди маълумоти пешбининамудаи қонунгузорӣ дар бораи коғазҳои қимматнок», «Манипулясияи бозор», «Истифодаи нодурусти маълумоти инсайдерӣ», «Пинҳон кардани маълумот дар бораи ҳолатҳое, ки ба ҳаёт ё саломатии одамон хатар доранд».

Пешниҳод мекунам, ки ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ дар як боби алоҳидаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муттаҳид карда шаванд. Ба ҷиноятҳои "дастрасии беиҷозат ба иттилооти компютерӣ", "таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровар барои компютерҳо", "вайрон кардани қоидаҳои истифодабарии воситаҳои нигоҳдорӣ, коркард ва интиқоли иттилооти компютерӣ ва шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ" тағйироту иловаҳо ворид кардан зарур аст.

Ҳамчунин ворид намудани тағйироту иловаҳо ба институти сирри тиҷоратӣ – яке аз ҷузъҳои муҳими ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ дар бахши бозор, ки дар маҷмӯъ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ба соҳаи иттилоотӣ-ҳуқуқии ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсири доимӣ мерасонад – барои ҳифзи он аз таҳдидҳои нав зарур аст.

Инчунин, муқовимат ба ҳамлаҳои бешумори равонӣ ба шуури шаҳрвандон (таъсир расонидан ба шуури ҷавонони аз 14 то 35-сола), ки бо роҳи сохтакорӣ ва тақаллуби маълумот ҳангоми паҳн кардани овозаҳои гуногун, ҳамчунин маълумоте, ки ба содир намудани фаъолияти экстремистӣ ё террористӣ (даъват ба иттиҳодияҳои экстремистӣ ва террористӣ, инчунин иттилооти террористӣ ва террористӣ) ташвиқ мекунанд, ба ҳисоб меравад. ва дигар кирдорхои оммавии гайриконунӣ. Чунин ба назар мерасад, ки монеаи боэътимоди ин гуна таъсирро бо ёрии воситахои маъмурию ҳуқуқие, ки қонунгузории амалкунандаи маъмурӣ пешбинӣ кардааст, мукаррар кардан мумкин аст. Махсусан тавассути меъёрҳои маъмурию ҳуқуқӣ муқаррар намудани меъёрҳои амали асосноки субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи мубодилаи иттилоот имконпазир аст. Дар ин замина танзими маъмурӣ-ҳуқуқии ҷараёни иттилоот яке аз роҳҳои муваффақ ва муассири танзими муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар робита ба иттилоот ба вуҷуд меоянд, маҳсуб мешавад, ки имкон медиҳад, ки барои пешгирии ҳамла ба иттилоот ва истифодаи

ғайриқонунии он шароити фаврӣ фароҳам оварда шавад.

Дар руйхати тадбирҳои ҳифзи маъмурию ҳуқуқӣ чораҳои ҷавобгарии маъмурӣ ба таври ҳаққонӣ ҷои сазоворро ишғол мекунанд. Мақсади он намоиш додани вокуниши ягонаи миллӣ ба ҷинояткорон дар марҳилаи аввали татбиқи нақшаи ғайриқонунии онҳо мебошад, ки моҳияти он дар ба даст овардани ғайриқонунии маълумоти дахлдор мебошад.

Ҷавобгарии маъмурӣ ҳамчун монеаи боэътимоди паҳншавии санадҳои ғайриқонунӣ дар фазои иттилоотӣ бояд ба шохаи қонунгузори ҳокимият ҷорӣ карда шавад.

Ҳамлаҳои ҳакерӣ ба муассисаҳои давлатӣ, бонкҳо, телевизиону радио, дигар ширкатҳо ва раҳбарони ҳукумат шаклҳои гуногун доранд. Намудҳои маъмули ҳамлаҳои ҳакерӣ барои ба даст овардан ё нобуд кардани иттилоот фишинг, нармафзори зараровар, ҳамла ба нуқтаҳои заиф дар системаҳои иттилоотӣ ва ҳамлаҳои шабакавӣ мебошанд.

Фишинг як усули ҳакерӣ мебошад, ки дар он ҳамлагарон мекӯшанд одамонро бо роҳи фиреб додани маълумоти шахсии онҳо, аз қабили паролҳо ё маълумоти молиявӣ, бо муаррифии созмон ё шахсони боэътимод муаррифӣ кунанд.

Нармафзори зараровар нармафзорест, ки барои расонидани зарар ба системаҳо ва шабакаҳои компютерӣ пешбинӣ шудааст. Онҳо метавонанд тавассути замимаҳои электронии зараровар, веб-сайтҳои сироятшуда, таблиғот ё зеркашии нармафзори қаллобӣ ба системаҳо ворид шаванд.

Ҳамлаҳои истисмори осебпазирӣ ҳамлаҳое мебошанд, ки осебпазириро дар танзимоти нармафзор ё система ҳадаф қарор медиҳанд. Ҳакерҳо осебпазириро меҷӯянд, то дастрасии беиҷозат ба системаро ба даст оранд ва онро назорат кунанд.

Ҳамлаҳои шабакавӣ ҳамлаҳое мебошанд, ки инфрасохтори шабакавӣ ба монанди роутерҳо, коммутаторҳо ё серверҳоро ҳамчун ҳадаф қарор медиҳанд. Ҳакерҳо метавонанд усулҳои гуногунро истифода баранд, ба монанди ҳамлаҳои тақсимшудаи радкунии хидмат (DDoS) ё истифодаи осебпазирӣ дар протоколҳои қабати шабака.

Барои фаҳмидан ва арзёбии оқибатҳои ҳуқуқии алоқаи иттилоотӣ, мо бояд мафҳумҳои иттилоотӣ ва иртиботи иттилоотиро равшан кунем. Пеш аз ин суханони мутафаккири бузург Майер Амшел Ротшильдро иқтибос овардан бамаврид аст: «Ҳар кӣ маълумот дорад, соҳиби ҷаҳон аст». Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» аз 6 августи соли 2001, № 40 мафҳуми **“иттилоот** - маълумот дар бораи шахсҳо, ашё, объект, воқеиёт, рӯйдоду ҳодисот (падидаҳо) ва равандҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо” муайян шудааст. Иттилоот яке аз арзишҳои асосӣ ба ҳисоб меравад, бахусус агар он эътимоднок бошад ва аксарияти кулли равандҳои дар ҳаёти ҷомеаи имрӯза ба амал омадаро ба ҳам мепайвандад. Имрӯз ягон робитаи ҷамъиятиро бе иттилоот тасаввур кардан душвор аст. Иттилоот комилан ҳама рӯйдодҳо ва падидаҳои дар ҳаёти ҳар як инсон ва ҷомеа рухдодаро ҳамроҳӣ мекунад.

Ба назар чунин мерасад, ки иттилоот яке аз воситаҳои муҳими идоракунии давлатӣ мебошад. Истифодаи иттилоот метавонад ба идоракунии давлатӣ ҳам таъсири мусбат ва ҳам манфӣ расонад. Масалан, истифодаи иттилоот ба мақсадҳои манфӣ ба давлат, ширкат ё шахси воқеӣ зарар мерасонад.

Иттилооти муосир ончунон муҳим шудааст, ки дигар наметавонад аз доираи танзими ҳуқуқӣ берун бошад. Муносибатҳои марбут ба иттилоот ба вуҷуд омадаанд, ки танзими қонуниро талаб мекунанд [7].

Ба шарофати таъсири иттилоот ба ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ тамоми намудҳои илми ҳуқуқ мавриди омӯзиши амиқтар қарор гирифтанд. Тадқиқот оид ба робита ва таъсири мутақобилаи иттилоот ва ҳуқуқ дар охири асри 20 оғоз ёфт [8].

Дар айни замон истифодаи васеъи таърифи «иттилоот» ва фаҳмиши ягонаи он вуҷуд надорад. Дар илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва кибернетика мафҳуми «иттилоот» он ҷанбаҳои онро инъикос мекунад, ки барои ҳар як илм махсусан муҳиманд.

Дар фалсафа иттилоот ҳамчун як ҷавҳари бунёдӣ фаҳмида мешавад, ки дар баробари материя ва энергия мавҷуд аст [9]. Як қатор файласуфон бар ин назаранд, ки иттилоот ҳама чизест, ки дар шуури инсон дар натиҷаи он чизест, ки ӯ мебинад, мешунавад ва эҳсос мекунад.

Аз тарафи дигар, илми кибернетика чунин аст, ки информатсия ҳамчун унсури дониш интиқол дода мешавад, ки барои таъсир ва назорати фаъол истифода мешавад. Олим Норберт Винер, асосгузори илми прогрессивии кибернетика гуфтааст: «Маълумот ин иттилоот аст, на материя ё энергия». Материализме, ки инро эътироф намекунад, дар айни замон қобили ҳаёт буда наметавонад.» [10].

Олими дигари рус Ҷаъфарова Н. мегӯяд: «Фаъолияти ҳаёти одамон ҳамчун манбаи иттилоот гирифта мешавад, зеро маҳз дар натиҷаи

равандҳои дар ҳаёти ҳаррӯза ба амал омада ҳама намуди иттилоот ба вуҷуд меояд».

Аломатҳои информационӣ дар кори якчояи олимон П.Кононова, В.Кикотя ва И.Киляханова информатсия дорои хосиятҳои зерин буда, ки хусусиятҳои асосии онро тавсиф мекунанд:

1) Маълумоти комил. Маълумот то он даме, ки танҳо дар тафаккури инсон вуҷуд дорад, муҳим аст. Ҳамин ки иттилоот дар ҳама гуна муҳитҳои моддӣ (коғаз, плёнка, диск, флешдор, компютер) сабт мешавад, он ба осонӣ дастраси шумораи номаҳдуди субъектҳо мегардад, ки ҳар яки онҳо қобилияти мустақилона қабул ва шарҳ додани ин иттилоотро доранд, ки барои таҳрифи он замина фароҳам меорад;

2) Иттилооти нопурра. Иттилоот, новобаста аз он ки дар кадом шакл пешниҳод карда мешавад, ҳеҷ гоҳ пурра нест. Сарфи назар аз шумораи корбарон, он бетағйир мемонад;

3) Интихоби иттилоот, эҳтимолияти интихоби он дар ҷараёни истифода, ҷамъоварӣ ва коркард;

4) Интиқолпазирии иттилоот. Иттилооти дорои мазмуни якхела метавонад бо шаклҳои гуногун ва роҳҳои гуногун ирсол карда шавад;

5) Универсалии иттилоот, ки дар он ифода меёбад, ки мазмуни он метавонад бо ҳар як ҳодиса ва раванд алокаманд бошад.

Дар айни замон дар илми ҳуқуқ тақсимоти иттилоот аз рӯи меъёрҳои зерин мавҷуд аст:

1) Басомади пайдоиш. Маълумотро дар бораи ҳар лаҳзаи интихобшуда ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: дар бораи ҳодисаҳои ҳуқуқии гузашта, воқеӣ ва оянда;

2) Мақсади функсионалии иттилоот: маълумот оид ба танзими ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқ;

3) Манбаи иттилоот: иттилооти ибтидоӣ ва ҳосилшуда [11].

Таснифи дигари иттилоот аз рӯи дараҷаи дастрасӣ аз он иборат аст, ки ҳар як унсури иттилоотро метавон ба яке аз категорияҳои зерин тасниф кард:

− дастрасии бемамониат;

− бо розигии шахсони дар муносибатҳои дахлдор иштирокдошта пешниҳод шуда бошад;

− мутобики қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дода ё дода шавад;

− паҳнкунии иттилоот озод, маҳдуд ё мамнӯъ аст (махфӣ: давлатӣ, ҳарбӣ, тиҷоратӣ).

Самти дигари асосӣ фаъолияти мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла фаъолияти тобеӣ, тафтишотӣ, назоратӣ ва танзимкунанда мебошад, ки нисбат ба иттилооти воридшавандаи дорои хусусияти зараровар ё дигар ташкил карда мешаванд.

Аввалан, он ҳамчун маълумоти воқеӣ ба қайд гирифта шуда, ҳангоми омӯзиши ҳолатҳои зикршуда, ҳангоми таҳия ва қабули хулосаи аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим оид ба парвандаи мушаххас оид ба идоракунӣ, аз ҷониби объекти идоракунӣ амалӣ намудани ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои қонунии он ва субъекти идоракунӣ ваколатҳои он, ки дар ҳуҷҷатҳои дахлдори мурофиавӣ инъикос ёфтаанд, ҳамчун тасдиқ хизмат мекунанд, ки дар доираи татбиқи ин парванда дар доираи қонуни мазкур маводи ҳуқуқӣ ташкил карда шудаанд. (литсензия, сертификатсия, аккредитатсия, бакайдгири, декларатсия, таксими квота, сертификатсия, стандартизатсия, метрология, шикоят ва гайра).

Баъдан, асоси таҳия ва қабули чунин қарори маъмурии шахсӣ, инчунин дар марҳилаҳои минбаъдаи сикли идоракунӣ кори иттилоотию таҳлилӣ мебошад, ки кафолати он татбиқи ҳамаҷонибаи институтҳои баҳисобгирии маъмурию ҳуқуқӣ мебошад. Ҳисоботдиҳӣ, ки мазмун ва миқдори онро соҳаи мушаххаси идоракунии давлатӣ, сатҳи системаи он ва хусусиятҳои объектҳои идорашаванда муайян мекунанд.

Олими рус Н. Ҷаъфарова дар рисолаи илмии худ қайд кардааст, ки дар сохтори ҳуқуқи маъмурӣ ду ниҳоди махсус ташаккул ёфтаанд, ки дар тамоми соҳаҳо ва бахшҳои идоракунии давлатӣ дар марҳилаҳои ибтидоӣ ва минбаъдаи сикли идоракунӣ бомуваффақият амалӣ мешаванд ва аз ин рӯ, институтҳои баҳисобгирии хоҷагидорӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ хусусияти фарогир доранд.

Ба чунин муассисаҳо меъёрҳои ҳуқуқие дохил мешаванд, ки номгӯй, ҳаҷм, мазмун, шакли пешниҳод, воҳиди андоза, басомад ва мақсадҳои пешниҳод ва дигар хусусиятҳои иттилооти хатмиро муқаррар мекунанд, инчунин масъулият барои риоя накардани талаботи инфиродии зикргардида, ки нисбат ба: а) худи иттилоот; б) номгӯи амалҳое, ки иҷрои онҳо манъ ё маҳдуд (муқаррар шудааст); в) тартиби иҷрои амалҳои тасдиқшуда (форматкунӣ, параметрҳои вақт ва ғ.) аз ҷониби шахсоне, ки барои иҷрои амалҳои дахлдори муқарраршуда бо ин маълумот ваколатдор шудаанд.

Муассисаҳои дигари мусбӣ низ мавҷуданд: бақайдгирӣ, иҷозатномадиҳӣ, квота, декларатсия, сертификатсия, метрология, стандартизатсия ва ғайра, ки ба ғайр аз онҳо тартиби гирифтан ва истифодаи баъзе маълумотро муайян мекунанд, ба

таври меъёрӣ ба дараҷаи қоидаҳои ҳатмӣ, ки дар меъёрҳои дахлдори маъмурию ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд, бардошта мешаванд.

Мафҳуми «мукотибот» дар қонунгузории ҷорӣ барои тавсифи равандҳои сершуморе, ки дар дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба амал меоянд, истифода мешавад. Гузашта аз ин, худи «мукотибот» дар ҳар як ҳолати мушаххас ба таври гуногун муайян карда мешавад. Илова бар ин, мукотиботи ҳама гуна маълумот метавонад ҳам қонунӣ ва ҳам ғайриқонунӣ бошад.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мукотибот таваҷҷӯҳи бештар дода мешавад, зеро дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аслиҳа» муомилоти аслиҳа ва қисмҳои асосии он чун истеҳсол, савдо, фурӯш, интиқол, харидан, ҷамъоварӣ, намоиш, баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ, истифода, бозхонд, нобуд кардан, воридот ба ҷумҳурӣ ва содирот аз Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиф шудааст. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «муомилоти ғайриқонунӣ» нисбат ба нӯшокиҳои спиртӣ, воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ васеъ истифода мешавад.

Вақте ки мо дар бораи гардиши иттилоот сухан меронем, мо ҳамеша ҳама гуна амалҳоро дар назар дорем, ки бо иттилоот анҷом дода мешаванд. Омӯзиши муқаррароти қонунгузории иттилоотӣ, ки чунин меъёрҳои асосии ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи муомилоти иттилоот ба эътидол меоранд, ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» аз 6 августи соли 2001 № 40, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» аз 10 майи соли 2002, № 55, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот” аз 1 июни соли 2008 таҳти №411 ба мо имкон дод, ки феҳристи зеринро муайян кунем, ки айни замон кушода боқӣ мондааст: эҷод, ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ, коркард, сабт, ба низом даровардан, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, навсозӣ, ҷустуҷӯ, истифода, тағйир додан, тақсимот, интиқол, таъмин, ирсол, ифшо, шахси ғайриманқул, дастрасӣ, маҳдуд кардани дастрасӣ, бастан, мусодира ва нобудсозии иттилоот.

Мукотиботи иттилоот амали шахсони воқеӣ, мансабдор ва ҳуқуқӣ мебошад, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим даровардаанд, барои эҷод, ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ, коркард, ҷамъоварӣ, ба низом даровардан, нигоҳдорӣ, навсозӣ, истихроҷ, истифода, тағйир додан, паҳн кардан, пешниҳод, ирсол, ифшо, блок, маҳдуд, бозхонд ва нобуд кардани иттилооте, ки ба параметрҳои муқаррарнамудаи қонун мувофиқат мекунад, истифодаи он барои татбиқи самараноки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои қонунгузории субъектхо ва гурӯҳҳои муносибатхои иттилоотӣ аз таҷовузхои гайриконунӣ.

Муқарриз: д.и.ҳ., дотсент Олимзода Д.А.

ПОНЯТИЕ И ОСОБЕННОСТИ АДМИНИСТРАТИВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА ПРАВОНАРУШЕНИЯ В ОБЛАСТИ ОБОРОТА ИНФОРМАЦИИ

Ключевые слова: интернет; информация; принятые правовые законные акты; переписка; Кодекс Республики Таджикистан об административных правонарушениях.

Аннотация. Статья посвящена анализу современной оценке административной ответственности в сфере оборота информации в Республике Таджикистан, когда всё делопроизводство в управлении государством перешло на электронные носители, что требует дополнительной безопасности электронных носителей от хакерских атак и незаконного оборота информации.

Нуров Фуркат Боевич - старший преподаватель кафедры гражданского и экономического права Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Тел.: (+992) 93 5535355. E-mail: nurov1972.ru@gmail.com.

CONCEPT AND FEATURES OF ADMINISTRATIVE RESPONSIBILITY FOR OFFENSES IN THE FIELD OF INFORMATION TURNOVER

Keywords: Internet; information; adopted legal acts; correspondence; the Code of the Republic of Tajikistan on Administrative Offenses.

Annotation. The article is devoted to the analysis of the modern assessment of administrative responsibility in the sphere of information turnover in the Republic of Tajikistan, when all office work in the management of the state has moved to electronic media, which requires additional security of electronic media from hacker attacks and illegal turnover of information.

Nurov Furkat Boyevich - Senior Lecturer, Department of Civil and Economic Law, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Tel.: (+992) 93 5535355. E-mail: nurov1972.ru@gmail.com.

Рӯйхати адабиёт:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 1994.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоотонӣ” аз 6 августи соли 2001, №40.
3. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №12.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикитсон “Дар бораи иттилоот” аз 10 маи соли 2002, №55.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот” аз 1 июни соли 2008, №411.
6. Консепсияи давлатӣ дар бораи сиёсати иттиолотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, №451.
7. Бачило И.Л. Давлат ва ҳуқуқи асри 21. Воқеӣ ва виртуалӣ. – Москва: ЮРКОМПАНИ, 2012. - 277 с.
8. Венгеров А.Б. Қонун ва иттилоот дар заминаи автоматикунонии идоракунӣ: монография. – Москва: Адабиёти юридикӣ, 1978. - С. 208.
9. Воскресенский А.К. Консепсияи «Иттилоот»: ҷанбаҳои фалсафӣ (шарҳи таҳлилӣ) // Назария ва амалияи иттилооти иҷтимоӣ ва илмӣ. 2013. № 21. С. 268-284.
10. Винер Н. Кибернетика, ё назорат ва иртибот дар ҳайвонот ва мошинҳо // - нашри 2. - Москва: Илм; Сарредаксияи нашрияҳо барои кишварҳои хориҷӣ, 1983. – 344 с.
11. Китобхонаи электронӣ. URL: https://libraryno.ru.

Список литературы:

1. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года.
2. Закон Республики Таджикистан «Об информации» от 6 августа 2001 года, № 40.
3. Кодекс Республики Таджикистан об административных правонарушениях от 31 декабря 2008 года, № 12.
4. Закон Республики Таджикистан «Об информации» от 10 мая 2002 года, № 55.
5. Закон Республики Таджикистан «О праве на доступ к информации» от 1 июня 2008 года, № 411.
6. Государственная концепция информационной политики Республики Таджикистан от 30 апреля 2008 года, № 451.
7. Бачило И.Л. Государство и право XXI в. Реальное и виртуальное. М.: ЮРКОМПАНИ, 2012. - 277 с.
8. Венгеров А.Б. Право и информация в условиях автоматизации управления: монография / А.Б. Венгеров - М.: Юридическая литература, 1978. С. 208.
9. Воскресенский А.К. Понятие «информация»: философские аспекты (аналитический обзор) // Теория и практика общественно-научной информации. 2013. No 21. С. 268-284.
10. Винер Н. Кибернетика, или Управление и связь в животном и машине // - 2-е издание. - М.: Наука; Главная редакция изданий для зарубежных стран, 1983. - 344 с.
11. Электронная библиотека. URL: https://libraryno.ru.

List of literature:

1. Constitution of the Republic of Tajikistan of November 6, 1994.
2. Law of the Republic of Tajikistan «On Information» of August 6, 2001, No. 40.
3. Code of the Republic of Tajikistan on Administrative Offenses of December 31, 2008, No. 12.
4. Law of the Republic of Tajikistan «On Information» of May 10, 2002, No. 55.
5. Law of the Republic of Tajikistan «On the Right of Access to Information» of June 1, 2008, No. 411.
6. State Concept of Information Policy of the Republic of Tajikistan of April 30, 2008, No. 451.
7. Bachilo I.L. State and Law of the 21st Century. Real and Virtual. Moscow: YURKOMPANI, 2012. - 277 p.
8. Vengerov A.B. Law and information in the context of automation of management: monograph / A.B. Vengerov - M.: Legal Literature, 1978. Page 208.

9. Voskresensky A.K. The concept of «information»: philosophical aspects (analytical review) // Theory and practice of social and scientific information. 2013. No. 21. Pages 268-284.

10. Wiener N. Cybernetics, or Control and communication in animals and machines // - 2nd edition. - M.: Science; Main editorial office of publications for foreign countries, 1983. - 344 p.

11. Electronic library. URL: https://libraryno.ru.

ТДУ: 342.92
Сайдуллоева Зебунисо Муҳибуллоевна,
ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Email: saidulloevazebo223@gmail.com
Тел: (+992) 907837447

ПРИНСИПҲОИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ: НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯТИ ТАТБИҚ

Калидвожаҳо: принсипҳои идоракунии давлатӣ, объективона будан, манфиатҳои миллӣ, амалияи идоракунӣ, принсипи қонуният, принсипи хаттӣ ва функционалӣ.

Анотатсия. Ташаккул ва риояи принсипҳои идоракунии давлатӣ асоси кори дурусти тамоми низоми идоракунии давлатӣ, ислоҳоти сохтори дастгоҳи идеологии давлатӣ, бомуваффақият ҳал намудани вазифаҳои аввалиндараҷае, ки дар назди мақомотҳои давлатӣ дар шароити ҳозираи дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истодаанд, мебошад.Принсипҳои идоракунии давлатӣ, объективона будан муқаррарӣ, тавассути фаъолияти худ аз ҷониби одамон эътироф гардида, дар ҳаёт бо ёрии шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ амалӣ мегардад.

Назарияи принсипҳои идоракунии давлатӣ ҳамчун категорияи ибтидоии илмӣ-ҳуқуқӣ, ки моҳият ва хусусиятҳои равандҳои идоракунии давлатиро дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа ифода мекунад ва бо назардошти аҳамияти мазмунию мантиқӣ на танҳо аҳамияти муҳими назариявӣ, балки аҳамияти муҳимми амалӣ низ доранд. Ташаккул ва риояи принсипҳои идоракунии давлатӣ заминаи асосии фаъолияти дурусти тамоми низоми идоракунии давлатӣ, ислоҳоти низом, сохтор ва фаъолияти дастгоҳи давлатӣ, сари вақт ва бо сатҳу сифати баланд иҷро гардидани вазифаҳои аввалиндараҷае, ки дар назди мақомоти идоракунии давлатӣ дар шароити ҳозираи дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии кишвар истодаанд маҳсуб меёбанд. [1] Принсипҳои идоракунии давлатӣ қонунҳои мусбати он мебошанд, ки аз ҷониби илм ва амалия муайян карда шудаанд, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ифода ёфтаанд ё маҷмӯи қоидаҳои ҳуқуқии дар давлат амалкунанда мебошанд.

Тавре зикр гардид, назарияи принсипҳои идоракунии давлатӣ ҳамчун категорияҳои ибтидоии илмӣ-ҳуқуқӣ, ки моҳият ва хусусиятҳои равандҳои идоракуниро дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа ифода мекунад, на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки амалӣ низ дорад. Татбиқи қонунии принсипҳои идоракунӣ аз он сабаб зарур аст, ки қонун муносибати байни мақомотҳо ва одамонро дар соҳаи идоракунӣ муқаррар ва муайян мекунад, қонун ҳудуди рафтори дурусти иҷозатдодашударо ҳам аз нуқтаи назари манфиатҳои миллӣ ва ҳам манфиатҳои маҷмӯии аксарияти одамон муқаррар мекунад [2].

Мафҳуми «принсип» маънои ибтидо, идеяи роҳнамо, қоидаи асосии рафтори инсонро дорад. Дар робита ба идоракунии давлатӣ, принсип мафҳуми марказӣ мебошад, зеро он асоси тамоми низоми идоракуниро ташкил медиҳад. Идоракунии давлатӣ, ки раванди мақсаднок, ҳадафмандона мебошад, ки таъмини низом, тартибот ва субот ҳадафи асосӣ ва ниҳоии онро ташкил медиҳанд. Дар шакли умумӣ, принсип хусусиятҳои асосии идоракунии давлатиро дар бар мегирад, ки аз он бармеояд. Бо ҳамин назардошт, робитаи мантиқии идоракунии давлатӣ ва принсипро ҳамчун қоидаҳои асосии раднашаванда дарк намуда, аҳаммияти принсҳоро дар роҳи расидан ба ҳадафҳои идоракунӣ муҳим ва зарурӣ арзёбӣ намудан мумкин аст. [3]

Принсипҳои идоракунии давлатӣ принсипи асосӣ ва роҳнамоест, ки моҳият ва мутобиқати дохилии унсурҳои сохтории низоми идоракунии давлатиро ифода мекунад.

Принсипҳои идоракунии давлатӣ аз ҷиҳати мазмун, доираи амал, самти мақсад, характери алоқа ва шаклҳои зуҳуроти дар амалияи идоракуниашон якхелаанд. Онҳо моҳияти ҷамъиятию сиёсии идоракунии давлатиро умуман муайян мекунанд. [4] Дар баробари ин, принсипҳое мавҷуданд, ки доираи амалашон маҳдуд буда, алоқаҳои ташкилии байни ҷузъҳои гуногуни низоми идоракунии давлатиро, ки дар чараёни фаъолияти мақомоти роҳбарикунанда ба миён меоянд, тавсиф мекунанд.

Дар солҳои охир илми ҳуқуқи маъмурӣ ба омӯзиши принсипҳои ташкил ва фаъолияти ҳокимияти иҷроия диққати калон дода мешавад. Аксар муҳаққиқон ва коршиносон принсипҳои

зерини идоракунии давлатиро ҷонибдорӣ менамоянд: принсипҳои адолат, оқилонагӣ, софдилонагӣ, ба мақсад мувофиқ будан, қобили қабул будан, фоиданокӣ, аҳамиятнокӣ, ахлоқӣ, озодии ирода ва ғайра [5].

Тавре аз мавқеи олимон ва муҳаққиқон дар самти ҷорӣ намудани принсипҳои дақиқи идоракунии давлатӣ бармеояд, таклифҳои пешниҳодшуда ба муқаррароти маъмурии дар тачриба татбиқшаванда на он қадар мувофиқат менамояд. Масалан, баъзе аз олимони соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ падидаи "ваколатҳои дискретсионӣ"-и мақомоти давлатиро ҳамчун омили ба коррупсия ва дигар кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ алоқаманд дониста, онҳоро рад менамоянд. Ваколатҳои дискретсионӣ аз доираи ваколатҳое мебошанд, ки расман инъикоси зоҳирӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ наёфтаанд, вале дар тачриба амалӣ мегарданд. Мафҳуми "дискретсия" аз калимаи фаронсавии "discretionnaire" ва ё олмонии "discretion" гирифта шуда, маънояш "мувофиқи иродаи худ амал намудан" мебошад. Яъне, ваколатҳои дискретсионӣ – ин имконияти амалисозии ваколате мебошад, ки дар шакли ифодаёбӣ мустаҳкам нагардидаанд ва чунин ваколатҳо дар қонунгузорӣ низ манъ нагардидаанд [6]. Ваколатҳои дискретсионӣ гуфта ваколатҳоеро низ мефаҳманд, ки мақомоти маъмурӣ ҳангоми қабули қарор метавонад бо салоҳияти муайян амалӣ намояд, яъне вақте ки чунин мақом метавонад аз як қатор қарорҳои қонунӣ иҷозатёфтаеро интихоб намояд, ки дар ҳолатҳои мавҷуд он қарореро интихоб намояд. Чунин озодии интихоб аз мақомоти маъмурӣ талаб мекунад, ки салоҳдиди маъмурии худро амалӣ намояд . Бо вуҷуди ин, илми ҳуқуқи маъмурӣ имкони истифодаи принсипи озодии иродаро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия ҳангоми қабули қарорҳои маъмурӣ мавриди муҳокимаи амиқи илмӣ қарор медиҳад.

Мавриди ба зикр аст, ки афзоиши таваҷҷӯҳ ба як принсипи мазкур, ки ба назари мо на он қадар мубрам ва зарурӣ мебошад хеле ҷолиб аст. Зеро ягон муҳаққиқ ва мутахассиси соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ хатари шадиди салоҳияти дискретсионии маъмуриро, ки эҳтимолан ба худсарии маъмурӣ табдил меёбад, рад намекунад.

Бо такя ба мавқеи олимон дар ин самт ба хулоса омадан мумкин аст, ки принсипҳои идоракунии давлатӣ бояд хусусиятҳои зеринро фарогир бошанд:

а) иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар идоракунӣ. Иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар идоракунии давлатӣ (ташкили мақомоти ҳокимияти иҷроия ва қабули муҳимтарин қарорҳои амалӣ) ба принсипҳои давлати ҳуқуқии муосир ҷавоб медиҳад. Масъалаи мазкур дар тачрибаи ҶТ баръало аён, зеро тибқи моддаи 8 - Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: "Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси гуногунии сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад". [7]

б) идоракунии демократии давлат. Принсипи демократикунонӣ принсипи мураккабу серҷабҳаест, ки пеш аз ҳама дар байни ҷамъият ва давлат, байни ҳамаи алоқаҳо барқарор намудани вобастагии амиқ ва доимии байниҳамдигариро талаб мекунад, ҷомеа ва ҷузъҳои низоми идоракунии давлатӣ, ки ба онҳо лозим аст . Дар моддаи 6 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омаадаст, ки "Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ менамояд". Ин далолат аз мавҷудияти принсипи мазкур дар низоми идораи давлатии ҶТ мекунад.

Ин принсип дар иштироки озодонаи шаҳрвандон дар ташкили мақомотҳои ҳокимияти иҷроия, дар таъсири реалии онҳо ба фаъолияти амалии рохбарӣ ва ба амал баровардани назорат аз болои кори онҳо, дар мавриҳои зарурӣ истифода бурдани имконияти ҳифзи судӣ зоҳир мегардад. Дар шароити давлати ҳуқуқбунёд Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои гуногун дорад, ки имкон медиҳанд дониш ва тачрибаи шаҳрвандонро дар идоракунии корҳои давлатӣ истифода баранд:

-ҳалли масъалаҳои асосии ҳаёти давлат бо роҳи райъпурсӣ ;

-муҳокимаи умумихалқии қонунҳои муҳимтарин;

- интихоби мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби мардум;

-ба воситаи мақомоти намояндагии мақомоти давлати таъсис

идоракунӣ;

- таъсиррасонӣ ба идоракунии давлатӣ тавассути ҷамъиятӣ ва

ташкилотҳои ҷамъиятӣ .

в) принсипи қонуният. Қонуният дар идоракунии давлатӣ пеш аз ҳама иҷрои бошуурона, эҷодкорона, дақиқ, якхелаи қонунҳо аз ҷониби давлат, мақомоти давлатӣ ва дидар институтҳои ҷомеа мебошад. Дар моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи қонуният инъикоси худро ёфтааст, ки тибқи он: "Давлат ва ҳамаи мақомотҳои он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо

вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд”.

Мақомоти чунин амалҳои маъмурие, ки ба мазмуни давлат мувофиқ аст, ки дар қонунҳо ифода шудаанд; қабули қарорҳои роҳбарӣ аз рӯи масъалаҳое, ки қонун ба салоҳияти ин мақомотҳо гузоштааст, бо тартиби муқарраршуда ва шакли муайян.

Муносибатҳои байни мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон,ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ҷамъиятиро дар соҳаи идоракунӣ қатъиян дар доираи ваколатхои худ ба ҷо овардан мумкин аст. Ҳеҷ як мақоми давлатие, ки фаъолияти маъмуриро амалӣ менамояд, наметавонад салоҳияти ба он вогузоршударо мустақилона тағйир диҳад, васеъ ё маҳдуд намояд.

г) принсипи ягонагӣ. Ягонагӣ ифодакунандаи низоми ягонаи мақомоти идоракунии давлатиро дошта, новобаста аз самти фаъолият, вазифа, мақсад ва таъинот фаъолияти ҳамаи мақомоти давлатиро ба ҳам муттаҳид мегардонад.

д) афзалияти ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон нисбат ба манфиатҳои давлат – принсипе, ки мавқеи афзалиятноки шаҳрвандонро дар татбиқи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии онҳо нисбат ба мақомотҳои давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо муайян менамояд. Мутобиқи моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон худро ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ эътироф мекунад, ки арзишҳои олии он инсон, ҳаёт, ҳуқуқ ва озодихои ӯ арзиши олӣ ба ҳисоб меравад. Давлат ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсонро, ки аз лаҳзаи таваллуд ба ҳар кас тааллуқ доранд, эътироф ва кафолат медиҳад, мазмун ва татбиқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба он мутобиқат мекунад.

е) баробарҳуқуқии шаҳрвандон барои иштирок дар идоракунии давлат. Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон , ки дар модаи 27 пешбинӣ шудаст: шаҳрвандон ҳуқуқ дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намоянд, шахсан мурочиат кунанд, инчунин шахсони алоҳида фиристанд ва мурочиатномаи коллективона ба мақомотҳои давлатӣ ва мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод намоянд. Шаҳрвандон инчунин ба хизмати давлати ҳуқуқи барорбар доранд. Талабот нисбат ба номзадҳо ба мансабҳои хизматчии давлатӣ танҳо аз рӯи хусусияти ӯҳдадориҳои мансабӣ муайян карда мешавад ва тибқи қонун муқаррар карда мешавад.

ё) ба назар гирифтани афкори умум ва шаффофият дар идоракунии давлатӣ.

Принсипе, ки талаботи дар фаъолияти амалии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онхо ба назар гирифтани ҳатмии афкори чамъиятии дар хама гуна шакл ифодаёфта (масалан, дар матбуот дар шакли материалҳои танкидӣ оид ба фаъолияти мақомотҳои роҳбарикунанда, таклифҳо ё тавсияхои илмӣ, ки ба мақомотҳо, органҳои давлатӣ фиристода мешаванд .

“Ошкорбаёнӣ” маънои мунтазам иттилооти оммавӣ ва фаъолияти мақомоти давлатӣ дар матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма мебошад. Намунаи ошкорбаёнӣ тачрибаи эълони озмун шуда метавонад чопӣ, барои ишгол намудани вазифахои холии маъмурии хизмати давлатӣ пешбини карда шавад. Дар баробари ин, принсипи шаффофият метавонад бо назардошти ваколатҳои мушаххаси мақомоти дахлдори давлатӣ маҳдудиятҳои муайян дошта бошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ”, ки қонуни мазкур низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ-ро муайян намуда, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти онҳоро танзим менамояд. Дар моддаи 4 қонуни зикршуда, принсипҳои асосии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ оварда шудаст.

Дар ин ҷо ба ғайр аз ҷихати сохтори масъалаҳои асосӣ муайян кардани салоҳияти мақомоти марказию маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, иттиходияҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ мебошанд. Принсипи баррасишаванда маҷмӯи органикии роҳбарияти ягонаи мутамарказро дар ҳалли масъалаҳои асосии миллӣ дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи васеи шаклҳои демократӣ дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар ин ё он шоҳаи ҳокимияти давлатӣ, масъулияти ҳар як мақомот ва шахси мансабдор барои вазифаи супурдашуда ва ҳамкории онҳо бо ҷомеа дар назар дорад. [8]

Принсипи баррасишаванда шаклу усулҳо, тартиби сохтан ва фаъолияти дастгоҳи давлатиро муайян мекунад. Минтақаи оптималӣ муносибатҳои мутамарказсозӣ ва ғайримарказикунонӣ дар идоракунии соҳаҳои иқтисод ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ чунин шартҳоеро дар бар мегирад, ба монанди маҳдуд кардани салоҳияти мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ, мақомотҳои роҳбарикунанда. Комилан равшан аст, ки низоми мақомотҳои ба назаргирифта шудани фаъолияти тобеонро таъмин мекунад.

Дар баробари ин, дар Тоҷикистон, тибқи Конститутсия, худидоракунии маҳаллӣ эътироф карда мешавад, ки мустакилона қарор қабул кардани ахолӣ аз рӯи масъалаҳои арзишҳои махаллӣ дошта. Тартиби ташкил ва фаъолият вазифахои мақомотҳои ҳокимияти маҳаллиро худи шаҳровандон дар доираи муқаррарнамудаи қонун муайян мекунанд. Дар баробари ин мустақилияти мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ дар доираи ваколатҳояшон кафолат дода мешавад.

Ҳамин тариқ, таҳлили масоили принсипҳои идоракунии давлатӣ ба хулосае водор месозад, ки:

а) принсипҳо ҳамчун дастури расмии амалияи идоракунӣ амал мекунанд, зеро онҳо дар санадҳои қонунгузорӣ муқаррар карда шудаанд ва рафтори иштирокчиёни муносибатҳои идоракуниро мувофиқи идеяҳои роҳнамоии сохтмони давлатӣ ва ислоҳот роҳнамоӣ мекунанд; дастгоҳи давлатӣ ва ташкили хизмати давлатӣ;

б) принсипҳо дастурҳои (асосҳои) ибтидоии танзими ҳуқуқии муносибатҳои идоракунӣ мебошанд. Дар ин сифат принсипҳо моҳият ва мазмуни идораи давлатиро дар шакли ҳуқуқӣ ифода мекунанд ва инчунин қонунгузорро ба он ҳидоят мекунад, ки ҳангоми таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав оид ба масъалаҳои такмили идоракунии давлатӣ механизми татбиқи ин ғояҳои роҳнаморо пешбинӣ менамояд;

в) принсипҳо ба меъёрҳои ҳуқуқӣ устуворӣ мебахшанд, идораи давлатиро давлат бо ҳамин дар қонунгузорӣ акидаҳои роҳбарикунандаро дар соҳаи идоракунии равандҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд оварда, заминаи асосии ҳуқуқиро таъмин менамояд, тамоми механизми идораи давлатӣ умуман, инчунин идоракунии соҳаҳои алоҳидаи ҷамъият (соҳаҳои иқтисодиёт, соҳаи иҷтимоӣ ва сохтмони маъмурию сиёсӣ);

г) принсипҳои идоракунӣ ба хизматчиёни давлатӣ, дигар шахсони мансабдори дастгоҳи давлатӣ, шаҳрвандон ва коллективҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо таъсири тарбиявӣ доранд. Дар муносибатҳои идоракунӣ тарафҳо талаботи меъёрҳои ҳуқуқиро риоя намуда, ба қоидаҳои рафтори ба онҳо пешниҳодшуда, ихтиёран итоат мекунанд ва бо ҳамин мазмуни қонунгузории амалкунандаро дарк мекунанд ва принсипҳои дар қонун пешбинишударо аз худ мекунанд, принсипҳои идоракунии давлатӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дарҷ гардидаанд.

Ин хосиятҳои принсипҳое, ки дар назарияи идоракунӣ ва ҳифзи ҳуқуқ таҳия шудаанд, асоси бунёдии механизми идоракунии давлатиро ташкил медиҳанд.

Муқарриз: д. и. ҳ., профессор Соибов З.

ПРИНЦИПЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ: ТЕОРИЯ И ПРАКТИКА ПРИМЕНЕНИЯ

Ключевые слова: принципы государственного управления, объективность, национальные интересы, административная практика, принцип законности, принцип письменности и функциональности.

Аннотатция. Формирование и соблюдение принципов государственного управления являются основой для надлежащего функционирования всей системы государственного управления, реформирования структуры идеологического государственного аппарата, успешного решения первоочередных задач, стоящих перед государственными органами в современных условиях социально-экономических и политических преобразований в Республике Таджикистан. Принципы государственного управления, являясь объективными, осознаются людьми посредством их деятельности и реализуются в жизни с помощью организационно-правовых форм.

Сайдуллоева Зебунниссо Муҳибуллоевна - ассистент кафедры административного и финансового права юридического факультета Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан Email: saidulloevazebo223@gmail.com. Тел.: (+992) 907837447.

PRINCIPLES OF PUBLIC ADMINISTRATION: THEORY AND PRACTICE OF APPLICATION

Key words: Principles of state administration, objectivity, national interests, administrative practice, principle of legality, principle of writing and functionality.

Annotation: The formation and observance of the principles of public administration are the basis for the proper functioning of the entire system of public administration, reform of the structure of the ideological state

apparatus, and the successful resolution of the primary tasks facing state bodies in the current conditions of socio-economic and political transformations in the Republic of Tajikistan. The principles of public administration, being objective, are recognized by people through their activities and are implemented in life with the help of organizational and legal forms.

Saidulloeva Zebunisso Muhibuloevna - assistant of the Department of Administrative and Financial Law, Faculty of Law, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan Email: saidulloevazebo223@gmail.com : Tel: (+992) 907837447

Руйхати адабиёт:

1. Стахов А. И. Административное право России в 2-х частях. Часть 1. Учебник для академического бакалавриата. Юрайт, 2017. 254с.
2. Братановский С.Н., Деменчук Д.В. Формы и методы в государственном управлении, Учебное пособие. Москва-Берлин 2017. Директ-Медиа. - 180с.
3. Андриянов В. Н. К проблеме формирования в административном праве принципов государственного управления. М. 2018. – С. 43-47
4. Общее административное право: учеб. Воронеж: Изд-во, ВГУ, 2007. С. 36.
5. Канунникова Н. Г. О понятии принципов государственного управления // Административное право и процесс. 2012. № 2. С. 8.
6. Изатуллозода П.Н. Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. Душанбе 2025. – 233 с.
7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои 22 - майи соли 2016 / Душанбе «Ирфон». 2023
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ” 16 апрели соли 2012/ АМОҶТ, с.2012, №4 , мод. 278.

Список литературы:

1. Стахов А. И. Административное право России в 2-х частях. Часть Учебник для академического бакалавриата . Юрайт, 2017. 254с.
2. Братановский С.Н., Деменчук Д.В. Формы и методы в государственном управлении, Учебное пособие. Москва-Берлин 2017. Директ-Медиа. - 180с.
3. Андриянов В. Н. К проблеме формирования в административном праве принципов государственного управления. М. 2018. – С. 43-47
4. Общее административное право: учеб. Воронеж: Изд-во, ВГУ, 2007. С. 36.
5. Канунникова Н. Г. О понятии принципов государственного управления // Административное право и процесс. 2012. № 2. С. 8.
6. Изатуллозода П.Н. Административно-правовой статус органов при Президенте Республики Таджикистан: монография. Душанбе 2025. – 233 с.
7. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года с изменениями и дополнениями от 22 мая 2016 года. /Душанбе «Ирфон». 2023.
8. Закон Республики Таджикистан «О системе органов государственного управления Республики Таджикистан» 16 апреля 2012 года ВМОРТ, с.2012, №4 , стат. 278.

List of literatures:

1. Stakhov A. I. Administrative law of Russia in 2 parts. Part Textbook for the academic bachelor's degree. Yurait, 2017. 254 p.
2. Bratanovsky S. N., Demenchuk D. V. Forms and methods in public administration, Textbook. Moscow-Berlin 2017. Direct-Media. - 180 p.
3. Andrianov V. N. On the problem of formation of principles of public administration in administrative law. Moscow, 2018. - P. 43-47
4. General administrative law: textbook. Voronezh: Publishing house, VSU, 2007. P. 36.
5. Kanunnikova N. G. On the concept of principles of public administration // Administrative law and process. 2012. No. 2. P. 8.
6. Izatullozoda P.N. Administrative and legal status of bodies under the President of the Republic of Tajikistan: monograph. Dushanbe 2025. – 233 p.

7. Constitution of the Republic of Tajikistan of November 6, 1994 with amendments and additions of May 22, 2016. /Dushanbe «Irfon». 2023

8. Law of the Republic of Tajikistan «On the system of state administration bodies of the Republic of Tajikistan» April 16, 2012 VMORT, p.2012, No. 4, stat. 278.

ТДУ: 34
Азизов Саидмуҳаммад Авазхонович,
доктор PhD-и кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
E-mail: azizov_612@list.ru
Тел.: (+992) 989-66-77-11.

ОИД БА БАЪЗЕ МАСОИЛИ ПЕШГИРИИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲО МИЁНИ НОБОЛИҒОН

Калидвожаҳо: ноболиғон, ҳуқуқвайронкунӣ, пешгирӣ, рафтори девиантӣ, мақомот, тарбияи ҳуқуқӣ, оила, муассисаи таълимӣ.

Аннотатсия: Мақолаи мазкур ба баррасии баъзе масоили муҳими ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, ки бо пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо миёни ноболиғон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманданд, бахшида шудааст. Муаллиф омилҳои асосии афзоиши ҳуқуқвайронкуниҳои наврасонро таҳлил намуда, норасоии фаъолияти субъектҳои пешгириро муайян мекунад ва барои баланд бардоштани самаранокии ин фаъолият як қатор пешниҳодҳои мушаххас ироа менамояд. Таъкид мегардад, ки муваффақият дар ин самт танҳо бо шарикии муассир миёни оила, мактаб, ҷомеа ва мақомоти давлатӣ дастрас мешавад.

Дар шароити мураккабу тағйирёбандаи ҷомеаи муосир, ки бо равандҳои босуръати ҷаҳонишавӣ, рушди технология ва афзоиши хатарҳои иҷтимоӣ тавсиф мешавад, масъалаи таъмини амнияти ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, бахусус ноболиғон, аҳамияти афзоянда пайдо кардааст. Баланд бардоштани сатҳи донишҳои ҳуқуқӣ дар байни ҷавонон на танҳо воситаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онҳо мебошад, балки омили муҳими пешгирии рафтори зиддиҳуқуқӣ ва ташаккули шахсияти масъулиятшинос маҳсуб меёбад.

Яке аз самтҳои муҳими иҷтимоии ҷомеаи муосир, ки дорои аҳамияти стратегии давлатӣ ва хусусияти афзалиятнок мебошад, таҳия ва татбиқи механизмҳои муассири пешгирии ҳуқуқвайронӣ ва ҷиноятқорӣ дар миёни ноболиғон аст. Афзоиши мунтазами шумораи кирдорҳои зиддиҳуқуқии аз ҷониби ноболиғон содиршуда гувоҳ бар он аст, ки дар муҳити ҷавонон равандҳои устувори девиантӣ ташаккул ёфтаанд. Ин ҳолат, аз як ҷониб, ба коҳиши самаранокии стратегияҳои мавҷудаи пешгирӣ ишора мекунад, аз ҷониби дигар, зарурати тақдиди назар ва таҳияи механизмҳои нову илман асоснокро барои ислоҳи рафтори инҳирофёфтаи ноболиғон тақозо менамояд.

Дар чунин вазъ, таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, равонӣ ва иқтисодии содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳо дар муҳити ҷавонон аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Дар заминаи ин таҳлил бояд тадбирҳое таҳия ва амалӣ гарданд, ки дар асоси принсипҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ва талаботи замони муосир ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва таҳкими рафтори масъули шаҳрвандӣ дар байни насли наврас равона шудаанд. Афзоиши устувори шумораи кирдорҳои зиддиҳуқуқии содиршуда аз ҷониби наврасон шаҳодат аз он медиҳад, ки дар муҳити ҷавонон равандҳои девиантии устувор ташаккул ёфтаанд ва ҳамзамон самаранокии стратегияҳои мавҷудаи пешгирикунанда маҳдуд боқӣ мондааст. Дар ин замина, зарурати таҳлили ҳамаҷонибаи сабабҳои ин падида ва таҳияи тадбирҳои нав, ки асоси илмӣ доранд ва ба ислоҳи рафтори инҳирофёфтаи ноболиғон равона шудаанд, ба миён меояд [1].

Аҳамияти мавзуи мавриди баррасӣ, пеш аз ҳама, бо васеъ шудани доираи шахсони аз лиҳози иҷтимоӣ осебпазир – гурӯҳи ба истилоҳ «гурӯҳи хавф» алоқаманд аст. Ба ин гурӯҳ, одатан, наврасоне дохил мешаванд, ки дар шароити номусоиди иҷтимоӣ, ноустувории иқтисодӣ, мушкилоти равонӣ ва зери таъсири омилҳои гуногун қарор доранд [2]. Дар миёни чунин омилҳои манфӣ чудоӣ ва нофаҳмии оилавӣ, таъсири ҷиноятпешагии муҳити наздик, шомилшавӣ ба зерфарҳангҳои кӯчагӣ ва набудани роҳнамоҳои иҷтимоии мусбат нақши махсус доранд. Ин гурӯҳи ноболиғон бо сатҳи баланди осебпазирӣ ва майл ба рафтори зиддиқонунӣ тавсиф мешавад ва маҳз онҳо бояд дар маркази фаъолияти профилактикӣ қарор гиранд.

Ҳолати нигаронкунанда аз афзоиши мунтазами шумораи намояндагони гурӯҳи «хавф» дар муассисаҳои таълимӣ бармеояд. Ин раванд боиси ба вуҷуд омадани маҷмӯи масъалаҳои мураккаби педагогӣ, иҷтимоӣ ва равонӣ мегардад, ки ҳаллу фасли онҳо аз доираи имкониятҳои худи ноболиғон берун мебошад. Ҳамзамон, муҳити наздики онҳо – волидайн, омӯзгорон ва мураббиён

на ҳамеша дониш, малака ва захираҳои заруриро барои расонидани ёрии саривақтӣ ва касбӣ дар ихтиёр доранд [3].

Масоили пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар миёни ноболиғон, инчунин ҷалби онҳо ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ, мавриди таҳқиқи васеи олимони соҳаи ҳуқуқӣ қарор гирифтаанд. Мутахассисони соҳаи адлияи ноболиғон ва ҳуқуқшиносони маъмурӣ рафтори девиантиро ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, ки дар натиҷаи ҳамгироии омилҳои макро ва микроиҷтииоӣ ба вуҷуд меояд, таҳлил менамоянд [4]. Бо вуҷуди дастовардҳои муайяни илмӣ, масъалаҳои зикршуда то ҳол аҳамияти баланди иҷтимоии худро нигоҳ медоранд, ки инро маълумоти оморӣ дар бораи сатҳи ҷинояткории наврасон ва мушкилоти амалии фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва муассисаҳои таълимӣ тасдиқ мекунад.

Аҳамияти афзоиши самаранокии тадбирҳои пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар муҳити ҷавонон дар сатҳи давлатӣ низ таъкид гардидааст. Аз ҷумла, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор медоранд, ки «Наврасон ва ҷавононро аз амалу рафтори ноҷо ва ғайриқонунӣ нигоҳ доштан ва бо роҳи дуруст ҳидоят кардан вазифаи муқаддас ва қарзи инсонии падару модарон, омӯзгорону мураббиён, зиёиён ва умуман аҳли ҷомеа мебошад [5]. Ин андеша аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳукумат зарурати коркарди низоми муназзами кор бо наврасонро, ки дар ҳолатҳои душвори зиндагӣ қарор доранд, эътироф намуда, барои таҳияи роҳҳои нави инноватсионӣ ва байнисоҳавӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷуда иқдом менамояд.

Дар ин замина, ниёзи ҷиддӣ ба муносибати ҳаматарафа ва ҳамоҳангшуда дар самти пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо миёни ноболиғон пеш меояд. Чунин равиш бояд иштироки фаъоли тамоми сохторҳои муҳими иҷтимоиро дар бар гирад: оила, муассисаҳои таълимӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ [6]. Дар ин замина, нақши махсус ба пешгирии барвақтӣ дода мешавад, ки ба шиносоии саривақтӣ ва дастгирии наврасони осебпазир, инчунин ба роҳ мондани корҳои тарбиявию маърифатӣ бо онҳо нигаронида шудааст [7].

Сабабҳои асосии паҳншавии ҳуқуқвайронкуниҳо дар муҳити ҷавонон камбуди тарбияи ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, набудани ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои устувори ҳаётӣ, сатҳи пасти маърифати ҳуқуқиро дар бар мегиранд. Пешгирии самараноки кирдорҳои ғайриҳуқуқӣ бояд бо ташаккули муносибати мусбат ба қонун, меъёрҳои ҷамъиятӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ дар наврасон ҳамроҳ бошад.

Илова бар ин, амалисозии чораҳои пешгирӣ бояд бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва равонии ноболиғон анҷом дода шавад. Чунин чораҳо бояд на танҳо асоси ҳуқуқӣ дошта бошанд, балки дорои методикаи дуруст ва илман асоснок буда, ба принсипҳои педагогикаи ҳамкорӣ ва эътимод такя намоянд.

Наврасӣ марҳилаи фаъолонаи ҳаёт аст, ки бо кӯшиши мустақил шудан ва пайдо кардани ҷойи худ дар ҷомеа тавсиф мешавад. Бо вуҷуди ин, маҳдуд будани таҷрибаи зиндагӣ, дониши нокофии ҳуқуқӣ ва нотавонии баҳо додан ба оқибатҳои амалҳо метавонанд онҳоро ба кирдорҳои ғайриқонунӣ баранд.

Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути хадамоти махсус оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни ноболиғон ва ҷавонон маҷмӯи чорабиниҳои пешгирикунанда, аз ҷумла вохӯриҳои мавзуӣ дар муассисаҳои таълимӣ, муҳокимаи ҳолатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ ва ташаккули масъулияти ҳуқуқиро миёни хонандагон ба роҳ мондааст.

Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсоне, ки синни 18-солагиро нарасондаанд, ҳамчун ноболиғ шинохта мешаванд. Ҷавобгарии маъмурӣ аз синни 16-солагӣ пешбинӣ шудааст.

Омилҳое, ки ба ҷалби ноболиғон ба ҳуқуқвайронкунӣ мусоидат мекунанд, инҳоянд: таъсирпазирӣ, тобиши муҳити ҷиноятӣ, шароити номусоиди иҷтимоӣ ва эҳсоси бечазоӣ. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки қобилияти пешгӯии оқибатҳои амалҳо дар духтарон танҳо дар синни 18 ва дар писарон то синни 20 ба таври комил ташаккул меёбад. Бо вуҷуди ин, раванди тарбияи ҳуқуқӣ бояд аллакай аз синни кӯдакӣ – аз 3-5–солагӣ оғоз шавад [8].

Тавре аз гузориши Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 дар ҷумҳурӣ бармеояд аз тарафи ноболиғон 555 ва аз тарафи ҷавонон бошад 3020 ҷиноят ба ҳисоб гирифта шудааст. Ҳамзамон, нисбати падару модароне, ки уҳдадориҳои худро дар таълиму тарбияи фарзанд иҷро накардаанд ва нисбати масъулини муассисаҳои таълимӣ бо дастрасии моддаи 90 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 ҳазору 126 адад парвандаи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ тартиб дода, барои андешидани чораҳои қонунӣ ба суди шаҳру ноҳияҳо ирсол карда шуданд.

Амалӣ гардидани фаъолияти мунтазами профилактикӣ мусоидат ба таҳкими симои

ҷавонони муваффақ, босавод ва риоякунандаи қонун мекунад, ки метавонад ба унвони меъёри нави иҷтимоӣ ташаккул ёбад. Бо вуҷуди ин, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъкид мекунанд, ки мубориза бо ҷиноятҳкории наврасон ғайриимкон аст, агар он дар чаҳорчӯби ҳамкории байниидоравӣ – бо иштироки низоми маориф, тандурустӣ, варзиш, фарҳанг ва хадамоти иҷтимоӣ амалӣ карда нашавад [9].

Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ин рафтори ғайриқонунӣ мебошад, ки дар шакли амалиёт ё беамалии шахс ба амал меояд ва боиси поймол гардидани меъёрҳои муқарраргардидаи ҳуқуқӣ мегардад. Ин рафтор бо иродаи шахс содир шуда, ҳуқуқи шахсони дигар, тартиботи ҷамъиятӣ, асосҳои конститутсионӣ ё манфиатҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро халалдор месозад. Ҳуқуқвайронкунӣ метавонад хусусияти маъмурӣ, граждани, моддӣ ё ҷиноятӣ дошта бошад, аммо хатарноктарин ва вазнинтарин шакли он – ҷиноят мебошад.

Ҷиноят тибқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муайян мешавад: амали гунаҳгорона, хавфноки иҷтимоӣ, ки аз ҷониби шахси солимақл ва ба ҷавобгарӣ қобил, бо иродаи комил содир гардида, бо қонуни ҷиноятӣ манъ шудааст. Ҷиноятҳо, вобаста ба дараҷаи хавфнокии иҷтимоии онҳо, ба категорияҳои гуногун – аз сабук то махсусан вазнин – ҷудо мешаванд ва барои онҳо ҷазоҳои қатъӣ, аз қабили маҳрум сохтан аз озодӣ, таъин гардидаанд.

Дар доираи сиёсати давлатӣ оид ба таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҷамъиятӣ, махсусан дар байни қишри нозуки ҷомеа – ноболиғон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон» мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Ин санади меъёрии ҳуқуқӣ ҷузъи муҳими низоми миллии пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ буда, ба: ошкорсозӣ ва бартарафсозии сабабу шароитҳое, ки боиси ҳуқуқвайронкунии ноболиғон мегарданд; баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва иҷтимоии наврасон; ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ, падару модарон ва ҷомеа дар маҷмӯъ; равона гардидааст.

Қонуни мазкур меъёрҳои мушаххасеро муқаррар менамояд, ки иҷрои онҳо ба кам гардидани сатҳи ҳуқуқвайронкунии ноболиғон ва ташаккули муҳити солими иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Бо дарназардошти аҳаммияти махсуси ин қишри ҷомеа, татбиқи самараноки қонуни зикршуда на танҳо масъалаи ҳуқуқӣ, балки масъалаи иҷтимоӣ ва тарбиявӣ низ мебошад, ки ба ояндаи миллат ва давлат таъсири бевосита мерасонад.Қонуни мазкур бо ҳадафи муайянсозии мақом ва салоҳияти мақомот, идораҳои ваколатдори давлатӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар самти амалӣ намудани чорабиниҳои огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, инчунин дигар кирдорҳои зиддиҷамъиятии ноболиғон қабул гардидааст. Лоиҳаи ин санади меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми соли 2014 ба Маҷлиси Олии кишвар дар бораи зарурати таҳкими чораҳои пешгирии ҳуқуқвайронкунии ҷавонон ва ноболиғон баён гардида буданд, таҳия ва бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардид. Лоиҳа дар иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати панҷум) рӯзи 11 декабри соли 2019 мавриди баррасии вакилон қарор гирифт ва бо назардошти таҷрибаи кишварҳои Россия, Қазоқистон, Туркманистон ва Узбекистон қабул гардид [10].

Қонун аз муқаддима, чор боб ва бисту нуҳ модда иборат буда, заминаи ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои амали намудани сиёсати давлатии огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ноболиғонро муайян мекунад.

Боби якуми қонун, ки “Муқаррароти умумӣ” унвон дорад, мафҳумҳои асосӣ, қонунгузории соҳа ва принсипҳои амали низомро дар бар мегирад. Боби дуюм ба субъектҳои низоми огоҳонӣ ва пешгирӣ, инчунин ваколатҳои онҳо бахшида шудааст. Боби сеюм масъалаҳои марбут ба пешгирии умумӣ ва инфиродиро дар бар гирифта, асосҳои ҳуқуқии гузаронидани чорабиниҳои профилактикиро нисбат ба ноболиғон мушаххас менамояд. Дар боби чорум – “Муқаррароти хотимавӣ” – ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонун ва тартиби мавриди амал қарор додани он пешбинӣ шудааст.

Қонуни мазкур дар самти таъмини иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак мусоидат намуда, ҳамкории байнисоҳавии мақомоти давлатӣ ва иҷтимоиро дар ин самт ба низом медарорад. Он дар баробари муайян сохтани ваколатҳои мақомоти дахлдор, инчунин ба баланд бардоштани масъулияти волидайн (ё шахсони онҳоро ивазкунанда) ва мансабдорони сохторҳои давлатӣ дар ҳимоя ва дастгирии ноболиғон нигаронида шудааст.

Тибқи муқаррароти қонун, низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон маҷмӯи фаъолияти инфиродӣ ва дастаҷамъонаи мақомоти

давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд.

Ин низом ба як қатор принсипҳои асосӣ такя мекунад, аз ҷумла: таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии ноболиғон; эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; қонуният; адолат; инсондӯстӣ; махфият; муносибати инфиродӣ ба ҳар як ноболиғ, бахусус онҳое, ки дар вазъияти номусоиди иҷтимоӣ қарор доранд; таҳкими оила; иштироки ҷомеа дар чорабиниҳои пешгирикунанда; ногузирии ҷавобгарӣ барои нақзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ноболиғон; ва афзалияти чораҳои огоҳонӣ нисбат ба чораҳои ҷазодиҳӣ.

Ба субъектҳои низоми мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти васояту парасторӣ, сохторҳои маорифу илм, корҳои дохилӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти кор бо занон ва оила, мақомоти ҷавонон ва варзиш, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, мақомоти дин, фарҳанг, амнияти миллӣ, прокуратура, назорати маводи нашъаовар, Ваколатдори ҳуқуқи кӯдак ва инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигар, ташкилотҳои худфаъолияти ҷамъиятӣ шомил мешаванд.

Ин субъектҳо дар доираи ваколатҳои худ вазифадоранд, ки барои ҳифзи ноболиғон аз ҳама гуна шаклҳои ҳуқуқвайронкунӣ, зӯроварии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, истисмори шаҳвонӣ ва меҳнатӣ, инчунин дигар шаклҳои бераҳмона ва таҳқиромези муносибат чораҳои заруриро андешида, мавҷудияти ноболиғони дар ҳолати номусоиди иҷтимоӣ қарордоштаро муайян ва дар бораи онҳо ба мақомоти дахлдор хабар диҳанд. Ба мақомоти прокуратура – дар мавриди риоя накардани ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак; ба мақомоти васоят ва комиссияҳои кӯдак – оид ба кӯдакони ятим ва ҳолатҳои хатарнок ба ҳаёт ва саломатии онҳо; ба мақомоти меҳнат – дар масъалаи касбомӯзии кӯдакони аз 16-сола боло ва ҷилавгирӣ аз меҳнати маҷбурӣ; ба мақомоти корҳои дохилӣ – дар бораи наврасони ҳуқуқвайронкунанда, шахсони ҷалбкунанда ва ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила; ба мақомоти тандурустӣ – дар мавриди зарурати ёрии тиббӣ; ба мақомоти маориф – дар мавриди аз таҳсил дур мондани кӯдакон; ба мақомоти назорати маводи нашъаовар – оид ба истеъмоли маводи манъшуда ва шахсони ҷалбкунанда; ва ба мақомоти кор бо занон ва оила – дар мавриди кӯдакони аз оилаҳои дар вазъияти душвори иҷтимоӣ қарордошта.

Дар маҷмӯъ, Қонуни мазкур бо таъсиси низоми муайян ва мушаххас, заминаи муътамад барои ҳамоҳангсозии фаъолияти субъекти давлатӣ ва ҷомеа дар самти пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ноболиғон ба ҳисоб меравад.

Ташаббуси мазкур давоми мантиқӣ ва ё василаи такмилдиҳандаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак» буда, аз волидайн ва шахсони ивазкунандаи онҳо, илова бар ин, аз омӯзгорон, хизматчиёни давлатӣ ва дар умум аҳли ҷомеа тақвият бахшидани корҳоро дар самти тарбияи ҳуқуқӣ ва идеологии ҷавонон ва ноболиғон тақозо менамояд

Масъалаи дигар, ки дар шароити рушди муносибатҳои ҳуқуқӣ бисёр муҳим арзёбӣ мегардад, ин назорати ҷараёни татбиқи қонун мебошад, зеро дар ҳар ҷое талабот ҳаст, он ҷо рушд аст [11]. Аз ин рӯ, аз тамоми субъектҳо татбиқи босамари меъёрҳои муқарраргардида, ҳамчунин аз мақоми ваколатдори давлатӣ мунтазам гузаронидани мониторинги ҳуқуқӣ тақозо мегардад. Ҳамчунин зарур аст, ки дар ҷараёни татбиқи қонуни мазкур мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ бо дарназардошти ташкили омӯзишҳои дахлдор дар байни онҳо фаъолона ҷалб карда шавад

Бо вуҷуди ин, афзалият ба на ҷазо, балки ба пешгирии барвақтӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ дода мешавад. Дар ин замина, тадбирҳои зерин тавсия дода мешаванд:

– иттилоърасонии ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таълимӣ;

– ҳамкории байниидоравӣ;

– пешгирии таблиғоти худкушӣ ва рафтори деструктивӣ;

– бастани дастрасӣ ба муҳтавои ғайриқонунӣ дар Интернет;

– мониторинг ва аз байн бурдани гурӯҳҳои ифротии ҷавонон.

Ҳамин тавр, коҳиши устувори сатҳи ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни наврасон танҳо дар сурати амалӣ гардидани сиёсати муназзами профилактикӣ, ки дорои асоси илмӣ ва ҳамоҳангсозии байниидоравӣ бошад, имконпазир хоҳад буд.

Пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо миёни ноболиғон на танҳо вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, балки як рисолати умумимиллии тарбиявию маърифатӣ мебошад. Барои ноил гардидан ба натиҷаҳои назаррас, зарур аст, ки ҳамаи субъектҳои иҷтимоӣ – мактаб, оила, ҷомеа ва давлат – дар якҷоягӣ амал намоянд ва барои ташаккули муҳити солим, дастгирии равониву

иҷтимоии наврасон ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии онҳо пайваста заҳмат кашанд.

О НЕКОТОРЫХ ВОПРОСАХ ПРЕДУПРЕЖДЕНИЯ ПРАВОНАРУШЕНИЙ СРЕДИ НЕСОВЕРШЕННОЛЕТНИХ

Ключевые слова: несовершеннолетние, правонарушение, профилактика, девиантное поведение, органы, правовое воспитание, семья, образовательное учреждение.

Аннотация: Данная статья посвящена рассмотрению актуальных правовых и социальных вопросов, связанных с предупреждением правонарушений среди несовершеннолетних в Республике Таджикистан. Автор анализирует основные причины роста подростковой преступности, выявляет недостатки в деятельности субъектов профилактики и предлагает конкретные рекомендации по повышению эффективности профилактической работы. Подчёркивается, что устойчивые результаты возможны лишь при скоординированном взаимодействии семьи, школы, общества и государственных органов.

Азизов Саидмухаммад Авазхонович **–** доктор PhD кафедры административного и финансового права юридического факультета Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: azizov_612@list.ru, Тел.: (+992) 989667711.

ON CERTAIN ISSUES OF JUVENILE DELINQUENCY PREVENTION

Keywords: juveniles, delinquency, prevention, deviant behavior, authorities, legal education, family, educational institution.

Abstract: This article addresses some of the pressing legal and social issues related to the prevention of juvenile delinquency in the Republic of Tajikistan. The author analyzes the main causes of rising youth crime rates, identifies shortcomings in the activities of prevention stakeholders, and offers specific recommendations to improve the effectiveness of preventive measures. The paper emphasizes that sustainable results can only be achieved through effective cooperation between the family, school, society, and government institutions.

Azizov Saidmukhammad Avazkhanovich - PhD, Department of Administrative and Financial Law, Faculty of Law, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: azizov_612@list.ru, Tel.: (+992) 989667711.

Рӯйхати адабиёт:

1. Агильдин В.В., Ишигеев В.С. Профилактика преступлений: история, теория и практика. – Иркутск, 2010. – 264 с.
2. Рузадрова, Ф. Э. Масъулияти волидайн дар таълиму тарбияи насли наврас, хусусиятҳои муҳим ва масоили рӯзмарраи он / Ф. Э. Рузадрова // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – 2023. – №. 4(28). – С. 232-235.
3. Игошев К.Е., Шмаров И.В. Социальные аспекты предупреждения правонарушений (проблемы социального контроля). - М., 1980. - 176 с.
4. Эмомова, М. Н. Тавсифи педагогӣ-психологии мутобиқшавии кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда дар муассисаҳои таълимии махсус / М. Н. Эмомова // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2022. – №. 1(42). – С. 84-90.
5. Ҷиноятқорӣ дар байни ноболиғон ва роҳои пешгирии он [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/ (санаи мурочиат: 22.05.2025)
6. Сатторов Б. А. Система профилактики правонарушений несовершеннолетних в Таджикистане на современном этапе / Б. А. Сатторов // Вестник Таджикского национального университета. - 2017. - Т. 1. - № 3-7. - С. 272-276.
7. Сатторзода Б. А. низоми самарабахши фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷиҳати пешгирии ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии ноболиғон / Б. А. Сатторзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №. 7. – Р. 232-237.
8. Забрянский Г.И. Снижение уровня судимости несовершеннолетних: новые подходы. – М., 2019. - 416 с.
9. Рустамзода, З. Р. Организация деятельности милиции по предупреждению и пресечению правонарушений несовершеннолетних / З. Р. Рустамзода, С. Н. Нуриддинзода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2022. – № 3(55). – С. 116-121.

10.Кощеев, В. Ю. Комментарии к Закону Республики Таджикистан "О системе предупреждения и профилактики правонарушений несовершеннолетних" / В. Ю. Кощеев // Юридический вестник. – 2020. – № 4(4). – С. 82-87.

11.Рачабалиен, А.Р. Мушкилоти низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ноболиғону ҷавонон ва батанзимдарории ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти давлатӣ дар ин самт / А. Р. Рачабалиен // Илм ва амният. – 2025. – No. 1(11). – P. 105-111.

Список литературы:

1. Агильдин В.В., Ишигеев В.С. Профилактика преступлений: история, теория и практика. – Иркутск, 2010. – 264 с.

2. Рузадрова Ф.Э. Ответственность родителей в обучении и воспитании подрастающего поколения: важные особенности и актуальные проблемы / Ф.Э. Рузадрова // Вестник Хорогского университета. – 2023. – № 4(28). – С. 232–235.

3. Игошев К.Е., Шмаров И.В. Социальные аспекты предупреждения правонарушений (проблемы социального контроля). – М., 1980. – 176 с.

4. Эмомова М.Н. Педагогико-психологическая характеристика адаптации правонарушающих детей в специальных образовательных учреждениях / М.Н. Эмомова // Вестник Академии образования Таджикистана. – 2022. – № 1(42). – С. 84–90.

5. Преступность среди несовершеннолетних и пути её предупреждения [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://mmk.tj/content/ (дата обращения: 22.05.2025).

6. Сатторов Б.А. Система профилактики правонарушений несовершеннолетних в Таджикистане на современном этапе / Б.А. Сатторов // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – Т. 1. – № 3–7. – С. 272–276.

7. Сатторзода Б.А. Эффективная система деятельности общеобразовательных учреждений по предупреждению преступности и правонарушений среди несовершеннолетних / Б.А. Сатторзода // Вестник Таджикского национального университета. – 2024. – № 7. – С. 232–237.

8. Забрянский Г.И. Снижение уровня судимости несовершеннолетних: новые подходы. – М., 2019. – 416 с.

9. Рустамзода З.Р., Нуриддинзода С.Н. Организация деятельности милиции по предупреждению и пресечению правонарушений несовершеннолетних / З.Р. Рустамзода, С.Н. Нуриддинзода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2022. – № 3(55). – С. 116–121.

10.Кощеев В.Ю. Комментарии к Закону Республики Таджикистан «О системе предупреждения и профилактики правонарушений несовершеннолетних» / В.Ю. Кощеев // Юридический вестник. – 2020. – № 4(4). – С. 82–87.

11.Раджабалиен А.Р. Проблемы системы предупреждения и профилактики правонарушений несовершеннолетних и молодежи, а также правовое регулирование деятельности органов внутренних дел и других государственных органов в данной сфере / А.Р. Раджабалиен // Наука и безопасность. – 2025. – № 1(11). – С. 105–111.

References:

1. Agildin, V.V., & Ishigeev, V.S. Crime Prevention: History, Theory, and Practice. – Irkutsk, 2010. – 264 p.

2. Ruzadrova, F.E. Parental Responsibility in the Education and Upbringing of the Younger Generation: Key Features and Current Issues // Bulletin of Khorog University. – 2023. – No. 4(28). – P. 232–235.

3. Igoshev, K.E., & Shmarov, I.V. Social Aspects of Crime Prevention (Problems of Social Control). – Moscow, 1980. – 176 p.

4. Emomova, M.N. Pedagogical and Psychological Characteristics of the Adaptation of Juvenile Offenders in Special Educational Institutions // Bulletin of the Academy of Education of Tajikistan. – 2022. – No. 1(42). – P. 84–90.

5. Juvenile Delinquency and Ways to Prevent It [Electronic resource]. – Access: https://mmk.tj/content/ (Accessed: 22.05.2025).

6. Sattorov, B.A. The System of Juvenile Crime Prevention in Tajikistan at the Present Stage // Bulletin of Tajik National University. – 2017. – Vol. 1. – No. 3–7. – P. 272–276.

7. Sattorzoda, B.A. An Effective System of General Secondary Education Institutions for the Prevention of Juvenile Crime and Delinquency // Bulletin of the National University of Tajikistan. – 2024. – No. 7. – P. 232–237.

8. Zabryansky, G.I. Reducing Juvenile Conviction Rates: New Approaches. – Moscow, 2019. – 416 p.

9. Rustamzoda, Z.R., & Nuriddinzoda, S.N. Organization of Police Activities in Preventing and Suppressing Juvenile Offenses // Proceedings of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan. – 2022. – No. 3(55). – P. 116–121.

10.Koscheev, V.Yu. Commentary on the Law of the Republic of Tajikistan "On the System of Prevention and Control of Juvenile Delinquency" // Legal Bulletin. – 2020. – No. 4(4). – P. 82–87.

11.Rajabalien, A.R. Problems of the Juvenile and Youth Offense Prevention System and the Legal Regulation of the Activities of Internal Affairs Bodies and Other State Agencies in This Area // Science and Security. – 2025. – No. 1(11). – P. 105–111.

ТАЛАБОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

1. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН

- насаб, ном ва номи падари муаллиф / муаллифон (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);
- номи пурраи мақомот – вазифа, рутба, унвони илмӣ, (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);
- почтаи электронии муаллиф / муаллифон (телефон барои тамоси муҳаррирон);
- акси муаллиф дар формати JPEG.

2. НОМИ МАҚОЛА

Бо ҳарфҳои калон дар маркази сатр бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

3. КАЛИДВОЖАҲО

На камтар аз 7 вожа бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд. Калидвожаҳо ё ибораҳо аз якдигар бо аломати нуқтавергул (;) ҷудо карда мешаванд.

4. АННОТАТСИЯ

Дар ҳаҷми аз 7 то 10 сатр бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

5. БАХШҲОИ МАВЗУӢ

Нишон додани индекси КУД (тибқи талаботи амалкунандаи тахассусии кормандони илмӣ).

6. ОРОИШИ МАТН

***Доираи саҳифа*:** 1,25 см. аз чап, 2 см. аз рост, 2 см. аз боло ва 2 см. аз поён.

***Шрифт*:** Times New Roman 12 кгл.

Фосила: 1.

***Сархат*:** 1 см.

***Ориентатсия*:** книжная, бе гузоштани саҳифа, бе кӯчонидан аз сатр ба сатр, истиноди библиографӣ ба сарчашма дар дохили матн, бо ишораи рақамҳо дар дохили қавси кунҷӣ: [1]. Агар саҳифа дошта бошад: [1, с. 12]. Такрори истинод бо ишораи рақами истиноди қаблӣ ва рақами саҳифаи нав меояд.

***Матн*:** баробаркунӣ – по ширине.

***Ҳаҷми мақола*:** на камтар аз 7 саҳифа (барои мақолаи илмӣ).

7. РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

Рӯйхати адабиёт бояд дар мутобиқат бо стандартҳои давлатии Иқтибоси библиографӣ мураттаб гардад. Рӯйхати адабиёт бояд на камтар аз 5 номгӯи адабиёти илмӣ бошад. Адабиёт ба тартиби алифбоӣ оварда мешавад. Рӯйхати адабиётҳои истифодашуда бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ пешниҳод мегардад.

ТРЕБОВАНИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

1. СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ

– фамилия, имя, отчество автора / авторов (на таджикском, русском и английском языках);

– полное название организации – должность, звание, ученая степень (на таджикском, русском и английском языках);

– электронная почта автора / авторов (телефон для связи редакторов);

– фотография в формате JPEG.

2. НАЗВАНИЕ СТАТЬИ

Приводится заглавными буквами по центру на таджикском, русском и английском языках.

3. КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА

Приводятся не менее 7 слов на таджикском, русском и английском языках. Ключевые слова или словосочетания отделяются друг от друга знаком точка с запятой (;).

4. АННОТАЦИЯ

Приводится в объеме от 7 до 10 срок на таджикском, русском и английском языках.

5. ТЕМАТИЧЕСКИЕ РУБРИКИ

Указывается индекс УДК (согласно действующей номенклатуре специальностей научных работников).

6. ОФОРМЛЕНИЕ ТЕКСТА

***Поля*:** 1,25 см. слева, 2 см. справа, 2 см. сверху и 2 см. снизу.

***Шрифт*:** Times New Roman 12 кгл.

***Интервал*:** 1.

***Абзацный отступ*:** 1 см.

***Ориентация*:** книжная, без простановки страниц, без переносов, библиографическая ссылка на источник внутри текста, обозначается цифрами внутри квадратных скобок: [1]. Если имеется страница: [1, с. 12]. Повтор ссылки с указанием номера прежней ссылки и новой цифрой страницы.

***Текст*:** выравнивание - по ширине.

***Объем статьи*:** не менее 7 страниц (для научной статьи).

7. СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ

Список литературы должен быть составлен в соответствии с государственными стандартами Библиографическое цитирование. В списке литературы должно быть не менее 5 наименований научной литературы. Библиография оформляется в алфавитном порядке. Список использованной литературы приводится на таджикском, русском и английском языках.

ЭЗОҲ: Ҳамаи мақолаҳое, ки бо забони русӣ ва англисӣ пешниҳод мегарданд, аз системаи Антиплагиат гузаронида мешаванд. Ҳиссаи матни аслӣ набояд аз 60% кам бошад.

ПРИМЕЧАНИЕ: Все статьи, представленные на русском и английском языках, проверяются через систему Антиплагиат. Доля оригинального текста не должна быть менее 60%.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯш бароварда мешавад.

Роҳи дастрас намудани маҷалла обуна мебошад.

Обуна ба маҷаллаи Қонунгузорӣ тавассути шуъбаҳои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Индекси обуна: 77710.

Нархи солонаи обуна: - 200 сомонӣ.

Реквизитҳои бонкӣ:

Ташкилоти дастраскунанда: Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бонк: Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе.

Суратҳисоб: 20204972712010100002.

С/муросилотӣ: 22402972000002.

БИК: 350101800.

РМА: 010082702.

Суроға: шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13.

Телефон: 227-45-00; 227-45-53; 227-08-07.

Суроғаи электронӣ: info@mmk.tj; qonunguzori@mail.ru.

В целях содействия развитию юридической науки и государственной информационно-правовой системы, разъяснения основных положений действующего законодательства, публикации комментариев нормативных правовых актов, правовых и информационно-аналитических материалов Журнал Законодательство издается четыре раза в год.

В продажу журнал поступает в ограниченном количестве.

Оптимальным условием ознакомления с его содержанием является подписка на него.

Подписка на журнал Законодательство осуществляется в отделениях Службы связи при Правительстве Республики Таджикистан.

Подписной индекс: 77710.

Цена на годовую подписку: - 200 сомони.

Банковские реквизиты:

Получатель: Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан.

Банк: Главное управление центрального казначейства Министерства финансов Республики Таджикистан, город Душанбе.

Расчетный счет: 20204972712010100002.

К/счет: 22402972000002.

МФО: 350101800.

ИНН: 010082702.

Адрес: город Душанбе, улица академика А. Адхамова, 13.

Телефоны: 227-45-00; 227-45-53; 227-08-07.

Электронный адрес: info@mmk.tj; qonunguzori@mail.ru.

МУРАТТИБ
Бобоев Фируз Абдунасимович

Маҷалла дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дар матбааи ҶДММ Меҳроҷ Граф бо тарзи рақамӣ ба табъ расидааст.
Коғази офсетии № 1. Андозаи 60х84 1/8. Ҳуруфи Times New Roman. Ҷузъи чопии шартӣ 10,0.
Адади нашр 200 нусха.

Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

734024. ш. Душанбе, кӯчаи академик А.Адҳамов, 13 телефон/факс 227-63-64

СОСТАВИТЕЛЬ
Бобоев Фируз Абдунасимович

Журнал подготовлен к печати в Национальном центре законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Напечатан цифровым способом в типографии ООО Меҳроҷ Граф.
Бумага офсетная №1. Формат 60х84 1/8. Шрифт Times New Roman. Условный печатный лист 10,0.
Тираж 200 экз.

Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан

734024. г. Душанбе, улица академика А.Адхамова, 13 телефон/факс 227-63-64